**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯ**

**ВБД:** 656.13 (575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис

**БОБОЗОДА КОМИЛ ОЛИМҶОН**

# ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(назария, методология, амалия)

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии
корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо

**Мушовири илмӣ:** д.и.и., профессор,
профессори кафедраи маркетинги
соҳавӣ ва байналмилалии ДТТ
**Абдуғаффор Рауфӣ**

**ДУШАНБЕ – 2023**

**МУНДАРИҶА**

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ...................................................................... 4**
**МУҚАДДИМА.................................................................................... 6**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ**
1.1. Асосҳои илмӣ, моҳият ва хусусиятҳои эмпирикии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ.................. 23
1.2. Таҷрибаи хориҷии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ...................................................... 33

**БОБИ 2. МЕТОДОЛОГИЯ ВА МЕТОДИКАИ БАҲОДИҲИИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ**
2.1.Равишҳои методологии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ...................................................... **55**
2.2.Методологияи идентификатсия ва методикаи баҳодиҳии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ................... **77**

**БОБИ 3. ВАЗЪИ МУОСИРИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**
3.1.Таҳлили вазъи ҳозираи ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ...................................................... **100**
3.2.Омилҳои таъсиркунанда ба рушди ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ..................................................... **120**
3.3.Баҳодиҳии сатҳи рушди ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ...................................................... **144**

**БОБИ 4. САМТҲОИ ИННОВАТСИОНИИ РУШДИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**
4.1. Ислоҳоти институтсионалӣ-сохтории системаи идоракунии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ.... **166**
4.2. Такмилидиҳии ташкили шарикии давлатӣ-хусусӣ дар фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ........... **190**
4.3.Бенчмаркинг дар ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ..................................................................... **215**

**БОБИ 5. РОҲҲОИ ТАШКИЛИ САМАРОНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛИИ ТОҶИКИСТОН**

5.1.Нақши параметрҳои шабакаи асосии роҳҳо дар баландбардории сифати ташкили фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ.......... **238**

5.2. Рушди иқтидори транзитӣ дар ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ........................................................ **259**

5.3.Такмили сохтори идоракунии ташкили фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ............................................................................ **277**

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ............................................................... 294**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА....................................... 301**

**РӮЙХАТИ КОРҲОИ НАШРШУДА АЗ РӮИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ ........................................................................................ 345**

**ЗАМИМАҲО.......................................................................................... 352**

## РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БРО | Бонки рушди Осиё |
| СТСА | Стансияи таъмини сӯзишвории автомобилӣ |
| ҶС | Ҷамъияти саҳомӣ |
| КОА | Комиссияи олии аттестатсионӣ |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| МММ | Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ |
| ТУС | Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо |
| ВМКБ | Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон |
| МДНРА | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард |
| КВД | Корхонаи воҳиди давлатӣ |
| ХДИРН | Холдинги давлатии инфрасохтори нақлиёт |
| ШДХ | Шарикии давлатӣ-хусусӣ |
| ИСР | Идораи сохтмони роҳ |
| МИР | Муассисаи истифодабарии роҳ |
| БРТА | Бонки рушд ва таҷдиди Аврупоӣ |
| EDS | ElectronicDataSystemCorporation |
| БРИ | Бонки рушди исломӣ |
| Км | Километр |
| ТК | Таъмири капиталӣ |
| ФҚРИА | Фонди Қувайтии рушди иқтисодии арабӣ |
| ФБА | Фонди Байналмилалии асъор |
| СОМ | Савдои озмунии маҳаллӣ |
| АМИТ | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| ААИ | Андоз ба арзиши иловашуда |
| ҶДММ | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд |
| ҚҲР | Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ |
| КД | Корҳои даврӣ |
| НД | Нигоҳдории даврӣ |
| НПР | Нигоҳдории профилактикии роҳҳо |

| | |
|---|---|
| БРМ | Барномаи рушди миёнамуҳлат |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| НТМ | Ноҳияҳои тобеи марказ |
| ИДМ | Иттиҳоди давлатҳои мустақил |
| СМР-2030 | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 |
| ИҶШС | Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ |
| СХТ | Стансияи хизматрасонии техникӣ |
| СИС | Системаи идоракунии сифат |
| ИМА | Иёлоти Муттаҳидаи Америко |
| НҶР | Нигоҳдории ҷории роҳҳо |
| ИСР | Идоракунии сармояи роҳ |
| ХСДИРН | Холдинги софи давлатии инфрасохтори нақлиёт |
| ИРНА | Инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ |
| КИР | Корхонаи истифодабарии роҳҳо |
| ШРҶ | Шабакаи роҳҳои ҷумҳуриявӣ |
| ШРМ | Шабакаи роҳҳои маҳаллӣ |

## МУҚАДДИМА

**Муҳимияти мавзӯи тадқиқот.** Татбиқи ҳадафи стратегии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафъи бунбасти коммуникатсионӣ эълон кардашуда ҳамчун самти муҳимтарини рушди иқтисодиёти миллӣ бо рушди системаи нақлиёт, аз ҷумла, бо вусъати истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ алоқамандии зич дорад. Ташаккули коммуникатсияи нақлиётии ҷумҳурӣ дар давраи Шӯравӣ бо назардошти шароит ва талаботи тақсимоти умумииттифоқии меҳнат ва махсусгардонии ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ сурат гирифт.

Бо ба даст овардани истиқлолият иншооти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба мақсадҳои нав ва робитаҳои нави нақлиётию иқтисодии давлати соҳибихтиёр, ки дар ин маврид, чӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва чӣ дар шароитҳои нави берунии фаъолияти иқтисодиёти миллӣ ба миён омаданд, дигар мувофиқат накарданд.

Инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳаракати озоди шаҳрвандон, мол ва фаъолиятро таъмин менамояд. Ва вақте, ки автомобил ба воситаи зарурии нақлиётӣ мубаддал мегардад, он ба тағйир ёфтани тарзи ҳаёти аҳолӣ ва ба тағйири самти соҳаҳои иқтисодиёт ба интиқоли автомобилӣ мувофиқи системаи прогрессивии «маҳз дар муҳлат» ё «аз дар то дар» мусоидат менамояд.

Трансформатсияи иқтисодиёт ва рушди муносибатҳои бозаргонӣ дар иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ба ташаккули бозори фаъолияти нақлиётӣ ва рушди ба он алоқамандии босуръати соҳибкорӣ ва рақобат, ки шароитҳои фаъолияти нақлиёти ҷумҳуриро тағйир доданд, мусоидат намуданд.

Дар солҳои истиқлолият барои рушди коммуникатсияҳои нақлиётӣ, бахусус, инфрасохтори нақлиёт барои сохтмон ва барқарорсозии шабакаҳои роҳи автомобилгард ва роҳи оҳан, шабакаи аэродромҳо, ҳаҷми назарраси маблағгузориҳо равона карда шуда, пулҳо ва нақбҳо бунёд карда шуданд, ки ин ба инфрасохтори муосири нақлиёти ҷумҳурӣ яклухтии назаррас бахшид. Ба

ташаккули шабакаи такягоҳӣ ва рушди долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, ки аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаранд, таваҷҷуҳи хос дода шуд.

Дар баробари ин, бо рушди шабакаи такягоҳии нақлиёти ҷумҳурӣ инфрасохтори нақлиётии минтақаҳои ҷумҳурӣ инкишоф ёфт, ки як қатор хусусиятҳои фарқкунанда дорад ва пеш аз ҳама ба он вобаста аст, то иқтисодиёти соҳаҳои он дар миқёси ҷумҳуриявӣ ҳамчун системаи комили минтақавии фаъолияти характери истеҳсолидошта амал мекунад. Илова бар ин, таъсири бартаридоштаи натиҷаҳои фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба тамоми параметрҳои ҳаёти аҳолӣ тавассути таъсири мутақобила ва вобастагии ҳамдигарии нақлиёт бо дигар ҷузъҳои системаи ҳудудӣ аҳамияти калон дорад.

Зарурати таҳкими вазифаҳои ҳудудии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ, ба мисли «Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025» ва «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» инъикос ёфтааст.

Дар ҳуҷҷатҳои мазкур ҳадафҳои рушд муайян шуда, зарурати муайянсозии на танҳо татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтори нақлиётӣ дар қаламрави ин ё он субъекти ҳудудӣ, балки ҳамоҳангсозии стратегияҳои ҳудудӣ ва нақлиётии рушди ҷумҳурӣ бо назардошти омилҳои мусбат ва манфӣ нишон дода шудааст, ки ба маҳсули инфрасохтори нақлиётӣ ва рушди ташкилоти ҳудудӣ таъсир мерасонанд ва айни замон ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии субъектҳои алоҳидаи ҳудудии кишвар пурра ба ҳисоб гирифта нашудаанд.

Омӯзиши вазъи роҳҳои автомобилгард, роҳи оҳан ва фурӯдгоҳҳо ва таҷрибаи таъсири онҳо ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ нишон дод, ки инфрасохтори нақлиёт барои кам кардани хароҷоти фаъолияти содироту воридоти мол мусоидат мекунад. Дар баробари ин, қайд кардан лозим аст, ки масъалаҳои таъсири комплексӣ ва системавии ташкили истеҳсоли маҳсулоти

инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ ба қадри кифоя омӯхта нашудаанд.

Ҳамкории сусти намудҳои гуногуни нақлиёт дар доираи системаи ягонаи нақлиётии кишвар, иртиботи нокифоя бо технологияҳои пешрафтаи логистикӣ барои ташкили раванди интиқол, мавҷудияти бекористии зиёдатӣ ва муддати тӯлонии интиқол, сатҳи нокифояи контейнеризатсияи интиқол ва бисёр омилҳои дигар афзоиши ҳаҷми молу мусофиронро боз медоранд. Системаи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бинобар як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ, аз аксари кишварҳои ҳамсоя дар соҳаи интиқоли мултимодалӣ ақиб мондааст.

Дар раванди рушди иқтисодиёт ташкили истеҳсолот шарти муҳими ташаккули селаи бор ва сохтори он, аз ҷумла, равандҳои консентратсия, махсусгардонӣ ва кооператсияи истеҳсолот мебошад. Бояд гуфт, ки консентратсияи истеҳсолот дар асоси рақобат боиси барҳам хӯрдани корхонаҳои хурду миёна шуда метавонад, ки ин бо зиёд шудани ҳаҷми борфиристонии яккачин алоқаманд аст. Дар баробари ин, дар раванди консентратсияи истеҳсолот васеъшавии ба ном «минтақаи таъсир»-и истеҳсолоти ракобатпазир ба вуҷуд меояд, ки ин ба зиёд шудани масофаи боркашонӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, консентратсияи истеҳсолот нақлиётро асосан ба истифодаи роҳҳои магистралӣ бо назардошти тақсими интиқол дар роҳҳои маҳаллӣ равона мекунад.

Аммо махсусгардонии истеҳсолот ва коопериронии ба он алоқаманд ба зиёд шудани дифференсиатсияи борфиристӣ ва зиёд шудани захираҳои фазоӣ дар роҳҳои технологии корхонаҳои кооператсияшуда мусоидат менамояд ва бинобар ин, шумораи интиқоли хурд зиёд мешавад. Вазифае, ки дар бобати гузаштан ба марҳилаи индустрикунонии босуръати иқтисодиёт ва баланд бардоштани меҳнатталабии истеҳсолот ба миён гузошта шудааст, тамоюли рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилиро мустаҳкам мекунад.

Таҷрибаи ҷаҳонии якҷоякунии истеҳсолот алоқаи нокифояи онро бо боркашонӣ дар масофаҳои дур нишон медиҳад. Таҷрибаи истеҳсоли якҷоя

нишон медиҳад, ки онҳоро метавон дар майдонҳои саноатии ҳамсоя, дар дохили агломератсияи махсуси саноатӣ ё минтақаи озоди иқтисодӣ ташкил кард. Одатан ба ин шаклҳои ташкили истеҳсолот асосан намудҳои технологии нақлиёт хизмат мерасонанд, аз ин лиҳоз, ин шакли ташкили истеҳсолот бар хилофи консентратсия, махсусгардонӣ ва кооператсия дар ташаккули инфрасохтори нақлиёт иштирок карда наметавонад. Аз ин ҷост, ки шаклҳои асосии ташкили истеҳсолот – консентратсия, махсусгардонӣ ва кооператсия бо маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт алоқаи зич доранд.

Аммо мушкилоти бамиёномадаи рушди системаи нақлиётӣ дар минтақаҳо ва умуман дар кишвар аз сабаби бетартибона муайян кардани мафҳуми маҳсулоти инфрасохтори воситаҳои нақлиёт ва дар баъзе мавридҳо мавҷуд набудани муҳити дурусти ташкилӣ ба шароиту механизмҳои нав мувофиқ, ки рушди системаи нақлиётиро дар асоси васеъ намудани истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори воситаҳои нақлиёт таъмин мекунанд.

Аз ин рӯ, дар диссертатсия раванди ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳамчун системаи мутобиқшавии иқтисодиёт дар фазои иҷтимоию иқтисодии субъектҳои ҳудудии мушаххас, ки барои қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ба маҳсулоти хушсифати инфрасохтории истеъмолӣ пешбинӣ шудаанд, пешниҳод карда мешавад.

Аз ин ҷо, зарурати амиқтар дарк ва асосноккунии илмии хусусиятҳои назариявӣ, методологӣ ва эмпирикии муайянсозӣ, ташаккул ва ташкили фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ барои ҳалли масъалаҳои дигаргунсозии сохторӣ-ҳудудии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд, ки аҳамияти мавзӯи интихобкардаи тадқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян кардааст.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯи тадқиқот.** Дар адабиёти иқтисодӣ ва нақлиётии ҷаҳонию ватанӣ ба ҷанбаҳои гуногуни рушди маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад.

Ба нақлиёт ҳамчун инфрасохтори иқтисодиёт ва рушди минтақавӣ асарҳои Андреев А.В., Бyграменко В.Н., Гаврилов А., Гагарский М.Д., Гранберг А.Г., Данилов И.П., Доронов В.П., Елистратов М.А., Ефимова Т.Б., Заботин С.С., Казакова Т.Л., Камаева Н.Н., Лапидус Б.М., Мачерет Д.А., Некрасов Н.Н., Ткаченко А.А. бахшида шудаанд.

Нақлиёт дар таркиби инфрасохтори истеҳсолӣ дар корҳои илмии Голиков Н.Ф., Доронов В.П., Жамин В., Катаев А.Ҳ., Кузнецова А.И., Морозов М.А., Чернявская И.Ф. ва дигарон тадқиқ шудааст.

Системаҳои нақлиётӣ дар рушди инфрасохтори рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ва умуман кишвар, дар корҳои зерин баррасӣ шудаанд: Белый О., Бобоев О., Богданова Л.П., Бородкин Е.В., Бронштейн Я.Т., Ҷумаев Ҷ.Ҷ., Катаев А.Ҳ., Образцова Р.И., Кузнецова П.Г., Пшеничников С.Б., Позамантир Е.И., Рауфӣ А., Сайфулин Р.Г., Сангинов О.Қ., Сафронов Е.В., Ҳамроев Ф.М., Хоҷаев П.Д., Тархова С.А., Цветков В.А., Шарипов Б.М. ва дигарон.

Ба масъалаҳои самаранокии ташаккул ва фаъолияти инфрасохтори нақлиётӣ тадқиқоти Голская Ю.Н., Ефимова Е.Г., Ефимова Т.Б., Мусаева П.М., Пономарева З.В., Протопопов А.Л., Раҷабов Р.К., Резвых В.В., Руднев Л.Н. ва дигарон бахшида шудааст.

Бисёр паҳлӯҳои илмии ин тадқиқот дар заминаи омӯзиш, таҳлил ва бознигарии таҳаввулоти назариявӣ, методологӣ ва амалии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои ба назар гирифтани хусусияти муносибатҳои бозории маҳаллӣ дар маҷмӯъ ва хусусиятҳои ташаккули базаи моддию техникии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ташаккул ёфтанд.

Масъалаҳои рушди инфрасохтор дар ҷанбаҳои гуногуни тараққиёти иктисодиёт дар асарҳои Л. Абалкин, И. Аминов, А.Н. Алисов, У.С. Асрорзода, А.Л. Гапоненко, А.Г. Гранберг, Ш.Б. Ҷонмамадов, М.Я. Гохберг, М.Т. Каримова, С.Ҷ. Комилов, А.Б. Мирсаидов, Т.Н. Назаров, Г.Н. Назирӣ, Р.М.

Нуреев, Х.А. Одинаев, В.П. Орешин, С.В. Раевский, Ш.М. Раҳимзода, Т.Ҷ. Усмонова, С. Садридинов, И.Ҳ. Самандаров, Ҳ.Н. Фақиров, А.С. Фохаков, С. Ҳабибов, Н. Хоналиев, И.Ф. Чернявский ва дигарон тадқиқ шудаанд. Онҳо таъкид намудаанд, ки инфрасохтор барои тамоми субъектҳои хоҷагидорӣ шароити мувофиқ фароҳам оварда, ба равандҳои муомилоти мол дар иқтисодиёт хизмат мерасонад ва ҳаракати озоди фаъолияти молиро дар бозори дахлдор таъмин менамояд.

Асосҳои иқтисодиёти нақлиёт, идораи хизматрасонии нақлиётӣ ба корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва аҳолӣ дар асарҳои В.Н. Бугроменко, Е.Д. Бунич, В.Г. Галабурда, Н.К. Қаюмов, Д.С. Николаев, В.А. Персианов, К.И. Плужников, Р.К. Раҳимов, Ш. Раҳимзода, С.М. Резер, Л. Саидмуродзода, М.П. Улицкий гузошта шудаанд.

Ба саҳми ин олимон дар рушди назария ва амалияи инфрасохтори нақлиётӣ баҳои баланд дода, бояд зикр намуд, ки масъалаҳои марбут ба фаъолияти нақлиёт ва инфрасохтори мувофиқи намудҳои нақлиёт дар кишварҳои сусттараққикардаи пасошӯравӣ, ба мисли Тоҷикистон, аз ҷиҳати назариявию методологӣ муфассал дида баромада нашудаанд. Дар адабиёти илмӣ фаъолияти нақлиёт ва маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт, чун қоида, ҷудо аз намудҳои нақлиёт ва хусусиятҳои ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтор ва ташкили ҳудудии онҳо баррасӣ карда шуданд.

Ба хусусиятҳои ташкили фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳангоми нақшаҳои гуногуни бунёди заминаи инфрасохтории ҳудудҳо, инчунин, ба ҷанбаҳои консептуалӣ ва проктология ташаккул ва татбиқи стратегияи рушди комплексии инфрасохтори ҳамаи намудҳои нақлиёт ба қадри кофӣ таваҷҷуҳ дода нашудааст. Ҳамаи ин, интихоби мавзӯъ, объект ва предмет, мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти диссертатсиониро муайян карданд.

**Алоқамандии тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзӯъҳои илмӣ.** Мавзӯи кори диссертатсионӣ бо барномаҳои давлатии «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМР-2030),

«Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (БМР)», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (БМР)», «Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025», инчунин, бо мавзӯъҳои нақшавии илмӣ-таҳқиқотии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ марбут аст.

## ТАВСИФОТИ УМУМИИ КОР

**Ҳадафи тадқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ асосноксозӣ ва таҳияи равиши ҳамаҷонибаи назариявӣ-методологӣ ва амалист, ки моҳияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро ҳамчун категорияи мустақили нақлиётӣ-иқтисодӣ ошкор намуда, маҷмӯи шартҳоро барои трансформатсияи босуръати бозории иқтисодиёт, зиёд кардани иқтидори транзитӣ ва умуман баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи ифодашуда ҳалли вазифаҳои зерин пешбинӣ шуда буд:

- муайян кардани ҷанбаҳои амалӣ ва асосҳои назариявию методологии дигаргунсозии таркибии иқтисодиёти миллӣ дар шароити инкишофи системаи ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ;

- муайян намудани асосҳои методологӣ ва принсипҳои ташаккули инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, аниқ намудани мазмуни он аз нуқтаи назари синтези равишҳои гуногун: комплексӣ, системавӣ, логистикӣ, кластерӣ ва институтсионалӣ;

- муайян намудани хусусиятҳои кластерсозии нақлиётӣ-ҷуғрофӣ ва тадқиқи вазифаҳои гурӯҳбандии маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар шароитҳои нави гузариши иқтисоди бозории Тоҷикистон;

- таҳлили ҳолат ва муайян намудани проблемаҳои рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз чумла:

- муайян намудани тамоюлҳои глобалии рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар дигар кишварҳо ва имкони татбиқи онҳо дар шароити комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи стратегияи ташаккул ва механизмҳои идоракунии равандҳои рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ;

- муайян намудани шартҳои идоракунии самарабахши рушди раванди истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ;

- таҳияи системаи нишондиҳандаҳо дар асоси омори расмӣ барои ба даст овардани хусусияти таъмини минтақаҳо бо маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва муайян намудани омилҳое, ки ба пайдоиши тафовути ҳудудии онҳо дар раванди ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд;

- пешниҳод намудани системаи ченкунакҳо, ки метавонанд моҳияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро ҳамчун як система ифода намоянд ва муайян кардани дараҷаи қобилияти гузарониши ҳудудии нақлиёти автомобилии субъектҳои ҳудудӣ ва хавфҳои мушаххаси истеъмоли ин маҳсулот;

- муайян кардани тадбирҳои дастгирии давлатии истеҳсоли маҳсулоти бароҳат ва бехатари инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ;

- муайян намудани аҳамияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар ташаккули модели эволютсионии системаи воқеии иқтисодиёт, инчунин, дар баланд бардоштани иқтидори транзитии кишвар;

- ташаккул додани асосҳои консептуалии таъмини мувозинат дар истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар асоси принсипҳои ҳамгироӣ ва диверсификатсия бо схемаҳои гуногуни ташкили раванди интиқол;

- таҳия намудани тадбирҳо оид ба таъмини рушди инноватсионии системаи идоракунии давлатии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти

автомобилӣ, ки баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт ва некуаҳволии аҳолиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

**Объекти тадқиқот** раванди ташкили фаъолияти истеҳсолии маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳамчун шарти муҳими амалисозӣ ва рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

**Предмети тадқиқот** муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар раванди ташкили рушди фаъолияти истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба вуҷуд меоянд.

**Гипотеза (фарзия)-и тадқиқотии** диссертатсияи мазкур аз фарзияи илмие иборат аст, ки рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти хеле мураккаб дошта, зери таъсири маҷмӯи омилҳои зиёд қарор дорад ва набояд ҳамчун муассисаи хизматрасонии роҳҳои автомобилгард, балки ҳамчун корхонае, ки маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро истеҳсол мекунад, фаъолият менамояд, соҳаҳои хоҷагии халқ ва аҳолиро дар ташаккули робитаҳои устувори нақлиётию иқтисодӣ қонеъ карда, дар асоси таҳияи асосҳои назариявию методологии бозсозии сохтории системаи идоракунии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо истифода аз таҷрибаи хориҷӣ ва дастовардҳои илму техника, корнамоиҳои олимони хориҷию ватанӣ ва таҷрибаи амалии андӯхташудаи дигаргунсозии соҳаи нақлиёт дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, интиқоли босифатро таъмин менамояд.

**Асосҳои назариявии тадқиқот** муқаррарот ва хулосаҳое мебошанд, ки дар асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, муқаррароти бунёдии назарияи логистика, назарияи ташкили бозорҳои соҳавӣ, назарияи системаҳои нақлиётӣ, назарияи кластерҳо, назарияи муосири рушд ва идоракунӣ мавҷуданд.

**Асосҳои методологии тадқиқоти диссертатсия**. Дар диссертатсия усулҳои таҳлили иқтисодӣ, таърихӣ, мантиқӣ ва моделсозии математикӣ, баҳодиҳии экспертӣ ва коррелятсияи дараҷаҳо истифода шудааст.

Тадқиқоти амалӣ оид ба ин масъала мавриди истифода қарор гирифта, тавсияву эродҳои муқарризон, ки ҳангоми ҳимояи диссертатсияи номзадӣ ба муаллиф баён шуда буданд, ба инобат гирифта шуданд.

**Сарчашмаи маълумот.** Дар кори илмӣ махзани маълумот ва хуҷҷатҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон, санадҳои қонунгузории Парламент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушоҳидаҳои худи муаллиф истифода шудаанд.

**Базаи тадқиқотӣ.** Тадқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи таҳқиқоти инфрасохтории Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом дода шудааст ва натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар ҳиссоботҳои илмӣ-тадқиқотии Институт инъикос ёфтаанд.

**Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ.** Навгониҳои дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ ба даст овардашуда ва муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия инҳоянд:

- асосҳои назариявии дигаргунсозии иқтисодиёт, ташаккули кластерҳои ҳудудию соҳавӣ, ки хусусияти худташкилкунии онҳо бо рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар фазои иҷтимоию иқтисодии ҳудуди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зич алоқаманд аст, тадқиқ шудаанд;

- дар асоси таҳлили муқоисавии назарияҳои мавҷуда ва консепсияҳои муосири ташаккули бозор моҳияти ташкили фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳамчун системаи мураккаби кушод, ки иқтисодиёти субъектҳои ҳудудиро ташаккул медиҳад, асоснок карда шудааст;

- асосҳои методологии принсипҳои ташаккули инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва таъсири маҳсулоти он ба рушди иқтисодӣ бо назардошти тафсири муаллифии хусусиятҳои аслии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва маҳсулоти он муайян карда шудаанд;

- ҳолати ҳозираи ташкили фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ нишон дода шудааст ва тамоюли дигаргунсозии сохтори

бозори фаъолияти намудҳои нақлиёт ва хусусияти зуҳури муносибатҳои квазибозорӣ дар истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ошкор карда шудааст;

- омилҳоеро, ки ба хусусияти фаъолияти бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таъсир мекунанд, бо ифшои мазмуни онҳо муайян карда шуданд ва онҳо имкон доданд, ки детерминантҳои ташаккули бозори интиқол асоснок карда шаванд, инчунин мавқеъ ва аҳамияти истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар ҷараёни трансформатсияи ҳудудии иқтисодиёт муқаррар гарданд;

- ҷанбаи прагматикии ташкили фаъолияти истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ аз нуқтаи назари баҳодиҳии таъмини ҳудудҳо бо ин маҳсулот ва омилҳое, ки тафовути ҳудудии онҳоро муайян мекунанд, инчунин, бо маълумот оид ба дараҷаи қобилияти гузарониши ҳудудии маҳсулот ва хавфҳои махсус дар минтақаҳои фурӯши маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ нишон дода шудааст;

- тасвири типологии моделӣ дар бораи дараҷаи таъсири параметрҳои миқдорӣ ва сифатии ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба рушди ҳудудҳо дар асоси муносибати методӣ ба ташаккули доираи инфрасохтории системаи нақлиёти автомобилӣ дар ташкили кластерҳои ҳудудӣ ва соҳавӣ, ки аз ҷониби муаллиф ифода гардидааст, дода шудааст;

- тадбирҳои дастгирии давлатии таҷдиди сохтори ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар асоси татбиқи принсипҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади баланд бардоштани аҳамияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар рушди ҳудудҳо, инчунин, дар ташаккули иқтидори транзитии кишвар пешниҳод шудаанд;

- методологияи татбиқи усули бенчмаркетингӣ бо назардошти истифодаи хусусиятҳои фазоӣ-вақтӣ таҳия карда шудааст, ки имкон медиҳад, то ҳалли стратегии масъалаҳои рушди оптималӣ ва ҷойгиршавии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳо мувофиқи талаботи

иктисодиёти минтақа ва дар фаъолияти интиқоли нақлиёти автомобилӣ асоснок карда шавад.

**Муқаррароте, ки ба ҳимоя пешниҳод мегардад:**

1. Асосҳои назариявии дигаргунсозии иқтисодиёт, ташаккули кластерҳои ҳудудию соҳавӣ, ки хусусияти худташкилкунии онҳо бо рушди инфрасохтори воситаҳои нақлиёт дар фазои иҷтимоию иқтисодии субъектҳои ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст, ҷамъбаст карда шуданд.

2. Дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ, назарияҳои классикӣ ва консепсияҳои муосири ташаккули бозор, фаҳмиш дар бораи моҳияти бисёрхусусӣ (сершумории хусусиятҳо)-и истеҳсолоти фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳамчун системаи мураккаби кушоди иҷтимоию иқтисодӣ васеъ карда шуд, ки иқтисодиёти субъектҳои ҳудудиро аз ҷиҳати фазоӣ бо тақсими бисёр хосиятҳо ва хусусиятҳои фаъолияти он ҳамчун система ташкил менамояд.

3. Асосҳои методологӣ муайян карда шуда, принсипҳои ташаккули инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва таъсири фаъолияти он ба рушди иқтисодӣ бо назардошти тафсири муаллифии хусусиятҳои асосии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мураттаб карда шуданд; ҳолати кунунӣ нишон дода шудааст ва тамоюлҳои дигаргунсозии сохтории бозори фаъолияти намудҳои нақлиёт ва хусусияти зуҳури муносибатҳои квазибозорӣ дар истеҳсоли фаъолияти инфрасохтори воситаҳои нақлиёт муайян карда шуданд.

4. Омилҳое, ки хусусиятҳои фаъолияти бозори инфрасохтори нақлиёти автомобилиро муайян мекунанд, бо ифшои мазмуни онҳо қайд карда, мунтазам пешниҳод мешаванд, ки ба муаллиф имкон дод, то детерминант (муайянкунанда)-ҳои ташаккули бозори фаъолияти интиқолро асоснок карда, инчунин, мавқеъ ва аҳамияти истеҳсолии фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар ҷараёни дигаргунсозии ҳудудии иқтисодиёт муқаррар карда шавад; ҷанбаи прагматикии ташкили истеҳсолоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ аз нуқтаи назари арзёбии таъмини ҳудудҳо бо ин фаъолият ва омилҳое, ки тафовути ҳудудии онҳоро муайян мекунанд, инчунин, бо маълумот

оид ба дараҷаи қобилияти гузарониши ҳудудии фаъолият ва хатарҳои мушаххас дар самтҳои татбиқи фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мувофиқи Парето оптимум нишон дода шудааст.

5. Тасвири типологии моделӣ дар бораи дараҷаи таъсири параметрҳои миқдорӣ ва сифатии истеҳсоли фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба рушди ҳудудҳо дар асоси муносибати методӣ ба ташаккули доираи инфрасохтории системаи нақлиётӣ дар ташкили кластерҳои ҳудудӣ ва соҳавӣ, ки аз ҷониби муаллиф ифода гардидааст, дода шудааст;

6.Тадбирҳои дастгирии давлатии таҷдиди сохтори истеҳсоли фаъолияти инфрасохтори  нақлиёти автомобилӣ дар асоси татбиқи принсипҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади баланд бардоштани аҳамияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар ташаккули иқтидори транзитии кишвар пешниҳод шуданд;

7. Асосҳои консептуалии таъмин намудани шаклҳои инноватсионӣ ва механизмҳои рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар асоси принсипҳои ҳамгироӣ ва диверсификатсияи маҳсулот бо назардошти аутсорсинг ва бенчмаркинг дар истеҳсоли фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо системаҳои гуногуни барпо намудани раванди интиқол таҳия карда шуданд;

8. Тавсияҳо оид ба таъсис ва татбиқи системаи мониторинги истеҳсоли фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва пешгӯии онҳо бо истифода аз воситаҳои бенчмаркинг ва технологияҳои геоиттиллотӣ, ки имкон медиҳад, то фазои ягонаи иттилоотии иштирокчиёни бозори маҳсулоти инфрасохтори рӯйизаминӣ бо тамоми намудҳои нақлиёт ташаккул ёбад, тартиб дода шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмӣ-амалии натиҷаҳои тадқиқот** дар таҳияи муқаррароти назариявӣ-методологӣ ва воситаҳои методии ташаккул, фаъолият ва рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мебошад, ки аз тавсияҳо ва пешниҳодоти мушаххас барои идора кардани ташаккул ва рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори  нақлиёти автомобилӣ бо назардошти вазъи ҳозира, хусусиятҳои мушаххаси иҷтимоӣ- иқтисодӣ, ҳудудӣ

ва эҳтиёҷоти объективии иқтисодиёти трансформатсионии бозории Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Татбиқи васеи натиҷаҳои кор имкон медиҳад, ки хароҷоти нақлиётӣ барои фурӯши маҳсулот дар бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалии интиқоли бору мусофирон ба таври назаррас коҳиш дода шавад, ҷараёни татбиқи механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ суръат бахшида шуда, шаклу усулҳои инноватсионии ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ амалӣ гарданд.

Муқаррароти алоҳидаи тадқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми хондани фанҳои таълимии «Курси умумии нақлиёт» аз рӯйи ихтисосҳои нақлиётӣ ва «Иқтисоди инфрасохтор» аз рӯйи ихтисосҳои иқтисодии мактабҳои олӣ истифода мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот** бо равишҳои комплексӣ, системавӣ, логистикӣ, кластерӣ ва институтсионалӣ ба масъалаи тадқиқшаванда, истинод ба асарҳои назариявию методии мавҷуда бахшида ба омӯзиши инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва инфрасохтори нақлиётии иқтисодиёт; усулҳои мувофиқи ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоте, ки натиҷаҳои фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро тавсиф мекунанд; дуруст истифода бурдани усулҳои таҳлили иқтисодӣ, системавӣ, коррелятсионӣ-регрессионӣ, моделсозии иқтисодӣ-математикӣ ва картографӣ таъмин карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба фаслҳои зерини Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, системаҳо ва комплексҳо мувофиқат мекунад: 1. Коркарди масъалаҳои илми идоракунӣ ва ташкили истеҳсолот. Таърихи афкори идоракунӣ, мактабҳои илмии он, ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият, пайдоишу инкишофи ташкилот ва идоракунии он. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ дар корхонаҳо,

низомҳо ва комплексҳо. Асосҳои фаннӣ ва байнифаннии идоракуниву ташкили истеҳсолот. Назария ва амалияи идоракунии зиддибӯҳронии ташкилот. Таҳияи моделҳои идоракунии зиддибуҳронӣ. 3. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ. Вижагиҳои коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Идоракунии давлатии низоми андоз, гумрук ва маҷмаии иқтисоди беруна. Идоракунӣ дар бахши давлатии иқтисодиёт, шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии амволи давлатӣ. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои ташкили истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар иқтисодиёти бахши ҷамъиятӣ (давлатӣ). 6. Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионалии ва институсионалии идоракунии ташкилот. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуҳлат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯи даврҳои ҳаётии он. 7. Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ (патентҳо, ноу-хау, имиҷ, бренд ва ғ.). Идоракунии лоиҳаҳо, коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва идоракунии он, идоракунии донишҳо, хавф (риск), сифат, бизнес-равандҳо дар ташкилот. Методология ва методҳои идоракунии инноватсионӣ, низоми инноватсионии корпоративӣ. 8. Ҷанбаҳои методӣ ва методологии арзёбии самаранокии идоракунии низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ. Ташкил ва идоракунии истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолии ташкилот. Тарҳрезӣ, таҳияи усулҳо ва воситаҳои мониторинги равандҳои истеҳсолот ва дигар равандҳои ба он алоқманд; дурнамогирӣ, банақшагирӣ ва идораи равандҳои истеҳсолӣ ва натиҷаи онҳо. Назорат, мониторинг ва татбиқи муносибатҳои бенчмаркинг дар низоми идоракунии ташкилот.

Механизмҳо ва методҳои қабул ва амалисозии қарорҳои идоракунӣ. Идоракунии лоиҳаҳо. Идоракунии равандҳои истеҳсолот, низоми муосири истеҳсолӣ. 15. Хусусиятҳои идоракунии маҷмааҳо (КАС, нақлиёт, энергетика, сохтмон ва ғ). Таҳқиқи самаранокии иқтисодии шаклҳои нави ташкили боркашонӣ, сохтмони соҳаи нақлиёт ва таъмири воситаҳои нақлиёт. Механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии маҷмааҳо. Ташкил ва идоракунии инфрасохторҳои бозор ва ташкилотҳои соҳаҳои хизматрасонӣ (бонк, суғурта, инноватсия ва ғ.).

**Саҳми шахсии довталаб.** Таҳқиқоти диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳодшаванда тадқиқоти комплексии илмиест, ки муаллиф мустақилона, мувофиқи мақсад ва вазифаҳои диссертатсия бо назардошти дастовардҳои илми ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ин масъала иҷро кардааст. Саҳми шахсии довталаб дар таҳияи мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ, таҳияи нақша ва барномаи гузаронидани тадқиқот, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ ва баррасии адабиёти илмӣ ва нашрияҳои даврӣ оид ба бахшҳои тадқиқот, асосноккунӣ ва интихоби усулҳои коркарди иттилоот, тадқиқоти мустақим, таҳияи моделҳои математикии идоракунии равандҳои рушди объекти омӯзиш ва тафсири натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф мебошад. Муаллиф миқдори кофии мақолаҳоро оид ба мавзӯи тадқиқот нашр карда, дар апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ бевосита иштирок кардааст.

**Апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия натиҷаи кори чандинсолаи илмию амалӣ, гузаштани таҳсил дар аспирантура ва докторантураи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад. Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, ҷаласаҳо, семинарҳо (солҳои 2010-2023), дар Шӯрои илмӣ-техникии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷаласаҳои илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар Институти масъалаҳои бозори Академияи илмҳои Россия муҳокима карда шудаанд.

**Интишор оид ба мавзӯи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар 41 асари муаллифӣ бо ҳаҷми умумии 40,6 ҷ.ч., аз он ҷумла, 26 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳое мебошанд, ки ба рӯйхати маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда дохил карда шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва замимаҳо иборат аст. Матни асосӣ 385 саҳифа буда, аз 15 расм, 64 ҷадвал ва 10 замима иборат аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 404 номгӯйро дарбар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

## 1.1. Асосҳои илмӣ, моҳият ва хусусиятҳои эмпирикии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Дар рафти таҳлили назариявии дигаргуниҳо ва тағйироти сохтории трансформатсионӣ дар иқтисодиёт ва омилҳои муайянкунандаи он қонунҳои муайяни таъсири омилу шароитҳои алоҳида ба рушди иқтисоди миллиро мушоҳида кардан мумкин аст. Он ба мавҷудияти номутаносибӣ дар созмони инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва татбиқи иқтидори захиравии минтақаҳо асос ёфтааст, ки имкон медиҳад, тобаамалоии равандҳои сустшавӣ ва суръатбахшии рушди ташкили ҳудудии трансформатсияи сохтории системаи иқтисодиро дарк намоем.

Инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҷузъи асосии унсурҳои ҳар як ташкилоти ҳудудии системаи иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷаи рушди ҷомеа, истеҳсоли мол, амалинамоии истеҳсолот ва рушди хоҷагии бозор ташаккул ёфтааст. Ва дар воқеъ ба ақидаи олимони ватании соҳа Бобоев О., Катаев А.Х., Раҷабов Р.К., Руфӣ А., Хоҷаев П.Д., Ҳамроев Ф.М., Фохаков А. С., ташкили инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ аз ҷиҳати дохилӣ динамикӣ аст, аз ин рӯ, бо таъсири сабабҳои объективӣ он метавонад боиси тағйироти сохтории соҳаҳои иқтисодиёт ва субъектҳои ҳудудӣ гардад.

Дар робита ба ин К.А. Титов чунин мешуморад, ки «...дигаргуниҳои сохторӣ ҳамчун тағйир додани мавқеъ (нақш)-и ин ё он соҳаи алоҳидаи иқтисодиёт дар доираи хоҷагии халқ ва ё соҳаи саноат дар доираи комплекси саноатӣ дар давраи муайяни вақт, ки бо солҳо ҳисоб мегардад, муайян карда мешавад. Сохтори иқтисодиёт ҳолати сифатии онро инъикос менамояд.Дар шароити трансформатсия ва ташаккули муносибатҳои бозорӣ тағйироти он торафт бештар бо пешрафти илмию техникӣ алоқаманд шуда, дар баробари он омили самарабахши пешрафти иқтисодиёт аст ва мустақилияти иқтисодии

давлат, раванди ташаккул ва таносуби шаклҳои гуногуни моликият ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии субъектҳои бозорро инъикос менамояд. Натиҷаҳои ниҳоӣ – қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ, талаботи коллективҳои алоҳида ва бевосита ҳар як кормандро ба назар гирифта, трансформатсияи сохтории иқтисодиёт бояд дар ниҳояти кор самараи баланди истеҳсолоти ҷамъиятиро таъмин намояд, ки он асоси баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолӣ мебошад»[1].

Аммо бояд гуфт, ки дигаргуниҳо ва тамоюлҳои манфии сохторӣ дар иқтисодиёти миллии Тоҷикистон ҳамзамон бо татбиқи ислоҳоти бозорӣ то андозае зери таъсири ақидаҳои дар системаи сиёсӣ ташаккулёфта инкишоф ёфтанд, ки гӯё дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ давлат ба идора кардани равандҳои сохторӣ эҳтиёҷ надорад.

Барои ин андешаҳои сатҳӣ ва мавқеи ғайримустақили ҳукумат дар ҷараёни ислоҳоти бозор ба Тоҷикистон лозим омад, ки татбиқи ислоҳотро ба таъхир андозад ва муттасил ислоҳ намояд. Дарки талафоти эътирофшуда дар марҳалаи кунунӣ дар мақоми стратегии кишвар зарурати ҷиддии навсозии модели ибтидоии рушди иқтисодӣ, додани мақоми баланд ба сиёсати инноватсионии фаъол ва сиёсати сохториро ба миён меорад.

Яке аз оқибатҳои ҷиддии татбиқи номутаносиби ислоҳот дар ҷумҳурӣ дар бобати ташаккули институтҳои иқтисоди бозорӣ аз монополияи давлатӣ ба монополияи шахсони алоҳида гузаштани корхонаҳои соҳаҳои иқтисодиёт буд, ки ба муқобили инҳисори шахсони алоҳида дар заминаи аз байн рафтани босуръати рақобат ва ба ҷойи он дар тамоми бахшҳо ё кластерҳои иқтисоду соҳаи иҷтимоӣ пайдо шудани сохторҳои квазибозорӣ хеле хавфнок гардид.

Нақши равиши кластериро дар тавозуни сохтории такрористеҳсоли ҷамъиятӣ Коновалова М.Е. тадқиқ намуда, баҳои муқоисавии фарқияти байни равиши кластерӣ ва соҳавиро медиҳад[2]. Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ ӯ ба

---

[1] Титов К.А. Региональная промышленная политика: формирование и реализация [Текст] / К.А. Титов. - СПб., 2003. – С. 65.

[2] Коновалова М.Е. Кластерный подход и его роль в структурной сбалансированности общественного воспроизводства [Текст] / М.Е. Коновалова // Успехи современного естественнознания. - 2011. - № 12. - С.93-96.

хулосае меояд, ки истифодаи равиши кластерӣ дар ташкили истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба пешбурди гурӯҳи стратегии ширкатҳо дар доираи сегментҳои мукаммалкунандаи бозор мусоидат менамояд; дар байни намояндагони асосии манфиатҳо муносибати самарабахш ташкил карда мешавад, ки ба баланд шудани маҳсулнокии меҳнат ва рақобатнокӣ мусоидат мекунад; барои рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки аз рӯйи мантиқи равиши синергетикӣ рақобатро бо кооператсия мепайвандад, шароит фароҳам оварда мешавад.

Ҳамин тавр, сохтори соҳавие, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми трансформатсия ба ташаккулёбӣ оғоз менамояд, маҳз натиҷаи рушди озоди сектори воқеӣ дар асоси равиши нақлиётию инфрасохторӣ ҳамчун раванди худташкили фаъолияти иқтисодӣ мебошад.

Аз ин рӯ, кластерҳо одатан дар доираи шароити мушаххаси инфрасохтори нақлиёти автомобилии ҳудудҳо мутамарказ мешаванд, ки робитаи функсионалии муассисаҳои махсусгардонидашудаи соҳаҳои гуногун, иштирокчиёни истеҳсолоти ҷамъиятӣ, рақобат ва ҳамкории онҳо, фарогирии иҷтимоӣ ва инноватсияро таъмин менамоянд. Онҳо метавонанд дар баландбардории самаранокии аз таносуби байни ҳаҷми умумии истеҳсолоти моддӣ вобастабуда ва хизматрасонии нақлиётии фаъолияти онҳоро дар ҳудуди муайян таъминнамоянда зоҳир карда шаванд. Ба ибораи дигар, тағйирёбии таносуби ҳаҷми истеҳсоли кластерҳо ба ҳаҷми маҳсулоти инфрасохторӣ нишондиҳандаи самаранокии ташкили такрористеҳсоли иҷтимоӣ мебошад. Афзоиши динамикаи ин нишондиҳанда аз сохторҳои торафт мураккабшавандаи такрористеҳсоли ҷамъиятӣ шаҳодат медиҳад, ки дар он интиқоли нодуруст, рӯбарӯоянда ва такрории борҳо истисно карда шуда, намудҳои нақлиёти ба шароити инфрасохтори нақлиётӣ бо парки махсуси воситаҳои нақлиёт мутобиқгардида ташаккул дода мешавад.

Шакли кластерии ташкили такрористеҳсоли ҷамъиятӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад, натиҷаи ҷорӣ намудани инфрасохтори воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва ҳолати возеҳи ташкили системавии инноватсия, чӣ аз ҷониби бахши хусусӣ ва ҳам аз ҷониби мақомоти давлатӣ

тавассути рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Бо назария муқаррар ва бо амалия тасдиқ карда шудааст, ки сохтори парки воситаи нақлиёт аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ аз имкониятҳо ва маҳдудиятҳое вобаста аст, ки хусусияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти рӯйизаминиро ба таркиби ҳаракаткунандаи намудҳои нақлиёт гузоштааст.

Масалан, хати парвози аэродром кадом намуди ҳавопаймоҳоро қабул карда метавонад, аз категорияи он аэродром вобаста аст. Аз ин рӯ, барои такмил додани сохтори парки ҳавопаймоҳо, пеш аз ҳама, намуди хати парвози аэродромро ба як хати мувофиқ даровардан лозим аст. То ба вуҷуд овардани инфрасохтори дахлдори сохтори парки ҳавопаймоҳоро беҳтар кардан мумкин нест.

Ҳамин тариқ, дар бораи маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, ки сохтори парки автомобилиро ба шароити нави кор мутобиқменамояд, гуфтан мумкин аст. Маҳз такмили маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ боиси дигаргунии ҷиддии сифатӣ ва миқдории парки воситаҳои нақлиёти автомобилии ҷумҳурӣ гардид.

Бояд гуфт, ки аксари роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти ҷумҳуриявии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Иттиҳоди Шӯравӣ бамеросмонда бо шарти сарбории меҳвари як автомобил – 6 тонна ба як меҳвар сохта шудаанд. Ин вазъ воридшавии автомобилҳои боркаши калон ва нисбатан сермаҳсулро ба ҷумҳурӣ маҳдуд намуд, ки рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои иқтисодиёт ба он эҳтиёҷ доштанд. Аз ин рӯ, дар барномаҳои барқарорсозии роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ стандарти байналмилалии сарбории меҳвари воситаҳои нақлиёт – ба як меҳвари автомобил ё автопоезд 10 тонна муқаррар гардид. Ин ба воридшавии автомобилҳои боркаши калони иқтидори борбардориашон то 60 тонна мусоидат намуд, ки рақобати муайянро барои таркиби ҳаракаткунандаи нақлиёти роҳи оҳан дар масофаҳои интиқоли борҳои дар минтақаҳои

ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоратӣ ва иқтисодии шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардашуда, инчунин убури транзитии нақлиёти автомобилӣ тавассути қаламрави ҷумҳурӣ ба вуҷуд овард.

Таҳлили сохтори парки ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки автомобилҳои дорои иқтидори борбардории калон ва хурд нисбатан пуршиддат зиёд шудаанд ва ин хусусияти табиии рушди иқтисодиёти бозории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври кофӣ инъикос менамояд.

Омили дигари ба назар намоёни трансформатсияи сохтории парки воситаҳои нақлиёти автомобилӣ афзоиши автомобиликунонии аҳолӣ аст. Теъдоди автомобилҳои истифодаи инфиродӣ – автомобилҳои шахсӣ дар байни аҳолӣ бо суръати тез зиёд гардид. Ин омил ба кори инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таъсир расонида, бо пешакӣ муайян кардани шиддатнокӣ ва параметрҳои суръатнокии анбуҳи воситаҳои нақлиёт дар роҳҳо, яъне намуди категорияи қитъаи муайяни роҳҳои автомобилгард, анбуҳи воситаҳои нақлиёти автомобилиро дар роҳҳо созмон дод.

**Ҷадвали 1.1. – Таъминоти аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави инфиродӣ бо ҳисоби ба ҳар ҳазор нафар аҳолӣ***

| Солҳо | Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | аз ҷумла: ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | ш. Душанбе | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2003 | 19 | 15 | 25 | 10 | 28 | 21 |
| 2004 | 20 | 15 | 25 | 11 | 33 | 22 |
| 2005 | 21 | 15 | 25 | 11 | 27 | 23 |
| 2006 | 24 | 17 | 29 | 15 | 42 | 15 |
| 2007 | 26 | 17 | 32 | 17 | 47 | 27 |
| 2008 | 31 | 20 | 37 | 21 | 47 | 33 |
| 2009 | 44 | 36 | 55 | 28 | 68 | 44 |
| 2010 | 38 | 24 | 46 | 27 | 53 | 38 |
| 2015 | 39 | 25 | 51 | 26 | 54 | 38 |
| 2016 | 40 | 27 | 53 | 26 | 60 | 39 |
| 2017 | 42 | 30 | 56 | 27 | 60 | 41 |
| 2018 | 43 | 34 | 57 | 28 | 66 | 41 |

**Идомаи чадвали 1.1**

| Солҳо | Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | аз ҷумла: ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | ш. Душанбе | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2019 | 43 | 36 | 56 | 28 | 67 | 40 |
| 2020 | 48 | 47 | 64 | 30 | 73 | 44 |
| 2021 | 51 | 50 | 70 | 32 | 77 | 47 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2003-2022

Чунон ки маълумоти ҷадвали 1.1. нишон медиҳад, анҷоми марҳилаи якуми барқарорсозии роҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2003-2009) ба сатҳи автомобиликунонии аҳолӣ таъсири мусбат расонд. Ҳамин тавр, дар ин давра, аз соли 2003 сар карда, дараҷаи автомобиликунонии аҳолӣ босуръат боло рафта, дар охири соли 2009 дар тамоми ҷумҳурӣ 2,3 маротиба, аз он ҷумла, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 2,4 маротиба, дар вилояти Суғд 2,2 маротиба, дар вилояти Хатлон 2,8 маротиба, дар шаҳри Душанбе 2,4 маротиба ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2,1 маротиба афзуд.

Барқарорсозии роҳҳои автомобилгард дар марҳилаи дуюм (солҳои 2010 – 2021) ба динамикаи сатҳи автомобиликунонӣ таъсири устуворкунанда расонд. Дар ин давра сатҳи ин нишондиҳанда дар тамоми ҷумҳурӣ ҳамагӣ 13,1%, аз ҷумла дар ВМКБ 50%, дар вилояти Суғд 21,7%, дар вилояти Хатлон 3,7%, дар шаҳри Душанбе 26,4% ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 5,3% афзуд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки болоравии сатҳи автомобиликунонии аҳолии ВМКБ ба барқарорсозии роҳи автомобилгарди байналмилалии Душанбе-Кӯлоб-Қалъаи Хумб-Хоруғ-ағбаи Кулма (сарҳади Хитой) алоқаманд аст.

Ҳамин тариқ, динамикаи рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба афзоиши сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди соҳибкории хурд таъсири назаррас расонд, ки аз маълумоти дар ҷадвали 1.2 овардашуда дида мешавад.

Аз маълумоти ҷадвали мазкур бармеояд, ки дар давраи аввали барқарорсозии роҳҳои автомобилгард шумораи корхонаҳои хурд 2 маротиба, аз ҷумла дар ВМКБ 1,2 маротиба, дар вилояти Суғд 1,3 маротиба, дар вилояти

Хатлон 1,7 маротиба, дар шаҳри Душанбе 2,4 маротиба ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2,2 маротиба афзудааст.

Дар давраи дуюм (солҳои 2010 – 2021) дар саросари кишвар шумораи корхонаҳои хурд 1,8 маротиба афзуд. Аз ҷумла дар вилояти Суғд 2,1 маротиба, дар вилояти Хатлон 3,2 маротиба, дар шаҳри Душанбе 1,6 маротиба, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2,4 маротиба афзуда, дар ВМКБ бошад, 17% кам шудааст. Аз рӯйи сохтор дар соли 2015 ва дар тамоми давраи фаъолияти корхонаҳои хурд аз рӯйи шумораи корхонаҳои хурд ҷойи аввалро шаҳри Душанбе (54,7%), ҷойи дуюмро вилояти Суғд (26,4%), ҷойи сеюмро ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ(13,8%), ҷойи чорумро вилояти Хатлон (5,0%) ва ниҳоят ВМКБ ҷойи панҷум (0,1%)-ро ишғол менамоянд.

**Ҷадвали 1.2. – Динамикаи афзоиши шумораи корхонаҳои хурд ва муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2003 – 2021***

| Солҳо | Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВМКБ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | ш. Душанбе | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи КХ-и амалкунанда** | | | | | | |
| 2003 | 1323 | 5 | 399 | 37 | 762 | 119 |
| 2004 | 1483 | 7 | 392 | 88 | 870 | 126 |
| 2005 | 1669 | 7 | 421 | 76 | 1003 | 162 |
| 2006 | 1801 | 6 | 436 | 97 | 1063 | 199 |
| 2007 | 2003 | 8 | 457 | 67 | 1231 | 240 |
| 2008 | 2291 | 10 | 469 | 50 | 1500 | 262 |
| 2009 | 2658 | 6 | 537 | 64 | 1795 | 256 |
| 2010 | 2865 | - | 645 | 81 | 1811 | 303 |
| 2015 | 3367 | 6 | 742 | 85 | 2182 | 352 |
| 2016 | 3890 | 5 | 931 | 89 | 2479 | 386 |
| 2017 | 4810 | 8 | 1517 | 137 | 2555 | 593 |
| 2018 | 5394 | 12 | 1628 | 391 | 2740 | 623 |
| 2019 | 5176 | 5 | 1366 | 257 | 2832 | 716 |
| 2020 | 4919 | 8 | 1190 | 281 | 2574 | 864 |
| 2021 | 5414 | 9 | 1281 | 296 | 2913 | 915 |
| Корхонаҳои муштарак | | | | | | |
| 2003 | 151 | | 27 | 11 | 107 | 6 |
| 2004 | 162 | | 26 | 9 | 121 | 6 |

**Идомаи ҷадвали 1.2**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2005 | 121 | | 30 | 6 | 79 | 6 |
| 2006 | 164 | | 20 | 6 | 129 | 9 |
| 2007 | 157 | | 19 | 7 | 122 | 9 |
| 2008 | 156 | | 19 | 6 | 120 | 11 |
| 2009 | 147 | | 25 | 3 | 106 | 13 |
| 2010 | 149 | | 22 | 3 | 112 | 12 |
| 2015 | 157 | 1 | 20 | 3 | 128 | 5 |
| 2016 | 158 | 1 | 20 | 3 | 129 | 5 |
| 2017 | 172 | 1 | 19 | 3 | 143 | 6 |
| 2018 | 190 | 1 | 21 | 2 | 159 | 7 |
| 2019 | 221 | 1 | 21 | 1 | 190 | 8 |
| 2020 | 266 | 1 | 21 | 23 | 216 | 5 |
| 2021 | 293 | 1 | 21 | 23 | 239 | 9 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси “Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон” Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2003-2022

Дар байни рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва афзоиши шумораи корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи муайян мушоҳида мешавад. Чунончӣ, агар дар марҳалаи якуми ба охир расидани барқарорсозии роҳҳои автомобилгард шумораи корхонаҳои муштарак дар як сатҳ боқӣ монда бошад, пас дар марҳилаи дуюми барқарорсозии роҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ шумораи корхонаҳои муштарак якбора 50% афзуд.

Дар давраи солҳои 2000 – 2009 дар ҷумҳурӣ дарозии роҳҳои автомобилгард ба зиёда аз 32000 км расид, ки аз он 3884 км бо рӯйпӯши сахт, 2618 км роҳҳои шағалпӯш ва 1096 км роҳҳои хокӣ мебошанд. Шумораи умумии пулҳо 2157 км ва дарозии умумии 37140 метрро ташкил медиҳад. Ба ҳисоби миёна 90% роҳҳо рӯйпӯши сахт, 9% шағалпӯш ва 0,8%роҳҳои хокӣ мебошанд.

Дар ин давра 1200 км роҳ, 14 км нақб, 93 пул ва 5 км тадбирҳои зидди ярч аз нав сохта шуданд. Солҳои минбаъда дарозии роҳҳои автомобилгарди навбунёд ва барқароршуда ба 2000 км расонида шуда, нақбҳои Чормағзак, Шар-шар, Шаҳристон, роҳҳои автомобилгарди Душанбе – Турсунзода - сарҳади Ӯзбекистон, Айнӣ – Панҷакент - сарҳади Ӯзбекистон ба истифода дода шуданд,

азнавсозии қитъаҳои роҳи автомобилгарди Хуҷанд – Исфара, Кӯлоб – Ш. Шоҳин, Зиғар – Қалъаи Хумб давом дорад, ки ба рушди соҳибкорӣ дар ҳамаи субъектҳои ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Равобити савдо бо нақлиёт тавассути инфрасохтори нақлиёт сурат мегирад ва дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ аҳамияти хос дорад. Рушд ва такмили инфрасохтори нақлиёт иқтидори бозорҳоро васеъ намуда, савдоро байни минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз ҷумҳурӣ инкишоф дода, ба баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ тавассути кам кардани хароҷоти интиқоли бору мусофирон мусоидат мекунад (ҷадвали 1.3.).

Маълумоти ҷадвали 1.3. нишон медидад, ки умуман дар нақлиёт тамоюли пастшавии индекси нархҳо барои кашондани бор бо тамоми намудҳои нақлиёт мушоҳида мешавад. Барои интиқоли автомобилӣ сатҳи устувори тарифҳои боркашонӣ ба даст оварда шуд, ки ин ба вазъи бозори маҳсулоти соҳаи воқеии иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонад.

**Ҷадвали 1.3. – Индекси тарифҳои боркашонӣ бо намудҳои асосии нақлиёт***

| Намуди нақлиёт | 2010 | 2015 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нақлиёт – ҳамагӣ | 103,9 | 98,9 | 103,1 | 100,7 | 99,8 | 101,8 |
| Роҳи оҳан | 109,6 | 100,1 | 121,1 | 104,1 | 112,9 | 118,4 |
| Автомобилӣ | 102,8 | 97,1 | 100,0 | 100,0 | 100,6 | 100,0 |
| Авиатсионӣ | 102,1 | 101,9 | 99,8 | 101,6 | 108,9 | 99,0 |

***Сарчашма:** Муаллиф тартиб додааст дар асоси: Маълумотҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамин тариқ, тадбирҳо оид ба беҳтар намудани истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ боиси ба эътидол омадани бозори интиқоли ҳам маҳсулоти хӯрока ва ҳам ғайрихӯрока дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд.

Маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт ба бозори хизматрасонии нақлиёти мусофирбар таъсири мусбат расонд. Паст шудани индекси тарифи хизматрасонии нақлиёти мусофирбар ба сабади истеъмолии аҳолӣ, азнавтақсими буҷети оилавии аҳолӣ ба фоидаи молҳои ниёзи аввал таъсири мусбӣ мерасонад.

Таҳлили умумии анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки таъмини инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба механизме табдил ёфтааст, ки тавассути он трансформатсияи соҳавӣ ва ҳудудии иқтисодиёт бо назардошти мутобиқшавии он ба шароити дохилӣ ва берунӣ, аз ҷумла, шартҳои дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС иҷро гардидааст.

Лоиҳаҳои роҳҳои автомобилгард, бунёди инфрасохтори нави рӯйизаминӣ ва таҷдиди коммуникатсияҳои мавҷуда аз оғози истиқлолият то имрӯз ҷузъи муҳими сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Илова бар ин, сармоягузорӣ дар инфрасохтор барои интиқол бо нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ амалӣ гардид, аммо онҳо дар муқоиса бо лоиҳаҳои роҳҳои автомобилгард чандон назаррас набуданд. Релефи мураккаби кӯҳсор ва нисбатан интенсивнокии пасти ҳаракати нақлиёт (парвозҳо) барои ба манфиати нақлиёти автомобилӣ табдил додани сохтори иқтисодиёт мусоидат кард. Набудани робита бо минтақаҳои дохили кишвар ва ҳам бо кишварҳои ҳамсояи берун аз собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба бозсозии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан тавассути ҷалби сармоя ба лоиҳаҳо мусоидат кард.

Айни замон, тағйир додани самти гардиши савдо ва анбуҳи воситаҳои нақлиёт бо сабабҳои иқтисодӣ низ ба сохтор таъсир расонидааст ва амалисозии лоиҳаҳои роҳҳои автомобилгард дар ин самт нисбат ба лоиҳаҳои роҳи оҳан як варианти беҳтар (камхарҷ ва тезтар) мебошанд.

Аз ин рӯ, талабот ба беҳтар кардани ҳолати инфрасохтори бо ду сабаб ба миён меояд. Аввалан, мавҷуд набудани системаи нигоҳдории роҳ, ки боиси хароб шудани рӯйпӯши роҳ мегардад, ки барои барқарор кардани он корҳои барқарорсозӣ лозим мешаванд. Дуюм, афзоиши шиддатнокии ҳаракати воситаҳои нақлиёт метавонад афзоиши қобилияти гузарониши инфрасохторро

тавассути васеъсозии роҳҳо, дастгоҳҳои хати иловагӣ ва беҳтар кардани ҳолати сатҳи рӯйпӯши роҳ талаб намояд. Ҳоло ҳодисаи дуюм хеле кам ба назар мерасад, зеро дар кишвар, ба истиснои роҳҳо дар шаҳрҳои калон, басташавӣ дар роҳҳо вуҷуд надорад.Аммо қисми зиёди инфрасохтори роҳ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ тарҳрезӣ шуда буд ва дар амал татбиқи корҳои ободонии роҳ маънои ё пурра сохтан ё таҷдиди онҳоро дорад. Аксар вақт зарурати баланд бардоштани стандартҳо тавассути таҷдид бо мақсади оварда шудани стандартҳо, масалан, синфи IV ба синфи II ё III бо қабати асфалтубетонӣ ба миён меояд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти нақши муҳими инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва рушди нокифояи назариявӣ ва методологии нақшаи он ҳамчун соҳаи истеҳсолот барои таъмини истеъмолкунандагон бо фазои ҳаракат зарурати назариявию амалии дуруст шарҳ додани моҳияти иҷтимоию иқтисодии инфрасохтори нақлиёт ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти хоспеш меояд.

## 1.2. Таҷрибаҳои хориҷии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Муқаррар гардидааст, ки инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ «асосан дар хоҷагии халқ давом додани раванди истеҳсолиро дар соҳаи муомилот» таъмин менамояд. Он ба интиқол ва ҳифзи маводи гуногун ва маҳсулоти тайёр, додани иттилоот ва ғайра мусоидат мекунад.

Умуман, ба фикри мо[3], инфрасохтор, чӣ дар саноат ва чӣ дар соҳаи иҷтимоӣ пуррагӣ ва мураккабии хоҷагии халқро дар зинаҳои гуногун таъмин менамояд. Нақши инфрасохтори нақлиёт дар раванди азхудкунии ҳудудҳои нав, ашёи хом ва захираҳои сӯзишворию энергетикии ноҳияҳои суструшдёфта ва навбунёди мамлакат калон аст.

[3] Бобоев К.О. Наземная инфраструктура транспорта- фундаментальная основа для структурной трансформации экономики [Текст] / К.О. Бобоев, А. Шарифов // Вестник ТГУК. – 2019. - № 1(26). – С. 33-42.

Бояд гуфт, ки нақши омили инфрасохтори нақлиётро танҳо ба ҳиссаи хароҷоти нақлиётӣ кам кардан мумкин нест. Ба таври назаррас афзудани аҳамияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳам бо тағйири тарзи зиндагии аҳолӣ, вақте ки автомобил ба воситаи нақлиёти зарурӣ табдил меёбад ва ҳам бо дигар кардани самти як қатор соҳаҳои иқтисодиёт ва минтақавӣ ба субъектҳои нақлиёти автомобилӣ алоқаманд аст. Нақлиёти автомобилӣ ба талаботи муосири «сари вақт» ва «аз дар то дар» бештар ҷавобгӯ буда, инчунин аз сабаби дараҷаи баландтари рушди рақобат (нисбат ба нақлиёти роҳи оҳан) дар соҳаи иқтисодиёт асосан тарифҳои дастрасро барои мизоҷон дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ таъмин менамояд. Рушди шабакаи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ суръат ва шиддатнокии мубодилаи мол ва хизматрасониро муайян намуда, робитаҳои истеҳсолии байни соҳаҳо ва минтақаҳоро амалӣ менамояд, шарти тағйирнопазир ва фишанги фаъоли махсусгардонӣ ва рушди маҷмуавии ноҳияҳои иқтисодӣ, минтақаҳои хос (махсус) ва озоди иқтисодии ҷумҳурӣ, имкони азхудкунии захираҳо ва ҳудудҳои нави ба афзоиши иқтидори сармоягузории минтақа ва баланд шудани сифати зиндагии аҳолӣ мусоидаткунанда буда, ба рушди иқтисодии кишвар ва самараи истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва бозор таъсири бевосита мерасонад. Нақлиёти автомобилӣ, махсусан барои кашониш дар масофаҳои миёна ва кӯтоҳ васеъ истифода мегардад. Аммо, он асосан нақлиёти тиҷорати хурду миёна аст[4]. Айни замон нақлиёти автомобилӣ дар системаҳои нақлиёти маҳаллӣ ва минтақавӣ бартарӣдорад ва ба шарофати технологияҳои муосири интиқол (контейнерӣ ва ғайра) ва рушди шоҳроҳҳои автомобилгард ҳатто дар хатсайрҳои трансконтиненталӣ бо нақлиёти роҳи оҳан рақобат менамояд, ки ин дар шароити иқтисодии ҷумҳурии мо равшан ифода ёфтааст.

Чун анъана инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан рушди саноатии кишварро таъмин мекунад. Айни замон инфрасохтори роҳи оҳан ба самти содироти ашёи

---

[4] Казначеев Д.А. Влияние транспортной инфраструктуры на отраслевое развитие экономики региона [Текст] / Д.А. Казначеев // Научно-технические ведемости. Экономические науки. – 2012. - № 2-2. - С.63-68.

хоми иқтисодиёт хизмат мерасонад. Нақлиёти автомобилӣ ҳамчун нақлиёти иқтисодиёти пасошӯравӣ тавсиф мешавад.

Дар ҳақиқат, баробари наздик шудан ба марҳалаи саноатикунонии босуръати рушди иқтисодиёт ҳиссаи кашондани ашёи хоми оммавӣ дар сохтори мубодилаи бор аз ҳисоби зиёд шудани ҳиссаиқиёсии боркашонӣ барои соҳаҳои меҳнатталаб, ғайримаводталаб, истеҳсолоти илмталаби истеҳсолоти соҳибкории хурду миёна мунтазам кам мешавад. Ин боркашониҳо бо доираи васеътари борҳо ва фиристи камтари онҳо тавсиф мешаванд. Мувофиқи ин тамоюлот ва тағйироти сохтори боркашонӣ сохтори таркиби ҳаракаткунандаи нақлиёти автомобилӣ ҳам ба фоидаи нақлиёти хурдтоннаж тағйир меёбад.

Бояд гуфт, ки то андозае зарурати фиристи калони боркашонӣ низ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, тамоюлҳои хосе, ки дар тағйирёбии ҳаҷм ва сохтори талабот ба маҳсулоти нақлиёти рӯйизаминӣ зоҳир мешаванд, боиси қутбшавии андозаи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ба манфиати нақлиёти автомобилии хурдтоннаж ва калонтоннаж мегардад, ки хусусияти талаботро ба маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ муайян менамояд.

Бояд гуфт, ки рушди тақсимоти ҳудудии меҳнат ва махсусгардонии ноҳияҳоро бе мавҷудияти роҳу робитаҳои байниноҳиявӣ, рушди маҷмуавии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ё ноҳияро бе робитаҳои дохилӣ ва шабакаи нақлиёти дахлдор тасаввур кардан мумкин нест.

Аз ин рӯ, дар баробари зарурати кам кардани хароҷоти нақлиётӣҳамчун яке аз омилҳои муҳими баланд кардани самаранокии рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ вазифаи нисбатан бузургтар – кам кардани хароҷоти амалисозии тамоми ташкили истеҳсолоти ҳудудию соҳавӣ ба миён меояд. Меъёри оптималӣ дар ин масъала кам кардани хароҷоти алоҳидаи истеҳсолот не, балки арзиши умумии истеҳсол ва ба истеъмолкунанда интиқол додани маҳсулот мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми дастраснамоии мол аз борфирист ба истеъмолкунанда параметрҳои вақт ва нарх нақши калидӣ доранд, бахусус вақте сухан дар бораи рушди кластерҳои истихроҷ ва коркард меравад, ки ба содирот ва ҳарҷӣ бештар намудҳои мол нигаронида шудааст, пас инфрасохтори

наќлиёти автомобилӣ бояд бо суръати тезтар рушд кунад ва сифатан тағйир ёбад, то ба дигаргуниҳои воқеии сохторӣ дар иқтисодиёт мусоидат намояд.

Трансформатсияи инфрасохтории рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои хориҷӣ (коммуникатсия, энергетика, таъминоти хӯрокворӣ) «зарурати объективии тағйироти инфрасохториро дар системаи хоҷагидории минтақавӣ, тағйирот дар стратегия ва методологияи бунёди системаҳои инфрасохторӣ, махсусан инфрасохтори системаи наќлиёти автомобилӣ муайян менамояд»[5].

Аз ин рӯ, бояд гуфт, ки яке аз масъалаҳои мубрами бунёди системаи таҷдидшудаи инфрасохтори наќлиёти автомобилӣ, чунон ки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, сатҳи нокифояи рушди инфрасохтори наќлиёти автомобилӣ мебошад ва асоси тамоми элементҳои таркибии инфрасохтори ҳудудҳо имрӯз барои ҳаёти ҳаррӯза ва дурнамои рушди такрористеҳсоли ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хос дорад.

Ҳамин тариқ, тибқи таҷрибаи олимони кишварҳои хориҷӣ, аз нуқтаи назари системавӣ, инфрасохтори наќлиёти автомобилӣ фазои гео - коммуникатсионӣ ва бисёр функсионалӣ мебошад, ки дорои шакл ё муҳити аз ҷиҳати мантиқӣ тасаввуршаванда барои ташаккули ҷараёнҳои моддӣ, энергетикӣ ва иттилоотӣ ба сохтори физикии мушаххаси бо ҳамдигар ва сохторҳои сершумори комплекси хоҷагидорӣ дар муносибатҳои муайян қарордошта аст. Чунин майдонҳои бисёр функсионалии инфрасохторӣ ҳамчун муҳити муайяни тақсимшудаи фаъолият ё метасистема нисбат ба бор фиристон ва истеъмолкунандагони молу хизматҳо, яъне системаҳои хоҷагидорӣ баррасӣ мешаванд, ки ҷузъи ин метасистема мешаванд.

Амалисозии чунин метасистема ё майдони инфрасохтори ҳудудӣ ба таъмини максималии ҳадди имконпазир (дар доираи захираҳои мавҷуда)-и ҳаёт ва зиндагонии ҷомеа нигаронида шудааст. Ҳамаи ин инфрасохтори наќлиёт,

---

[5] Макаров Д.Б. Инструментарий развития транспортной инфраструктуры региона [Текст]: автореферат дисс. к.э.н / Д.Б. Макаров. - Тамбов, 2015. - С. 26

бахусус нақлиёти автомобилиро омили афзалиятноки фаъолияти функсионалии ҷомеа ва давлат мегардонад.

Мо чунин мешуморем [6], ки инфрасохтори нақлиёти автомобилиро метавон ба таври расмӣ ҳамчун модели консептуалии бисёрқабатаи топологӣ муаррифӣ кард ва топологияи он шабакаи нақлиётиро ифода менамояд, ҳар як қабати он ба сатҳи муайяни идоракунӣ (маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ) ва ба намуди нақлиёт (автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ) тааллуқ дорад.

Дар тугун (узел)-ҳои нақлиёте, ки ин сохтори бисёрқабатаи топологӣ ва шабакавиро ба ҳам мепайвандад, селаи бор ва мусофирон метавонанд аз як намуди нақлиёт ба намуди дигари он гузаранд. Аз ин рӯ, кори кластерҳои ҳудудӣ ва соҳавӣ бевосита аз он вобаста аст, ки мубодилаи байни онҳо то чӣ андоза самаранок ба роҳ монда мешавад, инчунин ҳаракати нақлиёт то чӣ андоза босуръат рушд меёбад, ки шароити шиддатнокии ин мубодиларо қонеъ менамояд.

Аз ин рӯ, инфрасохтори нақлиёти автомобилиро метавон ҳамчун системаи мақсадноки таъминоти коммуникатсионии объектҳои кластерҳои ҳудудӣ ва соҳавӣ, селаи моддию мусофирии онҳоро чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар долонҳои байналмилалии нақлиётӣ ба инобат гирифт.

Ин ба мо имкон медиҳад, ки инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун ҷой барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт, яъне ҳамчун бозори истеҳсоли инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, истифода бурдани он чун воситаи навсозӣ ва тағйир додани иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ гардад.

Муҳаққиқон қайд карданд, ки дар кишварҳои дар ҳоли гузариши иқтисодӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ дар бар мегирад, «сатҳи пасти эътимод байни агентҳои иқтисодӣ вуҷуд дорад ва дар баробари ин, эътимоди соҳибкорон ба давлат нисбатан заифтар аст. Умуман, ташаббусҳои кластерӣ дар кишварҳои давраи гузариш бо бадтарин созмон ҳам аз ҷиҳати инфрасохтор ва

[6] Бобоев К.О. Наземная инфраструктура транспорта- фундаментальная основа для структурной трансформации экономики [Текст] / К.О. Бобоев, А. Шарифов // Вестник ТГУК. – 2019. - №1(26). - С.33-42.

ҳам аз ҷиҳати нақшаи фаврӣ ва стратегии идоракунӣ тавсиф мешаванд. Илова бар ин, мақомоти давлатҳои дар ҳоли гузариши иқтисодӣ нисбат ба оғози равандҳои рушди кластер мавқеи пассивтареро ишғол мекунанд: сиёсати кластерӣ нисбат ба давлатҳои мутараққӣ (дар ин самт, кишварҳои дар ҳоли гузариши иқтисодӣ назар ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҳатто бадтар ба назар мерасанд) бештар аз 2 маротиба камтар гузаронида мешавад[7].

Бояд гуфт, ки дар доираи татбиқи вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 кластерҳоро метавон ба сифати модели нави рушди фазоии иқтисодиёт дар асоси оптимизатсия ва таъмин намудани рушди пуравҷи бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дида баромад.

Тадқиқи равандҳои ташаккули кластерҳои соҳавӣ, ҳудудӣ, ки аз ҷониби мо[8] аз мавқеи сохтани инфрасохтории нақлиётии майдонҳои инфрасохторӣ дар заминаи ҳудудӣ амалӣ карда мешавад, имкон дод, ки кластерҳои зерини байнисоҳавии ба ташаккул ва рушди минбаъда шурӯъ намоянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсири рушди омилҳои инфрасохтори нақлиёт муайян карда шаванд:

-истеҳсол ва коркарди ашёи хоми кишоварзӣ;

-сохтмон ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ;

-саноати маъдан, коркард, металлургия;

-бахши сӯзишворӣ ва энергетика;

-бахши курортӣ ва сайёҳӣ.

Рушди кластерҳои умумии қайдгардида дар асоси навсозии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоии мардум ва ҷомеаи мо таъсири назаррас мерасонад.

---

[7]Макаров Л.С. Теоретико-методологические основы кластерного подхода в экономике [Текст]: дисс.на соис.док.экон.наук / Л.С. Макаров. - Новосибирск, 2014. – С. 54.

[8] . Бобоев К.О., Шарифов А. Зубайдов С. Торетические основы структурной трансформации в национальной экономике [Текст] / К.О. Бобоев, А. Шарифов, С. Зубайдов // Вестник ТГУК. – 2018. - №3(24). - С.29-34.

Кластерҳои саноатии дарҷшуда аз ҳисоби афзоиши миқдорӣ ва сифатии истифодаи маҳсулоти инфрасохторӣ барои ҳамаи намудҳои нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфтаанд.

Маълумот аз таҳлили чандирии таъсири афзоиши сатҳи истифодаи маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт ба ҳаҷми истеҳсоли кластерҳои ҳудудию соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2021 хусусиятҳои кофӣ ва динамикии рушди кластерҳоро нишон медиҳад.

Бояд гуфт, ки дар давраи таҳлил барои ҳамаи кластерҳо баҳои мусбати чандирии гардиши бор ва мусофирон бо ҳаҷми истеҳсоли кластерҳо ба даст оварда шуд. Гузашта аз ин, чандирии гардиши мусофирон нисбат ба гардиши бор то андозае баландтар аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди кластерҳо ба афзоиши мутаҳаррикӣ ва шуғли аҳолӣ мусоидат кардааст. Ин махсусан дар соҳаҳои истихроҷ, саноат ва сӯзишворию энергетикии ҷумҳурӣ мушоҳида мешавад.

Тағйироти мусбӣ дар кластери курортӣ ва туристӣ қайд карда мешавад. Дар баробари ин, истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ҳам дар истеҳсолот ва ҳам дар таъмини шуғли аҳолӣ нокифоя инкишоф ёфт. Ҳаҷми истеҳсоли онҳо ва мутаносибан шуғли аҳолӣ дар ин соҳаҳо тамоюли манфии афзоиш дорад, яъне коэффитсиенти чандирии онҳо камтар аз як аст.

**Ҷадвали 1.4. - Коэффитсиентҳои баҳодиҳии чандирии таъсири сатҳи истифодаи инфрасохтори нақлиёт ба ҳаҷми истеҳсоли кластерҳои ҳудудию соҳавӣ***

| Кластерҳои ҳудудию соҳавӣ | Индекси тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолоти кластер[(2021/2011)х 100,%] | Чандирии таъсири гардиши бор ба ҳаҷми истеҳсоли кластер (141,6%) | Чандирии таъсири гардиши мусофирон ба ҳаҷми истеҳсоли кластер (86,6%) |
|---|---|---|---|
| **Истеҳсол ва коркарди ашёи хоми хоҷагии деҳот:** | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии деҳот | 147,3 | 1,04 | 1,70 |
| Маҳсулоти хӯрокворӣ | 290,3 | 2,07 | 3,35 |

**Идомаи ҷадвали 1.4**

| Кластерҳои ҳудудию соҳавӣ | Индекси тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолоти кластер[(2021/2011)x 100,%] | Чандирии таъсири гардиши бор ба ҳаҷми истеҳсоли кластер (141,6%) | Чандирии таъсири гардиши мусофирон ба ҳаҷми истеҳсоли кластер (86,6%) |
|---|---|---|---|
| Нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 203,0 | 1,43 | 2,34 |
| Пӯст ва маснуоти пӯстӣ | 568,8 | 4,02 | 6,57 |
| **Сохтмон ва саноати маводи сохтмонӣ** | 258,6 | 1,83 | 2,98 |
| **Саноати истихроҷи маъдан, коркард, металлургия:** | | | |
| Истихроҷи маъдан | 441,9 | 3,12 | 5,10 |
| Коркард | 361,0 | 2,55 | 4,17 |
| Коркарди чӯб | 443,6 | 3,13 | 5,12 |
| Коркарди металл ва мошинсозӣ | 535,5 | 3,78 | 9,65 |
| **Соҳаи сӯзишворию энергетикӣ:** | | | |
| Коркарди нафт | 322,2 | 2,28 | 3,72 |
| Таъмини энергия | 515,9 | 3,64 | 5,96 |
| **Нақлиётӣ-логистикӣ** | 151,6 | 1,07 | 1,75 |
| **Курортӣ-сайёҳӣ** | 123,3 | 0,78 | 1,42 |

***Сарчашма:** Муаллиф тартиб дода шудааст дар асоси: Маълумотҳои вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2011-2022.

Дар кластери нақлиётию логистикӣ ҳарчанд динамикаи мусбат вуҷуд надошта бошад ҳам, он аҳолиро бо ҷойҳои корӣ таъмин намуд, ки ин аз сатҳи нокифояи маҳсулнокии меҳнат дар ин кластерибарои иқтисодиёти кишвар муҳим шаҳодат медиҳад[9].

[9]Бобоев К.О., Шарифов А. Наземная инфраструктура транспорта - фундаментальная основа для структурной трансформации экономики [Текст] / К.О. Бобоев, А. Шарифов // Вестник ТГУК. – 2019. - №1(26). - С.33-42.

Илми иқтисодии муосир на фақат бо истилоҳоту мафҳумҳои нав пурра мегардад, балки ҳамчунин бояд пайваста аз рӯйи категорияҳои аз ҷумла эътирофшуда равшан ва асоснок карда шавад.

Аз ин хотир, инкишофи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таъсири калон ба трансформатисякунонии иқтисодиёти кишвар мегардад. Тавре маълумотҳои ҷадвалӣ 1.4. шаҳодат медиҳанд, дар натиҷаи рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ тағйиротҳои сохтории калоне ба вуҷуд омадаанд. Дар даҳ соли охир (солҳои 2011-2021) дар натиҷаи беҳтар шудани сифати инфрасохтори нақлиёти автомобилии кишвар, кашонидани борҳо бо вақти камтарин ва арзиши пастар таъмин карда шуданд.

Бояд гуфт, ки вақт ва нарх ду омиле мебошанд, ки нақши калидӣ дар кашонидани борҳо аз итиқолдиҳанда то ба истеъмолгари онҳо мебозанд. Махсусан, дар мавриди инкишофи ёфтани саноати истихроҷ ва коркард (коэффисиенти чандирии мувофиқ 3,12; 2,55), коркарди чӯбу метал (3,13;3,78), а также таъмини энергия (3,64), ки фаъолияташон ба содирот равонашуда мебошанд.

Тавре гуфта шуд, бо ба даст овардани соҳибситиқлолӣ дар назди Тоҷикистон масъалаи сохтмони системаи ягонаи инфрасохтори нақлиёти рӯйизаминӣ шабакаи роҳои автомобилгард ба миён омад, ки ҳамаи минтақаҳои кишвар тавассути он ба ҳам пайваст карда шаванд. Барои таъмини савдои беруна бояд диверсификатсияи хатҳои сайри беруна гузаронида мешуданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бояд нисбат ба соҳаҳои дигари иқтисод рушди бештар ва сифати баланд дошта бошанд, тотрансформатсияи сохтории иқтисоди кишвар ба амал бароварда шаванд. Ҳамон роҳҳои нақлиётӣ, ки вуҷуд доштанд, наметавонистанд “алоқамандии” минтақаҳои кишварро пурра таъмин созанд. Махсусан, алоқаи нақлиётии роҳи оҳан дар миёни минтақаҳои шимолӣ, марказӣ ва ҷанубии кишвар одатан тавассути Туркманистон ва Ӯзбакистон барқарор карда мешуданд. Аз ин хотир дар назди кишвар масъалаи ба формати дигар гузаронидани шабакаи нақлиётии кишвар, тавассути сохтмони роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳани нав ба вуҷуд

омад. Дар навбати худ коридорҳои байналмилалии нақлиётӣ аз ҳудуди Тоҷикистон мегузаранд ва онро бо кишварҳои Осиёи Миёна, Россия, Чин ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ аз қабили Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Эрон ва Трукия пайваст мекунанд.

Татбиқи босуръати як қатор соиҳаҳо ҷавоб би ин таҳдидҳо гардиданд. Алакай дар ибтидои ба даст овардани истиқлоияти давлатӣ сохтмони роҳҳои нави нақлиётӣ шурӯъ гардид. Роҳи оҳани Бохтар – Ёвон – Данғара - Кулоб; Ваҳдат – Ёвон сохта ба истифода дода шуданд, ки имконияти алоқаи нақлиёти роҳи оҳанро дар миёни минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон ба вуҷуд овარданд. Таҷдиди роҳҳои авомобилгарди Душанбе – Ваҳдат – Ляхш - сарҳ. Кирғизстон; Душанбе – Чанок; Айнӣ – Панҷакент; Душанбе – Турсунзода - сарҳ. Ӯзбакистон; Душанбе - Кулоб - КалиХум – Хоруғ – Мурғоб - сарҳ. Чин ; Душанбе – Бохтар – Панҷи Поён – сарҳ. Афғонистон каркаси нақлиёти кишварро тағйир доданд, имконияти беҳтари баромади кишварҳои Осиёи марказӣ ба бандарҳои Покистон ва Эрон фароҳам сохтанд. Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди коридорҳои нақлиёти автомобилии байналмилалӣ иштироки фаъол дорад. Дар оянда аҳамияти марказҳои интермодалии логистикии Панҷи Поён, Ваҳдат ва Хуҷанд ба сифати гиреҳи трансконтиненталии нақлиётӣ, ки бо роҳи кӯтоҳтарин пайвастшавии кишварҳои Осиёи Марказиро бо Осиёи Ҷанубӣ баланд мешаванд.

Бояд гуфт, ки лоиҳаҳои таҷдид ва инкишофи шабакаи заминавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз як қисми коридори трансконтиненталии нақлиётӣ аз Чин ба кишварҳои Аврупо, тавассути Тоҷикистон мебошад.

Пешбурди сиёсати фаъоли рушди коридорҳои нақлиётӣ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ схемаи хатсайрҳои байналмилалӣ барои содирот ва воридоти молҳо ба таври назаррас васеъ гардонида шуданд. Дар натиҷа дар даҳ соли охир (2011 -2021) гардиши савдои хориҷӣ аз 4463,3 то ба 4557,9 млн.доллари ИМА афзоиш ёфтаанд. Содирот тамойили зиёдшавӣ ва воридот тамойили камшавӣ ба худ гирифтаанд.

Дар умум дар давраи гузариши Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ, як қатор лоиҳаҳо дар инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан дар дохили кишвар ба анҷом расонида шуданд, имконияти фароҳам соҳтани системаи ягонаи нақлиётӣ, ки тамоми минтақаҳои кишварро пайваст мекунанд ва шароит барои рушди фазои тавозунноки инкишофи ҷомеа муҳайё сохтанд. Ҳамзамон Тоҷикистон дар татбиқи якчанд лоиҳаҳои сохтмони коридорҳои нақлиётии байналмилалӣ иштроки бевосита дошатанд, ки онҳо диверсификатсияи хатсайрҳои байналмилалиро барои савдои берун таъмин намуданд. Табдилёбии сохторӣ дар бахши нақлиёт барои ба вуҷуд омадани ҳамлу нақли борҳо тавассути автомобилҳои хусусиро ба вуҷуд оварданд, ки дар ҳаҷми умумии боркашонӣ ҳиссаи бештареро касб мекунанд.

Бояд гуфт, ки инфрасохтори нақлиётӣ омили асосии табдилёбии сохтории иқтисоди кишвар мебошанд. Дар мавриди нигоҳ доштани суръати мавҷудаи рушд (7-9%) ҳаҷми умумии гардиши борҳо дар давраи то соли 2030 тахминан то ба 9-10 % афзоиш меёбад, яъне аз 7800,8 млн.ткм дар соли 2020 то ба14431,5 млн.ткм дар соли 2030 ё ба андоҳаи 1,8 -2,0 маротиба зиёд мешавад.

Раванди табдилёбии сохтории иқтисодиёти кишвар таҷдиди куллии системаи кашонидани борҳо ва мусофиронро, яъне инфрасохтори нақлиёти автомобилии кишварро тақозо менамояд.

Чунин гузориши савол имкон медиҳад, ки ба мафҳумҳои «инфрасохтори нақлиёт», «инфрасохтори нақлиётӣ» ва «инфрасохтори нақлиёт» аз ҷиҳати методӣ дуруст назар андохта шаванд.

Ба наздикӣ пайдо шудани назарияи ташкил, назарияи логистика, назарияи кластерҳо, назарияи бозорҳои соҳавӣ ва ҳудудӣ ба мо имкон доданд, ки ба проблемаҳои муносибати байни истеҳсолот ва соҳаҳои иқтисодиёти ба он хизматрасонанда аз нав таваҷҷуҳ намоем. Бо рушди ин назарияҳо инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳамчун воситаи танзим ва навсозии ҳудудии иқтисодиёт баррасӣ шуд.

Бо рушди иқтисодиёт ва илмҳои иқтисодӣ доираи соҳаҳои инфрасохтор тағйир меёбад. Ва ин натиҷаи пешрафти илму техника мебошад.Аз ин рӯ,

номгӯйи соҳаҳои саноат ва объектҳои инфрасохторӣ низ тағйир меёбад, онро бетағйир мондан мумкин нест, барои тамоми марҳилаҳои рушди иқтисодии кишварҳо ба таври қатъӣ танзим карда мешавад. Аз ин рӯ, дар адабиёти иқтисодӣ тадқиқоти зиёде ба ин ё он тарз марбут ба мафҳуми инфрасохтор мавҷуданд, ки имкон доданд, то таҳаввулоти тафсири мазмуни мафҳуми «инфрасохтори нақлиёт» дар доираи мафҳумҳои нави муқарраршуда ва пайдошаванда барои истинод ба равандҳои муайяни ин ё он тарз бо назардошти омили нақлиётӣ ба низом даровардашуда ва дар ҷадвали 1.5. овардашуда пайгирӣ шаванд.

Гурӯҳи якуми коркарди назариявӣ нақлиётро ҳамчун инфрасохтори хоҷагии халқ, аз ҷумла иқтисодиёти минтақавӣ дида, ба он нақши омили ташаккули имтиёзҳои фазоӣ дар хоҷагии халқ ва субъектҳои алоҳидаи ҳудудӣ, тақсимоти қувваҳои истеҳсолкунанда, рушди маҳали деҳот, ташаккули системаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, афзун гардондани бартарии рақобати ҳудудҳо ва робитаҳои нақлиётию иқтисодии тамоми иқтисодиётро медиҳад.

Дар ин тадқиқот инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ аслан ҳамчун синоними системаи нақлиётӣ муаррифӣ шудааст, яъне шарти ҳалли масъалаҳои макроиқтисодии ташаккули тавозуни нақлиётию иқтисодии минтақаҳо ва тамоми кишвар ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 1.5. – Эволютсияи мафҳуми инфрасохтори нақлиётӣ дар таҳаввулоти назариявии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ***

| Нақлиёт дар системаи муносибатҳои минтақавӣ, ҳудудӣ ва соҳавӣ | Сарчашмаҳои адабиётӣ |
|---|---|
| 1. Нақлиёт ҳамчун инфрасохтори иқтисоди минтақа | 9,58, 64, 67, 71, 111,140,172,173, 189, 274, 279, 305, 307, 364, 366 |
| 2.Нақлиёт ҳамчун инфрасохтори соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёт ва системаҳои ҳудудӣ | 43, 53, 84, 131, 132, 135, 137, 138, 150, 168, 169, 170, 200, 204, 214, 230, 258, 319, 320, 327, 385 |

Идомаи ҷадвали 1.5.

| | |
|---|---|
| 2. Нақлиёт ҳамчун инфрасохтори истеҳсолии иқтисодиёт | 60, 82, 102, 161, 291 |
| 4. Системаҳои нақлиётӣ ҳамчун инфрасохтори рушди иҷтимоию иқтисодӣ | 32, 37, 82, 108, 123, 146, 152, 160, 166, 188, 192, 203, 207,210, 256, 270, 271, 273, 311, 318 |
| 5. Системаи интиқол ҳамчун инфрасохтори робитаҳои байниминтақавӣ ва байналмилалии иқтисодӣ | 86, 143, 162, 229, 235, 271, 285 |
| 6. Инфрасохтори нақлиёт асоси ташаккул ва идоракунии системаи логистикӣ | 29, 36, 103, 105, 127, 142, 144, 190, 196, 224, 233 |
| 7. Инфрасохтори нақлиёт асоси ташаккули сиёсати нақлиётӣ | 155,177, 207, 219, 221, 227, 241, 251, 292 |
| 8. Инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун:<br>-неъмати ҷамъиятӣ;<br>-сармояи ҷамъиятӣ;<br>-монополияи табиӣ;<br>-фазои ҳаракат | 133,154, 158, 159, 163, 171, 175, 185, 193, 195, 206, 217, 226, 252, 296, 304, 308, 310, 361, 365, 381, 395 |
| 9. Инфрасохтори нақлиёт ҳамчун омили рақобатпазирии хизматрасонии нақлиётӣ | 8, 11, 14, 30, 109, 249, 250 |
| 10. Идоракунии робитаҳои нақлиётию иқтисодии соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ва минтақаҳои он | 104,107, 110, 114, 115, 116, 129, 141, 212, 240, 268 |
| 11. Инфрасохтори нақлиёт асоси ташаккули хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои иқтисодии соҳибкорӣ | 15, 19, 52, 101, 134, 145, 156, 157, 325 |
| 12. Асосҳои ташкилию иқтисодии ташаккул ва рушди хизматрасонии инфрасохтори нақлиёт | 46, 68, 125, 126, 164, 201, 202, 213, 216, 356 |
| 13. Методологияи тадқиқоти инфрасохтори нақлиёт | 38, 54, 88, 121, 179, 199, 205, 225, 231, 236, 253, 391 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои истифодашуда

Гурӯҳи дуюми тадқиқот инфрасохтори нақлиётро ҳамчун инфрасохтори соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёт ва системаҳои ҳудудӣ баррасӣ менамояд.

Нақлиёт ҳамчун инфрасохтор барои соҳаҳои саноат характери рушд ва ҷойгиршавии корхонаҳои соҳаҳои алоҳидаи саноатро дар системаҳои ҳудудӣ пешакӣ муайян мекунад.Он манзараи кишоварзии ҳудудҳо, хусусияти ҷойгиршавии корхонаҳои коркарди маҳсулоти бахши кишоварзии иқтисодиёт, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти онҳо ва афзоиши арзиши иловагии бахшҳои хоҷагии деҳот ва бахши агросаноатии кишварро муайян менамояд.

Дар доираи корҳои пешниҳодшуда масъалаҳои хизматрасонии нақлиётӣ ба фаъолияти тиҷоратӣ, такмили сохтори ҳудудию соҳавии саноат, рушди ҳамгироии байниминтақавӣ ва байналмилалӣ, типикунонӣ ва кластеризатсияи объектҳои истеҳсолии саноатӣ ва кишоварзӣ, азхудкунии захираҳои табиӣ ва рекреатсионии ҳудудҳо омӯхта мешаванд. Омили нақлиётӣ дар хизматрасонии нақлиётии аҳолӣ дар субъектҳои ҳудудӣ, таъмини нақлиётии фаъолияти иқтисодии хориҷии ширкатҳо, омили ташаккул ва таҳаввули сохтори аҳолӣ ва банақшагирии ҳудудҳо ба назар гирифта мешавад.

Дар ин тадқиқот омили нақлиётӣ ҳамчун асоси ташкили фазоии системаҳои иҷтимоию иқтисодии ҳудудӣ, таъмини кам кардани таъсири зараровар ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ баррасӣ шудааст. Умуман, дар ин гурӯҳи тадқиқот нақлиёт ҳамчун омиле баррасӣ шудааст, ки дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии минтақаҳо ва умуман кишвар бартариҳо ба вуҷуд меорад.

Гурӯҳи сеюми тадқиқот дар баробари энергетика ва обтаъминкунӣ ва алоқа нақлиётро яке аз инфрасохтори гуногуннамуди саноатии иқтисодиёт мешуморад. Ин тадқиқот бештар хусусияти ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҷуғрофии рушди инфрасохтори ҳудудҳо ва умуман иқтисодиётро инъикос менамоянд. Онҳо ба масъалаҳои муайян кардани моҳият, ташаккул ва рушд, арзишҳои нақши худи инфрасохтор дар маҷмӯъ, назарияҳои ҷуғрофӣ, масъалаҳои назария, методология ва ҷанбаҳои амалии ташкили инфрасохтори муосири

иқтисодиёт дахл менамоянд. Масъалаҳои амалисозӣ ва рушди инфрасохтори кишварҳо, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таъмини рушди инфрасохтори истеҳсолоти кишоварзӣ баррасӣ мешаванд.

Гурӯҳи чоруми тадқиқот ба баррасии системаҳои нақлиётӣҳамчун инфрасохтори рушди иҷтимоию иқтисодии иқтисодиёт бахшида шудааст. Масъалаҳои модернизатсияи модели нақлиётӣ-коммуникатсионӣ дар кишвар, ташаккули меъмории системаҳои нақлиётӣ, нақши системаи нақлиёт дар ташаккули кластерҳо дар бахши воқеии иқтисодиёти кишвар, масъалаҳои ташаккули сохтори дарозмуддати стратегияи муҳлати рушди маҷмӯи нақлиёт ва ташаккули бозори нақлиётӣ, муайян намудани хосиятҳои системавии системаҳои нақлиётии минтақавӣ, ҳамгироӣ ба системаи ҷаҳонии нақлиётӣ баррасӣ шудаанд. Мақом ва нақши ҳар як намуди алоҳидаи нақлиёт дар системаи ягонаи нақлиётии кишвар, ташаккули кластери нақлиётӣ, системаи нақлиёти шаҳру ноҳияҳо тадқиқ мешавад. Ташаккули системаи муосири нақлиёт, инчунин проблемаҳои рушди комплекси намудҳои нақлиёт низ тадқиқ мегардад.

Гурӯҳи панҷуми корҳо ба омӯзиши ташаккули системаи интиқолҳамчун инфрасохторировитаҳои иқтисодии байниминтақавӣ ва байналмилалӣ дахл дорад. Дар доираи ин корҳо масъалаҳои интиқоли бор, интиқоли борҳои савдои беруна, экспедиторӣ, амалиёти гумрукӣ ва транзити интиқоли байналмилалӣ, ташкили хизматрасонии интиқол ва таъмини бехатарии интиқол вобаста ба сифати таркиби ҳаракаткунанда ва инфрасохтори нақлиёт, мувофиқи талаботи СУС оварданиҳолати системаи интиқол омӯхта мешавад. Ба масъалаҳои муайян кардани сарҳади оқилонаи истифодаи самараноки намудҳои нақлиёт дар доираи фазои ягонаи иқтисодии нақлиёт диққати махсус дода мешавад.

Гурӯҳи нави мустақили тадқиқот аз асарҳое иборат аст, ки ба нақш ва ахамияти инфрасохтори нақлиёт дар ташаккул ва рушди системаҳои логистикӣ (идоракунии анбуҳи мавод) бахшида шудаанд. Ба таъсири инфрасохтори нақлиётӣ дар ташаккули занҷири муттаҳидаи таъминот, тадқиқоти бозор ва ташаккули системаи логистикии иқтисодиёт (маркетологистика) аҳамияти

махсус дода мешавад. Дар ин корҳо масъалаҳои аутсорсинг (ташаккули инфрасохтори нарм), логистика ва хизматрасонии инфрасохторӣ ҳамчун омили рушди устувори инфрасохтори нақлиётии минтақаҳо ва дар маҷмӯъ кишвар ба таври алоҳида тадқиқ мешаванд. Аҳамияти инфрасохтори нақлиётӣ дар таҳаввулоти худи консепсияи логистика, таъмини хизматрасониҳои логистикӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ низ тадқиқ мешавад.

Гурӯҳи шашуми корҳо инфрасохтори нақлиётро асоси ташаккули сиёсати давлатии нақлиётӣ мешуморад. Инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун асоси консептуалӣ ва масъалаҳои консептуалии илмии сиёсати давлатии нақлиёт ба ҳисоб меравад. Инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун омили дискриминатсияи аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки ба рушди устувори минтақаҳо (ташаккули сиёсати минтақавии нақлиёт) монеъ мешавад. Дар он ҳамчунин аҳамияти макроиқтисодии инфрасохтори нақлиётӣ, ислоҳоти сохтории намудҳои нақлиёт, мутобиқ кардани инфрасохтори нақлиётӣ ба талаботи конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ баррасӣ мешавад. Масъалаҳои муайян намудани принсипҳои асосӣ ва самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиётӣ (ташаккули стратегияи нақлиёт ва идоракунии стратегии нақлиёт), инчунин ташаккули заминаи консептуалии сиёсати нақлиётӣ ва инфрасохтории давлат омӯхта мешавад.

Гурӯҳи ҳафтуми асарҳо моҳият, мазмун ва унсурҳои таркибии инфрасохтори нақлиёт; хусусиятҳои азнавсозии онҳо; баҳодиҳии маҷмӯавии таъсири инфрасохтори нақлиёт ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, инчунин самаранокии субъектҳои минтақавӣ ва ҳудудӣ ва муайян кардани нақши инфрасохтори нақлиётӣ дар додани афзалияти рақобатӣ ба ҳудудҳоро ба назар мегирад. Тадқиқоти алоҳида аз ин гурӯҳ ба муайян кардани нақш ва аҳамияти инфрасохтори нақлиёт дар навсозии иқтисодиёт ва соҳаҳои алоҳидаи саноат ва кишоварзӣ; таъсири инфрасохтори нақлиётӣ ба нақшаҳои кӯчонидани аҳолӣ; равишҳои инноватсионии ташаккули стратегияи банақшагирии инфрасохтори нақлиётӣ ва муносибгардонии шабакаҳои нақлиётӣ; мавқеъ ва

нақши кишвар дар рушди инфрасохтори нақлиётии зерминтақаҳо, морфологияи таҳаввулотии шабакаҳои нақлиётӣ нигаронида шудаанд.

Умуман, дар ин гурӯҳи корҳо инфрасохтори нақлиётӣ (дар омезиши гуногун) чун неъмати ҷамъиятӣ, сармояи ҷамъиятӣ, монополияи табиӣ ва фазои ҳаракат ба назар гирифта мешаванд.

Гурӯҳи ҳаштуми корҳо масъалаҳои таъсири инфрасохтори нақлиётиро ба баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасониҳои нақлиётӣ, аз ҷумла тавассути созишномаҳои институтсионалӣ ва ислоҳоти монополияҳои табиӣ, инчунин таъсири инфрасохтори нақлиёт ба баҳодиҳии параметрҳои истифодабарии воситаҳои нақлиёт баррасӣ мекунанд. Нақши инфрасохтори нақлиётӣ дар ташаккул ва тадқиқ (маркетинг)-и бозори нақлиётӣ, таҳияи стратегияи рақобатии ширкатҳо, ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ баррасӣ шудааст.

Гурӯҳи навбатии корҳо инфрасохторро дар шароити идоракунии комплекси ҳудудии хоҷагии халқ дида мебарояд, ки дар он масъалаҳои идоракунии вазъият ва таҳлили системавии равандҳои иқтисодӣ дар нақлиёт, моделсозии иқтисодию математикӣ ва ҳалли масъалаҳои нақлиётии хоҷагии халқ, тадқиқи проблемаҳои иқтисодии идоракунии стратегӣ ва қабули қарорҳо дар системаи нақлиётӣ, масъалаҳои автоматикунонии системаҳои ҳисоби нақшавӣ ва автоматонидаи идоракунии анбуҳи нақлиёт дар инфрасохтори нақлиётии системаҳои ҳудудӣ тадқиқ мешаванд. Дар корҳои ин гурӯҳ инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун омили муносибгардонии равобити нақлиётию иқтисодии бахшҳои иқтисодӣ ва ташаккули тавозуни нақлиётӣ-иқтисодии минтақаҳо ва дар маҷмӯъ кишвар баррасӣ шудааст.

Гурӯҳи нуҳуми тадқиқот ба проблемаҳои иқтисодии таъсири инфрасохтори нақлиёт ба рушди иқтисодиёт, аз қабили инфрасохтори нақлиёт дар муносибгардонии хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ бахшида шудааст. Ҳамоҳангсозии хароҷот ва натиҷа (нарх)-ҳо дар системаи интиқол, арзиши интиқол ва принсипҳои сохтани тарифҳои нақлиётӣ, тартиб додани ҳисобҳо барои беҳтар истифода бурдани

захираҳои иқтисодии кишвар, аҳамияти инфрасохтори нақлиёт дар баланд бардоштани маҳсулнокии ҳамчун заминаи бунёдии самаранокии иқтисодии татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаҳоихоҷагии халқи кишвар, масъалаҳои сарфаи захираҳо дар нақлиёт, коҳиш додани хатари номуайянӣ ва афзоиши фоидаи корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт баррасӣ мегарданд.

Аммо, дар ин тадқиқот системаи нақлиётӣ, инфрасохтори нақлиёт ва баъзан инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун синонимҳо баррасӣ карда мешаванд.

Гурӯҳи даҳум тадқиқоти махсусе мебошанд, ки ба омӯзиши асосҳои ташкилию иқтисодӣ ва механизмхои ташаккул ва инкишофи инфрасохтори нақлиёт ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ, сармояи ҷамъиятӣ, ки моликияти миллии давлатианд, бахшида шудааст.

Моҳияти монополии инфрасохтори нақлиёт бахши хусусиро барои ворид шудан ба ин самти фаъолияти давлат мушкил мегардонад. Азбаски инфрасохтори нақлиётӣ асоси муносибгардонии тақсимоти захираҳо дар иқтисодиёт аст, мавҷуд набудани системаи нархгузории бозории хизматрасонии инфрасохтори нақлиётӣ имкон намедиҳад, ки нақшаи оптималии тақсимоти захираҳои маҳдуди иқтисодиёт ба даст оварда шавад. Аз ин рӯ, дар ин тадқиқот масъалаҳои ҷалби бахши хусусӣ ва ҳавасмандгардонии ташаббуси хусусӣ дар бунёд, амалисозӣ ва рушди инфрасохтори нақлиёт ҳал карда мешаванд.

Воқеан, масъалаҳои баҳодиҳии дараҷаи таъсири инфрасохтори нақлиётӣ (лоиҳаҳои сармоягузорӣ) ба кори истифодабарии нақлиёт, инчунин истифодаи механизмҳои инноватсионии ташкилию иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар асоси намудҳои гуногуни шартномаҳои шарикии байни давлат ва бахши хусусӣ мавриди тадқиқ қарор доранд.

Дар асоси таҳлили пурмазмуни таҷрибаи хориҷӣ ва истифодаи принсипҳои сисмавӣ, кластерӣ ва логистикӣ хусусияти асосии мафҳуми «инфрасохтори нақлиёт» мураттаб шудааст.

Бояд гуфт, ки татбиқи муқаррароти назариявии дар боло зикршуда ва таҷрибаи амалии чорабиниҳои давлатҳои хориҷӣ идоракунии оқилонаи рушди инфрасохтори нақлиётро дар минтақаҳо таъмин карда, инчунин ба беҳбуди иҷтимоию иқтисодии тамоми инфрасохтори минтақавӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, равшан кардани тавсифи асосии мафҳуми «инфрасохтори нақлиёт» як лаҳзаи муҳими методологии тадқиқи ташкил ва идоракунии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт мебошад.

Дар луғати энсиклопедии истилоҳоти ҷуғрофӣ инфрасохтор ҳамчун «маҷмӯи иншоот, биноҳо, системаҳо ва хадамот, ки барои амалишавии раванди истеҳсолоти моддӣ ва таъминоти ҳаёти ҳаррӯзаи аҳолӣ заруранд»[10] маънидод шудааст.

И.Ф. Чернявский чунин мешуморад, ки «мафҳуми инфрасохтор асосан аз номбар кардани элементҳое бармеояд, ки ба ақидаи муаллиф, ба доираи он дохил мешаванд»[11]. Бартарии ин равиш содда ва дастрас будани он аст. Аммо танҳо номбар кардани соҳаҳо ва иншооти ба инфрасохтор дохилшуда кофӣ нахоҳад буд.

Муҳим он аст, ки на танҳо маҷмӯи оддии қисмҳои таркибии он, балки маҷмӯи шартии онҳо низ мебошад, ки инфраструктураро ҳамчун элементи қувваҳои истеҳсолкунанда тавсиф менамояд. Дар баробари ин, дар вақти муайян кардани мафҳуми ин категория ба назар гирифтани тамоми комплекси хусусиятҳое, ки ба он хосанд, хеле муҳим аст.

В. Жамин инфрасохторро ҳамчун «элементи интегралии қувваҳои истеҳсолкунанда, аз ҷумла соҳаҳои ёрирасону иловагии истеҳсолот, намудҳои истеҳсолот ё фаъолияте, ки бевосита ба истеҳсолоти асосӣ (инфрасохтори истеҳсолӣ) хизмат мерасонанд, инчунин чунин соҳаҳои зерсохтори

[10] Географический энциклопедический словарь [Текст]: словарь. - М.: «Советская энциклопедия», 1988. - С.76

[11] Чернявский И.Ф. Инфраструктура сельскохозяйственного производства. Вопросы теории и практики [Текст] / И.Ф. Чернявский. - М.: Экономика, 1979. - С. 39.

ғайриистеҳсолӣ мебошад, ки бавосита бо равандҳои истеҳсолӣ (инфрасохтори иҷтимоӣ) алоқаманданд»[12] муайян менамояд.

Инфрасохтор аз рӯйи вазифаи умумии иқтисодии худ ҳамчун зерсистемаи таҷдиди иҷтимоӣ амал менамояд, ки шароити умумии амалишавии иқтисодиёт ва ҳаёти одамонро муайян мекунад.

Норавшанӣ ва номуайянии мафҳуми «инфрасохтор» бо он шарҳ дода мешавад, ки аломатҳои равшани мансубияти баъзе соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ба он асоснок карда нашудаанд.

Масъалаи ба қатори объектҳои инфрасохторӣ чиро дохил кардан лозим аст, баҳсталаб боқӣ мемонад. Муқаддима ба соҳаи инфрасохтори соҳаҳои мухталиф ва ҷузъҳои онҳо боиси тафсири гуногуни ин мафҳум мегардад.

Бояд гуфт, ки критерияи асосии ҷудо кардани инфрасохтор аз системаи хоҷагии халқ шакли фаъолияти меҳнатӣ, самараи судбахши он – хизматрасонӣ мебошад. Бо ин розӣ шудан душвор аст, гарчанде ки чунин тасмим дар ҷудо кардани элементҳо ва системаҳои инфрасохтори нақлиёт дар амалияи тадқиқотӣ чандон осон нест.

Таҳлили танқидии таърифи инфрасохторро умуман В.П. Доронов [13] медиҳад, ки таклиф менамояд «фарқ кардани инфрасохтор, кори инфрасохтор, яъне фаъолият оид ба ташкил ва таъмири он ва раванди истифодаи инфрасохтор» бошад ва дар бораи принсипи сохтани бисёрмарҳилаи системаҳои мафҳуми байнисоҳавии ин истилоҳ сухан меравад. Ӯ ба назар мегирад, ки инфрасохторро метавон чунин муайян кард:

1) соҳаи махсуси татбиқи меҳнат;

2) маҷмӯи соҳаҳои муайян;

3) маҷмӯи объектҳои моддӣ.

Бояд гуфт, ки барои географҳо инфрасохтор яке аз омилҳои рушди ҳудудӣ, ҷойгиршавӣ ва амалисозии истеҳсолот, ташкили ҳудудииҷамъият

---

[12] Жамин В. Инфраструктура при социализме [Текст] / В. Жамин // Вопросы экономики. - 1977. - № 2. - С. 14-34.

[13] Доронов В.П. Инфраструктура и территории России: географические аспекты теории и российской практики [Текст] / В.П. Доронов. - М.: Изд-во МПГУ, 1998. - С.72

мебошад. Дар ин ҳолат, диққати асосӣ ба элементҳои моддию техникӣ, хизматрасонӣ, ки ба як қаламрави муайян вобастаанд – роҳҳо, хатти барқ, шабакаҳои муҳандисӣ ва ғайра дода мешавад. Дар баробари ин, инфрасохтор ба махсусгардонии ҳудуд, намуди зоҳирӣ ва шароити зиндагӣ фаъолона таъсир мерасонад.

Ҳамин тариқ, профессор Р.К. Раҷабов бар ин назар аст, ки «инфрасохтори нақлиётӣ зерсистемаи иқтисоди бозорӣ буда, элементи зарурӣ ва ҳатмии амалисозии муътадили он мебошад. Он ҷузъи таркибии тамоми инфрасохтори бозор аст, ки бидуни он на танҳо фаъолияти муътадили соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ имконнопазир аст, балки ташаккул ва рушди бозорҳои гуногун, ки бевосита ба дараҷаи рушд ва таъминоти инфрасохтори нақлиётӣ вобаста аст.

Инфрасохтори нақлиётии кишвар тамоми системаи нақлиётӣ, нақлиёти саноатӣ, кишоварзӣ, шаҳрӣ ва маҳаллӣ (автомобилӣ) бо тамоми қисмҳо ва пайвандҳои онҳо, инчунин тамоми қисмҳои дигари хизматрасонии инфрасохтори хоҷагии халқро, ки дар соҳаи интиқоли маҳсулот ва молҳо аз дастраскунандагон ба истеъмолкунандагон кор мекунанд, дар бар мегирад»[14].

Дар ин ҷо инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи инфрасохтори бозор амал карда, тамоми системаи нақлиётиро дар бар мегирад. Дар баробари ин, мафҳуми системаи нақлиётӣ нисбат ба инфрасохтори нақлиётӣ васеътар аст. Системаи нақлиётӣ тамоми намудҳои нақлиёт ва инфрасохтори нақлиётии онҳоро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, системаи нақлиётӣ инфрасохтори нақлиётӣ, корхонаҳои нақлиётӣ, воситаҳои нақлиёт ва дар маҷмӯъ идоракунӣ мебошад. Дар доираи равиши сеюм инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун як намуди сармояи инфрасохтори минтақавӣ фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, Голская Ю.Н. зери мафҳуми инфрасохтори нақлиётӣ маънои сармояи инфрасохтори нақлиётии минтақавиро мефаҳмад, яъне

[14] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: автореф. докт. дисс. на соиск. уч. степ.докт. экон. наук. по специальности 08.00.04. / Р.К. Раджабов. - Душанбе, 2000. - С.32.

«намуди муайяни сармоя, ки характери хоси ҷамъиятӣ дорад ва қобилияти инфрасохтори нақлиётӣ ба минтақа на аз ҷиҳати иқтисодӣ, балки аз ҷиҳати иҷтимоию маданӣ ва шарти самараи синергетикии аз тақсими он ифода ёфта, манфиат меорад»[15].

[15] Гольская Ю.Н. Оценка влияния транспортной инфраструктуры на социально – экономическое развитие региона [Текст]: автореферат дисс. на соиск. кандид. эконом.наук по специальности 08.00.05. / Ю.Н. Гольская. - Екатеринбург, 2013. – С.15

# БОБИ 2. МЕТОДОЛОГИЯ ВА МЕТОДИКАИ БАҲОДИҲИИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ

## 2.1. Равишҳои методологии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар Тоҷикистон

Бо назардошти он ки равиши функсионалӣ дар таърифи мафҳуми «инфрасохтори нақлиёт» нуктаи муҳиме мебошад, қайд мекунем, ки дар масъалаҳои муайянкунии функсионалии инфрасохтори нақлиёт таърифҳои нокифоя асоснокшудаи вазифаи инфрасохтори нақлиёт мавҷуданд. Хусусияти мутамаркази функсионалии мафҳуми инфрасохтори нақлиёт вуҷуд надорад. Набудани муносибати ягона ба ташаккули элементҳои таркибӣ, ки мафҳуми инфрасохтори нақлиётро ташкил медиҳанд, аз ин ҷост. Масалан, баъзе аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки инфрасохтори нақлиётӣ маҷмӯи ҳамаи намудҳои нақлиёт ва сохтори нақлиёт аст, ки фаъолияти онҳо ба муҳайё намудани шароити мусоид бароитаъмини иҷрои саривақтиюбемамониати раванди боркашонӣ нигаронида шудааст[16]. Дар ин ҷо инфрасохтори нақлиётӣ инфрасохтори нақлиёт, объектҳои хизматрасонии мусофирон, объектҳои коркарди бор, анборҳои ҳифзу нигоҳдории доимӣ ва муваққатии борҳо ва хизматрасонии техникии воситаҳои нақлиётро дар бар мегирад.

Бояд гуфт, ки таърифҳои инфрасохтор дар нақлиёти роҳи оҳан пурмазмунтаринанд.

Инак, дар оинномаи роҳҳои оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шудааст, ки инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳани истифодаи умум (коммуникатсия, шабакаҳои нақлиёти роҳи оҳан) маҷмӯи амволи ғайриманқул, маҷмӯи звеноҳои ташкилию алоҳида, аз ҷумла, хатҳои стансиявӣ ва магистралии роҳи оҳан, стансияҳои роҳи оҳан, иншооти сунъӣ (системаҳои

---

[16] Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: автореф. докт. дисс. на соиск. уч. степ.докт. экон. наук. по специальности 08.00.05. / Ю.Н. Гольская. - Душанбе, 2000. - С.20.

таъминоти барқ, сигнализатсия, алоқа, марказонидан, блокировка), идоракунии диспетчерии ҳаракат, корхонаҳои таъмиру барқароркунанда (депои вагону локомотивҳо), анборҳо барои ҳифзу нигоҳдорӣ ва дигар объектҳои нақлиёти роҳи оҳан, ки барои таъмини раванди интиқол заруранд, мебошанд[17].

Мазмуни дигари иқтисодию ҳуқуқии ин мафҳумро О.А. Григорьева медиҳад. Вай қайд менамояд, ки инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан ҳамчун маҷмӯи технологии субъектҳои монополияи табииро истифодабаранда системаи истеҳсолӣ мебошад ва сохтори шабакавӣ дорад. Ин объекти мураккаби ҳуқуқи шаҳрвандӣ тақсим ва истеъмолнашаванда мебошад. Ин комплекси технологӣ бо қитъаи замин алоқаи мустаҳкам дошта, ивазнашаванда аст[18].С.А. Степанов моликиятро чун ашё ва ҳамчун предмети олами моддӣ, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои моликият мефаҳмад. Ӯ таъкид мекунад, ки моликият мафҳуми тавоно ва гуногунҷабҳа буда, тафсири сермантиқии норавшан дорад. Дар баробари ин А.С. Яковлев моликиятро хамчун чизе мешуморад, ки ба касе соҳиб шуда метавонад[19].

Муносибати Айдарова Н.А., ки се сатҳро дар мафҳуми инфрасохтор фарқ мекунад – шабакаҳои воқеии инфрасохтор; амалиёт – фаъолият дар шабакаи истифодабарӣ ё дигар инфрасохтор; бозорҳои инфрасохторӣ вобаста ба қобилияти гузарониши шабакаҳо, мароқи махсус дорад[20].

Ба андешаи мо, мафҳуми инфрасохтор дар қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҳама пурмазмун ва устувор дода шудааст. Дар ин ҷо зери мафҳуми инфрасохтор шабакаи магистралии роҳи оҳан фаҳмида мешавад[21].

---

[17] Устав железнодорожного транспорта Республики Таджикистан. – С.43.

[18] Григорьева О.А. Правовое регулирование естественных монополий [Текст]: автореф. канд. юрид. наук / О.А. Григорьева. - Екатеринбург, 2003. - С.7, 22-23.

[19] Яковлев А.С. Имущественные права как объекты гражданских правоотношений. Теория и практика [Текст] / А.С. Яковлев. - М.: Ось89, 2005. - С.31.

[20]Айдарова Н.А. Государственное регулирование естественных монополий в условиях трансформации Российской экономики [Текст]: автореф.канд. юрид. наук / Н.А. Айдарова. - Челябинск, 2000. - С.13.

[21] Закон Республики Казахстван от 08.12.2001 № 26611 «О железнодорожном транспорте» // Справочная правовая система Юрист.

Хусусияти асосии инфрасохтори нақлиётӣ ба таври нокифоя асоснокшуда ба он вазифаҳо ва масъалаҳои ғайриоддиро мегузорад. Аз ин лиҳоз, таърифи инфрасохтори нақлиёт, ки аз ҷониби О. Бобоев мураттаб шудааст, таваҷҷуҳи хоси илмӣ ва амалӣ дорад. «Инфрасохтори нақлиёт фазо барои ҳаракат (барои воситаҳои нақлиёт) фароҳам меорад ва як қитъаи муҳити табииест, ки барои эҷоди ҷойҳо барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт истифода мешавад ё ба нақша гирифта шудааст. Ин қитъаҳоро ба қитъаҳои сатҳи замин (роҳҳо), қитъаҳои фазои ҳавоӣ (пулҳо, долонҳои ҳавоӣ), қитъаҳои фазои зеризаминӣ (нақбҳо, эстакадаҳо, метрополитенҳо) ҷудо кардан мумкин аст.

Сарфи назар аз он ки баъзе қитъаҳои муҳити табиӣ барои гузоштани қабати роҳҳои нақлиётӣ ё гузаргоҳҳо нисбат ба дигарҳо қулайтаранд, на сабабҳои технологӣ, ки онҳоро фазои ҳаракат мегардонад, балки интихоби шахсоне мебошад, ки дар ин ё он варианти истифодабарии муҳити табиӣ манфиат мебинанд»[22].

Ҳамин тариқ, танҳо мулоҳизаҳои марбут ба интиқоли бору мусофирон наметавонанд ба хусусиятҳои ихтиёрдории қитъаҳои муҳити табиӣ таъсир расонанд. Нобудшавии муҳити табиӣ аз ҳолати кунунии технологияҳои нақлиётӣ вобаста нест, балки натиҷаҳои интихоби байни истифодабарии қитъаҳо барои мақсадҳои гуногун ва на танҳо нақлиётро инъикос менамояд[23]. Аз ин рӯ, консепсияи иқтисодие вуҷуд дорад, ки барои тавсифи мушкилоти инфрасохтори нақлиёт муфид ҳисобида мешавад. Ин консепсияи монополияи табиӣ аст. Дар саноате, ки монополияи табиӣ эътироф шудааст, давлат бояд ягонагии амалишавии инфрасохторро таъмин намояд. Хусусиятҳои бозори хизматрасонии инфрасохтори нақлиёт ҳамчун квазибозор дар тадқиқоти диссертатсионӣ муфассал баррасӣ мешавад.

Инфрасохтори нақлиёт «сармояест, ки онро дар истеҳсолоти мазкур истифода бурдан мумкин аст. Технологияи наздиктарини истеҳсолот ба

---

[22] Бобоев О. Модернизация транспортно – коммуникационной модели Республики Таджикистан [Текст] / О. Бобоев. - Душанбе, Издательство «Нодир», 2012. – С.58.

[23] Горизонты транспорта: Эффективная транспортная политика [Текст] / Челябинск: Социум, 2004. – С.33.

нақлиёт (афзоиши арзиши мол) анбор мебошад, ки бо он фарқ мекунад, то маҳсулотро на дар фазо, балки дар вақт ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ наздик мекунад, бинобар ин объекти омӯзиши логистика мебошад.

Баргардонидани нақлиёт ба силсилаи табиии марҳилаҳои истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки аз хавфи зиёди вобаста ба набудани одати муқоисаи нақлиёт бо дигар намудҳои истеҳсолот канора гирифта, як қатор амалияҳои танзими давлатӣ баҳо дода шавад.

Аввалан, масъалаи ташкили «дастрасии озод» ба инфрасохтори нақлиёт ҳамчун мушкилот боқӣ намемонад.

Сониян, хавфи он ки қитъаи замин аз ҳуқуқи гузаштан аз он маҳрум мешавад ва барои дахолати давлат сабаби асосӣ нест.

Сеюм, проблемаи бехатарии инфрасохтори нақлиётро мисли дигар намудҳои истеҳсолот ҳал кардан мумкин аст: давлат метавонад стандартҳои минималии бехатариро муқаррар намояд, ки барои ҳамаи соҳаҳои саноат якхела мебошанд, инчунин намудҳои ихтиёрии суғуртаро инкишоф додан мумкин аст.

Сарфи назар аз он ки иқтисодиёт қобилияти пешгӯии натиҷаҳои фаъолияти худро дар назар надорад, метавон тахмин кард, ки арзиши суғуртаи воситаҳои нақлиёт ба сатҳи сифати инфрасохтори нақлиёт ва намудҳои гуногуни ташкили онҳо вобаста хоҳад буд. Ин вазъ аз стандартизатсияи ихтиёрӣ ва сертификатсияи хусусии роҳҳои ташкили фазои ҳаракат фоида меорад, ки корбарон дар бораи сифат ва дараҷаи бехатарии онҳо хулоса бароранд.

Чорум, фаҳмиши интиқол ҳамчун марҳалаи истеҳсолот ба мо имкон медиҳад, ки боз ду хулосаи муҳим тартиб диҳем. Аз як тараф, фоиданок будани ҳисоби иқтисодӣ ва нархҳои бозорӣ дар ин соҳа аён мегардад – ҳаргуна таҳриф дар ин соҳа ба ҳамаи дигар марҳалаҳои истеҳсолот таъсир мерасонад.Аз тарафи дигар, маълум мешавад, ки муқобилияти намудҳои алоҳидаи нақлиёт асоснок нест. Намудҳои нақлиёт на танҳо ивазкунандаи хизматҳои ҳамдигар (рақибон) мебошанд, балки ба таври равшан ҳамдигарро пурра мекунанд. Инфрасохтори мултимодалии нақлиёт метавонад интиқоли борҳоро тавассути якчанд намуди

нақлиёт дар бар гирад, ки ҳар кадоми онҳо хизматрасонии дигарро имконпазир мегардонанд.

Панҷум, аз ҷониби давлат муқаррар намудани меъёрҳои минималии таъмини ҳудудҳо бо инфрасохтори нақлиёт (роҳҳо, хатҳои ҳавоӣ, робитаи роҳҳои оҳан) ҳамчун дахолати номатлуб ба фаъолияти иқтисодӣ маънидод карда мешавад, ки дар муносибатҳои байни марҳилаҳои гуногуни истеҳсоли мол номутаносибӣ ба вуҷуд меорад: ҳар як марҳала аз вазъияти марҳалаҳои ҳамсоя вобаста аст ва онро аз вазъияти иқтисодии дигар ҷудо карда, худсарона «рушд додан» мумкин нест»[24].

Барои таҳлили сифатӣ ва миқдории моҳияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ муайян кардан лозим аст, ки ин мафҳум чиро дар бар мегирад, алоқамандии байни мафҳумҳои инфрасохтори «устувор» ва «нарм» фарқ ва муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, вақте ки мо дар бораи мафҳуми инфрасохтори нақлиёт сухан меронем, мо маҷмӯи элементҳои устувори таркибиро дар назар дорем, ки аз ҷониби давлат танзим шуда, фазои бароҳат ва бехатари ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва одамонро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, инфрасохтори нақлиёт аз инфрасохтори нақлиётӣ бо он фарқ мекунад, ки ғайр аз элементҳои дар ҷадвали 2.1. овардашуда инфрасохтори нақлиётӣ корхонаю ташкилоти хизматрасонии роҳ (стансияҳои таъмини сӯзишворӣ, стансияҳои хизматрасонӣ ва ёрии техникӣ, меҳмонхонаҳо, алоқаҳо), хизматрасонии логистикӣ (ҳифзу нигаҳдорӣ ва коркарди борҳо), терминалҳои боркашонӣ ва мусофирбарӣ, корхонаҳои нигоҳдории таркиби ҳаракаткунанда, хизматрасонӣ ва таъмири онҳо, ташкилоти таъмин ва идоракунии раванди ташкил ва идоракунии интиқол, ҳифзу нигоҳдорӣ, экспедитсияи бор, интиқоли интермодалӣ ва мултимодалии бору мусофиронро дар бар мегирад.

---

[24] Горизонты транспорта: Эффективная транспортная политика [Текст] . –Челябинск: Социум, 2004. - С.58.

**Ҷадвали 2.1. –Элементҳои таркибӣ, хусусияти ташаккул, усули танзим ва дараҷаи ҷолибияти сармоягузории элементҳои инфрасохтори нақлиёт (ИН)***

| Элементҳои таркибии ИН | Хусусияти ташаккули он ҳамчун: | Усули танзим | Дараҷаи ҷолибияти сармоягузорӣ |
|---|---|---|---|
| Роҳҳо (қитъаҳои замин, роҳ ва рӯйпӯши роҳ, роҳи оҳан); аэродромҳо | -монополияи табиӣ; -сармояи ҷамъиятӣ. | -танзими давлатӣ; -шарикии давлат ва бахши хусусӣ. | Миёна (элементи устувори инфрасохтори нақлиётӣ) |
| Пулҳо, гузаргоҳҳо, эстакадаҳо | -монополияи табиӣ; -сармояи ҷамъиятӣ. | -танзими давлатӣ. | Паст (элементи устувори инфрасохтори нақлиётӣ) |
| Нақбҳо, галереяҳо | -монополияи табиӣ. | -танзими давлатӣ. | Паст (элементи устувори инфрасохтори нақлиётӣ) |
| Иншооти роҳ (аломатҳои роҳ, чароғаки роҳнамо, дастгоҳҳои танзими ҳаракат) | -сармояи ҷамъиятӣ. | -танзими давлатӣ. | Паст (элементи устувори инфрасохтори нақлиётӣ) |
| Хадамоти хизматрасонӣ ва нигоҳдории роҳҳо, ташкил ва идоракунии воситаҳои нақлиёт (анбуҳ) | -монополияи табиӣ; -сармояи ҷамъиятӣ. | -танзими давлатӣ; -шарикии давлат ва бахши хусусӣ. | Миёна (элементи устувори инфрасохтори нақлиётӣ) |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот.

Инфрасохтори нақлиёт ҳамчун системаи «устувор» ба ҳисоб меравад, ки фазои ҳаракати воситаҳои нақлиётро ифода карда, хизматрасонии ҷамъкунӣ (фирист)-и анбуҳи воситаҳои нақлиётро пешкаш ва ҳаракати бароҳату бехатари

онҳоро дар фазо ва вақт таъмин менамояд. Элементҳои боқимондаи марбут ба инфрасохтори нақлиётӣ ҷузъи логистика ё хизматҳои пулакӣ, ки метавонанд ба аутсорсинг дода шаванд, мебошанд.

Аз ин рӯ, инфрасохтори нақлиёт хизматрасониҳои мушаххасеро ба вуҷуд меорад, ки дорои заминаи алоҳидаи қонунгузорӣ ва ташкилӣ мебошанд ва такмилро ҳамчун ҷузъи дастгирии методологии раванди трансформатсияи сохтории бозори хизматрасонии интиқоли намудҳои алоҳидаи нақлиёти ҷамъиятӣ ва инфиродӣ талаб мекунанд.

Мутобиқи маълумоти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон инфрасохтори намудҳои нақлиёти ҷумҳурӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1. Инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ 14141 км шабакаи роҳи автомобилгарди тобеи вазоратро ташкил медиҳад, ки аз он 62%-ро роҳҳои маҳаллӣ, 15%-ро роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 23%-ро роҳҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд. Ғайр аз ин, дар ҷумҳурӣ ҳудуди 18 ҳазор км роҳҳои маҳаллӣ мавҷуданд, ки тобеи Вазорати нақлиёт нестанд.

2. Инфрасохтори роҳҳои оҳан аз 943 км иборат буда, аз он хатҳои асосии роҳи оҳан (678 км); пулҳо 216 м, вокзалҳо ва терминалҳои роҳи оҳан 31 ададро ташкил медиҳад.

3. Инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ аз 4 аэродромҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ ва 34 аэродромҳои маҳаллӣ иборат аст, ки аз онҳо 13 аэродром амал мекунанд ва 21 аэродромҳои ғайрифаъол мебошанд.

Бояд гуфт, ки амалисозӣ ва рушди системаи ягонаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ташаккули сохтори ягонаи ташкилӣ, технологӣ ва идоракунии инфрасохтори намудҳои нақлиёт вобаста аст, ки таъмини методологии он дар боби навбатии диссертатсия оварда мешавад.

Асосҳои методологии омӯзиши нақши макроиқтисодии нақлиёти автомобилӣ, рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар маҷмуъ дар корҳои бисёре аз олимон омӯхта шудааст, аммо ин мавзӯъро бидуни фаҳмиши дақиқи он ки хизматрасонии нақлиёт чист ва кадом арзишҳо дар бозори маҳсулоти

инфрасохтори  нақлиёт эҷод карда мешаванд, пурра ошкоршуда ҳисоб кардан мумкин нест.

Барои муайян кардани нақш ва аҳамияти макроиқтисодии нақлиёт саволи умумӣ додан лозим аст, ки маҳсулот (хизмат)-и нақлиёт чист. Одатан чунин мешуморанд, ки маҳсулоти нақлиёт ҷойивазнамоии бору мусофирон дар фазо ва вақт буда, бо нишондиҳандаҳои гардиши бор (ткм) ва гардиши мусофирон (мусоф.км) чен карда мешавад. Ин далели он аст, ки бор мол аст ва мусофир сармояи инсонӣ аст. Ва бор ё мусофир, агар маълум шавад, ки арзиши бор ё сармояи инсонӣ ҳангоми иваз кардани макони худ ба самти беҳтар тағйир меёбад, ҷой иваз менамояд.

Намунаи ин вазъияти методологӣ дар кори Б.М. Лапидус ва Д.А. Мачерет, ки дар он хизматрасонии нақлиёт дар фазои сеченака тартиб дода мешавад ва бо меҳварҳои *p* (нархи мол), *q* (ҳаҷми мол) ва (*l)* масофаи интиқол ифода мегардад. Дар баробари ин, муаллифон далел меоранд, ки дар натиҷаи интиқоли мол арзиши изофа ба вуҷуд меояд, ки аз омилҳои зерин вобаста аст:

-ҳаҷми молҳои интиқолшаванда (шароити логистикӣ – интихоби тарзи интиқол ва намуди таркиби ҳаракаткунандаи нақлиёт);

-дурии интиқоли он (шароити инфрасохтори нақлиёт);

-меъёри афзоиши арзиши мол (сармояи инсонӣ) дар натиҷаи ҷойивазнамоӣ (шароити бозори хизматрасонии нақлиётӣ).

Муаллифони ин равиш [25] бар ин назаранд, ки омили охирин муайянкунандаест, ки аз шароити кори инфрасохтори нақлиёт ва интихоби тарзи интиқол вобастагӣ дорад.

Муаллифони ин равиш чунин меҳисобанд, ки «суръати афзоиши арзиши мол дар натиҷаи ҷойивазнамоӣ ҳам барои молҳои гуногун ва ҳам барои мувофиқатҳои гуногуни интиқоли як мол гуногун буда, ..., бо мурури замон ба таври динамикӣ тағйир меёбад. Маҳз ҳамин меъёрҳо шиддатнокии талаботро ба

[25] Лапидус Б.М. Макроэкономическая роль железнодорожного транспорта. Теоретические основы, исторические тенденции и взгляд в будущее [Текст] / Б.М. Лапидус, Д.А. Мачерет. - М.: КРАСАНД, 2014. - С.13.

интиқоли моли мушаххасро барои «мукотибаи мушаххас» «идора мекунанд» ва ба ин васила ҳаҷми анбуҳи нақлиётро дар инфрасохтори нақлиёт, яъне ҳаҷми хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёт оид ба пешниҳоди фазо барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт барои интиқоли борумусофирон ва воситаҳои нақлиёти инфиродӣ пешакӣ муайян мекунанд. Маҳз зери таъсири тағйирёбии меъёри афзоиши арзиш самтҳои анбуҳи нақлиёт аз нав тақсим карда мешаванд. Муаллифон[26] чунин мешуморанд, ки чи тавре сармоя дар байни соҳаҳо ва минтақаҳо мувофиқи меъёри даромад ҷой иваз менамоянд, молҳо дар фазо мувофиқи меъёри афзоиши арзиши мол ё сармояи инсонӣ, ки аз рӯи миқдор ва сифати маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт муайян карда мешаванд, ҷой иваз менамоянд.

Сарфи назар аз навгонии ин равиш дар он нишондиҳандаи мушаххас мавҷуд нест, ки ҳаҷми хизматрасонии инфрасохтори нақлиётро баҳо диҳад.

Бояд қайд кард, ки бо чунин тафсири ҳаҷми кори нақлиётӣ тадқиқотчӣ омили вақтро аз даст медиҳад, ки ҳангоми интихоби системаҳои гуногуни интиқоли инфрасохторӣ, яъне намудҳои гуногуни нақлиёт ва хосиятҳои интиқоли борҳои интиқолшаванда (зудвайроншаванда, яклухт, донабайъ) ва сармояи инсонӣ (сайёҳӣ, маориф, тандурустӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, аёдати хешовандон ва ғ.) хеле муҳим аст.

Б.М. Лапидус ва Д.А. Мачерет таъкид мекунанд, ки «аз нуқтаи назари иқтисодӣ маҳсулоти нақлиёт арзиши иловагии моли кашондашуда мебошад ва он бояд дар шакли пул чен карда шавад. Ҳаҷми боркашонӣ бо тонна *(q)* ва тонна-километр (*ql*) ҳамчун ченакҳои натуралӣ танҳо қисман маҳсулоти нақлиётро тавсиф медиҳанд»[27].

Ба андешаи мо, ченакҳои кори нақлиёт, ки муаллифон пешниҳод кардаанд, фаъолияти таркибиҳаракаткунандаро дар бозори нақлиёт тавсиф менамоянд. Дар баробари ин, онҳо анбуҳи ҳаракати нақлиётро ба вуҷуд оварда,

[26]Ҳамон ҷо. С.14-15.

[27] Лапидус Б.М. Макроэкономическая роль железнодорожного транспорта. Теоретические основы, исторические тенденции и взгляд в будущее [Текст] / Б.М. Лапидус, Д.А. Мачерет. - М.: КРАСАНД, 2014. – С.16.

дараҷаи рушди бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро барои фароҳам овардани фазои ҳаракати воситаҳои нақлиёт тавсиф менамоянд. Тавсифи сифатӣ ва микдории конфигуратсияи майдони инфрасохтори ҳудудҳо ҳаҷми анбуҳи нақлиётро, ки аз ҷониби инфрасохтори нақлиёт дар муддати муайян коркард мешавад, пешакӣ муайян месозанд.

Бо назардошти омили вақт ва дар заминаи он сохтани системаи ченкунии кори таркиби ҳаракаткунандаи нақлиёт ва хизматрасонии воқеии инфрасохтори нақлиёт хеле муҳим буда, дар назария ва амалия то ҳол чун масъалаи комилан ҳалношуда боқӣ мондааст. Ин масъалаҳо дар боби чоруми диссертатсия муфассалтар баррасӣ мешаванд.

Ҳоло дар ин ҷо қайд менамоем, ки омили вақт ҳам ба хосиятҳои таркиби ҳаракаткунанда ва ҳам ба сифати маҳсулоти инфрасохтори намуди мувофиқи нақлиёт вобаста аст. Аз ин рӯ, хароҷоти боркашонӣ аз хароҷоти нигоҳдорӣ, ташкил ва идоракунии кори таркиби ҳаракаткунанда ва хароҷоти истифодаи фазо барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт, ташкил ва идоракунии ҳаракати воситаҳои нақлиёт, яъне оид ба нигоҳдорӣ ва таъмини коршоямии инфрасохтори нақлиёт – омили ифодакунандаи вақт дар раванди ташкили интиқоли бору мусофирон таркиб меёбад. Хароҷоти умумии интиқоли бору мусофирон масъалаи муносибгардонӣ аст, ки дар натиҷаи он хароҷоти умумии хизматрасонии нақлиётӣ дар доираи системаи ягонаи нақлиёти минтақа ё кишвар муайян карда мешавад. Он бо маблағи даромад аз интиқоли бору мусофирон, яъне ҳаҷми умумии даромаде, ки корхонаҳои системаи нақлиётӣ мегиранд, ифода меёбад. Айни замон даромади умумии корхонаҳои нақлиётӣ аз маблағи арзиши иловашуда, ки дар натиҷаи тағйир додани макони ҷойгиршавии мол (сармояи инсонӣ) ба даст омадааст, як қадар камтар мешавад:

$$Д_{\text{системаи нақлиётӣ}} < ДС_{\text{ҷойивазкунӣ}}., \quad (2.1),$$

ки ин ҷо

$Д_{\text{системаи нақлиётӣ}}$ – даромадест, ки системаи нақлиётӣ аз интиқол ба даст овардааст;

ДС $_{\text{ҷойивазкунӣ}}$ – арзиши иловашуда аз ҷойивазнамоии таркиби ҳаракаткунанда дар фазо ва вақт.

Фарқи байни даромади системаи нақлиёт аз интиқоли бору мусофирон ва арзиши иловашуда, ки дар натиҷаи тағйири макони ҷойгиршавии онҳо ба даст омадааст, бо маблағи арзиши иловашуда ё фоидае, ки дар иқтисодиёти кишвар маҳсулоти фазои ҳаракати воситаи нақлиёт, яъне инфрасохтори нақлиёт ба вуҷуд меояд, ифода карда мешавад.

Дар шароити сохторҳои квазибозории бозор меъёри асосии самаранокии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт фоида мебошад. Табиист, ки фоида ҳамчун фарқияти байни даромад аз фурӯши маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт ва хароҷоти истеҳсоли он муайян карда мешавад. Ғайр аз он, ин хароҷот ҷузъи инфрасохтории хароҷоти интиқоли бор ё мусофирон мебошад, ки бо ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар инфрасохтор (роҳҳо, роҳҳои робита ва аэродромҳо) алоқамананд. Хароҷоти нигоҳдорӣ, хизматрасонӣ ва таъмири инфрасохтори нақлиёт ва таъмини рушди фоиданоки он ҷузъи муҳими хароҷоти интиқоли бору мусофирон, эҷоди арзиши иловагии интиқолро, ки таркиби маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар аст, ташкил медиҳад. Аз ин сабаб, хароҷоти роҳ аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ дар шакли андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар ҳаҷми 2%-и ММД пӯшонида мешавад. Ҳамин тариқ, пӯшонидани хароҷоти инфрасохтори нақлиёт дар доираи чунин механизми маблағгузории квазибозорӣ ба ҳолати инфрасохтор, яъне таъсири нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии анбуҳи нақлиёт, дараҷаи бад шудани инфрасохтор зери таъсири шиддати истифодабарии он алоқаманд нахоҳад буд.

Бояд қайд кард, ки ҳам даромад ва ҳам хароҷоти марбут ба истеъмоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт арзишҳои тасодуфӣ буда, хусусияти фоидаро аз фаъолияти инфрасохтори нақлиёт инъикос менамоянд.

Эҳтимолияти фаъолияти фоидаовар оид ба истеҳсоли хизматҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо суперпозитсияи каҷхаттаҳои тақсимоти даромад ва хароҷоти амалисозӣ ва рушди инфрасохтори нақлиёт мувофиқи намуди функсияи интегралӣ муайян карда мешавад:

$$P(t) = \int_{-\infty}^{\infty} f(Z)\left[\int_{Z}^{\infty} f(D)dD\right]dZ, \quad (2.2)$$

ки ин ҷо

$f(D)$ – функсияи зичии тақсимоти даромад аз фурӯши маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ;

$f(Z)$ – функсияи зичии тақсимоти хароҷот барои истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ.

Маблағи эҳтимолии фоида бо фарқияти байни интизории математикии даромад ва интизории математикии хароҷот муайян карда мешавад:

$$P^{\wedge}_{j} = D^{\wedge}_{j} - Z^{\wedge}_{j}, \quad (2.3)$$

Муносибати байни корхонаҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо давлат тавассути системаи андоз амалӣ карда мешавад. Бо назардошти хароҷоти пардохти андозҳо ба буҷет муодилаи (2.3) чунин шакл мегирад:

$$P^{\wedge}_{j} = D^{\wedge}_{j} - Z^{\wedge}_{j} - £_{н}, \quad (2.4)$$

$D^{\wedge}$- ро аз қавс бароварда, ба даст меорем:

$$P^{\wedge}_{j} = D^{\wedge}_{j}\left(1 - \frac{£н}{D^{\wedge}j} - \frac{Zj}{D^{\wedge}j}\right), \quad (2.5)$$

Таносуби маблағи андозе, ки ба буҷети давлатӣ пардохта мешавад, ба даромад меъёри андозро муайян мекунад:

$$n_{нj} = £_{н} / D^{\wedge}_{j}, \quad (2.6)$$

Таносуби маблағи даромад аз истифодаи инфрасохтори нақлиёт ба арзиши бадастовардани онро метавон ба сифати коэффитсиенти фоиданокии маҳсулот қабул кард:

$$R_{j} = D_{j} / Z_{j}, \quad (2.7)$$

Бо назардошти меъёри андоз ва фоиданокии хароҷот формулаи фоида барои корхонаҳое, ки маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро истеҳсол мекунанд, чунин шакл мегиранд:

$$П_{j} = D_{j}\left[(1 - n_{нj}) - \frac{1}{Rj}\right], \quad (2.8)$$

Аз формулаи 2.8 бармеояд, ки дар ҳамагунна сатҳҳои даромад фоида танҳо вақте бадаст меояд, ки фоиданокии хароҷот шарти зеринро қонеъ гардонад:

$$R_j > \frac{1}{(1-n_{н}j)}, \qquad (2.9)$$

Тавре ки аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, вақте ки корхонаҳои инфрасохтори нақлиёт фоиданок фаъолият мекунанд, меъёри андоз 30%-и ҳадди аксараст.

Бояд гуфт, ки ҳар як майдони инфрасохтори ҳудудҳо дорои арзиши тавозунии гуногун буда, баҳодиҳии арзиш ва сатҳҳои даромади маҳсулоти қитъаҳои алоҳидаи майдони инфрасохториро дар бар мегирад.

Мутобиқи ин даромади қитъаи j-юми майдони инфрасохтор метавонад ба таври зерин ифода карда шавад:

$$D_j = D_{nj} + \sum_{i=1}^{n} Dij, \qquad (2.10)$$

*ки дар ин ҷо,*

*$D_{nj}$– даромадест, ки аз қабули намуди j-юми воситаи нақлиёти автомобилӣ ба маҳсулоти инфрасохтори n-ум гирифта мешавад;*

*$D_{ij}$– даромади иловагӣ аз ҷойивазнамоии воситаҳои нақлиёти автомобилии намуди i дар қитъаи j-юми майдони инфрасохтор;*

*n – шумораи категорияҳои қитъаи майдони инфрасохтори ҳудудҳо.*

$D_{nj}$-ро аз қавс бароварда, ба даст меорем: $D_j = D_{nj}\,(1 + \frac{\sum_{i=1}^{n} Dij}{Dnj})$, (2.11)

Дар формулаи (2.11) ифодаи қавс дараҷаи диверсификатсияи маҳсулотро муайян мекунад ва бо коэффитсиенти диверсификатсияи маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ифода карда мешавад:

$$k_{nj} = (1 + \frac{\sum_{i=1}^{n} Dij}{Dnj}), \qquad (2.12)$$

Бо назардошти коэффитсиенти диверсификатсияи маҳсулот даромади инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дарбар мегирад:

$$D_j = D_{nj} k_{nj}, \qquad (2.13)$$

Агар майдони инфрасохтор дорои якчанд қитъаҳои маъмулӣ бошад, пас раванди ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва ҷойивазнамоиборҳо-молҳо ва одамон дар муҳити муттаҳидшудаи инфрасохтор бо шароитҳои тағйирёбанда барои фарқияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ сурат мегирад.

Аз ин рӯ, барои таъмини фаъолияти бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, пеш аз ҳама, вазъи бозори нақлиётро тадқиқ намуда, тамоюли тағйирёбии сохторӣ ва трансформатсияи соҳаи онҳоро муайян кардан лозим аст, зеро бозори интиқол сатҳи истифодаи имкониятҳои мавҷудаи потенсиалии истеҳсоли инфрасохтори нақлиёти автомобилиро муайян менамояд (исботи ин падида дар боби 5 оварда шудааст).

Мо тағйироти сохтории гардиши бор (гардиши мусофирон)-и намудҳои нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо истифода аз нишондоди ҷамъбастии миқёс ва индексҳои тағйироти сохторӣ, инчунин коэффитсиентҳои чандирии рушди намудҳои алоҳидаи нақлиёт таҳлил мекунем.

Миқёси тағйироти сохториро дар соли $t_1$ нисбат ба соли $t_0$ ба таври зерин баҳо додан мумкин аст:

$$\Omega_{t1,t0} = (1/n)\ \{\sum|\gamma_i^{t1} - \gamma_i^{t0}|\}; \qquad (2.14)$$

*ки ин ҷо*

$$\gamma_i^t = Q_i^t / Q_\sum.$$

$$\sum \gamma_i^t = 1.$$

$Q_i^t$ – гардиши бори намуди i-юми нақлиёт дар соли t, i=1, 2…, n.

N – шумораи намудҳои нақлиёт, ки ба ҳисоб дохил карда шудаанд.

Индексҳои тағйироти сохторӣ дар соли $t_1$ нисбат ба соли $t_0$ чунин ҳисоб карда мешаванд:

$$I_{t1,\,t0} = \gamma_i^{t1} /_{,\,\gamma i}{}^{t\,0} = \mathcal{P}_{t1,t0}(Q_i) / \mathcal{P}_{t1,t0}(Q_\sum), \qquad (2.15)$$

ки ин ҷо

$\mathcal{P}_{t1,t0}(Q_i)$ – суръати афзоиш (камшавӣ)-и гардиши бор бо намуди i-юми нақлиёт дар соли $t_1$ нисбат ба соли $t_0$;

$\mathcal{P}_{t1,t0}(Q_\Sigma)$ –суръати афзоиш (камшавӣ)-и гардиши бор бо нақлиёт дар соли $t_1$ нисбат ба соли $t_0$.

Коэффитсиенти чандирии рушди бозорҳои соҳавӣ (дар маҷмуъ нисбат ба нақлиёт)-ро дар соли $t_1$ нисбат ба соли $t_0$ метавон чунин муайян кард:

$$E_{t1,t0} = \beta_{t1,t0}(Q_i) / \beta_{t1,t0}(Q_\Sigma), \qquad (2.16)$$

ки ин ҷо

$\beta_{t1,t0}(Q_i)$ – суръати афзоиш (камшавӣ)-и гардиши бор бо намуди i-юми нақлиёт дар соли $t_1$ нисбат ба соли $t_0$.

$\beta_{t1,t0}(Q_\Sigma)$ – суръати афзоиш (камшавӣ)-и гардиши бор бо нақлиёт дар соли $t_1$ нисбат ба соли $t_0$.

Илова бар ин, $\mathcal{P}_{t1,t0} = 1 + \beta_{t1,t0}$.

Қайд менамоем, ки ин нишондиҳандаҳои тағйирёбии сохтории дарҷгардида метавонанд ҳам асосӣ ва ҳам занҷирӣ бошанд ва дар робита ба индексҳои тағйирёбии сохторӣ ва коэффитсиенти чандирии рушд ҳангоми таҳлили динамикӣ аксар вақт арзишҳои миёнаи солонаи онҳо ба назар гирифта мешаванд.

**Ҷадвали 2.2. – Миқёси тағйироти сохторӣ дар гардиши мусофирон бо намудҳои нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1991-2021***

| **Солҳо** | **1991** | **1995** | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи нақлиёт, миллион мус.км | 11323,0 | 1701,8 | 1582,8 | 6481,7 | 9036,1 | 9230,1 | 9342,5 |
| Аз ҷумла | | | | | | | |
| -автомобилӣ | 5193,7 | 966,4 | 1084,7 | 4907,8 | 6380,3 | 7039,0 | 6917,7 |
| -роҳи оҳан | 887,5 | 134,5 | 73,0 | 46,1 | 32,8 | 16,0 | 28,0 |
| -ҳавоӣ | 4900,3 | 460,0 | 302,0 | 1033,0 | 1914,6 | 2028,6 | 2344,5 |
| -автомобилии байналмилалӣ | - | - | - | 422,5 | 637,5 | 98,2 | - |
| -барқӣ | 341,1 | 140,9 | 123,1 | 72,3 | 50,9 | 48,3 | 62,3 |

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Солҳои 2013, 2016, 2022.

Маълумоти овардашуда нишон медиҳанд, ки аз ҷиҳати гардиши бор ҳиссаи асосиро нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан ишғол карда, ба ҳисоби миёна ҳиссаи қиёсии нақлиёти автомобилӣ қариб 40 % ва ҳиссаиқиёсии нақлиёти роҳи оҳан қариб 60%-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи нақлиёти ҳавоӣ дар бозори боркашонӣ 0,3%-ро ташкил медиҳад, ки ин ба тағйироти сохторӣ дар соҳаи боркашонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ таъсир намерасонад. Дар боркашонии ҷумҳурӣ нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан ҳалкунанда мебошанд.

**Ҷадвали 2.3. – Ҳисоби чандирии нишондиҳандаҳои нақлиёт дар асоси ММД, ММД ба ҳар сари аҳолӣ ва шумораи аҳолӣ***

| Нишондиҳандаҳои нақлиёт | Индекс, 2021 ба 2011, бо % | Чандирӣ бо суръати рушд: | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ММД, (177,0%) | ММД ба ҳар сари аҳолӣ, (152,2%) | Аҳолӣ, (114,7%) |
| Интиқол бо нақлиёти автомобилӣ, % | 154,5 | 0,87 | 1,02 | 1,35 |
| Интиқол бо нақлиёти роҳи оҳан, % | 44,6 | 0,25 | 0,29 | 0,39 |
| **Ҳамагӣ аз рӯйи боркашонӣ, %** | **122,5** | **0,69** | **0,80** | **1,07** |
| Кори нақлиёти автомобилӣ бо ткм, % | 142,8 | 0,81 | 0,94 | 1,24 |
| Кори нақлиёти роҳи оҳан бо ткм, % | 20,1 | 0,11 | 0,13 | 0,18 |
| **Ҳамагӣ аз рӯйи тонна-километр,%** | **122,7** | **0,69** | **0,81** | **1,07** |
| Мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ, мусофир, % | 109,8 | 0,62 | 0,72 | 0,96 |
| Мусофирбарӣ бо нақлиёти роҳи оҳан, мусофир,% | 88,8 | 0,50 | 0,58 | 0,77 |
| Мусофирбарӣ бо нақлиёти ҳавоӣ, мус.,% | 107,3 | 0,61 | ***0,70*** | 0,94 |
| **Ҳамагӣ аз рӯйи мусофирбарӣ, мус., %** | **109,6** | **0,62** | **0,72** | **0,96** |
| Гардиши мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ, мус.км., % | 98,2 | 0,55 | 0,65 | 0,86 |
| Гардиши мусофирон бо нақлиёти роҳи оҳан, мус.км.,% | 85,4 | 0,38 | 0,56 | 0,74 |

**Идомаи ҷадвали 2.3.**

| **Нишондиҳандаҳои нақлиёт** | Индекс, 2021 ба 2011, бо % | **Чандирӣ бо суръати рушд:** | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ММД, (177,0%) | ММД ба ҳар сари аҳолӣ, (152,2%) | Аҳолӣ, (114,7%) |
| Гардиши мусофирон бо нақлиёти ҳавоӣ, мус.км., % | 122,4 | 0,69 | 0,80 | 1,07 |
| **Ҳамагӣ аз рӯйи гардиши мусофирони нақлиёт, мус.км., %** | **103,4** | **0,58** | **0,68** | **0,90** |

*** Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2012-2022.

Ҳисоби коэффитсиентҳои коррелятсия (ҷадвали 2.5) байни нишондиҳандаҳои кори нақлиёт ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии иқтисоди миллӣ (ММД, ММД ба ҳар сари аҳолӣ ва шумораи аҳолӣ) имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин барорем:

**Аз рӯйи истифодаи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ:**

1. Чандирӣ байнигардиши автомобилии бор ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 0,81 буда, ба таври интуитивӣ қобили қабул аст; коэффитсиенти коррелятсия назаррас буда, мувофиқати истифодаи хизматҳои инфрасохтори нақлиётиро бо рафтори тамоми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад;

2. Муносибати байни мусофирбарии автомобилӣ ва шумораи аҳолӣ нисбат ба дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба 0,86 мувофиқ аст. Дар маҷмуъ дар нақлиёт чандирии баланди гардиши мусофирон бо шумораи аҳолӣ (0,90) мушоҳида мешавад, ки ин натиҷаи афзоиши ҳаракатнокии нақлиётии аҳолӣаст.

**Аз рӯйи истифодаи инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан:**

Гардиши бор, умуман, кам шуда истодааст, ки ин бо изолятсия шудани ин намуди нақлиёт дар давраи таҳлилӣ аз ҷониби давлати ҳамсоя алоқаманд аст.

**Аз рӯйи истифодаи инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ:**

Коэффитсиенти баландтарини чандирии гардиши мусофирон бо шумораи аҳолӣ (1,07) мушоҳида мешавад, ки бешубҳа бо афзоиши муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва хориҷии аҳолӣ алоқаманд аст ва дар коэффитсиенти баланди

чандирии гардиши мусофирон бо ММД ба ҳар сари аҳолӣ (0,80) зоҳир мешавад.

**Ҷадвали 2.4. - Динамикаи нақлиётталабии рушди иқтисодии кишвар***

| **Нишондиҳандаҳо** | **1991** | **1995** | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2017** | **2020** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ММД, млн. сомонӣ | 40422 | 15768 | 15797 | 25060 | 34512 | 50978 | 64434 | 79110 | 82543 |
| Гардиши бор, млн.ткм | 13539 | 3863 | 1753 | 2902 | 4957 | 5996 | 6094 | 7693 | 7801 |
| **Нақлиётталабии ММД, ткм/млн. сомонӣ** | **0,33** | **0,24** | **0,11** | **0,12** | **0,14** | **0,16** | **0,12** | **0,11** | **0,10** |
| ММД ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ | 7439 | 2782 | 2549 | 3696 | 3898 | 6032 | 7291 | 8580 | 8789 |
| Гардиши мусофирон, млн.мус.км | 11323 | 1702 | 1583 | 6482 | 9036 | 9230 | 9309 | 9265 | 8178 |
| Гардиши шартии бор,млн.ткм.шартӣ | 849 | 128 | 119 | 486 | 678 | 765 | 692 | 694 | 701 |
| Ҳамагӣ гардиши шартии бор, млн.ткм | 14388 | 3991 | 1872 | 3388 | 5635 | 7458 | 6688 | 6546 | 6784 |
| **Нақлиётталабии ММД аз рӯйи гардиши шартии бор, ткм.шартӣ бо сомонӣ** | **0,36** | **0,25** | **0,12** | **0,14** | **0,16** | **0,17** | **0,14** | **0,13** | **0,11** |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2011-2022.

Бояд гуфт, ки динамикаи пешбинишудаи рушди иқтисодӣ аз рӯи натиҷаҳои ҳисоби моделии дар боло овардашуда каме баланд шудани нақлиётталабии ММД-ро нишон медиҳад (ҷадвали 2.4.)

Қобили зикр аст, ки ин тамоюл дар шароити афзоиши саҳми бахши хизматрасонӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои саноат, сохтмон

ва кишоварзӣ, ки асоси ояндаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, мушоҳида мешавад.

Паст шудани нақлиёт талабии иқтисодиёт, алалхусус, мустаҳкам шудани робитаҳои ҳамгирoии дохили ҷумҳуриявии байни минтақаҳо ва соҳаҳоро, ки бо рушди намудҳои гуногуни инфрасохтори нақлиёт алоқаманд аст, инъикос менамояд.

Хусусиятҳои муосири иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои он бо рушди инфрасохтори соҳаҳои нақлиёт нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт алоқаманд хоҳанд буд. «, масалан, барои ноил шудан ба суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодиёт дар давраи солҳои 2016-2030 ба 4-5,0% бо стратегияи рушди инерсионӣ, 6-7% бо стратегияи саноатӣ ва 8-9% бо стратегияи рушди саноатӣ-инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди қариб ҳамаи намудҳои нақлиётро дар сатҳи миёнаи солонаи 6-10% тезондан лозимаст. Аз ин рӯ, нишондиҳандаҳои борғунҷоиши иқтисодиётро аз рӯйи нишондиҳандаҳои табиии кори нақлиёт, ки бо тонна-километр ва тонна-километри шартӣ ифода ёфтаанд, таҳлил кардан лозим аст. Пештар, аз соли 1997 то 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон борғунҷоиши истеҳсолоти санотӣ амалан тағйир наёфтааст»[28].

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки борғунҷоиши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба нишондиҳандаи ММД аз соли 2011 коҳиш ёфта истодааст: аз 0,14 ткм ба як сомонӣ ба 0,10 ткм ба як сомонии ММД дар соли 2021.

Ин бештар ба афзоиши якбораи бахши хизматрасонии пулакӣ, сектори молиявии иқтисодиёт вобаста аст, ки ба андозаи бештар рушди соҳаи «Алоқа»-ро тақозо мекунад. Афзоиши даромади аҳолӣ ва афзоиши ҳиссаи хоси «қабати миёна» имкон медиҳад, то афзоиши босуръати ҳаракати аҳолӣ, ки дар афзоиши гардиши мусофирон, махсусан дар нақлиёти ҳавоӣ ифода меёбад, пешгӯӣ карда

[28] Факторы территориальной организации автомобильного транспорта [Электронный ресурс]. – Режим доступа, URL: https// knowledge.allbest.ru., открытый. Дата обращения 21.08.2020.

шавад. Илова бар ин, талабот ба воситаҳои нақлиёти шахсӣ афзоиш додани инфрасохтори мувофиқи[29] нақлиётӣ махсусан дар ноҳияҳои бо зичии ками шабакаи нақлиётиро талаб мекунад.




**Расми 2.1. – Коэффитсиенти чандирии таъсири намудҳои интиқол ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2011-2021*.**

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2011-2022.

Тадқиқоти мо нишон медиҳад, ки бо коҳиши маблағгузории инфрасохтори комплекси нақлиётӣ нишондиҳандаи истеъмоли ниҳоӣ, ки ММД-ро муайян мекунад, якбора коҳиш меёбад, зеро набудани хизматрасонии нақлиётӣ ба фаъолияти соҳаҳои асосии иқтисодиёт таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, барои рушди устувори иқтисодии кишвар суръати такмили маҳсулоти

[29] Факторы территориальной организации автомобильного транспорта [Электронный ресурс]. – Режим доступа, URL: https// knowledge.allbest.ru., открытый. Дата обращения 21.08.2020.

инфрасохтори комплекси нақлиётиро баҳо додан лозим аст, зеро қафомонии онҳо ба динамикаи ММД таъсири манфӣ мерасонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон борғунҷоиши ММД мунтазам кам мешавад, вале дар солҳои охир суръат суст шудааст.

Барои тоб овардан ба динамикаи таназзули ин нишондиҳандаи комплексӣ доимо навоварӣ ҷорӣ кардан лозим аст. Дар робита ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд стратегияи алоҳидаи дарозмуддати рушди бозори маҳсулоти инфрасохтори комплекси нақлиётиро барои давраи то соли 2030 қабул намояд. Ҳадафи асосии стратегияи мазкур ташаккули самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори комплекси нақлиётии ҷумҳурӣ, ки рақобатпазирӣ ва бехатарии хизматрасонии нақлиётӣ, зиёд намудани истифодаи инфрасохтори нақлиёти минтақавиро барои пурра қонеъ гардонидани талаботи иктисодиёт ва аҳолӣ нисбат ба интиқол таъмин менамояд, бояд гардад.




**Расми 2.2. Динамикаи нақлиётталабии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1991-2021***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маҷмӯаи омории / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 1991-2022

Бояд гуфт, ки «хусусиятҳои рушди инфрасохтори нақлиёт ва хусусиятҳои функсионалии он (хусусиятҳои фазои ҳаракат) дар асоси хусусиятҳои сохтории минтақа, дараҷаи ҳамкорӣ ва робита бо дигар элементҳои инфрасохтории манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа зери таъсири омилҳои гуногун муайян карда мешавад»[30].

Омилҳои сохторие, ки ба ташаккул ва рушди истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ нигаронида шудаанд, аз ҷониби мо мувофиқи доираи таъсири онҳо ба берунӣ, яъне дар сатҳи системаи макроиқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, ба низом даровгарда шудаанд; ва дохилӣ, ки дар сатҳи инфрасохтори нақлиёти ҳудудҳои ҷумҳурӣ ба миён меоянд, мураттаб карда шуд.

Омилҳои дохилӣ субъективӣ буда, ба ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиёт таъсири мустақим доранд, аз ин рӯ, ин омилҳоро бояд чун созандаи инфрасохтор муайян кард. Омилҳои беруна объективӣ буда, ба ташаккул ва рушди на танҳо инфрасохтори нақлиёт, балки дигар намудҳои инфрасохтори ҳудудҳо таъсири бавосита мерасонанд, бинобар ин онҳоро метавон ҳамчун дар иқтисодиёт фароҳам овардани шароит барои ташаккули инфрасохтори ҳудудҳо муайян кард. Ҳамин тариқ, инфрасохтори нақлиёти автомобилии ҳудуди мушаххас бо таъсири омилҳои созандаи инфрасохтор муайян гардида, аз тарафи дигар, шароити фаъолияти дар иқтисодиёт бавуҷудомада, айни замон яке аз омилҳои муайянкунандаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудҳо аст.

Бояд гуфт, ки таъсири инфрасохтори нақлиёт ба рушди ҳудудҳо метавонад зери таъсири ин омилҳо афзоиш ё коҳиш ёбад. Аз ин рӯ, омӯзиши омилҳои рушд имкон медиҳад, ки на танҳо нақш, хусусият ва самти таъсири онҳо ба инфрасохтори ҳудудӣ муайян карда шавад, балки инчунин оқибатҳои иқтисодии рушди комплекси нақлиётӣ ва инфрасохторӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо баҳо дода шавад.

---

[30] Кудрявцев А.М.Транспортная инфраструктура региона: понятие и факторы формирования [Текст] / А.М. Кудрявцев, Л.Н. Руднева // Российское предпринимательство. – 2013. - №24 (246). - С.139-144.

Аммо, самаранокии рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии ҳудудҳо на танҳо аз омилҳо ва шароити ташаккули дар иқтисодиёт бавуҷудомада, балки ба қобилияти идора кардани он низ вобаста аст ва аз ин рӯ, бояд ба ҳалли проблемаҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиёти ҳудудҳо диққати зарурӣ дода шавад.

Шарти якуми ташаккули инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ташкили шабакаи такягоҳист, ки зери таъсири омилҳои объективӣ ташаккул меёбад.

Шабакаи такягоҳӣ воситаи алоқамандии рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва кластери нақлиётӣ буда, онро тавозуни нақлиётӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ пешакӣ муайян мекунад.

Ҳангоми таҳияи тавозуни нақлиётию иқтисодӣ ҳисоби дурнамои қобилияти гузарониш ва иқтидори интиқолии коммуникатсияҳо ва гиреҳҳои нақлиётӣ, инчунин самтҳои афзалиятноки рушди ҳудудии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо дурнамои дарозмуддати рушди неруи истеҳсолӣ, минтақаҳо ва савдои берунӣ алоқаманд аст.

Ҳангоми тартиб додани тавозуни нақлиётию иқтисодӣ фаъолияти нақлиётӣ, берун аз бозори хизматрасонии нақлиётӣ татбиқ намудан, инчунин қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти нақлиётӣ аз ҳисоби истифодабарии автомобилҳои истифодаи шахсӣ бояд ба назар гирифта шавад.

Ҳамин тавр, тавозуни нақлиётию иқтисодӣ асоси азнавсозӣ ва рушди шабакаи такягоҳии нақлиёт, тартиб додани барномаҳои ҳудудии нақлиёт, инчунин нақшаю барномаҳои рушди намудҳои алоҳидаи нақлиёт мебошад.

## 2.2. Методологияи идентификатсия ва методикаи баҳодиҳии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Дар таҳқиқоти Руднева Л.Н. ва Кудрявцев А.М. муайян карда шудааст, ки самти рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо самти навсозии онҳо дар асоси принсипҳои зерин пешакӣ муайян карда мешавад[31]:

---

[31] Руднева Л.Н. Транспортная инфраструктура региона: понятия и факторы формирования [Текст] / Л.Н. Руднева, А.М. Кудрявцев // Российское предпринимательство. – 2013. - № 24(246). - С.139 – 144.

-ба рафъи камбудиҳо ва «макони танг», азнавсозӣ ва рушди иқтидори мавҷуда нисбат ба сохтмони нав афзалият дода шавад;

-ба таври оптималии зарурӣ бегона кардани замин барои эҳтиёҷоти нақлиётӣ, маҳаллисозӣ ва кам кардани тағйироти манфии ландшафт, таъсири парокандагии қаламрав ва ифлосшавии муҳити табиӣ;

-бо мақсади таъмини савдои дохилӣ, хориҷӣ ва транзитӣ истифодаи максималии иншоот ва коммуникатсия;

-алоқамандии рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо рушди коммуникатсияи энергетика, алоқа ва дигар соҳаҳои инфрасохторӣ;

-сарфаи захираҳо аз ҳисоби иншооти объектҳои аҳамияти сермақсад;

-ҳамоҳангсозии рушди инфрасохтори намудҳои гуногуни нақлиёт;

-рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар шаҳрҳо мувофиқи принсипҳои оқилонаи шаҳрсозӣ ва банақшагирии истифодаи замин;

-махсусгардонии объектҳои калонтарини инфрасохтори дорои аҳамияти яксон, пешгирӣ ё маҳдуд кардани рақобати объектҳои калонтарини инфрасохтор;

-таъмини захираи зарурии замин барои рушди дарозмуддати шабакаи такягоҳии нақлиёт;

-консентратсияи максималии маблағҳои буҷетӣ ва ҷалби захираҳо ба лоиҳаҳои афзалиятнок ва ҳамаҷониба тезонидани татбиқи онҳо, аз ҷумла ба ин мақсад бо ҷалби қарзҳои хориҷӣ.

Нишон дода мешавад, ки «нобаробарии ҳудудӣ дар рушди инфрасохтори нақлиёт муносибати дифференсиалӣ ба рушди шабакаи такягоҳиро талаб менамояд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавсозӣ ва рушди комплексии шабакаи нақлиёт, аз ҷумла хати долонҳои асосии нақлиётии байналмилалӣ, баланд бардоштани қобилияти гузарониши шабакаи роҳҳои автомобилгард ва рафъи «макони танг» дар наздикшавӣ ба шаҳрҳои калон афзалиятҳо мебошанд»[32].

---

[32] Яркова Т.М. Макроэкономическое планирование и прогнозирование [Текст]: учебное пособие / Т.М. Яркова. – Пермь: ИПЦ «Прокрость», 2018. - С.68-70.

Барои минтақаи шарқии мамлакат ташкили шабакаи такягоҳии нақлиёт, шабакаи маҳаллие, ки робитаи байни нуқтаҳои аҳолинишин ва шабакаи такягоҳии нақлиётро таъмин менамояд, инчунин ба вуҷуд овардани робитаҳое мебошад, ки азхудкунии сарватҳои табиии Помири Шарқиро таъмин менамоянд.

Асоси модели фазоии ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ долонҳои нақлиётӣ мебошанд.

Қобили зикр аст, ки аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон долонҳои байналмилалии аз ҷониби созмонҳои дахлдори байналмилалӣ эътирофшуда мегузаранд.

Инфрасохтори нақлиётӣ, ки дар он коммуникатсияҳои шабакаи такягоҳии нақлиётӣ ҷойгир шудаанд, бо шабакаи нақлиётии байналмилалии долонҳои байналмилалии нақлиётӣ пайваст мешаванд.

Ҳамин тариқ, рушди мунтазами шабакаҳои нақлиётии байналмилалӣ ва дохилӣ имкон медиҳад[33]:

-фазои ягонаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳифз ва инкишоф медиҳад;

-ҳалли маҷмӯи вазифаҳои геостратегӣ, таҳкими мавқеи кишвар ҳамчун пули нақлиётӣ байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ;

-консентратсия ва сарфаи захираҳо аз ҳисоби иншооти объектҳои таъйиноти сермақсад;

-ба азхуднамоии комплексии базаҳои ашёи хоми ояндадор ҳавасманд гардонида шавад;

-ба баробар кардани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо мусоидат кунанд.

Таркиби муҳимтарини шабакаи такягоҳии нақлиёт гузаргоҳҳои сарҳадӣ мебошанд. Гузаргоҳҳои сарҳадӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори

---

[33] Факторы, влияющие на развитие железодорожных перевозок на рынке транспортных услуг [Электронный ресурс]. – Режим доступа, URL: http://elibrary.ru., открытый. Дата обращения 15.07.2020.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми марти соли 1997, таҳти №123 «Дар бораи чораҳои рушд ва такмили ташкили интиқоли байналмилалии автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда мешаванд.

Самтҳои асосии рушди системаи гузаргоҳҳои сарҳадӣ аз инҳо иборатанд:

-муайян намудани шумораи оптималӣ ва ҷойгиркунии гузаргоҳҳои сарҳадӣдар коммуникатсияҳои намудҳои гуногуни нақлиёт;

-навсозӣ ва баланд бардоштани қобилияти гузарониши гузаргоҳҳои сарҳадии дорои сарбории зиёд ва барҳам додани гузаргоҳҳои ғайрифаъол;

-таҳияи технологияҳои нақлиётӣ-гумрукӣ, ки суръати максималии иҷрои расмиёти заруриро ҳангоми убури одамон, борҳо ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

-муттаҳидсозӣ ва интегратсияи системаи гузаргоҳҳои сарҳадӣ.

Таҷрибаи соҳа нишон медиҳад, ки коммуникатсия ва объектҳои инфрасохтор дар шакли моликияти давлатӣ қарор доранд, ки:

-пеш аз ҳама, вобастагии стратегии объектҳои дахлдор, ки фаъолияти бехатар ва аз ҷиҳати экологӣ устувори амалисозии системаи нақлиётро таъмин мекунанд, муайян карда мешавад;

-мавҷудияти оператори ғайридавлатии ин объекти инфрасохториро истисно намекунад;

-бо рушди муносибатҳои бозорӣ давра ба давра хусусигардонии инфрасохтор мушкилоти соҳибони баъзе корхонаҳо иваз карда мешавад[34].

Нақлиёт ва инфрасохторе, ки барои кори он шароит фароҳам меорад, яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёт буда, тамомияти арзии кишвар ва ягонагии фазои иқтисодии онро таъмин карда, рушди инфрасохтори нақлиёт шарти зарурии татбиқи модели инноватсионии рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ аст.

Инфрасохтори нақлиёт чун таркиби комплекси инфрасохтории кишвар вазифаҳои муайянеро иҷро мекунад, ки танҳо ба он хосанд. Дар баробари ин, вазифаи асосии маҷмӯавии инфрасохтори нақлиёт татбиқи робитаҳои

[34] Яркова Т.М. Макроэкономическое планирование и прогнозирование [Текст]: учебное пособие / Т.М. Яркова. – Пермь: ИПЦ «Прокрость», 2018. - С.68-70.

наќлиётию иќтисодии минтаќавӣ ва байниминтаќавӣ мебошад, яъне параметр ва конфигуратсияҳои шабакаи такягоҳии наќлиётро ифода менамояд[35]:

-дарозии роҳҳои робита;

-шумораи паҳлуҳои роҳ;

-намуд ва ҳолати рӯйпӯши роҳ;

-паҳнои ќисми мошингузар;

-мавҷудияти ќитъаҳои хатарнок ва садамавӣ дар ҳар як паҳлуи роҳ.

Ба омилҳои ин сатҳ инчунин параметрҳои умумии ҳудудии ташаккули инфрасохтори наќлиёт дохил мешаванд[36]:

-масоҳат ва конфигуратсияи сарҳадҳо, шумора ва серодамии маҳалҳои аҳолинишин;

-таркиби ҷойгиршавӣ (мавќеи мутаќобила)-инуќтаҳои аҳолинишин;

-баровардани маҳсулоти берунии корхонаю ташкилот.

Ҷузъи ғайринаќлиётии омилҳои дараҷаи якум дар хусусиятҳои сатҳ ва намуди ландшафти ҳудудҳо (кӯҳӣ, аграрӣ, саноатӣ-аграрӣ) ва намуди минтаќаҳои табиӣ (заминҳои ботлоќзор, аҳолинишин, тағйирёбии мавсимӣ) зоҳир мегардад, ки ба кори инфрасохтори наќлиёт бавосита таъсир мерасонад. Яке аз параметрҳо ҳиссаи майдони азхудшуда аз майдони тамоми ҳудуд мебошад.

Омилҳои сатҳи назариявии ташаккул ва рушди инфрасохтори наќлиёт параметрҳои анбуҳи бору мусофиронро дар бар гирифта, бо ҳаҷм ва самти анбуҳ, зудҳаракатӣ ва ҳаракатнокии аҳолӣ, нишондиҳандаҳои бехатарӣ (садаманокӣ), тавсифи техникии роҳҳои автомобилгардва дигар намуди шабакаҳо (суръат, шиддатнокии ҳаракат ва ќобилияти гузарониши шабакаҳо) ифода карда мешаванд)[37].

---

[35] Факторы, влияющие на развитие железодорожных перевозок на рынке транспортных услуг [Электронный ресурс]. – Режим доступа, URL: http://elibrary.ru., открытый. Дата обращения 15.07.2020

[36] Факторы, влияющие на развитие железодорожных перевозок на рынке транспортных услуг [Электронный ресурс]. – Режим доступа, URL: http://elibrary.ru., открытый. Дата обращения 15.07.2020

[37] Факторы, влияющие на развитие железодорожных перевозок на рынке транспортных услуг [Электронный ресурс]. – Режим доступа, URL: http://elibrary.ru., открытый. Дата обращения 15.07.2020.

Омилҳои дараҷаи олие, ки ба ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таъсир мерасонанд, параметрҳои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва фарҳангии минтақа мебошанд. Дар ин сатҳ дараҷаи таъсири инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба ин равандҳо ва баръакс, вобастагии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ аз омилҳои ғайринақлиётӣ (ҳудудӣ) омӯхта мешавад. Ва ин сатҳи таъсир ба ҷараёни транзитии нақлиётӣ нисбатан дохилиминтақавӣ ва байниминтақавӣ таъсир мерасонад.

Ҳамин тавр, таҳаввули системаҳои минтақавӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба сохти фазои азхудшуда дар доираи ҳудудҳои муайян ё ташаккули объектҳои ҳудудии равандҳои инфрасохтории нақлиётӣ саҳви хаттӣ мегузорад. Дар он[38]:

-воситаҳои маъмурию иқтисодиро барои яктарафа кардани манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсии субъектҳои хоҷагидорӣ, мақомоти давлатӣ ва аҳолӣ ташаккул медиҳад;

-сиёсати инфрасохтори нақлиётӣ ва таъмини иттилоотии онро ба таври мутобиқ ба танзим медарорад, симои мусоиди иҷтимоию иқтисодии ҳудудро ба вуҷуд меорад;

-тарҳи кластерии лоиҳаҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилиро ташаккул медиҳад;

-ҷолибияти сармоягузории нақлиётии минтақаро барои ҷалби маблағҳои муассисаҳои молиявии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, инчунин сармояи хусусӣ ташаккул медиҳад;

-дар соҳаи экологӣ ва рекреатсионӣ-сайёҳӣ кластерҳои мутобиқшавандаи нақлиётӣ (ташкили роҳҳои овезаи танобӣ дар минтақаҳои сайёҳии кӯҳӣ, майдлни чархболҳо) ташкил менамояд;

-ба сохтани моделҳои маҷозии «майдонҳои инфрасохтор» – нақшаҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар нуқтаҳои аҳолинишини ҳудудҳо шартҳо пеш мегузорад;

---

[38] Макаров Д.Б. Инструментарий развития транспортной инфраструктуры региона [Текст]: автореферат дисс. к.э.н. / Д.Б. Макаров. - Тамбов, 2015. - С. 26.

-стандартҳо, технологияҳо, мол ва хизматрасониҳои инноватсиониро ҷорӣ менамояд, дар натиҷаи аз нав тақсим кардани маблағҳои аҳолӣ инфрасохтори истеҳсолӣ ва тиҷоратиро инкишоф медиҳад;

-ташаккули муҳити институтсионалӣ дар системаи нақлиёт муҳити иҷтимоии аҳолиро беҳтар мегардонад, ба муқаррар намудани қоидаҳои нави рафтор, меъёрҳои расму оин, анъана ва ғайра мусоидат мекунад;

-модели робитаи байниҳамдигариро барои рушди консепсияи системаи ягонаи нақлиётии минтақа ва инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамояд.

Проблемаҳои соҳавӣ ва ҳудудии рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ аз сабаби мавҷуд набудани мақомоти ягонаи ҳамоҳангшудаи идоракунии давлатӣ ба миён меоянд, бинобар ин ҳалли онҳо дар ташкили нақшаи идоракунӣ дида мешавад, ки элементҳои он сохтор барои риояи тавозуни манфиатҳои иқтисодии корхонаҳо ва тамоми ҷамъият имкон медиҳад. Таҳлили коркардҳои назариявӣ[39] ва такмили таҷрибаҳои идоракунии соҳаҳои инфрасохтории иқтисодиёт дар асоси таъсиси холдингҳо ва самти мақсадноки ин иттиҳодияҳои соҳибкорӣ дар соҳаи идоракунии инфрасохтори нақлиёт дар такмили институтсионалии воситаҳои ҳудудии муносибатҳои ташкилию иқтисодии мутобиқнамоии фаъолияти мақомоти идоракунӣ дар ҳалли вазифаҳои хоҷагидорӣ-истифодабарӣ ва илмию техникии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ зоҳир мегардад.

Дар расми 2.3. ва 2.4. нақшаҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ пешниҳод карда шудаанд, ки дар ин асос институти «Холдинги давлатии инфрасохтори нақлиёт» ташкил карда мешавад.

Дар амалияи соҳаҳои инфрасохторӣ бештар аз ҳама холдингҳои назорати давлатӣ ва иштироки холдингҳои саҳмӣ дучор меоянд.

---

[39] Брянцев И.И. Предпосылки создания холдинговых структур: анализ теоретико-методологических подходов [Текст] / И.И. Брянцев // Вестник ПАГС. - 2015. - №1(46). -С. 115-121.;Брянцев И.И. Холдинг в системе государственно-частного партнерства. Электорнный ресурс. История происхождения холдинга. Электоронный ресурс. Правовое положение холдингов в России. Электронный ресурс.




**Расми 2.3. - Амсилаи таъсири мутақобила нисбати амалӣ сохтани сиёсати инфрасохторӣ рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Муқаррар карда шудааст, ки «дар холдинги назоратӣ ширкати холдингии асосӣ пакети саҳмҳои назоратии дигар иштирокчиёни холдингро дорад, ки бинобар ин ба фаъолияти онҳо таъсири ҳалкунанда мерасонад. Агар ширкати холдингии асосӣ дар сармояи дигар ҷамъиятҳои хоҷагидор-иштирокчиёни холдинг иштироки ҳалкунанда дошта бошад, он гоҳ чунин холдинг ҳамчун холдинги иштироки саҳмӣ ҳисоб мешавад, илова бар ин байни ширкати асосӣ ва ҷамъиятҳои он бо иштироки саҳмӣ муносибатҳои амудии молиявӣ, ҳуқуқӣ ва

дар баъзе аз шароитҳо, директивӣ-ҳуқуқӣ ё ташкилӣ-идоракунӣ, инчунин муносибатҳои истеҳсолӣ пайдо мегардад»[40].




**Расми 2.4.** Нақшаи рушди системаи идоракунии инфрасохтори нақлиёт*
***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Иштироки саҳмии ширкати асосӣ дар дигар корхонаҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустақил – аъзоёни холдинг ба маъноисоҳиби моликиятисаҳмӣ аломати хос барои холдинги инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мебошад.

Аз ин рӯ, Холдинги давлатии инфрасохтори нақлиёт аз номи давлат лоиҳаҳои сармоягузориро барои тағйир додани чаҳорчӯбаи соҳаи инфрасохтори

[40] Что такое холдинговая компания. Что такое холдинг [Электронный ресурс]. – Режим доступа, URL:https://ponp.ru., открытый. Дата обращения 26.06.2021

майдони ҳудудҳо эҷод карда, ба қайд гирифта, нигоҳ медорад, барои истифода аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ месупорад ва вобаста ба онҳо дигар хизматрасониҳоро нисбат ба лоиҳаҳои беҳтар намудани инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ пешниҳод менамояд.

Сарбории функсионалии ин элемент тавассути зерин татбиқ мегардад[41]:

-дастгирии иттилоотӣ дар воситаҳои ахбори омма сиёсати инфрасохторӣ барои ташаккули симои мусоиди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо;

-расонидани хизматҳои машваратӣ оид ба пешгӯии соҳаҳои майдонҳои инфрасохторӣ ба ташкилоти гуногуни давлатӣ ва хусусӣ;

-фароҳам овардани заминаҳои институтсионалӣ барои лоиҳаҳои инноватсионии барномаҳои нақлиётии ҷумҳуриявии рушди инфрасохторӣ;

-фароҳам овардани ҷолибияти сармоягузории нақлиётӣ дар ҳудудҳо;

-муҳайё намудани шароит барои ғайридавлатигардонии намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ ва объектҳои инфрасохтори рӯйизаминӣ дар комплекси нақлиёт бо мақсади ҷалби маблағҳои муассисаҳои молиявии хусусӣ;

-ташкили базаи иттилоотию электронӣ ё феҳристи майдонҳои инфрасохтори нақлиётӣ;

-ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ додани корти электронии универсалӣ барои дастрасӣ ба базаи иттилоотии майдонҳои инфрасохтори вилоят ва ҷумҳурӣ;

-идора ва танзими «майдонҳои инфрасохторӣ»-и сохташуда ва навтаъсиси элементҳои инфрасохтори нақлиёти минтақа;

-ташаккули майдони ягонаи инфрасохтори нақлиёти ҷумҳурӣ;

-ташаккули сиёсати кластерии иқтисодии рушди инфрасохтори нақлиёти ҳудудҳо;

-мутобиқсозии байнимитақавӣ ва байникластерии лоиҳаҳои инфрасохтори нақлиёт;

-ташаккули системаи мониторинг ва назорати инфрасохтори нақлиёт мутобиқи ташхиси натиҷаҳои фаъолият ва рушди субъектҳои хоҷагидор;

---

[41] Макаров Д.Б. Инструментарий развития транспортной инфраструктуры региона. [Текст]: автореферат к.э.н. / Д.Б. Макаров. - Тамбов, 2015. - 26 с.

-ташаккули инфрасохтори нақлиёт, ки ба инфрасохтори экологӣ ва рекреатсионӣ-сайёҳии минтақа мувофиқанд;

-мутамарказонии робитаи ҷории сохторҳои гуногуни давлатӣ оид ба фаъолияти майдонҳои инфрасохторӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва ғайра.

Сохтори пешниҳодшудаи холдинги давлатӣ ба иваз кардани сохтори ташкилии мавҷудаи идоракунии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Трансформатсияи инфрасохтории рушди иқтисодӣ-иҷтимоии иқтисодиёт зарурати объективии дигаргунсозии инфрасохториро дар системаи хоҷагидории ҳудудӣ, аз ҷумла, зарурати аниқсозии моҳият, тағйирот дар стратегия ва методологияи бунёди инфрасохтори системаи ягонаи нақлиёти минтақа ва умуман ҷумҳурӣ муайян менамояд[42].

Набудани мақомоти ягонаи давлатии идоракунии инфрасохтори ҳамаи намудҳои нақлиёт татбиқи муносибати комплексиро дар масъалаҳои муайянкунии функсионалии равандҳои ташкил ва идоракунӣ, инчунин муносибгардонии инфрасохтори ягонаи системаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон душвор месозад.

Инфрасохтори ягонаи системаи нақлиёти ҷумҳурӣ ҳамчун зерсистемаи муҳими инфрасохтори иқтисоди миллӣ бояд дорои зерсистемаҳои идоракунанда ва идорашаванда бошад, ки бояд вазифаҳои идоракунӣ ва ба бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт иҷозат додани воситаҳои нақлиётро дошта бошанд.

Таҳлили назариявии инфрасохтори соҳаҳо ва ҳудудҳои дар боби якуми диссертатсия гузаронидашуда имкон медиҳад, ки майдони инфрасохтори ягонаи нақлиёти ҷумҳурӣ пешниҳод гардида, дар он элементи калидӣ шахси ҳуқуқӣ – холдинги давлатии инфрасохтори нақлиёт ва мақомоти ҳудудии давлатӣ ваколатдор шудааст, ки дар он қитъаҳои инфрасохтори нақлиёт дар

---

[42] Макаров Д.Б. Инструментарий развития транспортной инфраструктуры региона [Текст]: автореферат к.э.н. / Д.Б. Макаров. - Тамбов, 2015. – С.14.

ҳудуди минтақаҳои ҷумҳурӣ воқеъ гардидаанд.

Ҳамкории мақомоти соҳавӣ ва ҳудудии идоракунии инфрасохтори нақлиётиро қонунгузорӣ оид ба намудҳои алоҳидаи нақлиёт танзим мекунад. Инфрасохтори нақлиёт бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи қонунгузории соҳавӣ ташкил ва танзим карда мешавад. Таҳлили равандҳои танзими қонунгузории инфрасохтори намудҳои гуногуни нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки сабабҳои берунӣ ва дохилии рушди таҳаввулоти инфрасохтори системаи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шаванд.




**Расми 2.5. Ҳамбастагии инфрасохтории элементҳои системаи ягонаи нақлиётӣ***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Ба сабабҳои асосии беруна метавон ворид кард[43]:

-мавҷуд набудани заминаи муосири меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалии дорои сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ;

-манфиатдории суст ба воридшавии сармояи хусусӣ ба объектҳо;

-вуҷуд надоштан ё нокифоя будани созмондиҳӣ ва амалисозии воридотию содиротии транзити инфрасохтори нақлиёт;

-рушди нокифояи долонҳои нақлиётии байниминтақавӣ, бахусус онҳое, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубиро мепайвандад;

-стратегияи ташаккулнаёфтаи конфигуратсияи шабакаи миллии роҳҳои автомобилию роҳи оҳан ва ҷойгирнамоии аэродромҳо;

-инфрасохтори нақлиётии «устувор»;

-набудани системаи инкишофёфтаи инфрасохтори мултимодалии нақлиёт;

-такмили сусти шабакаи робитаҳоиҳавоӣ бинобар алоқаи сусти байни аэродромҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ бо мақсади ҳамгироии дохилию берунӣ ба фазои ҷаҳонӣ оид ба хизматрасонии авиатсионӣ;

-мавҷуд набудани қоидаҳо ва меъёрҳои ҷудо ва захирасозии қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти давлат бо мақсади бунёди объектҳои инфрасохтори наклиёт;

-мавҷуд набудани фонди миллии молиявии сохтмони асосӣ ва таҷдиди объектҳои инфрасохтори нақлиёт (фонди инфрасохтори нақлиёт);

-барномаҳои нокифоя самараноки таъмини амнияти экологӣ ва миллии фаъолияти инфрасохтори нақлиёт.

Ба сабабҳои дохилӣ, таҳаввулоти инфрасохтори системаи ягонаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон дохил намуд:

-мавҷуд набудани бахши рақобатпазири хизматрасонии операторони хусусӣ дар инфрасохтори нақлиёт;

---

[43] Макаров Д.Б. Инструментарий развития транспортной инфраструктуры региона [Текст]: автореферат к.э.н. / Д.Б. Макаров. - Тамбов, 2015. – С. 15.

-набудани муносибатҳои муқаррарии консессионӣ;

-бартарии субсидиягузории байнисоҳавӣ;

-суст рушд ёфтани майдони нақлиётии баҳамоянда ва гиреҳӣ, комплекси боркунию борфарорӣ;

-набудани нақша ва барномаҳои татбиқи қобилияти гузарониши шабакаи такягоҳии нақлиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ;

-ба таври нокифоя ҷорӣ намудани иттилооти электронӣ ва ишора намояндаи системаҳо ва объектҳои инфрасохтори нақлиёт;

-таҷдиди парки ҳавопаймоӣ ва навсозии инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ (аэродромҳо, аэронавигатсия);

-нокифоя истифода бурдани роҳҳои робитавии дохилии нақлиёти роҳи оҳан, қисман вайрон кардани шабакаи роҳи оҳани дохилӣ;

-набудани барномаҳои баробар кардани сабабу оқибатҳои садамаҳои нақлиётию роҳӣ;

-ҳаракатнокии пасти дохилиминтақавии аҳолӣ;

-набудани ҳамоҳангӣ байни ташкилот ва сохторҳое, ки сиёсати нақлиётро танзим мекунанд ва бо истифода аз иқтидори инфрасохтори нақлиёт ба аҳолӣ васеъ хизмат мерасонанд;

-таъсири лоббӣ ва алоқаҳои коррупсионӣ дар татбиқи лоиҳаҳои гуногуни инфрасохтори нақлиётӣ;

-истифодаи техника ва технологияи аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ куҳнашуда.

Аҳамияти функсионалии маҳсулот ва тамоми инфрасохтори нақлиётии беҳтаршуда, мисли дигар кишварҳо[44], дар ташаккули инфрасохтори ҷумҳурӣ, дар вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, экологӣ, кластерӣ, институтсионалӣ, логистикӣ, илмии он, инчунин вазифаҳои амнияти миллӣ бо шаклҳои муайяни зуҳуроти онҳо мушоҳида мешавад.

---

[44] Солодкий А.И. Организационно-экономические основы формирования дорожной сети в контексте регионального развития [Текст]: автореф. диссерт. док.экон. наук.08.00.05. / А.И. Солодкий. – СПб,2009. – 52 с.

Маҳсулоти инфрасохтори нақлиётро метавон ба блокҳои функсионалии зерин тақсим кард.

*1. Блоки функсияҳои иқтисодии* истеҳсолоти инфрасохтори нақлиёт ба ташаккули системаи ягонаи нақлиётӣ, ки ба муносибгардонии лоиҳаҳо ва барномаҳои муҳим имкон медиҳад, ба роҳ мондани фаъолияти кластерии логистикаи нақлиётӣ, ки номутавозунии минтақавӣ ва байниминтақавӣ, монеаҳои маъмурӣ ва ҷузъи коррупсиониро бартараф менамояд, равона карда шудааст.

*2. Блоки функсияҳои иҷтимоию фарҳангӣ* аз он иборат аст, ки тағйироти инфрасохтори нақлиёт бояд ба тағйироти муҳити иҷтимоию фарҳангии ҳудудҳо мувофиқ бошад; стандартҳо ва шаклҳои нави самараноки рушди инфрасохтори, васеънамоӣ ва табдил додани фазои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва эҷоди инфрасохтори нави нақлиёт дар ҳудудҳои нав, паҳн кардани арзишҳои эстетикӣ ва мутобиқ кардани ҷараёни гуногуни иттилооти интиқолшаванда ба хусусиятҳои муваққатӣ ва меҳнатии шахс – истеъмолкунанда дар инфрасохтори нақлиёт намуди муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҷойгиркунии шаклҳои махсуси иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии худудҳо ё минтақаҳоро пешакӣ муайян менамояд.

*3. Блоки функсияҳои экологӣ.* Инфрасохтори нақлиётӣ ба ҳолати экологии ҳаёти аҳолӣ ва хизматрасонии инфрасохтори нақлиёт барои нигоҳ доштани вазъи мусоиди экологии минтақа таъсири бевоситаи манфӣ мерасонад.

Аз ин рӯ, барои ҷуброни зарари экологӣ аз буҷетҳои гуногун маблағҳои муайяни молиявӣ барои барномаҳои барқарорсозии муҳити зист ё ибораи дигар «мукофоти экологӣ ба нархи хизматрасонӣ» ҷудо карда мешаванд. Ва дар буҷетҳои зинаҳои гуногуни идоракунӣ, аз ҷумла субъектҳои хоҷагидорӣ банди хароҷоти «Фонди экологӣ» ташкил карда мешавад. Фаъолияти инфрасохтори нақлиёт боиси таназзули доимии экосистемаҳои табиӣ гардида, хатари офатҳои бузурги техногениро ба вуҷуд меорад.

Инфрасохтори нақлиёт ба ташаккули шуури нави экологӣ дар инсон ва лоиҳаҳои нави инфрасохтори нақлиётии «навъи экологӣ» мусоидат мекунад.

*4. Блоки функсияҳои кластерӣ.* Сохтмони кластерии иқтисодиёт боиси тағйир додани мақсадҳо, вазифаҳо, функсияҳои сохтори ташкилии корхонаҳои системаи нақлиётӣ, инчунин навсозии тамоми объекту элементҳои он мегардад.

Робитаҳои захиравӣ, молӣ ва дигар робитаҳои байни корхонаҳо дар доираи як кластери муайян тавассути каналҳои алтернативии инфрасохтори нақлиётӣ амалӣ карда мешаванд, ки самаранокии онҳо бештар аз ҳолати худи кластер ва инфрасохтори нақлиёт вобаста аст.

*5. Блоки функсияҳои институтсионалӣ.* Тахмин меравад, ки рушди эволютсионии инфрасохтори нақлиёт тағйироти институтсионалии сохтори ташкилӣ ва идоракунии онро ба вуҷуд меорад. Зарур аст, ки элементи нави институтсионалии нақшаи ташкилию идоракунӣ, яъне «Холдинги давлатии инфрасохтори нақлиёт» бо роҳи ташаккули системаи самараноки мониторинг, назорати инфрасохтори нақлиёти ҳудудҳо мутобиқи ташхис натиҷаҳои рушд бунёд гардад.

*6. Блоки логистикаи инфрасохторӣ.* Ин системаест, ки ба коркарди ҳама объектҳои дорои миқёси воқеӣ ва виртуалии марбут ба интиқоли бору мусофирон қодир аст.

Ҷамъбасти таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки блоки вазифаҳои дар боло овардашуда дар доираи холдингииинфрасохтори нақлиёт амалӣ карда мешавад, ки системаи ташаккули логистикаи нақлиётиро бо назардошти амнияти иқтисодӣ ва миллӣ, кам кардани маблағ ва вақт, хароҷот аз рӯйи принсипи «як равзана» муттаҳид ва ягона мекунанд.

Холдинги инфрасохтори нақлиёт ҳамчун маҳсули нақшаи нақлиёту коммуникатсия унсурҳои нав – «майдони инфрасохтори»-ро таҳия менамояд ва дорои хадамот, шуъбаҳои таъмин ва ҳамоҳангсозии ин элемент хоҳад буд. Барои ташаккул ва истифодаи логистикаи муосири муҳандисӣ, шабакаҳои коммуникатсионии инфрасохтори нақлиёт, сифатҳои истеъмолии ба рушди иҷтимоию иқтисодии қаламрави кишвар мувофиқ ба маҳсулоти ягонаи хушсифат ҳамеша талабот мавҷуд хоҳад буд.

*7. Функсияи илмӣ.* Илм барои мутобиқ кардани дарки инсон ба тағйироти илмӣ ва технологӣ дар инфрасохтори нақлиётӣ тавассути ҷаҳонбинӣ, ҷузъи технологӣ, ки рафтори инсонро дар ченакҳои фазоӣ ва вақти маҳсулоти системаи нақлиёт мутобиқ менамояд.

*8. Функсияи амнияти миллӣ.* Ин тадбирҳо оид ба пешгирӣ ва ҳифзи воқеии иттилооти тиҷоратӣ, муомилоти молиявӣ, ҳифзи тамомияти бору мусофирони интиқолшаванда аз дуздӣ ва дигар таъсироти манфии объективӣ ва субъективии ҷаҳони беруна мебошанд. Таъмини ин ҳифз бояд дар сатҳи инфиродӣ, гурӯҳӣ, маҳаллӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ сурат гирад. Зарурати тамомияти арзии давлат дар олами ҷаҳонишавӣ, пайвастани минтақаҳо ба фазои ягонаи иқтисодӣ ва мудофиавӣ, рушди ҳамаҷонибаи ҳудудҳоро инфрасохтори нақлиёт таъмин менамояд.

Дар асоси блоки функсияҳои дар боло зикршуда инфрасохтори нақлиёт ва маҳсулоти онҳо метавонад бо хусусиятҳои зерин ифода карда шавад:

-дорои таркиби фарққунанда ва комплекси моддию техникӣ, нақлиётӣ ва коммуникатсионии худ, ки самаранокии онҳо бевосита ба тамоми элементҳои инфрасохтори минтақа таъсир мерасонад;

-ба тамоми самтҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва маишии шахс хизмат мерасонад, муҳити иҷтимоию иқтисодии инсон, навсозии рушди дигар элементҳои инфрасохтори минтақаро тағйир медиҳад;

-ба тақсимоти ҷуғрофӣ ва тағйир додани фазои иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҳудудҳои нав мусоидат менамояд;

-мутобиқшавии байниминтақавӣ ва байникластерии лоиҳаҳои инфрасохтори наклиётиро ба вуҷуд меорад;

-системаи мониторинг ва назорати инфрасохтори нақлиёти минтақаро ташаккул медиҳад, объектҳои нақлиётиро ба ташхиси натиҷаҳои рушди субъектҳои хоҷагидори минтақа мутобиқ менамояд;

-институти инфрасохторӣ дар шакли «Холдинги давлатии инфрасохтори нақлиёт» барои пешгӯӣ ва тарҳрезии «объектҳои инфрасохторӣ»-и нақлиётии

ташкилоти гуногуни давлатӣ ва хусусӣ хизматрасонии машваратиро мерасонад;

-«майдонҳои инфрасохторӣ»-и мавҷуда ва навтаъсиси субъектҳои ҳудудиро танзим ва идора менамояд.

Ҳамаи ин тасдиқ мекунад, ки маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дорои бозори махсусе мебошад, ки дар он ибтидои танзими давлатӣ ва муносибатҳои бозорӣ зоҳир мегардад, яъне дар истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ барои таъмини фазои ҳаракати воситаҳои нақлиёт, муносибатҳои квазибозорӣ зоҳир мешаванд.

Ташаккули иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабҳои маълум боиси ташаккули сохтори комилан рақобатноки бозорӣ дар ҳамаи соҳаҳо набуд ва шуда наметавонад.

Натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, дар шароити дигаргунсозии куллии бозор, инчунин зарурати навсозии институтсионалӣ, ки на танҳо дар натиҷаи қафомонии иҷтимоию иқтисодии трансформатсияи иқтисоди кишвар, балки аз рӯйи иқтисодиёт, инчунин тамоюли умумии рушди тамаддуни муосир баҳо дода мешавад.Сарфи назар аз он ки сохтори асосии бозорӣ дар иқтисодиёти ватанӣ тадриҷан ташаккул меёбанд ва аз соли 1997 инҷониб буҳрони таназзули трансформатсионӣ рафъ шудааст, дурнамои таъмини суръати устувори рушди иқтисодӣ бо гуногунрангии сохторҳои иҷтимоию иқтисодии таъсисёфта дар модели иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле маҳдуд аст. Ин дар навбати худ аз воридоти бесамариинститутҳои иқтисодие, ки дар шароити иқтисоди бозаргонии мутараққӣ фаъолият мекунанд, аз ҷумла сектори давлатии он, аз қабили инфрасохтори нақлиёт вобаста аст ва тақлид ба кори бозор дар шароити универсалии бозор, на комилан бозаргонӣ, яъне институтҳои квазибозорӣ ё квазибозорҳо ҳукмфармост. Ин бозорҳо барои баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳавасмандгардонии ҳамкории рақобатпазир дар инфрасохтори  нақлиёт, ки талабот ба онҳо аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ таъмин мегарданд, ташкил карда мешаванд.

Назарияи иқтисодӣ як қатор равишҳои консептуалии назариявиро таҳия кардааст, ки категорияи «квазибозорҳо»-ро истифода мебаранд.

Муқаррар шудааст, ки «квазибозорҳо, бар хилофи механизмҳои бозорӣ, маҳсули сохтори бошууронаи институтсионалӣ аз ҷониби давлат механизми рақобатпазир мебошанд, ки дар он муассисаҳои ҷамъиятӣ (буҷетӣ, ғайритиҷоратӣ) мавқеи муҳимро ишғол мекунанд ва талабот ба маҳсулоти сектори ҷамъиятӣ аз ҳисоби маблағгузории буҷетӣ ё дигар механизмҳои аз нав тақсим кардани захираҳои молиявие, ки дар ташкили онҳо давлат накши фаъолона мебозад, таъмин карда мешавад. Ин ҳам бо хусусияти молҳои ҷамъиятии эътимоднок ва ҳам бо маҷмӯи функсияҳои давлат ва хусусияти институтҳои ҷамъиятие, ки ҳамчун субъектҳои бозор амал менамоянд, аз ҷумла дар доираи сохторҳои квазибозорӣ алоқаманд аст.

Бояд гуфт, ки хусусияти имрӯзаи институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи мавҷудияти оқибатҳои сисемаи фармонфармоию маъмурӣ, инчунин менталитетие мебошад, ки таърихан дар ҳудуди ҷумҳурӣ вадар муҳити дахлдори иҷтимоию мадании он ташаккул ва такрористеҳсол шудаанд. Омӯзиши ин хусусиятҳо, инчунин муайян кардани институтҳои махсуси сиёсӣ ва хоҷагидорӣ, ки ба пайдоиш ва паҳншавии онҳо сабаб шудаанд.

Мушкилоти иловагӣ дар навсозии институтсионалии истеҳсолоти хизматрасонии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ вобаста ба ислоҳоти давомдорибозор дар соҳаи нақлиёти ҷумҳурӣ, ки ба вуҷуд овардани шаклҳои мураккаби институтсионалӣ дар асоси ба ҳам пайвастани самарабахши таркиб ва шаклҳои бозорӣ ва давлатию маъмуриро дар назар дорад, дар назарияи иқтисод квазибозорҳо номида мешаванд[45].

Чунин сохтори бозор аз нуқтаи назари хусусиятҳои институтсионалии худ ҳамчун гибрид ба назар мерасад, ки бо мақсади ҳавасмандгардонии рақобат дар муҳити хоҷагидории фаъолияти сектори ҷамъиятии системаи нақлиёт дар

[45] Корытцев М.А. Институциональная модернизация квазирыночных структур общественного сектора [Текст]: автореф.дисс.докт.экон.наук / М.А. Корытцев. - Ростов-на-Дону, 2009. - 42 с.

шароити бозорӣ ба таври сунъӣ сохта шудааст, ки принсипҳои бозор ватанзими давлатиро муттаҳид менамояд. Муайян намудани хосиятҳои умумии технологии сохтори квазибозорӣ ва ҷорӣ намудани модели институтсионалии намунавӣ ба системаҳои мавҷудаи рақобатпазири харид имкон медиҳад, ки бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт ҳамчун сохтори квазибозорӣ муайян карда шавад.

Дар квазибозори маҳсулоти инфрасохтори, аз як тараф давлат ҳамчун бозори ҳукмрон баромад карда, принсипҳои идоракунии мутамарказро ба ин бозор ҷорӣ мекунад ва аз тарафи дигар, дар доираи ин бозорҳо ҳамчун институтҳои мушаххас квазибозорҳо дар доираи сохтмони инфрасохтори системаи нақлиётӣ бо мақсади ҳамкории рақобатпазири субъектҳои он ташаккул меёбанд.

Бояд гуфт, ки бар хилофи муносибатҳои бозорӣ квазибозорҳо ҳамеша маҳсули ташаккули бошууронаи институтсионалӣ аз ҷониби давлат механизми рақобатпазир мебошанд ва дар он инфрасохтори нақлиёт ҳамчун муассисаи давлатӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад, талабот ба маҳсулоти нақлиёти рӯйизаминӣ тавассути маблағгузории буҷетӣ ё дигар механизмҳои аз нав тақсимкунии захираҳои молиявӣ маҳдуд карда мешавад, ки дар ташкили ҷараёни онҳо давлат нақши фаъол дорад.

Татбиқи ин методология ва таҳлили муқоисавии моделҳои гуногуни ҳамкории рақобатӣ дар соҳаи инфрасохтори нақлиёт имкон дод, ки хусусиятҳои сохтори ягонаи институтсионалии маъмулии хоси ҳавасмандгардонии рафтори рақобатӣ дар системаҳои рақобатии раванди ташкилӣ ва истифодабарии инфрасохтори нақлиёт ошкор гардад ва он бо маблағгузории буҷетии талабот ба таъсис ва истифодабарии инфрасохтори нақлиёт алоқаманд аст.

Ташаккули талаботи муайяни маҳдудкунанда нисбат ба иштирокчиёни ҷойгиркунии фармоиши буҷетӣ бо паст шудани қобилияти назорати рафтори коррупсионии пудратчиён ҳангоми иҷрои корҳои сохтмони роҳ ҳамроҳ мешавад.Дар навбати худ, истифодаи баъзе усулҳои харид, ки барои амалияи

ҷаҳонӣ хос нестанд, масалан, музояда, танҳо бо хусусиятҳои иқтисоди институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода мешавад.Аммо, бо миқёси назаррас ва таҷрибаи густурдаи коррупсия дар соҳаи харид, ҳатто сатҳи баланди ҷазо метавонад кафолат дода шавад, ки фаъолияти коррупсионӣ танҳо дар доираи ҳаҷми хурди харид, илова бар ин, дар шароити мониторинги самараноки баҳодиҳӣ дар бораи вайрон кардани тартиби тендер, ки ба амал омадаанд, маҳдуд карда шавад.

Таҳлили таҷрибаи гузаронидани расмиёти тендер нишон дод, ки новобаста аз реҷаи сахти муқарраргардида рафтори коррупсионии хизматчиёни давлатӣ дар самти ҷой додани фармоиши буҷетӣ идома дорад. Воқеан ҳам содир намудани муомилоти сояафкан байни хизматчиёни давлатӣ ва иштирокчиёни озмун шаффоф набуда, шумораи ошкоршавии онҳо ночиз аст, мақомоти танзимкунанда пешгирии чунин ҳуқуқвайронкуниҳоро ғайримустақим бо роҳи муайян кардани қонуншикании мурофиавӣ ҳангоми қабули фармоиш ва татбиқи ҷазо бо ин далелҳо барои онҳо амалӣ менамоянд.

Аз ин рӯ, ҳатто дар сурати мавҷуд набудани имкони ифшои мустақими муомилоти сояафкани иштирокчиёни тендер барои ҷойгир кардани фармоишҳои буҷетӣ барои инфрасохтори нақлиёт мақомоти танзимкунанда метавонандбавосита ба онҳо тавассути ҷазо барои вайрон кардани тартибот таъсир расонанд, ки ислоҳи онҳо хеле осон аст. Аммо ин аз он сабаб аст, ки нақши макроиқтисодии бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт дар шароити муносибатҳои квазибозорӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст.

Таҳлили мо нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи ягонаи идоракунии инфрасохтори намудҳои нақлиёт вуҷуд надорад.

Ба Вазорати нақлиёт инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ итоат мекунад – инҳо роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мебошанд. Роҳҳои оҳан дар салоҳияти КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» қарор дошта, аэродромҳои маҳаллӣ тобеи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва аэродромҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ

тобеи фурӯдгоҳҳои байналмилалӣ мебошанд, ки тобеи Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Мавҷуд набудани мақоми ягонаи давлатӣ ҳалли масъалаҳои таъсиси системаи ягонаи нақлиётиро дар шароити хусусигардонии нақлиёти автомобилӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ дар соҳаи авиатсияи гражданӣ ва нақлиёти роҳи оҳан ва рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқ ва аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкил мегардонад.

Таҳлили коркарди назариявӣ ва амалияи навсозии системаи идоракунии давлатии комплексҳо, аз ҷумла дар нақлиёт нишон дод, ки Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Холдинги соф давлатии инфрасохтори нақлиёт (ХСДИРН) табдил дода шавад.

Дар холдинги соф[46] ширкати асосӣ ягон фаъолияти тиҷоратиро анҷом намедиҳад ва соҳиби ҳиссаи назоратии пакети саҳмияҳои давлатӣ (саҳмияҳои бартаридоштаи давлат) иштирокчиёни дигари холдинг буда, танҳо вазифаҳои назорат ва идоракуниро барои роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии иштирокчиёни холдинг иҷро менамояд.

Бояд гуфт, ки дар Федератсияи Россия давлат ба таъсис ва фаъолияти холдингҳои давлатӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд, ки қисман дар комплекси ҳарбӣ-саноатии Россия[47] бузургтарин холдинги «Системаҳои авиатсионии телекоммуникатсионӣ» дар Аврупоро ташкил медиҳад. Дар Қазоқистон холдинги миллии «ҚазМунайГаз», дар Узбекистон холдинги миллии

---

[46] Что такое холдинговая компания. Что такое холдинг [Электронный ресурс]. – Режим доступа, URL: https://ponp.ru., открытый.

[47] Брянцев И.И. Предпосылки создания холдинговых структур: анализ теоретико-методологических подходов [Текст] / И.И. Брянцев // Вестник ПАГС. - 2015. - №1(46). -С. 115-121; Брянцев И.М. Холдинг в системе государственно-частного партнерства. [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://cyberleninka.ru/article/n/osobennosti-regionalnogo-marketinga-na-rynke-potrebitelskih-tovarov-i-uslug-bryanskoy-oblasti., открытый. Дата обращения 02.12.2020; Правовое положение холдингов в России. [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://cyberleninka.ru/article/n/pravovoe-polozhenie-holdingov-v-rossiyskoy-federatsii., открытый. Дата обращения 02.12.2020;

«Узбекнефтегаз», дар Тоҷикистон холдинги миллии «Барқи тоҷик» фаъолият доранд.

Таҷрибаи назариявӣ ва амалии андӯхтаи истифодаи ташкилоти холдингӣ ва идоракунии комплексҳоро метавон дар соҳаи идоракунии давлатии инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият татбиқ кард, ки асосноки он дар қисматҳои дахлдори тадқиқоти диссертатсионии мазкур оварда мешавад.

# БОБИ 3. ВАЗЪИ МУОСИРИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Таҳлили вазъи ҳозираи ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Таҳлили гузаронидашудаи назарияҳои классикӣ ва муосири бозорҳои саноатӣ ва минтақавӣ ба олимон имкон дод, ки чаҳор варианти консепсияи коркарди механизми фаъолияти бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро таҳия намоянд[48]:

1. Консепсияи классикӣ бозорро ҳамчун механизме тавсиф мекунад, ки дар он «истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон мувофиқи сигналҳои нархии дар натиҷаи таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод дар бозорҳои каму беш озод амалкунандафаъолиятменамоянд». Он ҳамкории мутақобилаи талабот ва пешниҳодро, ки фаъолияти механизми бозории нархгузорӣ ва танзими истеҳсоли маҳсулоти инфрасохторинақлиёти автомобилиро таъмин менамояд, пешбинӣ мекунад.

2. Консепсияи маркетингӣ. Бозорро ҳамчун маҷмӯи харидорони мавҷуда ва эҳтимолии маҳсулот муайян менамояд. Ин субъектҳои бозорро водор мекунад, ки истеҳсолотро ба талаботи тағйирёбанда мутобиқ созанд, ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи рақибони худро омӯзанд ва равишҳои навро барои ҳавасмандгардонии истеъмолкунандагони ин маҳсулот ҷустуҷӯ кунанд. Рушди бозор ҳамчун мубoризаи рақобатӣ барои истеъмолкунанда тавассути қонеъ кардани ниёзҳои ӯ шарҳ дода мешавад.

3. Консепсияи институтсионалӣ. Бозорро ҳамчун маҷмӯи шартномаҳои басташуда ва қатъгардида ифода менамояд, ки иҷрои онҳоро институтҳо ва агентҳои дахлдори бозор таъмин месозад. Рақобат дар шакли ҳамкории байни корхонаҳо, субъектҳои бозор, ҳамчун стратегияи «бозингарон», ҳамчун агенти

[48] Фурсов В.А. Формирование и функционирование региональных рынков транспортных услуг: теория, методология, практика [Текст]: авторферат дисс. д.э.н. / В.А. Фурсов. –, 2011. - С. 25.

асосии тағйироти институтсионалӣ дар раванди ҳаракат ба сӯи ҳадаф пайдо мешавад.

4. Консепсияи эволютсионӣ. Он бозорро баррасӣ мекунад, ки дар он ҳар як субъект мақсаднок инкишоф ва тағйир меёбад, то ба муҳити зист беҳтар мутобиқ шавад.Эволютсия ба ин маъно раванди оптимизатсияи фаъолияти тамоми субъектҳо мебошад, ки бо интихоби табиӣ, рақобат ҳамчун раванди фаъоли рақобат ва таъсири мутақобилаву хусусияти ҳатмӣ дар бозор ҳал карда мешавад.

Хусусиятҳои истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори  нақлиёти автомобилӣ дар диссертатсия баррасӣ шудаанд, ки механизми воқеии фаъолияти бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт мушкилот дорад ва онҳоро дар доираи консепсияҳои мавҷуда бо истифода аз асбобҳои анъанавии методологӣ ҳал кардан ғайриимкон аст.

Дар бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ динамикаи мураккаби марбут ба марҳилаҳои даврӣ, инҳирофи номунтазам зоҳир мешавад. Ва хатарҳои фаъолияти он ба дараҷае печида шудаанд, ки усулу сохторҳои пештараи идоракунии истеҳсоли маҳсулот аз ҷониби инфрасохтори нақлиёт дигар ба ҳаёти воқеӣ мувофиқат намекунанд ва натиҷаҳои қонеъкунанда намедиҳанд.Аз ин рӯ, зарурати ташаккули иқдоми нав ба идоракунии фаъолияти бозори[53] маҳсулоти инфрасохтори  дар асоси истифодаи воситаҳои назарияи системаҳои худташкилкунӣ ва таҳлили система, инчунин равшан намудани мазмуни иқтисодии категорияҳои«хизматрасонии нақлиётӣ» ва «маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт» ба миён меояд..

Хизмат гуфта, амалҳоеро мефаҳманд, ки бевосита ба объектҳо дар шакли моддӣ алоқаманд нестанд ва мақсади асосии онҳо на натиҷаи фаъолият, балки худи фаъолият (хизматрасонии иттилоотӣ, машваратӣ, нақлиётӣ ва ғ.) мебошад.

Маҳсулоти инфрасохтори  нақлиёти автомобилӣ дар маҷмӯъ як қатор хусусиятҳои фарққунанда доранд, ки ҳангоми тадқиқи ҳама гуна бозор бояд ба назар гирифта шаванд[49].

---

[49] Ходжаев П.Д. Инновационное развитие рынка услуг пассажирского автомобильного транспорта: состояние, проблемы и перспективы [Текст] / П.Д. Ходжаев. – Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 353.

1. Ҳифзнопазирӣ.

2. Ламснопазирӣ.

3. Ҷудонопазирӣ аз истеҳсолкунандаи онҳо.

4. Имконнопазирии анборкунӣ.

5. Тағйирпазирии сифати маҳсулот.

Дар бобати соҳаи нақлиёт, масалан, Чернопятов А.М.[50], зери мафҳуми маҳсулоти нақлиётӣ интиқоли одамон ва борҳо, инчунин маҷмӯи амалиёти ёрирасон (иттилоотӣ, машваратӣ ва ғайра)-и вобаста ба дастрасгардониро мефаҳмад. Ба эътиқоди ӯ, маҳсулоти нақлиётӣ хусусияти комплексӣ дошта, он на танҳо хизматрасониҳои бевосита ба раванди интиқол алоқамандро, балки ҳамчунин хизматҳои миёнаравӣ оид ба фурӯши чиптаҳо, дигар ҳуҷҷатҳои сафар ё бастани шартномаҳо (иқтибоси пардохт) оид ба интиқолро дар бар мегирад.

Истеҳсолоти инфрасохтори нақлиёт ҳамин хусусиятҳои умумии маҳсулот (ҳифзнопазирӣ, ламснопазирӣ, ҷудонопазирӣ, имконнопазирии анборкунӣ ва тағйирпазирии сифати маҳсулот)-ро дошта, барои истеъмолкунандагон бо ҷойивазнамоии воситаи нақлиёти бароҳат ва бехатар дар фазои ҳаракати инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, ки эҷод кардааст, мебошад.

Дар ин маврид маҳсулот на ҷойивазнамоии бору мусофирон, балки ҷойивазнамоии худи воситаҳои нақлиёт мебошад, ки параметрҳои анбуҳи нақлиёт, балки анбуҳи бор ва селаи мусофиронро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, шиддатнокии анбуҳи нақлиёт параметри миқдории истеҳсолоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мебошад.

Муносибгардонии ҳаракати анбуҳи нақлиёт ва самаранокии он аз рӯйи меъёрҳои гуногун амалӣ карда мешавад, ки интихоби таъсирҳоро пешакӣ муайян мекунанд ва барои ба даст овардани сифати баланди маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар раванди интиқол мусоидат менамоянд.

---

[50] Чернопятов А.М. Управление развитием сферы транспортных услуг в северных регионах Российской Федерации [Текст]: автореф. дисс. канд. экон. наук.08.00.05. / А.М. Чернопятов. – Москва, 2006. - С. 24

Дар назария ва амалия меъёрҳои мувофиқи қабули қарорҳоро оид ба истеҳсолоти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таҳия кардаанд, ки ба таъмини зерин меоварад:

-бехатарии ҳадди имкон барои истеъмолкунандагони маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ;

-қобилияти гузарониши максималии имконпазири шабакаи самтҳои асосии ҳаракати воситаҳои нақлиёти автомобилӣ;

-афзалияти гузариши нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ;

-ҳолати зарурии экологии атмосфераи фазои инфрасохтории ҳудудҳо.

Ҳолати нақлиётӣ-истифодабарии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо маҷмӯи нишондодҳо тавсиф карда мешавад, ки сифат ва самаранокии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ аз онҳо вобаста аст. Ин нишондиҳандаҳо дар ҷадвали 3.1. ба тартибоварда ва ҷамъбаст шудаанд.

**Ҷадвали 3.1. – Системаи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ***

| **Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт** | **Мундариҷаи нишондиҳандаҳо** |
|---|---|
| ***1. Нишондиҳандаҳои қитъаҳои алоҳидаи инфрасохтор*** | ***Ҳаракати воситаҳои анбуҳи воситаҳои нақлиётро дар қитъаҳои алоҳидаи роҳ тавсиф медиҳад*** |
| -шиддатнокии ҳаракати нақлиёт,N,авт/соат ё авто/шабонарӯз | -шумораи автомобилҳое, ки дар як воҳиди вақт (соат, шабонарӯз) аз буриши кӯндаланги муайяни роҳ мегузаранд.<br>Вобаста ба шиддати ҳаракат категорияи роҳи автомобилгард муқаррар гардида, муҳлати таъмири роҳ ва тадбирҳои ташкили ҳаракати нақлиёт интихоб карда мешавад. |
| -зичии анбуҳи нақлиёт, q-авто/км. | -таносуби шумораи воситаҳои нақлиёт ба воҳиди дарозии роҳ (одатан ба 1 км).<br>Зичии анбуҳи нақлиёт дар роҳ бо таносуби шиддатнокии ҳаракат, шумораи хатти роҳ, суръати ҳаракат ва таркиби анбуҳи нақлиётӣ муайян карда мешавад. |

**Идомаи ҷадвали 3.1.**

| **Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт** | **Мундариҷаи нишондиҳандаҳо** |
|---|---|
| -қобилияти гузарониши роҳ,<br>P, авт./соат | -шумораи максималии автомобилҳое, ки метавонанд дар як воҳиди вақт аз қитъаи додашудаи роҳ ё умуман роҳ гузаранд.<br>Қобилияти гузарониш нишондиҳандаи муҳимтарин дар тарҳрезии профили кӯндаланг ва элементҳои геометрии роҳ мебошад. |
| -сарбории роҳ;<br>Q, т/сол, ё т/шабонарӯз | -массаи умумии борҳое, ки дар ин қитъаи роҳ ба ҳар ду самт дар воҳиди вақт ва воҳиди роҳ интиқол дода мешаванд.<br>Нишондиҳандаи сарбории роҳ бештар барои баҳодиҳии коршоямии рӯйпӯши роҳ истифода мешавад. |
| -коэффитсиенти сарбориироҳ ҳангоми ҳаракат,Z | -таносуби шиддатнокии ҳаракат ба қобилияти гузарониши қитъаи роҳи автомобилгарди баррасишаванда.<br>Ин нишондиҳанда яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ дар ҳисоб кардани шумораи хатҳои ҳаракат ва андозаҳои элементҳои геометрӣ мебошад. |
| -суръати ҳаракат,V, км/соат | -нишондиҳандаи муҳимтаринисифатии кори роҳи автомобилгард ва ҳолати он.<br>Вобаста ба мақсаду вазифаҳое, ки дар ҳалли онҳо нишондиҳандаи суръати ҳаракат истифода мешавад, суръати ҳаракат фарқ карда мешавад: ҳисобӣ; конструктивӣ; фаврӣ; истифодабарӣ; техникӣ; ҳисобии ҳангоми ташкили ҳаракат қабулшуда; оптималӣ; меъёронӣ. |
| ***2. Нишондиҳандаҳои сифати майдони инфрасохтори ҳудудҳо*** | ***Сифати ташкили фазои ҳаракати воситаҳои нақлиётро дар як созмони муайяни ҳудудии истеҳсолот тавсиф медиҳанд*** |
| -шиддатнокии ҳаракат, N | Категорияи қитъаҳои роҳи майдони инфрасохтории ҳудудҳоро муайян менамоянд (категорияҳои 1,2,3,4,5). |
| -дараҷаи азхуднамоииинақлиётии ҳудудҳо,$F_{oc}$ | Таносуби дарозии роҳҳои автомобилгард (км) ба майдони ҳудудҳои инфрасохторӣ (км$^2$) |
| -сифати шабакаи нақлиётӣ, $K_{сет}$ | Таносуби дарозии роҳҳо бо рӯйпӯши сахт(км) ба дарозии умумии роҳҳо дар майдони инфрасохтории ҳудудҳо. |

**Хотимаи ҷадвали 3.1.**

| **Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт** | **Мундариҷаи нишондиҳандаҳо** |
|---|---|
| -транзитӣ будани майдони инфрасохторӣ, $T_{транз}$ | Дарозии роҳҳои дар долонҳои байналмилалӣ ҷойгиршуда (км) ба дарозии умумии роҳҳо дар майдони инфрасохтории ҳудудҳо (км). |
| -модалнокии майдони инфрасохтории ҳудудҳо, $M_{мод}$ | Шумораи намудҳои нақлиёте, ки инфрасохтори онҳо дар майдони инфрасохтории ин ҳудуд ҷойгир аст. |
| -коэффитсиенти Энгел, d | Таносуби дарозии роҳҳои майдони инфрасохторӣ ба решаи квадратии ҳосили майдон ва шумораи аҳолии ҳудуд. |

***Сарчашма:** Красников А.Н. Закономерности движения на многополосных автомобильных дорогах. – Транспорт, 1988. – 111 с.

Бояд гуфт, ки шиддатнокии ҳаракат яке аз нишондиҳандаҳои асосии баҳодиҳии сифати маҳсулоти фазои ҳаракати воситаҳои нақлиёт чӣ дар сатҳи қисматҳои алоҳидаи инфрасохтори ва ҳам дар тамоми соҳаи инфрасохтори ҳудудҳо буда, барои муайян кардани теъдодихатти роҳҳо ва андозаҳои геометрии роҳ истифода мешавад.

Комбинатсияҳои эҳтимолии байни тағйирёбандаҳо – ҳаҷм ва зичӣ, суръат ва зичӣ, суръат ва ҳаҷм муносибатҳои хароҷотро барои роҳи мавҷуда пешакӣ муайян карда, маънои ибтидои хароҷотро дар истеҳсоли инфрасохтори нақлиёти автомобилиро айни замон муайян мекунад, дигарон шартҳои хароҷотро, ки агар ин қисмати инфрасохтори заминӣ то сатҳи муайяни шиддатнокии ҳаракат ё қобилияти гузарониш васеъ паҳн шавад, пешакӣ муайян менамоянд.

Механизми мутақобилаи бозории талабот ва пешниҳод дар бозори маҳсулоти инфрасохтори дар шароити зуҳури муносибатҳои квазибозорӣ дар расми 3.1 ба таври графикӣ оварда шудааст.

Механизми таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод дар бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар асоси вобастагии арзиши воҳиди сафар тавассути инфрасохтор бо ҳаҷми гуногуни гузариши анбуҳи нақлиёт тариқи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ муайян карда мешавад.




**Расми 3.1. - Механизми таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод дар бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ*.**

***Манбаъ:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Механизм барои амалишавии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ шартҳои зеринро пешбинӣ менамояд.

Аввалан, маълум аст, ки мувозинати анбуҳи нақлиёт ҳам аз усули баҳодиҳӣ ва ҳам аз категорияи роҳҳо вобаста аст.

Барои роҳи мавҷуда анбуҳи нақлиётӣ (Р –қобилияти гузарониш) ба $P_1$ ва нарх –$Ц_1$ дар усули баҳодиҳии арзиши ниҳоӣ баробар хоҳад буд ва бо усули баҳодиҳии арзиши миёнаи умумии хароҷот ба $P_2$ ва нарх –$Ц_2$ баробар хоҳад буд. Аз ин рӯ, аз рӯйи варианти дуюм васеъ кардани роҳанбуҳи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ то $P_3$ зиёд мешавад ва нарх ҳам аз рӯйи усули хароҷоти ниҳоӣ ва ҳам аз рӯйи усули миёнаи умумии хароҷот то $Ц_3$ паст мешавад.

Дуюм, барои шароити идеалӣ (яъне ҳангоми даромади доимӣ, нархҳои ягона ва шароити устувори талабот) арзиши беҳтарини дарозмуддат ва масъалаи сармоягузорӣ комилан равшан аст: идомадиҳии васеъ (ё танг) кардани

инфрасохтори рӯйизаминӣ (роҳ) то чунин андоза, то нархе, ки он ба функсияҳои талабот ва арзиши ниҳоии кӯтоҳмуддат ба арзиши охири дарозмуддат баробар нахоҳад буд, яъне инфрасохтор то он даме, ки каҷхаттаи талабот, арзиши ниҳоии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати хизматрасониҳо бурида шаванд, васеъ кардан лозим бошад,мувофиқат намояд.

Дар шароити кунунӣ тағйирёбандаи талабот ва арзиши инфрасохтори нақлиёти автомобилиимавҷуда бояд то ба сатҳи қобилияти гузаронишҳангоми таҷдиди инфрасохтор васеъ карда шавад; нарх, арзиши ниҳоии кӯтоҳмуддат, арзиши ниҳоии дарозмуддат ва арзиши умумии миёнамуддат бояд ба $Ц_3$ баробар бошад ва анбуҳи нақлиётии мутавозин ба сатҳи $Р_3$ мерасад.

Маблағи боҷи роҳ барои пӯшонидани фарқияти байни хароҷоти истифодабарандагони инфрасохтордар ҳаҷми $Р_3$ ва пардохтҳои аз ҷониби истифодабарандагони $Р_5$ пардохтшаванда бояд баробар (Р3 – Р5) бошад.Ҳамин тариқ, боҷи зарурӣ ё фарқияти байни хароҷот ва пардохтҳо барои истеъмолкунандагони маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт $Р_3$ барои ҳолати оптималӣ ба зерин баробар аст:

$$T(P_3) = [(F_2 + C_2(P_3)): P_3) - (C_2(P_3)): P_3] = F_2: P_3,$$

ба ибораи дигар, дар шароити оптималӣ боҷи муқарраршуда (беш аз хароҷоти нигоҳдорӣ ва таъмири инфрасохтор, ки бояд аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ рӯйпӯш шавад) бояд ба хароҷоти доимии роҳ (аз ҷумла фоизи сармоя) дар тамоми анбуҳи воситаи нақлиёти автомобилӣ баробар тақсим карда шавад.

Сеюм, бояд гуфт, ки дар шароити идеалӣ истифодаи усули баҳодиҳии арзиши ниҳоии кӯтоҳмуддат ҳамеша ба тақсимоти оптималии захираҳо меоварад ва ҳамин тариқ, ба андозаи оптималии анбуҳ дар инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва арзиши оптималии маҳсулоти он оварда мерасонад.

Дар шароите, ки бо инфрасохтори мавҷудаи нақлиёти автомобилӣ алоқаманд аст, татбиқи арзиши кӯтоҳмуддати ниҳоӣ ба муқарраргардии нархи $Ц_1$ дар анбуҳи $Р_1$ мегардад. Аммо хароҷоти миёнаи умумии хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ дар анбуҳи $Р_1$ ба $Р_4$ баробар хоҳад буд, ки даромади иловагӣ (соатӣ)-ро дар $Р_1$ минуси $Р_4$, такрори $Р_1$ маротиба нишон медиҳад. Бояд

гуфт, ки ин даромад аз гардиши муътадил ё фоизи сармоя ҳамеша ба каҷхаттаи ҳаҷми умумии арзиш ва арзиши миёнаи умумии маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт дохил мешавад.

Бо рақобати одилона (ғайрикоррупсионӣ), ин потенсиали даромади иловагӣ корхонаҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилиро ҳавасманд мегардонад, то андозаи инфрасохтори онҳо ва ҳаҷми анбуҳи нақлиётии беруншавандаро барои ба даст овардани шароити беҳтарини хизматрасонии анбуҳи воситаҳои нақлиёт назорат кунанд. Бо вуҷуди ин, дар хотир доштан хеле муҳим аст, ки истифодаи арзиши ниҳоии кӯтоҳмуддат ҳангоми маҳдудияти ихтиёрии қобилияти гузарониш на ҳатман ба истифодаи оқилонаи роҳ ё тақсими беҳтарини захираҳо оварда мерасонад.

Мушкилот дар муайян кардани андоза ё категорияи роҳи зарурӣ ва кафолати оне аст, ки «инфрасохтори нақлиёти автомобилии оптималӣ» ба таври сарфакорона истифода мегардад. Ин ҷо чизи асосӣ – беҳтар тақсим кардани захираҳо аст, ки кӣ фоида мегирад ва хароҷотро кӣ мепардозад; якум ба масъалаи самараи иқтисодӣ ва дуюм ба масъалаи муносибгардонии тақсимоти захираҳо дахл дорад. Вазифа аз он иборат аст, ки ба таври дақиқ хароҷот барои ҳаҷми васеи анбуҳи воситаҳои нақлиёти хориҷшаванда дар муқоиса бо фоида аз афзоиши қобилияти гузарониши инфрасохтори рӯйизаминӣ дар минтақаи додашудаи он мутавозин карда шавад, инчунин нисбатан беҳтар истифода бурдани инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ кафолат дода шавад.

Дар мавриди хароҷоти зиёд кардани ҳаҷми анбуҳи хориҷшавандаи нақлиёти автомобилӣ шартҳои васеъ кардани инфрасохтори нақлиёти автомобилиро ба назар гирифтан лозим аст, зеро байни хароҷоти инфрасохтор ва хароҷот барои ҷойивазнамоии шахсӣ мубодилаи табиӣ мавҷуд аст; дар ин маврид фоиданоктаринаш каҷхаттаи арзиши ниҳоии дарозмуддат мебошад, ки айни замон каҷхаттаи банақшагирӣ барои муайян кардани инфрасохтори нақлиёти зарурӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки каҷхаттаи арзиши ниҳоии дарозмуддат мубодилаи ниҳоии байни хароҷоти роҳ ва хароҷоти шахсиро барои ҷойивазнамоӣ дар

инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ифода мекунад. Ва дар мавриди саволи чӣ ба фоида аз афзоиши ҳаҷми анбуҳи хориҷшавандаи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ тааллуқ дорад, бояд қайд намуд, ки ин ҷо функсияи талабот нисбатан мувофиқ аст ва бо афзоиши воҳиди қобилияти гузарониши қисми додашудаи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ алоқаманд аст.

Фоидаи ниҳоӣ мувозинати дақиқ ба арзиши ниҳоӣ мебошад, ба истиснои он ки якум ба фоидаи аз афзоиши неруи хориҷшаванда барои як воҳиди афзоиши анбуҳи воситаи нақлиёти автомобилӣ бадастоварандаи ҳукумат тааллуқ дорад. Ва дуюм, маънои талафотеро дорад, ки давлат ба як воҳиди афзоиши қобилияти гузарониши қитъаи «танг»-и инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ меорад. Барои ҷамъият умуман бе тақсимоти даромад (ба назар нагирифтани онҳое, ки даромад мегиранд ва онҳое, ки хароҷотро мепардозанд) аз ҷиҳати иқтисодӣ беҳтар мешавад, ки фоидаи умумии соф (ё фоидаи ҷамъшуда тарҳи хароҷот) то ба максимум бурда шавад.

Дар расми 3.1. параметри mb (P) фоидаи ниҳоиро барои анбуҳи нақлиёти автомобилӣ бо ҳаҷми P (ки ба функсияи талабот баробар аст) ифода менамояд; аз ин рӯ, фоидаи соф ё фоидаи ниҳоӣ тарҳи арзиши дарозмуддати ниҳоӣ манфӣ нест ва ҳамин тариқ, фоидаи умумии соф то даме, ки ҳаҷми анбуҳи хориҷшавандаи воситаи нақлиёти автомобилӣ ба қимати $P_3$ намерасад, давом меёбад.

Ҳамин тариқ, фоидаи умумӣ барои ҷомеа ба максимум расонида мешавад, агар варианти оптималӣ ё беҳтарини бунёди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, ки қобилияти азхудкунии анбуҳи нақлиёти автомобилии $P_3$-ро дорад ва вақте ки сиёсати нархҳо сатҳи доимии ҳаррӯза ё кӯтоҳмуддати қобилияти гузарониши инфрасохтори нақлиёти автомобилиро мувофиқи анбуҳи $P_3$ кафолат медиҳад.

Минбаъд, ҳангоми анбуҳи нақлиётии оптималӣ ва андозаи оптималии иқтидори инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ (яъне анбуҳи $P_3$) ва инфрасохтори «2», мутаносибан, арзиши ниҳоии дарозмуддат ва арзиши ниҳоии кӯтоҳмуддати маҳсулот ба ҳамдигар баробар мешаванд; арзиши ниҳоӣ

ва арзиши миёнаи умумии маҳсулот низ ба ҳамдигар баробар мешавад ва пас аз истифодаи маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ фоидаи барзиёди монополӣ гирифта намешавад.

Бояд гуфт, ки ҳамаи ин қонуниятҳо дар қитъаҳои алоҳидаи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ зуҳур мекунанд, аз ин рӯ, барои баҳодиҳии истеҳсоли маҳсулоти майдони инфрасохтории субъектҳои ҳудудӣ бояд ба нишондодиҳандаҳои гурӯҳи дуюм диққат дод (ҷадвали 3.2.), ки ҳолати истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро дар майдони муайяни ташкили ҳудудии истеҳсолот нишон медиҳанд.

Дар адабиёти илмию методӣ равиши таҳлили тафовути ҳудудии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар асоси системаи муайяни нишондиҳандаҳо ба таври кофӣ муфассал таҳия ва татбиқ карда шудааст.

Ҳамин тавр, Н.Ф. Голиков бо ҳаммуаллифон зарурати омӯхтани конфигуратсияи инфрасохтори шабака ва муносибгардонии онҳоро таъкид кард. Дар байни вазифаҳои мушаххаси инфрасохтори нақлиёти минтақавӣ омӯзиши дараҷаи инерсионии фазоии системаҳои инфрасохторӣ низ номида мешавад[51].

Иерархия ва таснифоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ – роҳҳои автомобилгард бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» таҳти №47 аз 10.05.2002с. муқаррар карда шудааст.

Тибқи Қонуни мазкур вазифаҳое, ки ба роҳҳо вогузор шудаанд, меъёри асосии муқаррар намудани иерархияи роҳҳо буда, тибқи онҳо тамоми роҳҳои Тоҷикистон ба ду гурӯҳ – ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тақсим мешаванд.

Дар воқеъ, тадқиқоти мушаххас дар ин соҳа асосан ба ҳалли ду мушкилот – конфигуратсияи инфрасохтори шабакавӣ ва муносибгардонии онҳо марбут аст. Дар баробари ин ба таҳлили тафовутҳои ҳудудӣ, ба аҳамияти

---

[51] Голиков Н.Ф. География инфраструктуры [Текст] / Н.Ф. Голиков. – Киев, Выща школа,1984. - С.128.

нишондиҳандаҳои комплексӣ ва коэффитсиентҳои хусусии бо инфрасохтори нақлиёт таъмин намудани ҳудуди минтақаҳои ҷумҳурӣ диққати асосӣ дода мешавад[52].

**Ҷадвали 3.2. – Дарозии шабакаи роҳҳои автомобилгард дар вилоятҳо ва минтақаҳои маъмурӣ-ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон** (дар соли 2021)*

| Шабакаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум | Ҳамагӣ, км. | Аз рӯйи вилоят ва минтақаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | НТҶ | Бохтар | Кӯлоб | Суғд | ВМКБ | Рашт |
| Ҳамагӣ роҳҳо | 14141 | 1910,9 | 2740,5 | 2389,4 | 3442,0 | 2712,0 | 938,0 |
| Роҳҳои ҷумҳуриявӣ | 5423 | 697,4 | 748,9 | 728,4 | 1095,9 | 1680,8 | 471,6 |
| Аз ҷумла роҳҳои байналмилалӣ | 3335,6 | 287,3 | 427,7 | 292,3 | 732,0 | 1297,3 | 279,0 |
| Дигар роҳҳои ҷумҳуриявӣ (фаръӣ) | 2087,5 | 410,1 | 321,2 | 436,0 | 363,9 | 383,5 | 172,6 |
| Роҳҳои маҳаллӣ | 8717 | 1213,4 | 21991,6 | 1670,0 | 2345,3 | 1031,2 | 466,4 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Аз ин рӯ, роҳҳо ҳамчун инфрасохтори асосии нақлиёти автомобилӣ аз ҷиҳати иқтисодию ҷуғрофӣ яке аз омилҳои муҳими ҷойгиршавии истеҳсолот, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад. Пас, таҳлили шабакаи роҳҳо ва муносибгардонии онҳо дар ташаккул ва рушди ноҳияҳои намуд ва дараҷаҳои гуногуни азхуднамоӣ, омодагии онҳо ба дарки навоварӣ дар ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ нақши муҳим мебозад.

Бо назардошти ин муқаррароти методӣ мо ҳолати умумӣ ва динамикаи параметрҳои ташаккули инфрасохтори нақлиёти автомобилиро дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон меомӯзем.

---

[52] Приваловская Г.А. Территориальная структура хозяйства староосвоенных районов [Текст] / Г.А. Приваловская, С.А. Тархов, А.И. Трейвиш. - М.: Наука, 1995. – С.71

Қисми муҳимтарини инфрасохтори нақлиёти ҷумҳурӣ, чунон ки дар боло зикр гардид, роҳҳои автомобилгард мебошанд.

Тибқи маълумоти оморӣ ба ҳолати 01.12.2021 шабакаи роҳҳои автомобилгарди Тоҷикистон 26366 километр, шабакаи роҳҳои оҳан 666 километрро ташкил медиҳад. Ҳама роҳҳо дар Тоҷикистон дар аст роҳҳои давлатӣ мебошанд. Шабакаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умуми назди Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 14141 км иборат аст, ки ин 56,3%-и тамоми шабакаи роҳҳои ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Роҳҳои идориро 12563 км, яъне 47,7%-и тамоми шабакаи роҳҳо ташкил менамояд.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 3.2. шаҳодат медиҳад, ки роҳҳои ҷумҳуриявӣ шохаҳои асосӣ мебошанд, ки шабакаи асосии роҳҳои автомобилгарди Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ин роҳҳо индексатсия (рақамгузорӣ) шудаанд ва ба онҳо 17 роҳи аҳамияти байналмилалидошта ва 86 роҳи аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дошта дохил мешаванд.

Нишондиҳандаи муҳими сифати роҳҳои автомобилгардба категорияҳо ҷудо кардани онҳост. Дар маҷмӯъ дарозии ҳамаи роҳҳо барои категорияҳои дахлдор дар ҷадвали 3.3. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.3. - Шабакаи роҳҳои истифодаи умум аз рӯйи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва категорияҳои техникӣ, ба ҳолати 01.12.2021 с., км***

| Категорияҳои роҳҳо | Аз рӯйи идораҳои минтақавӣ | | | | | | **Ҳамагӣ дар ВНҶТ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Гурӯҳи ноҳияҳои Ҳисор** | **Бохтар** | **Кӯлоб** | **Суғд** | **ВМКБ** | **Рашт** | |
| **РОҲҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** | | | | | | | |
| I | - | - | - | - | - | - | - |
| II | - | - | - | 126 | - | - | 126 |
| III | 215 | 237 | 246 | 263 | 311 | - | 1272 |
| IV | 71 | 112 | 18 | 186 | 873 | 320 | 1580 |
| V | - | - | - | 48 | 112 | - | 160 |
| Ҳамагӣ | 286 | 349 | 264 | 623 | 1296 | 320 | 3168 |
| **РОҲҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ** | | | | | | | |
| I | - | - | - | - | - | - | - |
| II | - | - | - | 21 | - | - | 21 |

**Идомаи ҷадвали 3.3.**

| Категорияҳои роҳҳо | Аз рӯйи идораҳои минтақавӣ | | | | | | Ҳамагӣ дар ВНҶТ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Гурӯҳи ноҳияҳои Ҳисор** | **Бохтар** | **Кӯлоб** | **Суғд** | **ВМКБ** | **Рашт** | |
| III | 126 | 253 | 86 | 334 | 6 | - | 806 |
| IV | 157 | 20 | 298 | 85 | 28 | 111 | 699 |
| V | 48 | 12 | - | - | 155 | - | 215 |
| Ҳамагӣ | 331 | 285 | 384 | 440 | 189 | 111 | 1740 |
| **РОҲҲОИ МАҲАЛЛӢ** | | | | | | | |
| I | - | - | - | - | - | - | - |
| II | - | - | - | 4 | - | - | 4 |
| III | 20 | 67 | - | 144 | - | - | 231 |
| IV | 266 | 327 | 98 | 395 | - | - | 1086 |
| V | 853 | 1716 | 1603 | 1754 | 1210 | 468 | 7604 |
| Ҳамагӣ | 139 | 2110 | 1701 | 2297 | 1210 | 468 | 8925 |
| Ҷамъ | 1756 | 2744 | 2349 | 3360 | 2695 | 899 | 13803 |

*** Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Бояд гуфт, ки аз дарозии умумии роҳҳои ҷумҳуриявӣ 3335,6 км роҳҳои байналмилалӣ мебошанд. Мақоми ин роҳҳо тибқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Баъзе аз қисмати роҳҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ хусусияти байниминтақавӣ доранд, яъне зиёда аз як минтақаро убур карда, хизмат мерасонанд (ниг. ба ҷадвали 3.4.). Роҳҳои байналмилалӣ расман ба категорияҳои II-V ворид карда мешаванд, ки аз он 4%-и роҳҳо ба категорияи дуюм, 14% ба категорияи сеюм, 50% ба категорияи чорум ва 5% ба категорияи панҷум дохил мешаванд.

**Ҷадвали 3.4. – Қитъаҳои роҳ, ки ба категорияҳои I ва II таааллуқ доранд, ба ҳолати 01.12.2021с.***

| **Номи роҳ** | **Индекси роҳ** | **Қитъа бо 4 хатти роҳ** | **Дарозии қитъа, км** |
|---|---|---|---|
| **КАТЕГОРИЯИ I** | | | |
| Душанбе – Ваҳдат – Данғара - Кӯлоб | МД04 | 8,7 км – 21 км | 12,3 |
| Душанбе – Қизил Қалъа –Айвоҷ | МД09 | 9,5 км – 15км | 5,5 |
| **КАТЕГОРИЯИ II** | | | |
| Душанбе – Хуҷанд | МД01 | 253,7 – 304,2 | 50,5 |

**Идомаи ҷадвали 3.4.**

| **Номи роҳ** | **Индекси роҳ** | **Қитъа бо 4 хатти роҳ** | **Дарозии қитъа, км** |
|---|---|---|---|
| Душанбе – Рӯдакӣ –Шаҳритус – Айвоҷ | МД09 | аз км 34 то км 37 | 3 |
| | | аз км 57 то км 72 | 15 |
| | | аз км 80 то км 84 | 4 |
| Конибодом – Хуҷанд –Спитамен– сарҳади Ӯзбекистон | МД013 | азкм 0 то км 56,8 | 56,8 |
| | | азкм 91 то км109,3 | 18,3 |
| Хуҷанд – Ғафуров | РД 069 | азкм 0 то км 17,3 | 17,3 |
| Душанбе–Рӯдакӣ – Шаҳритус – Айвоҷ | РД 077 | азкм 0 то км 3,4 | 3,4 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Ғайр аз ин, 1740 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ мавҷуданд, ки онҳоро роҳҳои фаръӣ меноманд. Аз он ҷумла, қариб 46%-и роҳҳо ба категорияи панҷум ва 40%-и роҳҳо ба категорияи чорум дода тааллуқ доранд.

Аз рӯйи намуд 54%-и дарозии роҳмумфарш, 33%-аш шағали бо битум коркардшуда, 13%-и боқимонда шағали бо битум коркард нашудааст.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 3.4. нишон медиҳад, ки тамоми шабакаи роҳҳоро аз рӯйи категорияҳо аз нав ба қайд гирифтан зарур аст, то ки қитъаи роҳҳо ба категорияи баландтар ҷудо карда шаванд ва маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳубини ин қитъаи роҳҳо самараноктар тақсим гарданд.

Дар байни ин роҳҳо роҳи РД 043 (Ёвон – Хоҷамастон) дорои аҳамияти байниминтақавӣ буда, роҳҳои боқимондаи ҷумҳуриявӣ асосан дорои аҳамияти дохилиминтақавӣ ва дохилиноҳиявӣ мебошанд.

**Ҷадвали 3.5. – Роҳҳои байналмилалии дорои аҳамияти байниминтақавӣ***

| **Номи роҳ** | **Индекс** | **Дарозии умумӣ, км** | **Минтақаҳо** | **Дарозии роҳ дар минтақаҳо, км** |
|---|---|---|---|---|
| 1. Душанбе – Хуҷанд | МД 01 (134) | 301,2 | НТҶ<br>Суғд | 74,5<br>226,7 |
| 2.Душанбе–Кӯлоб– Хоруғ – Мурғоб– сарҳади Хитой | МД 04 (141)<br>МД 04 (141)<br>МД 04 (141) | 968,4 | НТҶ<br>Хатлон<br>ВМКБ | 33,3<br>215,7<br>719,4 |

**Идомаи ҷадвали 3.5.**

| **Номи роҳ** | **Индекс** | **Дарозии умумӣ, км** | **Минтақаҳо** | **Дарозии роҳ дар минтақаҳо, км** |
|---|---|---|---|---|
| 3.Лаби ҷар – Тавилдара – ҚалъаиХумб | МД 03 (141)<br>МД 03 (141) | 135 | НТҶ<br>ВМКБ | 66<br>69 |
| 4.Душанбе – Рӯдакӣ – Шаҳритус –Айвоҷ | МД 09 (Н 384)<br>МД 09 (Н 384) | 209,8 | НТҶ<br>Хатлон | 24,6<br>185,2 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Тақсимоти ин роҳҳо аз рӯйи дарозӣ ва шумораи ноҳияҳои убури онҳо дар ҷадвали 3.6. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.6. – Роҳҳои байни минтақавӣ / байни вилоятӣ***

| **Дарозии роҳҳо** | **Шумораи роҳҳо** | **Аз як ноҳия убуркунанда** | **Беш аз як ноҳия убуркунанда** |
|---|---|---|---|
| Камтар аз 10 км | 38 | 38 | - |
| 10 – 49км | 41 | 31 | - |
| 50 – 100 км | 4 | 2 | 2 |
| Зиёда аз 100 км | 3 | 2 | 1 |
| Ҳамагӣ | 86 | 83 | 3 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Дар байни дигар роҳҳои ҷумҳуриявӣ 42%-аш аз 10 км ва 92%-аш аз 50 км камтар аст. Зиёда аз 96,5%-ашон дохилиноҳиявӣ мебошанд (яъне дар як ноҳия оғоз ва анҷом меёбанд), 3,5%-и боқимонда байниноҳиявӣ буда, ба зиёда аз як ноҳия хизмат мерасонанд. Мувофиқи сифатҳои техникӣ ин роҳҳо ба категорияҳои II-IV тааллуқ доранд. Зиёда аз 46%-и дарозии онҳо ба категорияи

III, 41% ба категорияи IV ва қариб 13% ба категорияи V рост меояд.Аз дарозии умумии ин роҳҳо 1385,4 км роҳҳо назар ба дигар роҳҳо дорои аҳамияти зиёдииҷтимоию иқтисодӣ мебошанд ва дар онҳо шиддитнокии нисбатан баландтари ҳаракат ба қайд гирифта шудааст.

Бояд гуфт, ки аз 1250 роҳҳои маҳаллӣ, ки дарозии умумии он 8925 км-ро ташкил медиҳад, аксари ин роҳҳо аҳамияти кам доранд. Зиёда аз 85%-и ин роҳҳо ба категорияи панҷум тааллуқ доранд ва нуқтаҳои аҳолинишини деҳотро пайваста, инчунин ба роҳҳои асосӣ мебароянд.

Дарозии аксари ин роҳҳо (тақрибан 60%) камтар аз 5 км ва дарозии 80%-и роҳҳо камтар аз 10 км мебошад (ҷадвали 3.7.).

**Ҷадвали 3.7. – Шабакаи роҳҳои нақлиётии маҳаллӣ ва дарозии онҳо ба ҳолати 01.12.2021с.***

| **Роҳҳо** | **Ҳамагӣ** | **Дарозии роҳҳо, км** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **то 5 км** | **то 10 км** | **то 15 км** | **то 25 км** | **беш аз 25 км** |
| Роҳҳои маҳаллӣ, теъдод | 1250 | 741 | 263 | 122 | 86 | 38 |
| Бо фоиз | 100,0 | 59,3 | 21,0 | 9,8 | 6,9 | 3,0 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Аз дарозии умумии роҳҳои маҳаллӣ 1514,75 кмназар ба роҳҳои маҳаллӣ, чун аз нуқтаи назари шиддатнокии ҳаракат ва ҳам аз таркиби ҳаракаткунандаи нақлиёт баъзе аз хусусиятҳои функсионалӣ доранд.

Тавре ки дар боло зикр гардид, дарозии роҳҳои идорӣ 12563 км-ро ташкил медиҳад. Инҳо асосан роҳҳои саноатӣ, технологӣ ва фаръӣ ба объектҳои гуногун ва заминҳои хоҷагии деҳот мебошанд. Аксари ин роҳҳо роҳҳои истифодаи умум нестанд. Тақсимоти ин роҳҳо аз рӯйи минтақаҳо дар ҷадвали 3.8. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.8. – Дарозии роҳҳои идорӣ аз рӯйи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 01.12.2021 с.***

| Нишондиҳандаҳо | Минтақаҳои ҷумҳурӣ | | | | Ҳамагӣ барои ҷумҳурӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | Суғд | Хатлон | ВМКБ | Душанбева НТҶ | |
| Дарози роҳ, км | 5225,0 | 5165,8 | 908,4 | 1263,7 | 12562,9 |
| Бо фоиз | 41,6 | 41,1 | 7,2 | 10,1 | 100,0 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Ин роҳҳо дар моликияти як қатор вазорату идораҳо, кумитаҳо ва ҳукуматҳои маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Таҳлили дар боло зикргардидаи иерархия ва таснифоти роҳҳо ба вазифаҳо ва стандартҳои техникии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо мақсади қонеъ гардонидани тамоми талаботи истифодабарандагони инфрасохтори асос ёфтааст. Дар сохтори кунунии идоракунии инфрасохтори дар системаи таснифи роҳҳо барои муттаҳид ва ҳамоҳангсозии идоракунии роҳҳои магистралӣ ва деҳот дар шабакаи роҳи автомобилгарди ҷумҳурӣ кӯшиш карда шуд.

Бояд гуфт, ки иерархияи роҳ воситаи банақшагирии шабакаи роҳҳо мебошад ва барои мақомоти идоракунии давлатӣ бо мақсадҳои зерин зарур аст:

-хатсайрҳои автомобилҳои бори вазнинкаш ва умуман нақлиётро моҳирона ба нақша гирифтан;

-банақшагирии хатсайрҳои нақлиёти ҷамъиятӣ;

-ба нақша гирифтани роҳҳои пиёдагардон ва велосипедронӣ;

-баҳодиҳии таъсири қарорҳо ба ҳудуди гирду атроф ва роҳҳои дигари сатҳи иерархия;

-лоиҳаҳои таҳиягардидаро ба таҳкими чунин сифатҳои шабакаи роҳҳо, аз қабили дастрасии умум, робитавӣ, самаранокӣ, бароҳатӣ ва бехатарӣ равона созад;

-бо мақсади таъмин намудани ҳаракати бехатар ва самараноки воситаҳои нақлиёти автомобилӣ аз болои ҳолати робитавии роҳ назорат муқаррар намояд;

-зарурати сохтмони чунин иншоот, ба монанди монеаҳо, парапедҳо ва монеаҳои зиддитармавиро барои қулайии истифодаи замин баҳо диҳад.

Чунин системаи таснифоти роҳҳо бо назардошти хусусиятҳои ҳаракати нақлиёти автомобилӣ ва талабот ба интиқоли бору мусофирон таъсис дода шудааст. Он ба мақомоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ кумак мекунад, ки шабакаи нисбатан самараноки ба вазифаҳои сиёсати нақлиёт ва талаботи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа бештар ҷавобгӯйи роҳҳоро ташкил намоянд. Ин дараҷаи интегратсияи системаи нақлиётиро баланд мебардорад, ки ба рушди иқтисодию иҷтимоиицамъият мусоидат менамояд.

Таҳлили таснифоти мавҷудаи роҳҳо ба тағйироте, ки дар солҳои истиқлолият дар соҳаи хизматрасонии нақлиёт ба амал омадаанд, комилан мувофиқ нест. Аз ин рӯ, зарурати таъсиси иерархияи сеҷузъӣ дар асоси вазифаҳои роҳҳо ба миён меояд, ки хусусиятҳои роҳҳои артериалӣ, коллекторӣ ва фаръиро инъикос мекунанд.

**Ҷадвали 3.9. – Системаи иерархияи такмил додашудаи роҳ***

| | **Роҳҳои артериалии ҷумҳуриявӣ** | **Роҳҳои коллектории минтақавӣ** | **Роҳҳои фаъии маҳаллӣ** |
|---|---|---|---|
| **1. Ҳадаф** | ҳаракатнокӣ | робитавӣ | таъминидастрасӣ |
| **2. Вазифаҳо** | -таъмини ҳаракати нақлиёти автомобилӣ;<br>-ҳаракати нақлиёт ба масофаҳои дур;<br>-ҳаракати нақлиёти ҷамъиятӣ дар шоҳроҳҳо;<br>-боркашонӣ. | -таъмини ҳаракат дар ҳудуди муайян;<br>-таъмини дастрасӣ ба роҳҳои артериалӣ;<br>-дастрасии мустақим ба минтақаҳои иқтисодӣ (саноатӣ);<br>-дастрасӣ ба нақлиёти ҷамъиятӣ. | -дастрасии мустақим ба заминҳои кишоварзӣ;<br>-ҳаракати пиёдагардон. |
| **3.Идоракунӣ** | -ҳаракати нақлиёт ба масофаҳои хеле дур;<br>-ҳаракати байналмилалӣ ва минтақавӣ (аҳамияти давлатӣ). | -робита бо роҳҳои артериалӣ;<br>-робитаи кӯчаҳои шаҳр бо роҳҳои асосӣ;<br>-дастрасӣ ба марказҳои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. | -дастрасӣ ба моликияти хусусӣ;<br>-дастрасӣ ба нуқтаҳои дохили маҳал. |

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Иерархияи роҳҳо ба чор сатҳ тақсим мешавад: ҳадаф, вазифа, идоракунӣ ва тарҳрезӣ. Се сатҳи иерархия дар ҷадвали 3.9. нишон дода шудааст ва

иерархияи чорум стандартҳои лоиҳакашии роҳҳоро дар бар мегирад, ки бо назардошти хусусиятҳои кӯҳистони ҷумҳурӣ таҷдиди назарро талаб мекунанд.

Аз 14141 км роҳҳое, ки дар ихтиёри Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, роҳҳои ҷумҳуриявӣ (3323,14 км) шабакаи асосии артериалиро ташкил медиҳанд, ки сатҳи баландтари хизматрасонӣ ва суръати баландтар – тақрибан 100 км/соатро барои ҳаракати дарозмуддат ва бетанаффуси анбуҳи нақлиёт тақозо менамояд. Онҳо аз роҳҳои байналмилалӣ, байниминтақавӣ ва байналмилалии аҳамияти махсуси иҷтимоию иқтисодӣ ва стратегидошта иборатанд.

2856,48 км роҳҳои минтақавӣ ба сифати коллектор баромад карда, нисбат ба роҳҳои артериалии дохили минтақаҳои муайян сатҳи ҳаракатнокии пасттарро таъмин мекунанд. Чунин роҳҳо барои ҳаракат бо суръати 60-80 км/соат дар масофаҳои дуру миёна таҳия шудаанд. Ин роҳҳо анбуҳи мошинҳоро аз роҳҳои артериалӣ ба роҳҳои маҳаллӣ тақсим мекунанд. Ба онҳо роҳҳои байниноҳиявӣ, байнишаҳрӣ, сайёҳӣ ва саноатӣ дохил мешаванд.

Роҳҳои маҳаллӣ (7961,38 км) асосан ба маҳалҳои деҳот ва аҳолинишини ҷудогона дастрасӣ пайдо карда, онҳоро бо дигар роҳҳо ва дигар инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз қабили ҷойҳои корӣ, нуқтаҳои савдо, стансияҳои роҳи оҳан, аэровокзалҳо, муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ мепайвандад.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлили дар боло зикршуда иерархияи роҳҳо ва системаи таснифи он таҳия карда шуд, ки дар ҷадвали 3.9. оварда шудаанд, ки асос барои баҳодиҳии тафовути ҳудудӣ дар сохтор ва сатҳи истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар субъектҳои ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**Ҷадвали 3.10. – Иерархия, тасниф ва идоракунии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ***

| Иерархияи роҳ | Назорати маъмурӣ | Таснифи роҳҳо | Дарозии роҳ, км. |
|---|---|---|---|
| **1. Роҳҳои ҷумҳуриявӣ** | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1. Роҳҳои байналмилалӣ<br>2. Роҳҳои байниминтақавӣ<br>3. Ҳамагӣ | 3213,56<br>109,58<br>3323,14 |

**Идомаи ҷадвали 3.10.**

| Иерархияи роҳ | Назорати маъмурӣ | Таснифи роҳҳо | Дарозии роҳ, км. |
|---|---|---|---|
| **2. Роҳҳои байниминтақавӣ** | Раёсати минтақавии роҳҳо | 1. Роҳҳои байниминтақавӣ<br>2. Роҳҳои маҳаллӣ, ки дарозиашон зиёда аз 25 км аст<br>3. Ҳамагӣ | 1307,39<br><br>1549,09<br>2856,48 |
| **3. Роҳҳои маҳаллӣ** | Раёсати маҳаллии роҳҳо | 1. Роҳҳои фаръии ҷумҳуриявӣ<br>2. Роҳҳои фаръии<br>3. Ҳамагӣ | 363,59<br>7597,80<br>7961,38 |
| **Ҳамагӣ:** | | | **14141** |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

## 3.2. Омилҳои таъсиркунанда ба рушди ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Қобилияти гузарониши инфрасохтори нақлиётии ҳудуд яке аз индикаторҳои мавқеи иқтисодӣ, нақлиётию ҷуғрофӣ буда, дараҷаи алоқаи ноҳия, минтақа ва ҷумҳуриро бо ҳудудҳои ҳамсоя инъикос менамояд. Чӣ қадаре ки гузаргоҳ зиёд бошад, масофаи байни гузаргоҳҳои ҳамсоя ҳамон қадар кӯтоҳтар мешавад.

Ифодаи миқдори қобилияти гузарониши нақлиёти автомобилӣ таносуби периметри ҳудуди муайян ба шумораи гузаргоҳҳои нақлиётии сарҳадҳои он ба шумораи роҳҳои убури ин сарҳадҳо мебошад. Мазмуни воқеии он масофаи миёна (бо километр)-и байни қитъаҳои ҳамсояи сарҳад мебошад. Ҳар қадар периметри ҳудуд ҳангоми якрангии гузаргоҳҳо калон бошад, ин нишондиҳанда ҳамон кадар баланд ва ҳамон қадар ҳудуд пӯшида мегардад.

Бо мақсади таъмини кушодагии бештари қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба олами беруна Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми марти соли 1997, таҳти №123 «Дар бораи чораҳои рушд ва такмили ташкили фаъолияти интиқоли байналмилалии автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаргоҳҳои сарҳадиро дар сарҳади давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон муқаррар менамояд ва бо Қарори дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июли соли 1997, таҳти №321 гузаргоҳҳои иловагии сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ карда шуданд.

Дар маҷмӯъ 22 гузаргоҳи сарҳади давлатӣ пешбинӣ гардид (замимаи 3).

Ҳисоби ин нишондиҳанда барои муайян кардани минтақаҳои кушодии максималӣ, миёна ва пасти қаламрав аз рӯйи тадқиқоти картографии ҳудуди ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, натиҷаҳои ҳисоб дар ҷадвали 3.11. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.11. – Масофаи миёнаи байни гузаргоҳҳои сарҳадии ҳамсояи ноҳияҳо аз рӯйи минтақаҳои ҳудудию ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Номгӯйи ноҳияҳо | Периметри ҳудуди ноҳия, км | Теъдоди гузаргоҳҳои сарҳади ноҳия | Масофаи миёнаи байни гузаргоҳҳои ҳамсоя, км |
|---|---|---|---|
| **1. ВМКБ** | | | |
| Ванҷ | 129, 5 | 2 | 64,8 |
| Дарвоз | 82,6 | 3 | 27,5 |
| Ишкошим | 106,9 | 4 | 26,7 |
| Мурғоб | 1124,0 | 4 | 281,4 |
| Рошткалъа | 124,6 | 3 | 41,5 |
| Рӯшон | 171,7 | 2 | 85,9 |
| Шуғнон | 133,5 | 3 | 44,5 |
| **2. Минтақаи Ҳисор** | | | |
| Варзоб | 47,7 | 3 | 15,9 |
| Ваҳдат | 107,4 | 4 | 26,9 |
| Ҳисор | 28,5 | 5 | 5,7 |
| Рӯдакӣ | 53,0 | 10 | 5,3 |
| Турсунзода | 34,4 | 5 | 6,9 |
| Шаҳринав | 29,4 | 4 | 7,4 |
| Роғун | 14,8 | 2 | 7,4 |
| Файзобод | 25,6 | 2 | 12,8 |
| **3. Минтақаи Рашт** | | | |
| Лахш | 133,9 | 3 | 44,6 |
| Нуробод | 27,1 | 3 | 9,0 |
| Рашт | 134,9 | 3 | 45,0 |
| Сангвор | 174,7 | 2 | 87,4 |
| Тоҷикобод | 21,5 | 2 | 10,8 |
| **4. Минтақаи Кӯлоб** | | | |
| Балҷувон | 38,8 | 2 | 19,4 |

**Идомаи ҷадвали 3.11.**

| Номгӯйи ноҳияҳо | Периметри ҳудуди ноҳия, км | Теъдоди гузаргоҳҳои сарҳади ноҳия | Масофаи миёнаи байни гузаргоҳҳои ҳамсоя, км |
|---|---|---|---|
| Восеъ | 22,4 | 7 | 3,2 |
| Данғара | 58,7 | 7 | 8,4 |
| Норак | 11,2 | 2 | 5,8 |
| Кӯлоб | 8,1 | 5 | 1,6 |
| Ҳамадонӣ | 14,9 | 9 | 1,7 |
| Муминобод | 26,9 | 2 | 13,5 |
| Темурмалик | 29,6 | 5 | 5,9 |
| Фархор | 34,6 | 6 | 5,8 |
| Ховалинг | 50,8 | 3 | 16,9 |
| Шамсидин Шоҳин | 66,8 | 4 | 16,7 |
| **5. Минтақаи Бохтар** | | | |
| А. Ҷомӣ | 17,2 | 8 | 2,2 |
| Бохтар | 17,0 | 4 | 4,3 |
| Вахш | 28,2 | 5 | 5,6 |
| Панҷ | 25,8 | 3 | 8,6 |
| Левакан | 3,8 | 4 | 1,0 |
| Қубодиён | 54,0 | 6 | 9,0 |
| Ҷайҳун | 28,3 | 6 | 4,7 |
| Н. Хисрав | 23,7 | 4 | 5,9 |
| Хуросон | 25,2 | 5 | 5,2 |
| Ҷ.Балхӣ | 26,5 | 6 | 4,4 |
| Дӯстӣ | 36,1 | 7 | 5,2 |
| Шаҳритус | 44,6 | 4 | 11,2 |
| **6. Минтақаи Зарафшон** | | | |
| Айнӣ | 150,8 | 4 | 37,7 |
| Мастчоҳи кӯҳӣ | 107,7 | 1 | 107,7 |
| Панҷакент | 107,3 | 2 | 53,7 |
| **7. Минтақаи шимолӣ** | | | |
| Ашт | 81,6 | 5 | 16,3 |
| Б. Ғафуров | 78,2 | 8 | 9,8 |
| Деваштч | 46,5 | 8 | 5,8 |
| Ҷ. Расулов | 9,4 | 4 | 2,4 |
| Зафаробод | 12,9 | 7 | 1,8 |
| Исфара | 24,4 | 9 | 2,7 |
| Конибодом | 24,2 | 6 | 4,0 |
| Мастчоҳ | 30,1 | 5 | 6,0 |

**Хотимаи ҷадвали 3.11.**

| Номгӯйи ноҳияҳо | Периметри ҳудуди ноҳия, км | Теъдоди гузаргоҳҳои сарҳади ноҳия | Масофаи миёнаи байни гузаргоҳҳои ҳамсоя, км |
|---|---|---|---|
| Спитамен | 10,4 | 5 | 2,1 |
| Истравшан | 20,1 | 7 | 2,9 |
| Шаҳристон | 33,4 | 2 | 16,7 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз харитаи тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст. Миқёс (1:750 000. – 2021 с.).

Бояд гуфт, ки ноҳияҳои шакли сеюм нимпӯшида (Дарвоз, Ишкошим, Ваҳдат, Айнӣ) буда, ҷобаҷокунии ягонаи ҳудудӣ надоранд, балки шабакаи кандашудаи муносибатҳоро ташкил медиҳанд.

Қисми нисбатан зичтари он минтақаи Зарафшон мебошад, ки дар рахи танг ба шимоли ҷумҳурӣ мегузарад.

Дар маҷмӯъ, ин минтақа аз қутбҳои рушди иқтисодӣ ва ядрои ноҳияҳо дур буда, байни минтақаҳои мутамарказ (Варзоб) ва кушоди ноҳияҳои минтақаи шимолӣ ҷойгир аст. Онҳо ба берун нимпӯшида буда, алоқаҳои берунаи кам доранд ва иқтисодиёти онҳо танҳо аз ҳисоби захираҳои маҳаллии худи онҳо ташаккул меёбад. Дарвоқеъ, ин минтақаҳо нав аз ҳолати бунбасти пурра, бунбасти автономӣ баромадаанд.

Натиҷаҳои тадқиқи нишондиҳандаҳои минтақаҳои дорои сатҳҳои гуногуни қобилияти гузарониши инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар ҷадвали 3.12. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.12. – Нишондиҳандаҳои рушди ноҳияҳои дорои сатҳи гуногуни қобилияти гузарониши нақлиётии ҳудуди онҳо***

| Сатҳи қобилияти гузарониши нақлиётӣ | Диапазони тағйирёбии параметр, км | Майдони ишғолнамудаи ҳудуд, км$^2$, % ба натиҷа | Аҳолии ҳудуди диапазони мазкур, ҳазор нафар, % ба натиҷа | Зичии миёнаи аҳолӣ, нафар/км$^2$ |
|---|---|---|---|---|
| Фаъол-кушода | 1,0 - 10,0 | 31332 (22,7%) | 4453,5 (74,0%) | 0,142 |
| Кушода | 10,1 - 20,0 | 13823 (10,0%) | 586,3 (9,7 %) | 0,042 |
| Нимпӯшида | 20,1 - 40,0 | 16898 (12,3%) | 380,8 (6,3 %) | 0,023 |

**Идомаи ҷадвали 3.12.**

| **Сатҳи қобилияти гузарониши нақлиётӣ** | **Диапазони тағйирёбии параметр, км** | **Майдони ишғолнамудаи ҳудуд, км$^2$, % ба натиҷа** | **Аҳолии ҳудуди диапазони мазкур, ҳазор нафар, % ба натиҷа** | **Зичии миёнаи аҳолӣ, нафар/км$^2$** |
|---|---|---|---|---|
| Пӯшида | 41,0 - 60,0 | 5158 (3,7%) | 65,8 (1,1 %) | 0,013 |
| Изолятсияшуда | 61,0 ва болотар | 70518 (51,2%) | 533,5(8,9 %) | 0,008 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси натиҷаҳои гурӯҳбандии ноҳияҳо аз рӯйи параметрҳои хусусияти ноҳияҳои ҷадвали 3.11. ҳисоб карда шудааст.

Ноҳияҳои шакли чорум (пӯшида) асосан дар минтақаҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (Шуғнон, Рошткалъа), Рашт (Рашт, Лахш) ва Зарафшон (Айнӣ) ҷойгиранд. Инҳо асосан ҳудудҳои периферӣ, суструшдёфтаи дорои сохтори ҳудудии оддӣ (аморфӣ), яъне ҳамчун «бунбаст»-и иҷтимоию ҷуғрофӣ мебошанд. Ноҳияҳои ҳамсоя амалан бо ҳамдигар ҳамкорӣ надоранд, ба истиснои як ё ду робита қад-қади шоҳроҳи ягонаи байналмилалӣ, ки онҳоро мепайвандад. Робитаҳо танҳо аз рӯйи принсипи иерархӣ, ки ба самтҳои транзитии маркази асосӣ (Хоруғ, Душанбе) нигаронида шудаанд, ташаккул меёбанд. Онҳо сохтори дарахтмонанди алоқаҳои фазоӣ доранд, ки гӯё тавассути звеноҳои мобайнӣ ба як хат кашида шудаанд.

Ноҳияҳои шакли панҷум барои ҳудудҳои азхуднашудаи ВМКБ ва минтақаи Зарафшон хос аст. Ноҳияҳои ин шакл бевосита бо роҳҳои ягона алоқаманд нестанд ва ягон сохти ҳудудӣ надоранд. Истиснои минтақаҳои нодиртарини дорои шароити мусоиди табиӣ мебошанд, ки бо сабабҳои сиёсӣ ва ҷуғрофӣ (ноҳияи Панҷакент) ё аз рӯйи хусусиятҳои нақлиётӣ-ҷуғрофӣ (минтақаи Мастчоҳи кӯҳӣ) зиёд изолятся шудаанд.

Ҳамин тариқ, дар доираи шабакаи ягонаи нақлиётии ҷумҳурӣ чор минтақаи «консентрикӣ»-и камоншакл бо тадриҷан паст шудани сатҳи кушодагии ноҳияҳо ба андозаи ҷудошавӣ аз шабакаи асосии импулсҳои иҷтимоию иқтисодӣ – дар шимол, шарқ ва ҷанубу шарқӣ ҷудо карда мешаванд.

Градиенти нисбатан мулоимтарини ин пастшавӣ дар самти арзӣ – шарқ ва нишебтар – дар самтҳои ҷанубу шарқӣ ва шимолу шарқӣ мушоҳида мешавад.

Аксар вақт, дар ноҳияҳои ду шакли аввал алоқа бо ҳама ҳудудҳои ҳамсоя дар якчанд нуқтаҳо, дар ноҳияҳои нимпӯшида – бо якчанд, вале на бо ҳама ҳамсояҳо ва дар минтақаҳои пӯшида – бо як (баъзан ду) ноҳияи ҳамсоя қад-қади шоҳроҳи ягонаи автомобилӣ анҷом дода мешавад.

Нақлиёт ва аз ин рӯ, бунбасти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба андозаи дуршавӣ на танҳо аз меҳвари марказии импулсҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, балки бо дур шудан аз марказҳои минтақавӣ ва локалии тамаркузи фаъолияти иқтисодӣ низ меафзояд.

Маълумоти ҷадвали 3.12. дар бораи ҳиссаи масоҳат ва аҳолии ноҳияҳои ҳамаи шаклҳои кушодӣ тасаввурот дода, қобилияти гузарониши гуногуни нақлиётии онҳоро тавсиф менамояд. Ноҳияҳои ду шакли аввал асоси тамоми сохтори ҳудудии шабакаи ягонаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Бо зиёд шудани басташавӣ ва ҷудошавии ноҳияҳо зичии аҳолӣ низ мутаносибан коҳиш меёбад.

Муқоисаи тафовути ҳудудии нишондиҳандаи қобилияти гузарониши нақлиётӣ дар миқёси ноҳия бо минтақаҳои ҳудудӣ имкон дод, ки баъзе омилҳое муайян карда шаванд, то ба ин ё он роҳ ба арзиши он таъсир мерасонанд. Пеш аз ҳама, он шакли ин контур ва нишондиҳандаи шумораи роҳҳоест, ки аз контури минтақаи ҳудудӣ мегузарад. Аксар вақт, контурҳои дарозрӯя, ки бо шумораи зиёди роҳҳои транзитӣ убур мекунанд, нишондиҳандаи қобилияти гузарониши хеле паст доранд. Ба ноҳия ва минтақаҳои кӯҳистон, доманакӯҳ ва соҳилӣ (қад-қади дарёҳои кӯҳӣ), инчунин наздисарҳадӣ бо арзишҳои калони нишондиҳандаҳо ва аз ин рӯ, қобилияти гузарониши пасттари нақлиёти автомобилӣ (яъне ин ноҳияҳо нисбатан пӯшида, дар бунбаст) хос аст.Ҳар қадаре ки шаҳр калонтар бошад ва агломератсияе, ки дар ин ноҳия ба вуҷуд омадааст, ҳамон қадар он ноҳия кушодатар ва гузаронандатар аст. Мувофиқи ҳисобҳои мо қариб 55,0%-и ҳудудро ноҳияҳои пӯшида ва дар бунбаст ишғол намуда, 10,0%-и аҳолии ҷумҳурӣ дар ин ҳудудҳо зиндагӣ менамоянд.

Таносубҳои ҳудудии қобилияти гузарониши нақлиёти автомобилии «дохилӣ» ва «берунӣ»-и ҳудуди минтақаҳо манфиати илмӣ ва амалӣ доранд. Таносуби онҳо дар бораи намуди мувофиқати байни ҳамбастагии берунӣ ва дохилии нақлиёти автомобилии минтақаҳо (ҷумҳурӣ), дараҷаи тамоюли берунӣ ва дохилии сохтори ҳудудии он дар маҷмӯъ (тавассути призмаи кушодаи нақлиёт дар берун ва қобилияти гузарониши нақлиётии худи ҳудуд) маълумот медиҳад.

Самти беруна маънои бештар самти ҳамкории беруниро бо минтақаҳои ҳамсоя (вилоятҳо, ҷумҳуриҳо), алоқаи бештар берун аз он ва камтар сохтори дохилиро дорад. Ҳудуди ноҳия аз ҷиҳати берунӣ нигаронида шудааст, ки агар байни сохторҳои ҳудудии он алоқаҳои дохилии он назар ба баромадҳои нақлиёти автомобилӣ аз худи ҳудуди худ умуман ба ноҳияҳои ҳамсоя хеле камтар бошанд. Ҳудуди аз ҷиҳати беруна нигаронидашуда ба ҳама самтҳо менигарад, бо ҳамсояҳо фаъолонатар ҳамкорӣ мекунад, кооператсия ва ҳамгироии саноатиро нисбат ба дохили худ инкишоф медиҳад. Ҳудуди чунин минтақаҳо ба «қисм»-ҳои алоҳидаи иқтисодӣ тақсим карда мешавад, ки чун қоида, дар сарҳади вилоят дар шакли минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, минтақаҳои озоди савдо ё марказҳои хурди дар бунбасти рушд (минтақаи озоди иқтисодӣ) ҷойгир шудаанд. Ва баръакс, ҳар қадар робитаҳои дохилӣ дар минтақа зиёд бошад ва шумораи робитаҳо (роҳҳои нақлиётӣ) бо минтақаҳои ҳамсоя камтар бошад, ҳамон қадар самти дохилӣ таносуби робитаи нақлиётии ҳудудҳо мебошад.

Таносуби қимати нишондиҳандаҳои қобилияти гузарониши «берунӣ» ва «дохилӣ» дар бораи шакли мувофиқати байни алоқаи берунӣ ва дохилии нақлиётии минтақа (ҷумҳурӣ), дараҷаи тамоюли беруна ва дохилии сохтори ҳудудӣ, қисман дар шароити кӯҳсор тасаввурот медиҳад.

Баҳисобгирии хавфҳои мушаххас дар шароити кӯҳсор дар истеҳсолоти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ шарти муҳими ташкили истифодаи маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» роҳҳои кӯҳӣ гуфта, роҳҳои автомобилгарде номида

мешаванд, ки аз релефи кӯҳӣ ба релефи ноҳамвор ва баландии нисбии 500 метр ва бештар аз он мегузарад ва бо мавҷудияти шабакаи васеи водиҳои амиқ, қаторкӯҳҳо ва кӯҳҳои алоҳида бо баландии зиёда аз 1000 метр қад меафрозад, тавсиф дода мешаванд[53]. Мутобиқи ин мафҳуми СНиП (меъёрҳои сохтмонӣ ва қоидаҳо) тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин таъриф дохил мешавад.

Бояд қайд кард, ки меъёрҳои амалкунандаи лоиҳакашӣ ва сохтмони роҳҳои автомобилгард аксар вақт то андозае баланд бардоштани муқовимати роҳҳоеро, ки дар маҳали кӯҳӣ мегузаранд (радиуси нақша, нишебиҳо ва ғайра), пешбинӣ мекунанд. Ин аз рӯйи зарурат сурат мегирад, зеро қарори муҳандисию иқтисодӣ дар ин маврид дар шароите қабул карда мешавад, ки дар равишҳо зиддиятҳои шадид мавҷуданд[54].

Дар баробари ин бисьёр қарорҳо тариқи инфиродӣқабул карда мешаванд, ки онҳо ба виҷдон ва масъулияти муҳандисону лоиҳакашон ҳавола мегардад. Дар хусуси ҷиҳати техникии масъала бошад, проблемаҳои асосӣ, пеш аз ҳама, аз он ба миён меоянд, ки дар маҳали кӯҳсор роҳсозон бояд ду монеаи табиӣ – нишебиҳои калони тӯлонӣ ва ноустувории нишебиҳоро паси сар намоянд[55].

Тарзҳои ҳалли проблемаи якум одатан бо тарзҳои ҳалли проблемаи дуюм мухолифанд ва аз ин рӯ, бояд тарзи оқилонаро ҷустуҷӯ кард. Ба гуфтаҳои боло илова кардан лозим аст, ки кишварҳои кӯҳистонӣ аксар вақт аз ҷиҳати геологии ландшафт намунаи ҷавон буда, бо фаъолнокии баланди тамоми равандҳо ва падидаҳои геологии экзогенӣ хос аст. Дар ин ноҳияҳо равандҳои эндогенӣ, аз ҷумла сатҳи баланди сейсмикӣ низ фаъолона зоҳир мешаванд.

Чунин муҳити умумии табиӣ барои сохтан ва ба истифода додани роҳҳои кӯҳӣ, ки онҳо аз роҳҳои маҳали ҳамвор фарқ доранд, шароити хос ба вуҷуд меоварад.

---

[53] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №7, соли 2013.

[54] Фохаков А.С. Научно-прикладные аспекты обеспечения устойчивого развития транспортно-технологических систем обслуживания населения грных регионов Таджикистана [Текст]: автореф. дисс.д.т.н. / А.С. Фохаков. - Душанбе, 2018- С.11.

[55] Шарифов А. Повышения эффективности транспортного комплекса на основе реструктуризации дорожной отрасли Республики Таджикистан [Текст]: диссертация на соиск.к.э.н. 08.00.05. / А. Шарифов. - Душанбе, 2003.- С.51-53.

Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, бояд қайд намуд, ки роҳҳои автомобилгарди маҳали кӯҳсор дар аксари мавридҳо роҳи ягонаи таъмин намудани робитаҳои нақлиётӣ мебошанд.

Намуди асосии нақлиёт дар бисёр мамлакатҳои кӯҳсор нақлиёти автомобилӣ аст. Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 90%-и тамоми борҳо бо нақлиёти автомобилӣ кашонида мешавад. Чунин фоизи баланд аз он сабаб аст, ки нақлиёти автомобилӣ аз ҳама маневрнокии баланд дошта, оммавӣ мебошад. Ҳамчунин доираи мустақилу васеи истифодабарӣ дорад, ҳамчун элементи зарурӣ дар фаъолияти тамоми намудҳои дигари нақлиёт, ки имкони дастрасгардонии бору мусофиронро аз рӯйи принсипи «аз дар то дар» надоранд, иштирок менамояд. Аз сабаби хусусиятҳои табиии ноҳияҳои кӯҳсор рушди шабакаи роҳи оҳанро алтернативаи шабакаи роҳҳои автомобилгард ҳисобидан мумкин нест. Бинобар ин, дар оянда ҳам нақлиёти автомобилӣ дар таъмини интиқоли бору мусофирон нақши асосиро мебозад. Дар ин шароит сифати баланди нақлиётию истифодабарӣ ва эътимоднокии шабакаи роҳҳои кӯҳиро таъмин кардан лозим аст, то ки хароҷоти хоҷагии халқ барои интиқоли автомобилӣ кам карда шавад.

Дар кори тадқиқотии мо[56] маълум гардид, ки ба релефи кӯҳӣ фарқи зиёди баландӣ дар масофаи кӯтоҳ, нишебии кӯҳҳо, дарозии амиқи гардиши дарёҳо бо ҷараёни фаровони об ва боришоти зиёд дар як муддати кӯтоҳ хос аст. Сохти геологии релефи кӯҳӣ дар қитъаҳои нисбатан хурди роҳякбора тағйир ёфта метавонад. Агар аз қитъаҳои шароити номусоид гузаштан ғайриимкон бошад, барои таъмини устувории қабати замин ва бехатарии ҳаракат чораҳои махсус андешидан лозим аст. Ба хатҳои мавҷудаи роҳ шумораи зиёди қитъаҳо бо нишебиҳои гуногун ва дидашавандагии таъминнашуда хос аст. Релефи ниҳоят аз ҳам ҷудои нишебии кӯҳҳо боиси зарурати сохтмони теъдоди зиёди иншооти сунъӣ дар буриши обпартоҳо ва чуқуриҳои хушк мегардад, ки устуворӣ ва

[56] Бобоев К.О. Эффективность функционирования и развития региональной транспортной инфраструктуры Таджикистана [Текст] / К.О. Бобоев. – Душанбе: Дониш, 2017. –С. 214.

бехатарии ҳаракатро дар роҳ таъмин менамояд. Намунаи маъмулӣ қитъаҳои роҳи Шоҳон – Зиғари роҳи автомобилгарди Кӯлоб –Қалъаи Хумб – Хоруғ мебошад, ки дар онҳо теъдоди миёнаи иншооти сунъӣ дар 1 км масир аз 6 то 12 ададро ташкил медиҳад, зеро маҳалли қарордоштаи роҳро теъдоди зиёди иншооти мураккаби сунъии пулҳо, қубурҳои хурду калон, деворҳои такягоҳӣ, галереяҳо, селбандҳо, акведукҳо ва ғайра муайян мекунанд.

Лоиҳакашии роҳҳо дар шароити кӯҳсор хусусиятҳои ба худ хос дорад. Роҳ дар шароити кӯҳсор бояд ба сохти геологии маҳал ва тарҳи нишебиҳое, ки дар онҳо роҳ ҷой гирифтааст, вобаста карда шавад, то ки сохтмони қабати хокии роҳ боиси фаъол шудани ярч, фурӯравии роҳ ва сангрезиҳо нашавад.

Роҳи оптималӣ дар шароити кӯҳистон бояд нишондиҳандаҳои баланди нақлиётӣ, аз қабили дарозии минималӣ ва суръати ҳаракати мувофиқ, устувории дарозмуддати роҳ ва иншооти он, арзиши қобили қабули сохтмон ва истифодабарии роҳ ва ноил шудан ба дидашавандагии зарурӣ ва дарки хастагинопазирии ронанда, таъмини ҳаракати бароҳати мусофирон, намоён будани ландшафт, ҳифзи муҳити зист, мутобиқати роҳ ба вазифаҳои нақлиётӣ ва таъмини бехатарии ҳаракат дошта бошад.

Аз сабаби нишебиҳои калон ҳатто бо обпартои ҳавзаҳои хурд, ҷараёни сел бо худ массаи хоку сангро бурда, аксар вақт ба сел мубаддал мешавад. Аз ин рӯ, дар роҳҳои кӯҳӣ чораҳои махсус барои муҳофизат аз сел, тарма, сангфаро, обрезӣ ва ғайраҳо талаб карда мешавад. Таъсири бошиддати сарбории уфуқии чархи нақлиёт ба нишебиҳо ва гардишҳо бо радиуси хурд шароити нисбатан мушкили кори рӯйпӯши роҳҳои автомобилгарди кӯҳиро, ки ба пайдошавии деформатсияи лағжишӣ ва хӯрдашавии бошиддат оварда мерасонад, ба вуҷуд меоварад.

Ҳолат ва реҷаи кори роҳҳои кӯҳӣ бештар ба шароити обу ҳаво ва иқлим вобаста аст. Баҳодиҳии дуруст ва баррасии таъсири ҳодисаҳои хавфноки табиат ба роҳ имкон медиҳад, ки мӯҳлати иҷрои корҳо оид ба рафъи оқибатҳои онҳо кӯтоҳ карда шавад. Дар баробари ин бояд гуногунии ҳодисаҳои хавфноки табиат, инчунин нобаробар тақсим шудани онҳо чӣ дар тӯли роҳи кӯҳӣ ва чӣ

дар вақташ ба назар гирифта шавад. Яке аз талаботи муҳими роҳҳои кӯҳӣ кори кафолатноки онҳо зери таъсири ҳодисаҳои мураккабу хавфноки табиат дар масофаи кӯтоҳ аст.

Муқаррар карда шудааст, ки «дар ноҳияҳои баландкӯҳ тағйирёбии назарраси ҳарорати шабонарӯзӣ ба амал меояд. Дар баробари баланд шудани баландии ҷойгиршавии роҳ фишори ҳаво паст мешавад, ки ин боиси кам шудани иқтидори муҳаррики автомобилҳо аз сабаби пурра насӯхтани сӯзишворӣ, вайрон шудани ҷузъҳои алоҳидаи таҷҳизот, тағйир ёфтани нишондиҳандаҳои психофизиологии ронандагон ва ғайра мегардад. Баландӣ аз сатҳи баҳр ба коршоямии рӯйпӯши роҳҳо, усулҳои сохтмон, гузаронидани корҳои таъмирӣ ва нигоҳдории роҳ таъсири калон мерасонад: эҳтимоли пайдоиши падидаҳои бузурги геологӣ, аз қабили тармафаровӣ, сангрезӣ, ярч ва ғайра пеш омада,ба эътимоднокии кори асбобҳое, ки барои баҳодиҳии нишондиҳандаҳои нақлиётӣ ва истифодабарии роҳҳои автомобилгардба кор бурда мешавад, таъсир мерасонад. Ҳангоми интиқол дар баландии зиёда аз 2000 м аз сатҳи баҳр шиддатнокии функсионалӣ ва вақти реаксияи ронандагон зиёд мешавад.

Вобаста ба ҷойгиршавии қитъаи роҳ нисбат ба шаклҳои релефи кӯҳӣ ва баландӣ аз сатҳи баҳр шароити ҳаракати автомобилҳо ва кори ронанда хеле тағйир меёбад.

Таснифи қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои автомобилгард дар маҳали кӯҳӣ, ки барои тарҳрезии тадбирҳо оид ба беҳтар намудани сифати нақлиётӣ-истифодабарӣ пешбинӣ шудааст, аз рӯйи намуди релефи кӯҳӣ ғайр аз номгӯй ҳамчун меъёри иловагӣ дараҷаи мураккабии қитъаро барои ҳаракати автомобил ва шароит барои кори ронандагон дар бар мегирад. Хусусияти маҳали кӯҳистон на танҳо хоси шароити табиию иқлимӣ, ки вобаста ба баландӣ аз сатҳи баҳр ва фасли сол хеле фарқ мекунад, зоҳир мегардад. Параметрҳои геометрӣ ва тавъамсозии онҳо низ мушаххасанд, ки элементҳои мураккаби дорои каҷхаттаи радиусҳои хурд дар нақша, дидашавандагии маҳдуд ва нишебиҳои дарозрӯяи калонро таҷассум менамоянд.

Дар натиҷа тасаввуроти ронанда дар бораи ҳолати роҳ ва реҷаи ҳаракат дар роҳҳои кӯҳӣ аз ҳаракат дар шароити мусоиди релеф (релефҳои ҳамвор ва ноҳамвор) фарқ мекунад.

Хусусияти хоси роҳҳои автомобилгарди кӯҳӣ хароҷоти зиёди истифодабарии онҳо нисбат ба роҳҳои минтақаҳои ҳамвор ба ҳисоб меравад. Агар дар ҳамвориҳо ихтилофи муқаррарии байни эҳтиёҷоти аҳолӣ ва имкониятҳои нақлиёт бо роҳи аз нав сохтани шабакаи нақлиётӣ бо хароҷоти калон бошад ҳам, ҳал карда шавад, пас дар кӯҳсор ин амалан имконнопазир мегардад».

Таҷрибаи лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард дар ноҳияҳое, ки равандҳои геодинамикии фаъол доранд, нишон медиҳад, ки талаботи ба ҳуҷҷатҳои меъёрии ҷорӣ оид ба қабати хокӣ ва иншоот барои ҳалли намунавӣ гузоштаашуда дар баъзе мавридҳо барои таъмини ҳалли устувор ва нишондиҳандаҳои боэътимоди нақлиётию истифодабарии роҳҳои кӯҳӣ нокифоя мебошанд. Тадқиқоти дар роҳҳои кӯҳии Тоҷикистон гузаронидаи мо нишон доданд, ки хароҷоти солонаи нигоҳдорӣ ва таъмири як километри роҳ дар қитъаҳои нишебиҳо бо зуҳури равандҳои геодинамикӣ аз хароҷоти таъмиру нигоҳдории қитъаҳои роҳ дар нишебиҳои устувор одатан чор маротиба ва дар қитъаҳои алоҳида то 10-20 маротиба зиёд аст. Аммо ҳангоми баҳодиҳии зарари умумӣ аз таъсири равандҳои хавфноки геодинамикӣ ба роҳҳо бояд дар назар дошт, ки хароҷоти корҳои барқароркунӣ ва таъмир танҳо як қисми зараре мебошад, ки ба иқтисодиёт аз равандҳои хавфнок дар роҳҳо мерасад.Зарари умумӣ, аз ҷумла талафот дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар натиҷаи қатъ гардидани алоқаҳои нақлиёти бо назардошти аҳамияти нақлиёти автомобилӣ барои минтақаҳо ба миллионҳо сомонӣ мерасад.

Аммо яке аз хусусиятҳои асосии роҳҳои кӯҳӣ, ки хароҷоти зиёдро ҳангоми сохтмон ва истифодабарӣ муайян мекунад, аз он иборат аст, ки ба роҳҳои ноҳияҳои кӯҳӣ таъсири бошиддати оқибатҳои раванди гуногуни геодинамикии дар нишебиҳо ривоҷёфта дучор мешаванд.Инҳо равандҳои ярчфаровӣ, сангрезӣ, тарма ва сел, эрозияи обӣ ва ғайра мебошанд.

Таҳлили маводи тадқиқотии роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳҳои асосии маҳали кӯҳсор нишон дод, ки қисми зиёди роҳҳо ба равандҳои хавфноки геологӣ, аз қабили ярчфаромӣ, фурӯравии роҳ, фаромадани тарма ва ғайра дучор мешаванд.

Раванди бештар маъмул дар роҳҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳодисаҳои лағзиши кӯҳӣ ва ярчҳои кӯҳӣ мебошанд, ки мутаносибан дар 323,7 км ва 198,5 км роҳҳо ба вуҷуд меоянд, ки ин 6,78 ва 4,16%-и дарозии умумии роҳҳоро дар шоҳроҳҳои асосӣ, роҳҳои ҷумҳуриявӣ дар бар мегирад (ҷадвали 3.13).

**Ҷадвали 3.13. – Шаклҳои бартаридоштаи равандҳои хатарноки геологӣ дар роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Равандҳои хавфноки геологӣ | Дарозии роҳ, км | Ба ҳисоби % аз дарозии умумии қитъаи роҳ | Ба ҳисоби % аз дарозии умумии роҳ (4770 км) |
|---|---|---|---|
| **Фурӯравӣ, сангрезӣ** | 323,7 | 32,9 | 6,78 |
| **Ярчфаромӣ** | 198,5 | 20,2 | 4,16 |
| **Тармафаромӣ, барфтӯда** | 168,2 | 17,2 | 3,53 |
| **Ҳодисаҳои шикасташавӣ** | 119,7 | 12,1 | 2,51 |
| **Яхбандӣ** | 106,6 | 10,8 | 2,23 |
| **Борони сел** | 66,9 | 6,8 | 1.4 |
| **Ҳамагӣ** | 983,6 | 100,0 | 20,6 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст.

Дарозии зиёди роҳҳо (168,8 км) зери бориши барф ва тарма, инчунин яхбандӣ (106,6 км) қарор доранд, ки ин 3,53% ва 2,23% аз ҳаҷми умумии роҳҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявиро ташкил медиҳад.

Диаграммаи Парето хусусияти табиии ин ҳодисаҳоро нишон медиҳад, ки хусусиятҳои тамоми шабакаи роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунанд (замимаи 9).

Барои тавсифи тақсимоти якхелаи қиматҳои таҳлилшудаи хатарҳои инфрасохтори нақлиёти ҳудудии кишвар каҷхаттаи Лоренцро истифода бурдан мумкин аст. Он метавонад дараҷаи консентратсияи хатарҳоро дар шабакаи

нақлиётӣ нишон диҳад. Дар мо бошад, нишон медиҳад, ки кадом қисми хавфи умумӣ ба қисми муайяни ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд.

Маълум аст, ки каҷхаттаи Лоренс ҳар қадар аз диагонал дуртар бошад, ҷойгиршавии ҷойи пайдоиши хатарҳо ҳамон қадар якхелатар аст, бинобарин ҷойи тамаркузи онҳо ҳамон қадар зиёд мешавад ва баръакс.

**Ҷадвали 3.14. – Маълумоти ибтидоӣ барои сохтани диаграммаи Парето***

| Ҳодисаҳои табиӣ-геологӣ | Дарози и роҳ, км | Маблағи ҷамъшуда, км | Ба ҳисоби % аз дарозии умумии қитъаи роҳ | Фоизи ҷамъшудаи маблағ |
|---|---|---|---|---|
| **Фурӯравӣ, сангрезӣ** | 323,7 | 323,7 | 32,9 | 32,9 |
| **Ярчфароӣ** | 198,5 | 522,2 | 20,2 | 53,1 |
| **Тармафароӣ, барфтӯда** | 168,2 | 690,4 | 17,2 | 70,3 |
| **Ҳодисаҳои шикасташавӣ** | 119,7 | 810,1 | 12,1 | 82,4 |
| **Яхбандӣ** | 106,6 | 916,7 | 10,8 | 93,2 |
| **Бороне сел** | 66,9 | 983,6 | 6,8 | 100,0 |
| **Ҳамагӣ** | 983,6 | - | 100,0 | - |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст.

Диаграммаи Парето ва муқоисаи он бо каҷхаттаи Лоренц (замимаи 9) аз деконсентратсияи хатарҳои табиӣ ва геологӣ дар шабакаҳои нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Яъне ин хатарҳои аз ҷиҳати ҳаҷм ночиз (ба 20%-и шабакаҳо) ба тамоми шабакаи нақлиёти автомобилии ҷумҳурӣ дахл доранд, ки ин ба тамоми шабакаи нақлиётии ҷумҳурӣ хусусияти хоси кӯҳӣ медиҳад.

Аз ин рӯ, ҳангоми сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард дар минтақаҳои кӯҳӣ бояд технология ва усулҳои ташкили корҳои сохтмонӣ барои пешгирӣ ё кам кардани таъсири манфии хатарҳо ба шабакаи нақлиётӣ ва фаъолияти нақлиёт ба муҳити зист дар шароити хосирелефи ноҳамвори кӯҳсори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

Хусусияти корҳои заминӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳ таъсири омилҳои иқлимӣ – маҳдудиятисохтмони мавсимӣ, камшавии бештари ҳаво, гуногунии хок мебошад.




**Расми 3.2. - Сохтори хавфҳо дар инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

***Сарчашма:** Таҳия дар асоси таҳқиқоти муаллиф.

Раванди технологӣ боз аз он сабаб мураккаб мешавад, ки дар шароити кӯҳсор имкони идора кардани мошинҳо чӣ дар вақти коркарди хок ва чӣ дар вақти ҷойивазнамоии он хеле кам мешавад, ки ин боиси хеле паст шудани маҳсулнокии меҳнат на танҳо дар вақти сохтани қабати хокӣ, балки дар вақти сохтани қабатҳои конструксионии рӯйпӯши роҳ, инчунин ҳангоми гузаронидани дигар корҳои махсус мегардад.

Рушди шабакаи роҳҳо дар маҳали кӯҳсор мувофиқи талаботи ҳаракати нақлиёт бо гуногун будани шароити табиию иқлимии минтақа мушкил мегардад. Масалан, дар қитъаи ағбаҳои роҳи автомобилгард шароити

баландкӯҳ–камшавии ҳаво, паст шудани ҳарорат, боронҳои зуд-зуд боранда ва ғайра ба амал меояд. Водиҳои амиқи танги навъи дара дар давраи обхезӣ аз ҷараёни об ба тамоми паҳнои худ пур мешаванд. Тағйир додани хатти роҳ дар маҳали кӯҳсор, одатан дар шароити тангу душвор қариб ҳамеша боиси афзудани ҳаҷми корҳои сохтмонӣ мегардад.

Ҳангоми таҷдиди роҳҳои кӯҳӣ, ки хеле маъмул аст, шояд роҳҳои наздикшавиро ба иншооти калони сунъӣ ислоҳ кардан лозим бошад. Масалан, ҳангоми аз нав сохтани онҳо аз сабаби нокифоя будани қобилияти гузарониш мустаҳкам намудани пулҳо, дар қитъаҳои рост кардашудаи роҳпулҳои нав сохтан зарурат пайдо намояд.

Хусусияти эргономикаи сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард дар баландиҳо паст шудани маҳсулнокии меҳнати коргарон мебошад. Мисоли амалиёти иҷрошаванда дар шароити хос кори одамон дар баландӣ ҳангоми мустаҳкамгардонии қитъаҳои нишеб аз резиши сангҳо ва ярчҳое мебошад, ки ба одамон ва нақлиёти аз роҳҳои автомобилгард гузаранда таҳдид менамояд.

Бо назардошти гуфтаҳои зикршуда мавқеъ оид ба минтақабандии амудӣ нисбат ба технологияи истеҳсолии корҳои роҳдорӣ бо назардошти таъсири омилҳои иқлимӣ тавсия дода мешавад.

Минтақабандии амудиро дар тағйирёбии гармӣ ва хунукӣ барои кӯҳҳо умуман муайян кардан мумкин нест. Он ба як қатор омилҳо вобаста аст, ки дар кишварҳои мухталифи кӯҳистонӣ хеле фарқ мекунанд: таъсири офтоб, шамолҳои минтақавӣ, нишебӣ ва торикии нишебиҳо, мавҷудият ё набудани кӯлҳои кӯҳии пиряххо, ҷангалҳо ва ғайра. Ин омилҳо аз нуқтаи назари истифодабарии роҳҳо дар ҷойи аввал қарор мегиранд ва таваҷҷӯҳи бештарро талаб мекунанд. Кӯшиши ба минтақаи дигар гузаронидани минтақабандии амудӣ, ки барои баъзе ноҳияҳо муқаррар карда шудааст, боиси соддашавӣ ва хатоҳо мегардад. Барои ҳар як қаторкӯҳ бояд минтақабандии амудии хоси он муайян карда шавад. Ғайр аз ин, дар водиҳои бисёр дарёҳои ҷумҳурӣ ва дар

водиҳои танги кӯҳӣ хусусиятҳои морфологӣ, геологӣ ва гидрогеологиро ба назар гирифтан лозим аст.

Тақсими боришоти миёнаи солона дар баландиҳо бениҳоят нобаробар буда, ба ифшои нишебиҳо вобаста аст. Масалан, дар кӯҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нишебиҳои экспозитсияи ғарбӣ назар ба нишебиҳои экспозитсияи дигар ду баробар зиёдтар боришот мушоҳида мегардад.

Дар баробари афзудани баландӣ миқдори умумии боришот, сарфи назар аз экспозитсияи нишебиҳо, якбора то 1000 м меафзояд, тахминан, дар як сатҳ то баландии 3500 м ҷойгир шуда, баъдан якбора ба арзиши нишонаи мувофиқи 501-100 м паст мешавад.

Дарозии хеле тӯлонии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум (18%) намуди рӯйпӯши гузаранда (шағалу сангреза) дорад, аз ҷумла 441 км дар роҳҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ. 1118 км роҳҳои автомобилгарди берӯйпӯш (дар ҳолати хокӣ), аз ҷумла 39 км дар шабакаи ҷумҳуриявӣ мавҷуданд. Ин роҳҳо на ба суръати ҳаракат ва на басарбории меҳварӣ ба талабот ҷавоб дода наметавонанд ва бехатарии ҳаракат дар роҳро таъмин наменамоянд.

Маълумоти муоинаи техникӣ то тирамоҳи соли 2010 нишон медиҳад, ки 3826 км роҳ ё 80% рӯйпӯши роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ дар ҳолати харобшавӣ қарор дошта, нуқсонҳои хатарнок доранд.

Ҳоло дар муқоиса бо соли 1993 шумораи қитъаҳои барои ҳаракати нақлиёт хатарнок беш аз 12 маротиба афзудааст, ки ин ҳам аз бад шудани сатҳи истифодаи умумии роҳҳои автомобилгард шаҳодат медиҳад. Умуман, танҳо 10-12%-и шабакаи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриро ба роҳҳои мустаҳкам ва ҳамворшомил кардан мумкин аст.

Айни ҳол дар ҳамаи маркази ноҳияҳо ва нуқтаҳои аҳолинишини деҳот роҳҳои автомобилгарди фаръӣ рӯйпӯши сахт дошта, баъзе нуқтаҳои аҳолинишин танҳо бо роҳҳои хокӣ пайваст гардида, дар давраи баҳору тирамоҳ амалан дар бунбаст қарор мегиранд.

Дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум 21165 адад пулҳо ва гузаргоҳҳо мавҷуданд, ки 80%-и онҳо навъи капиталӣ ва боқимонда ҷӯбианд.

Тибқи натиҷаҳои тадқиқот аз 751 пул дар роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ 113 пул (15%) дар ҳолати ногувор буда, 75 пул дар ҳолати реҷаи садамавӣ кор карда, риояи шартҳои хоси гузарониши нақлиёти автомобилиро металабад. Чун қоида, пулҳое, ки дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дошта, инчунин дар ҳолати садамавӣ мебошанд, солҳои 1960-1965 сохта шуда, захираҳои хизматии худро тамом кардаанд.

Умуман тамоюли он мушоҳида карда мешавад, ки дар зери таъсири сарбории нақлиётӣ ва набудани таъмири зарурӣ ҳар сол 10-15%-и пулҳои роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ аз ҳолати ғайриқаноатбахш ба ҳолати пеш аз садамавӣ мегузаранд.

Зиёда аз 188 пул ба талаботи габаритии қисми гузаргоҳии роҳ тамоман ҷавоб дода наметавонад, ки ин бехатарии ҳаракатро бад менамояд.

Бад шудани хусусиятҳои шабакаи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ, ки тамоюли устувор доранд, бевосита бо маблағгузории ноустувори хоҷагии роҳ алоқаманд аст. Агар дар соли 2012 хароҷоти роҳҳои автомобилгард барои як километр роҳи истифодаи умум аз рӯйи нақша 3,1 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, дар ҳақиқат 0,27 ҳазор сомонӣ барои як километр роҳ ҷудо карда шудааст, ки ин аз эҳтиёҷоти маблағгузорӣ барои нигоҳдорӣ ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард мувофиқи нақша 11 маротиба кам аст.

Бояд гуфт, ки ҳар сол 90-95%-и ҳаҷми зарурии таъмири роҳҳо аз сабаби нарасидани маблағ иҷро карда намешавад.

Масалан, дар соли 2012 барои 1 км роҳҳои автомобилгарди Тоҷикистон 0,09 ҳазор доллар сарф шудааст. Барои муқоиса,ин рақам дар Қазоқистон 1,6 ҳазор доллар, дар Россия 8,3 ҳазор доллар, дар Беларус 7,5 ҳазор доллар, дар Ӯзбекистон 4,7 ҳазор доллар аст.

Дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта барои як километр роҳ – дар ИМА – 17,6 ҳазор доллар, дар Олмон – 27,2 ҳазор доллар, дар Ҷопон – 61,9 ҳазор доллар барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳо дар давоми сол равона карда мешавад[57].

[57]Транспорт и развитие. Дискуссионная записка / Организация Объединенных Наций: Генеральная Ассамблея//Материалы третьей конференции ООН по наименее развитым странам. - Брюссель, Белгия: (б.н.). 14-20 мая 2001 г. №A/CONF/191/BP/ 1.

Маблағгузории нокифоя барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои автомобилгард боиси хароҷоти зиёди бемаҳсул дар кори нақлиёти автомобилӣ, инчунин аз даст додани иқтидори транзитӣ мегардад. Ин вазъ на танҳо аз сабаби мушкилоти иқтисодии давлат, балки бештар аз он баҳо надодани нақши инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар фаъолияти иқтисодиёт, ки айни замон як ҷузъи бозори хизматрасонии нақлиётӣ маҳсуб мешавад, ба вуҷуд омадааст.

Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳими назариявӣ ва амалии омӯзиши инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ муайян кардани дараҷаи таъсири параметрҳои микдорӣ ва сифатии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба рушди ҳудудии қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муқоисаи динамикаи нишондиҳандаҳои бунёдии макроиқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои кори нақлиёти автомобилӣ имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои муваффақият ва нокомиҳо дар соҳаи таҷдиди сохтори иқтисодиёт ва сиёсати давлатии баробарсозии вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ муайян карда шавад.

Ҳамзамон бояд гуфт, ки бори аввал уҳдадориҳои сармоягузории давлат оид ба рушди роҳҳои маҳаллӣ ба қайд гирифта шуданд.

Бе афзоиши назаррас сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ метавонад монеи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад. Таҳлил нишон медиҳад, ки аз соли 1995 сар карда, ҳиссаи сармоягузорӣ ба соҳаи нақлиёт ва алоқа (11,6%) дар сохтори умумии маблағгузорӣ ба хоҷагии халқ то соли 2000 (27,4%), яъне 2,36 баробар зиёд шудааст. Пас аз соли 2000 ин ҳисса мунтазам коҳиш ёфта, аз 21,3% дар соли 2005 то ба 13,8% дар соли 2010, яъне ҳиссаи сармоягузорӣ дар соҳа 1,54 маротиба кам гардида, дар соли 2015 – ба 1,37 маротиба расида, баъд аз он муътадил шуд.

Тавре ки дар боло зикр гардид, имрӯз дар ҷаҳон таҷрибаи хеле маъмул аст, ки роҳҳо мисли ҳар як корхонаи дигар идора карда мешаванд, на ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ.

Дар шоҳроҳи Душанбе – Чанок тиҷоратӣ гардонидани нигоҳдории инфрасохтори нақлиёти автомобилгард амалӣ карда мешавад ва мумкин аст дар

ояндаи наздик дар дигар шабакаи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ одилонатар татбиқ карда шавад.

Азбаски роҳҳо монополияи давлатӣ мебошанд ва аксари роҳҳо то чанд муддат чун моликияти давлатӣ боқӣ мемонанд, бояд дар ташкили идоракунии нигоҳдории роҳҳо дар чаҳор самти муҳими зерин ислоҳоти минбаъда гузаронида шавад[58]:

1. Ҷалби истифодабарандагон ба идоракунии роҳ барои ба даст овардани дастгирии давлатӣ ва эҷоди маблағҳои иловагӣ, инчунин назорати иқтидори монополӣ ва қобили қабул будани хароҷот.

2. Муътадил гардонидани таъминоти молиявии роҳҳо аз ҳисоби таъмини фондҳои босуботи роҳдорӣ

3. Ҷудонамоии уҳдадорӣ ва масъулиятҳо, муайян кардани оне ки кӣуҳдадор бошад ва кадом масъулиятро ба уҳда гирад.

4. Бо роҳи ҷорӣ намудани системаҳо ва тартиботи самарабахш, пурзӯр намудани ҳисоби идоранамоӣ мустаҳкам кардани нигоҳубини роҳҳо.

Қобили зикр аст, ки ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ дар якҷоягӣ бо институтҳои байналмилалии молиявӣ, аз қабили Бонки Исломии Рушд (БИР), Бонки Осиёии Рушд (БОР), Фонди Қувайт оид ба рушди иқтисодии араб (ФҚРИА), Бонки Аврупоии рушд ва таҷдид (БАТР) ва дигар донорҳо оид ба афзалиятҳои рушди системаи нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои муайянеро анҷом дода истодааст.

Нигоҳдорӣ ва рушди шабакаи мавҷудаи роҳҳои автомобилгард, беҳбуди вазъи онҳо, мутобиқ гардонидани роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ба талаботи байналмилалии техникӣ ва табдил додани Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ аз авлавиятҳои муҳим мебошад. Дар солҳои истиқлолият ба ин ҳадафҳо беш аз 12 миллиард сомонӣ сарф шуда, дар оянда сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти байналмилалӣ ва минтақавӣ дар назар аст: Душанбе – Бохтар, Хуҷанд – Исфара, Кӯлоб – Шамсиддин Шоҳин, Шкев –

---

[58] Бобоев О. Модернизация транспортно- коммуникационной модели Республики Таджикистан [Текст] / О. Бобоев. - Душанбе.: «Нодир», 2012. - С.127.

Қалъаи Хумб, Темурмалик – Балҷувон – Ховалинг ва дигар қитъаҳои шабакаи асосии нақлиётии ҷумҳурӣ ба маблағи 7,7 млрд. сомонӣ сохта шуданд.

Лоиҳаи сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгарди Обигарм – Нуробод (86 км), Қалъаи Хумб – Ванҷ (93 км), қитъаи Хуҷанд – Конибодом дар роҳи автомобилгарди Хуҷанд – Исфара (130 км), Бохтар – Данғара – Кӯлоб (155 км), умуман зиёда аз 500 километр иҷро карда мешавад.

Дар баробари ин, барои ҳифзи рушди шабакаи мавҷудаи роҳҳои автомобилгард бояд корҳои барқарорсозии қитъаҳои харобшудаи роҳҳо, азнавсозии пулҳои садамавӣ, пеш аз ҳама дар хатсайрҳои байналмилалӣ анҷом дода шаванд. Баланд бардоштани сифати корҳои сохтмону таъмир бояд яке аз самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста шавад.

Звенои марказии ин самт ташаккули системаи самараноки идоракунии сифати корҳои сохтмону таъмир, назорат ва таҳлили ҳолати нақлиётӣ, технологӣ ва истифодабарии иншооти роҳ дар асоси ҳалли як қатор вазифаҳои ташкилӣ мебошад, аз ҷумла:

-коркард ва такмили системаи меъёрҳои техникии роҳҳои автомобилгард ва корҳои роҳсозӣ, аз ҷумла тахия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ чӣ дар ҳамкорӣ дар доираи тадқиқоти илмии Шӯрои байнидавлатии роҳсозони давлатҳои ИДМ ва ҳам дар доираи барномаҳои ҷумҳуриявӣ;

-ташкили системаи иттилоотии таъмини идоракунӣ ва назорати ҳолати роҳҳои автомобилгард;

-такмил додани системаи сертификатсияи ашёи хом, мавод ва технология.

Афзалияти дигари муҳим таъмини шароити мусоидтару бехатар барои интиқолдиҳандагони дохиливу хориҷӣ дар роҳҳои автомобилгарди Тоҷикистон аст.

Роҳҳои автомобилгард, ки ба анбуҳи мутамаркази транзитии нақлиёт, аз ҷумла ба робитаҳои байналмилалӣ хизмат мерасонанд, бояд бо роҳи тезонидани кашондани бору мусофирон, таъмини ҳифзи бор ва бехатарии ҳаракат, фароҳам овардани шароит барои меҳнат ва истироҳати муътадили

истифодабарандагони роҳ манфиати калон диҳанд. Ин вазифа аз ҳисоби беҳтар намудани ҳолати техникии роҳҳо, рушди объектҳои сервисӣ ҳал карда мешавад.

Афзалияти муҳим рушди роҳҳои автомобилгарди асосии транзитии мавҷуда, инчунин коркарди лоиҳаҳои эҳтимолии алтернативӣ барои баланд бардоштани иқтидори Тоҷикистон барои ворид шудан ба бозорҳои тиҷоратии ҷаҳонӣ мебошад.

Рушди роҳҳои автомобилгарди транзитии мавҷуда ва коркарди роҳҳои нав ба бозорҳои байналмилалӣ тавассути иштирок дар ҳамроҳшавии ҷумҳурӣ ба конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ оид ба интиқоли автомобилӣ фаъол карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки самти муҳими ислоҳоти инфрасохтори нақлиёт ҷалби соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ барои таъмини рушди инфрасохтори рӯйизаминӣ дар роҳҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ мебошад.

Помири Шарқӣ, ки ҳудуди васеъ ва сарватҳои бойи табиӣ дорад, аз сабаби мавҷуд набудани инфрасохтори дурусти нақлиёт азхуднашуда боқӣ монд. Робита бо Помири Шарқӣ танҳо аз тарафи Хоруғ дар қад-қади роҳи автомобилгарди Хоруғ – Мурғоб – сарҳади Қирғизистон сурат мегирад.

Тавре ки аз тадқиқоти дар боло зикршуда оид ба қобилияти гузарониши нақлиётии ҳудуди ВМКБ нишон дод, ҳудуди азхуднашудаи имрӯзаи ноҳияи Мурғоб имкон медиҳад, то дар сурати ташкили инфрасохтори нақлиёт дар намуди роҳҳои автомобилгард ва майдончаи чархболҳо ва аэродром барои ҳавопаймоҳои хурд ба азхуднамоии ин ҳудудҳо (имкони ташкили то даҳ ноҳияи иқтисодӣ) ва бо ҷойи истиқомат таъмин намудани зиёда аз 4 миллион нафар одамон мусоидат менамояд.

**Расми 3.3.** Сохтмони роҳи автомобилгарди алтернативии байналмилалии Лахш – Олтинмазор – сарҳади Хитой (318 км)-ро пешбинӣ менамояд.

**Расми 3.4.** Барқарор намудани роҳи автомобилгардро аз километри 58-ум сар карда, то дуроҳаи роҳи автомобилгарди байналмилалӣ дар қитъаи Мурғоб – Қулма то сарҳади Хитой (109 км) пешбинӣ менамояд.




**Расми 3.3. -** Нақшаи шабакаи роҳҳои автомобилгарди Помири Шарқӣ дар оянда*

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст.

Махсусан бунёди роҳҳо дар минтақаи Помири Шарқӣ барои азхудкунии сарватҳои табиии ин минтақа ва дар ин замина таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ҷобаҷогузории корхонаҳои истихроҷи маъдан ва коркард аҳамияти бузурги иҷтимоию иқтисодӣ дорад.

Ташкили шабакаи муосири роҳҳои автомобилгард бояд бо баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба бору мусофирон бо фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҳаракати бехатар дар роҳҳои автомобилгард, таъмини ҳифзи борҳо, фароҳам овардани шароит барои кор ва истироҳати муътадили истифодабарандагони роҳ ва рушди автотуризм ба роҳ монда шавад.




**Расми 3.4. -** Нақшаи барқарорсозии роҳ бо баромадан ба Хитой*

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст.

Роҳҳои автомобилгарди эҳтимолӣ, ки тавассути ҳудуди Лахш ва ноҳияи Мурғоб бо баромадан ба Хитой сохта мешаванд, имкон медиҳанд, то боз ду

баромади алтернативӣ ба Хитой дошта, нишондиҳандаҳои сатҳи таъмини Помири Шарқӣ бо инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва намуди нақлиёти ҳавоӣ, ки ба азхуднамоии ин қаламрав ва рушди соҳибкорӣ дар соҳаи истихроҷ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр, рушди хоҷагии деҳот, инчунин рушди туризми кӯҳӣ, туризми санаторию курортӣ дар ин ноҳияи аз ҷиҳати стратегӣ муҳими ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд, ба таври назаррас беҳтар созанд.

### 3.3. Баҳодиҳии сатҳи рушди ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Таҳлили мо дар бораи суръати афзоиши иқтисодиёт нишон медиҳад, ки дар оянда ҳаҷми интиқоли автомобилӣ хеле зиёд шуда, иқтидори борбардории автомобилҳои дар роҳҳои ҷумҳурӣ истифодашаванда зиёд мегардад, инчунин ҳиссаи автомобилҳо дар таркиби анбуҳи нақлиёт зиёд мешавад, ки ин барои хеле баланд бардоштани дараҷаи техникии инфрасохтори нақлиёти автомобилии ҷумҳуриро талаб менамояд[59].

Дар баробари сохтмони роҳҳои автомобилгарди нав дар назди ҷумҳурӣ проблемаҳои таҷдид ва барқарор намудани шабакаи мавҷуда ва хатсайрҳои алоҳидаи долонҳои транзитии байналмилалии ҷумҳурӣ истодаанд.

Бояд тазаккур дод, ки сохтани типологияи системаҳои ҳудудии нақлиётию инфрасохтории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкони идора ва қабули қарори дахлдорро барои танзими омилҳои ба тағйирёбии сохтори ҳудудии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва ташкили хизматрасонии наклиётӣ дар ҳудуди алоҳидаи ҷумҳурӣ таъсиррасонро осон мегардонад.

Барои таҳлили динамикаи фарқиятҳои ҳудудӣ дар таъмини инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ нишондиҳандаи зичии шабакаи роҳ истифода мегардад, ки бо шумораи аҳолӣ, хусусияти маҳалли ҷойгиршавии онҳо, масоҳати ноҳия ва дарозии умумии шабакаи наклиётӣ муайян карда мешавад[60].

---

[59] Бобоев К.О. Региональная транспортная инфраструктура современного Таджикистана [Текст] / К.О. Бобоев. – Душанбе: Дониш, 2018. - С.165-170.

[60] Тархов А.С. Эволюционная морфология транспортных сетей [Текст] / А.С. Тархов. - М.: Изд. «Универсум», 2005. - 248 с.

Барои чунин таҳлил аз рӯи ҳар як параметр муайян кардан лозим аст, ки ноҳияҳо ба чанд гурӯҳ тақсим карда шаванд ва барои ҳар як гурӯҳи ноҳияҳо таҳлил гузаронида шавад. Шумораи зарурии гурӯҳи ноҳияҳо барои таҳлили минтақавӣ бо истифода аз формулаи маъруфи Стерҷес муайян карда мешавад, ки дар таҳлили оморӣ хеле васеъ истифода менамоянд[61]:

$$n = 1 + 3{,}322 \ln N, \qquad (3.1)$$

*ки ин ҷо*

*n – шумораи гурӯҳи ноҳияҳо;*

*N – шумораи умумии ноҳияҳои тадқиқшаванда 58.*

*Аз ин ҷо ln N = 1,756 аст. Ҳоло мо қимати фосилаи баробарро мувофиқи формулаи зерин муайян менамоем:*

$$h = (Xmax - Xmin)/n, \qquad (3.2)$$

*ки ин ҷо*

*h – андозаи қадам;*

*Xmax; Xmin –қимати максималӣ ва минималии аломати гурӯҳбандӣ (дарозии роҳҳои автомобилгард; шумораи аҳолӣ; ва коэффитсиенти Энгел).*

Гурӯҳбандии минтақаҳо аз рӯйи дарозии роҳҳои автомобилгард аз рӯйи қиматҳои зерини параметри гурӯҳбандӣ амалӣ шуд: Xmax = 446,5 км; Xmin= 59,3 км; h= (446,5 – 59,3) : 7 = 55,0 км;n = 1+3,322 x ln 57 = 7 гурӯҳ.

Ҳамин тавр, аз рӯйи дарозии роҳҳои автомобилгарди ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳафт гурӯҳ ҷудо мешаванд (ҷадвали 3.15.).

**Ҷадвали 3.15. – Гурӯҳбандии ноҳияҳо аз рӯйи дарозии шабакаи нақлиёти истифодаи умуми Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Гурӯҳи ноҳияҳо | Номгӯйи ноҳияҳо |
|---|---|
| Гурӯҳи якум – аз 59 км то 115 км; аз 9 ноҳия | Балҷувон, Левакант Носири Хисрав, Шаҳринав, Роғун, Сангвор, Шуғнон, Мастчоҳи кӯҳӣ, Шаҳристон |
| Гурӯҳи дуюм – аз 115 км то 170 км; аз 8 ноҳия | Норак, Нурободд, Тоҷикобод, Варзоб, Мастчоҳ, Шаҳритус, Муъминобод, Ховалинг |

[61] Статистические методы повышения качества. - М.: «Финансы и статистика», 1990. - 304 с.

**Идомаи ҷадвали 3.15.**

| Гурӯҳи ноҳияҳо | Номгӯйи ноҳияҳо |
|---|---|
| Гурӯҳи сеюм – аз170 км то 225 км; аз 10 ноҳия | Файзобод, Айнӣ, Деваштич, Спитамен, Зафаробод, Кӯлоб, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Темурмалик, Қубодиён, Роштқалъа |
| Гурӯҳи чорум – аз 225 км то 280 км; аз 15 ноҳия | Ҳисор, Истравшан, Исфара, Ҷ.Расулов, Вахш, Ҷайҳун,Ёвон, Ҷ.Балхӣ, А. Ҷомӣ, Хуросон, Ванч, Лахш |
| Гурӯҳи панҷум – аз 280 км то 235 км; аз 8 ноҳия | Турсунзода, Рашт, Данғара, Панҷакент, Конибодом, Ашт, Ш.Шоҳин, Панҷ |
| Гурӯҳи шашум – аз 235 км то 390 км; аз 4 ноҳия | Рӯдакӣ, Ваҳдат, Бобоҷон Ғафуров, Дарвоз |
| Гурӯҳиҳафтум – аз 390 км то 445 км; аз 4 ноҳия | Фархор, Рӯшон, Ишкошим, Мурғоб |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст.

Барои баҳодиҳии мувофиқати гурӯҳбандии натиҷавӣ мо гистограммаи тақсимотро месозем ва бо истифода аз онҳо қонуни тақсимотро барои маҷмӯи гурӯҳҳои бадастомадаи ноҳияҳо муқаррар менамоем (ҷадвали 3.16.).

**Ҷадвали 3.16. – Ҳисоби маълумоти ибтидоӣ барои сохтани гистограмма ва муайян кардани қонуни тақсимоти маҷмӯи ноҳияҳо дар тӯли шабакаи нақлиётии ноҳия***

| Гурӯҳ | Миёнагурӯҳӣ,(x) | Басомади зарба, (f) | u | Uf | $u^2f$ |
|---|---|---|---|---|---|
| 59 – 115 | 87 | 9 | -3 | -27 | 81 |
| 115 – 170 | 142,5 | 8 | -2 | -16 | 32 |
| 179 – 225 | 197,5 | 10 | -1 | -10 | 10 |
| 225 – 280 | 525,5 | 15 | 0 | 0 | 0 |
| 280 – 335 | 307,5 | 8 | 1 | 8 | 8 |
| 335 – 390 | 375,5 | 4 | 2 | 8 | 16 |
| 390 – 445 | 417,5 | 4 | 3 | 12 | 36 |
| Ҳамагӣ | - | 58 | | -25 | 183 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаҳои аввалия тартиб дода шудааст (замимаи 1).

2. Гурӯҳбандии ноҳияҳоро вобаста ба шумораи аҳолӣ бо қиматҳои зерини параметри гурӯҳбандӣ доир менамоем: Xmax = 369,3 ҳазор нафар; Xmin = 18,6 ҳазор нафар; h = 369,3 – 18,6 ҳазор нафар = 350,7 ҳазор нафар; n = 1 + 3,322 x ln 58 = 7 гурӯҳ, қадами гурӯҳбандӣ 350, 7: 7 = 50 ҳазор нафар.

Барои баҳодиҳии мувофиқати гурӯҳбандии натиҷавӣ мо гистограмма месозем (ҷадвали 3.17.).

**Ҷадвали 3.17. – Гурӯҳбандии ноҳияҳо аз рӯйи шумораи аҳолӣ***

| Гурӯҳи ноҳияҳо | Номгӯйи ноҳияҳо |
|---|---|
| Гурӯҳи якум – аз 18,0 ҳаз. то 68 ҳаз. нафар; аз 23 ноҳия | Варзоб, Норак, Роғун, Нуробод, Тоҷикобод, Сангвор, Лахш Айнӣ, Зафаробод, Мастчоҳи кӯҳӣ, Шаҳристон, Темурмалик, Ховалинг, Ш.Шоҳин, Левакант, НосириХисрав, Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Ишкошим, Шуғнон, Роштқалъа, Балҷувон, Мурғоб |
| Гурӯҳи дуюм – аз 68,0 ҳаз. то 118,0 ҳаз. нафар; аз 13 ноҳия | Шаҳринав, Файзобод, Рашт, Спитамен, Мастчоҳ, Ҷаббор Расулов, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Муъминобод, Панҷ, Ҷайҳун, Дӯстӣ, Хуросон, Шаҳритӯс |
| Гурӯҳи сеюм – аз118,0 ҳаз. то 168,0 ҳаз. нафар; аз 9 ноҳия | Данғара, Фархор, Қубодиён, Ҷ. Балхӣ Вахш, Ёвон, А. Ҷомӣ, Деваштич, Ашт |
| Гурӯҳи чорум – аз 168,0 ҳаз. то 218,0 ҳаз. нафар; аз 5 ноҳия | Истравшан, Конибодом, Кӯлоб, Восеъ, Бохтар |
| Гурӯҳи панҷум – аз218,0 ҳаз. то 268,0 ҳаз. нафар; аз 5 ноҳия | Турсунзода, Ҳисор, Панҷакент, Исфара, Ваҳдат |
| Гурӯҳи шашум – аз 268,0 ҳаз. то 318,0 ҳаз. нафар; аз 0 ноҳия | Ноҳия нест |
| Гурӯҳи ҳафтум – аз318,0 ҳаз. то 368,0 ҳаз. нафар; аз 2 ноҳия | Рӯдакӣ, Бобоҷон Ғафуров |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст.

3. Гурӯҳбандии ноҳияҳо вобаста ба масоҳати ҳудуди ишғолнамудаи ноҳия бо қиматҳои зерини параметри гурӯҳбандӣ сурат мегирад: Xmax = 38442,0; Xmin = 131,0 км$^2$; h= 38442,0 – 131,0 = 38311 км$^2$, n = 1+3,322 x ln 58 = 7 гурӯҳ, қадами гурӯҳбандӣ 38311,0: 7 = 5473,0 км$^2$.

Бо чунин тақсимот, ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ғайр аз Мурғоб, ба як гурӯҳи аввал дохил шуданд, ки ин вуҷуд надоштани қонуни тақсимоти тағйирёбандаҳои тасодуфиро нишон медиҳад. Истисно намудани Мурғобу Сарбанд аз маҷмӯи ноҳияҳо хусусияти тақсимоти умумии параметри гурӯҳбандиро ба таври назаррас тағйир дод: Xmax = 5974 км$^2$; Xmin = 276 км$^2$; h= 5974 – 276 = 5698 км$^2$, n = 1+3,322 x ln56 = 7 гурӯҳ, қадами гурӯҳбандӣ

5698:7 = 814 км$^2$ буда, бо истифода аз онҳо қонуни тақсимоти умумии гурӯҳҳои бадастомадаи ноҳияҳоро муқаррар мекунем (ҷадвали 3.17).

Барои баҳодиҳии мувофиқати гурӯҳбандии бадастомада гистограмма тартиб дода, бо истифода аз онҳо қонуни тақсимотро барои маҷмӯи гурӯҳҳои бадастомадаи ноҳияҳо муқаррар менамоем (ҷадвали 3.18.).

**Ҷадвали 3.18.– Ҳисоби маълумоти ибтидоӣ барои сохтани гистограмма ва муайян кардани қонуни тақсими маҷмӯи ноҳияҳо аз рӯйи шумораи аҳолии ноҳия***

| Гурӯҳ | Миёнагурӯҳӣ,(x) | Басомади зарба, (f) | u | Uf | u$^2$f |
|---|---|---|---|---|---|
| 18 – 68 | 43 | 23 | 0 | 0 | 0 |
| 68 – 118 | 93 | 13 | 1 | 13 | 13 |
| 118 – 168 | 143 | 9 | 2 | 18 | 36 |
| 168 – 218 | 193 | 5 | 3 | 15 | 45 |
| 218 – 268 | 243 | 5 | 4 | 20 | 80 |
| 268 – 318 | 294 | 0 | 5 | 0 | 0 |
| 318 – 368 | 343 | 2 | 6 | 12 | 72 |
| Ҳамагӣ | - | 58 | 21 | 78 | 246 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаҳои аввалия тартиб дода шудааст (замимаи 1).

Таҳлили омории гистограммаҳои силсилаи тақсимоти бадастомадаи дар замимаи 8 овардашуда нишон медиҳад, ки гурӯҳбандии ноҳияҳо аз рӯйи параметри якум характери қонуни тақсимоти муқаррарӣ бо коэффитсиенти вариатсияи 0,52 дорад.

Параметри дуюми гурӯҳбандӣ дорои гистограммаи параболавӣ бо коэффитсиенти тағйирёбии 0,96 мебошад. Параметри сеюм инчунин гистограммаи параболавӣ бо коэффитсиенти тағйирёбии 1,12 мебошад. Дар маҷмӯъ, параметрҳои интихобшуда гистограммаи возеҳ ва қонуни муайяни тақсимот доранд, ки дар якҷоягӣ метавонанд барои муайян кардани типологияи ноҳияҳо аз нуқтаи назари сатҳи таъминоти нақлиётии ҳудуди онҳо ва аҳолӣ бо инфрасохтори нақлиёт истифода шаванд.

Системаи нақлиёти ҳудудӣ маҷмӯи шабакаҳо, тугунҳо ва хатҳои нақлиётӣ мебошад, ки бо анбуҳи умумии бору мусофирон дар ҳудуди муайян муттаҳид шудаанд. Хусусияти асосии системаи нақлиёти ҳудудӣ якпорчагии фазои он, пайвастагии дохилии он, иерархияи умумии шабакаи тугунҳои нақлиётӣ ва хатҳои нақлиётӣ, системаи умумии анбуҳӣ нақлиётӣ, таъсири мутақобилаи намудҳои алоҳидаи нақлиёт дар фазои ҳудуди муайян мебошад.

**Ҷадвали 3.19. –Гурӯҳбандии ноҳияҳо аз рӯйи масоҳати худуди онҳо***

| Гурӯҳи ноҳияҳо | Номгӯйи ноҳияҳо |
|---|---|
| Гурӯҳи якум – аз 276 ҳазор км$^2$ то 1090 ҳазоркм$^2$; аз 27 ноҳия | Ҳисор, Шаҳринав, Нуробод, Роғун, Тоҷикобод, Файзобод, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бохтар, Вахш, Восеъ, Ёвон, Норак, Панҷ, Кӯлоб, Ҷайҳун,Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Муъминобод, Носири Хисрав, Темурмалик, Хуросон, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷаббор Расулов, Зафаробод, Исфара, Конибодом, Мастчоҳ, Спитамен, Истравшан |
| Гурӯҳи дуюм – аз1090 ҳазор км$^2$ то 1904 ҳазор км$^2$; аз 11 ноҳия | Варзоб, Рӯдакӣ, Турсунзода, Балҷувон, Қубодиён, Фархор, Ховалинг, Дӯстӣ, Шаҳритӯс, Деваштч Шаҳристон |
| Гурӯҳи сеюм – аз1904 ҳазор км$^2$ то 2718,0 ҳазор км$^2$; аз 3 ноҳия | Данғара, Ш. Шоҳин, БобоҷонҒафуров |
| Гурӯҳи чорум – аз 2718,0 ҳазор км$^2$; то 3532 ҳазор км$^2$; аз 2 ноҳия | Дарвоз, Ашт |
| Гурӯҳи панҷум – аз3532 ҳазор км$^2$; то 4346 ҳазор км$^2$; аз 4 ноҳия | Ишкошим, Роштқалъа, Ваҳдат, Панҷакент |
| Гурӯҳи шашум – аз4346 ҳазор км$^2$ то 5160 ҳазор км$^2$; аз 5 ноҳия | Ванҷ, Шуғнон, Лахш, Рашт, Айнӣ |
| Гурӯҳи хафтум – аз 5160 ҳазор км$^2$, то 5974 ҳазор км$^2$; аз 1 ноҳия | Сангвор |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси натиҷаҳои ҳисоб тартиб дода шудааст.

Системаҳои нақлиётии ҳудудӣ аз ҷиҳати сохт ва ташкили фазоии худ мураккабанд, яъне сохти мураккаби функсионалӣ ва фазоӣ доранд. Аз ин рӯ, барои омӯхтани онҳо, пеш аз ҳама навъҳои имконпазири онҳоро муайян кардан лозим аст.

Барои фарқияти онҳо чунин асосҳо мавҷуданд, ки мувофиқи онҳо типология ва таснифоти онҳо имконпазир аст: андозаи фазоӣ, конфигуратсия (расми шакл дар харита), маҷмӯи намудҳои нақлиёт (бо назардошти сатҳи рушди ҳар як намуд ва хусусияти комбинатсияи онҳо (сохти функсионалӣ)), хусусият ва шиддатнокии таъсири мутақобилаи намудҳои гуногуни нақлиёт, мураккабии фазоӣ, дараҷаи алоқамандии дохилӣ, континенталӣ ва кушодагии баҳрҳо, мавқеи фазоӣ, хусусияти азхуднамоии фазоиҳудуд аз ҷониби нақлиёт, дараҷаи кушодагӣ ё наздик будани система ва муҳити берунӣ.

**Ҷадвали 3.20. – Ҳисоби маълумоти ибтидоӣ барои сохтани гистограмма ва муайян кардани қонуни тақсимоти маҷмӯи ноҳияҳо аз рӯйи масоҳати ишғолнамудаиҳудуди ноҳия***

| Гурӯҳ | Миёнагурӯҳӣ,(x) | Басомади зарба, (f) | u | Uf | $u^2f$ |
|---|---|---|---|---|---|
| 276 –1090 | 683 | 27 | 0 | 0 | 0 |
| 1090 – 1904 | 1499 | 11 | 1 | 11 | 11 |
| 1904 – 2718 | 2311 | 3 | 2 | 6 | 12 |
| 2718 – 3532 | 3125 | 2 | 3 | 6 | 18 |
| 3532 –4346 | 3939 | 4 | 4 | 16 | 64 |
| 4346 – 5160 | 4753 | 5 | 5 | 25 | 125 |
| 5160 – 5974 | 5567 | 1 | 6 | 6 | 36 |
| Ҳамагӣ | - | 56 | 21 | 70 | 266 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси сарчашмаҳои аввалия тартиб дода шудааст (замимаи 1).

Вобаста ба хусусиятҳои мавҷуда, дар маҷмӯъ типологияи системаҳои нақлиётӣ-ҳудудии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омезиши аломатҳои зерин ташаккул меёбад:

-аз рӯйи андозаи фазоӣ онҳо ба системаҳои нақлиёти минтақавӣ тааллуқ доранд, ки дар иҳотаи кишварҳои миёна ва хурд мебошанд (қобилияти гузарониши беруна);

-аз рӯйи конфигуратсияи шабакаи нақлиётии ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба дарахтмонанд, дар ҷойҳои дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии кишвар элементҳои қисман мудаввардошта шабеҳ аст (қобилияти гузаришони дохилӣ);

-аз рӯйи хусусият ва дараҷаи азхуднамоии фазои ҳудуд бо нақлиёт. Дар ин бобат шабакаи нақлиётии ҷумҳурӣ дараҷаи нокифоя – зиёда аз 25%-и ҳудуди ҷумҳуриро ишғол менамояд (ин асосан ҳудуди Помири Шарқӣ, ки аз ҷониби нақлиёт аз худ нашудааст);

-аз рӯйи хусусиятҳои конфигуратсияи шабакаи нақлиётии ҷумҳурӣ ба гурӯҳи шабакаҳои ғайрикомпакт, шакли номунтазам, мураккаб тааллуқ дорад.

Аз рӯйи теъдоди намудҳои нақлиёт мо хусусиятро асосан аз рӯйи модалнокии шабака, яъне мавҷуд будани шабакаҳои нақлиётии мономодалӣ, дар баъзе ҷойҳо шабакаҳои нақлиётии бимодалӣ ва тримодалӣ мегирем.

**Ҷадвали 3.21. – Минтақабандии нақлиётӣ-ҳудудии ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Минтақаҳои нақлиётӣ | Ноҳияҳо |
|---|---|
| Минтақаи Ҳисор | Ваҳдат, Варзоб, Рӯдакӣ, Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода, Файзобод, Норак, Роғун |
| Минтақаи Рашт | Нуробод, Рашт, Лахш, Тоҷикобод,Сангвор |
| Минтақаи Кӯлоб | Данғара, Кӯлоб, Балҷувон, Восеъ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Фархор, Темурмалик, Муъминобод, Ховалинг, Ш.Шоҳин |
| Минтақаи Бохтар | Қушониён, Панҷ, Қубодиён, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Вахш, Левакант, Носири Хисрав, Ҷайҳун, Ёвон, Дӯстӣ, Хуросон, Шаҳритӯс |
| Минтақаи Зарафшон | Айнӣ, Мастчоҳи кӯҳӣ, Панҷакент |
| Минтақаи шимолӣ | Бобоҷон Ғафуров, Деваштич, Спитамен, Конибодом, Мастчоҳ,Исфара, Истравшан, Ҷ. Расулов, Зафаробод, Шаҳристон, Ашт |
| Минтақаи Кӯҳистони Бадахшон | Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Мурғоб, Ишкошим, Шуғнон, Рошткалъа |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси натиҷаҳои ҳисоб тартиб дода шудааст.

Вобаста ба хусусиятҳои кӯҳию ҷуғрофии ҷумҳурӣ ҳудуди он аз ҳафт минтақаи нақлиётию ҷуғрофӣ иборат аст (чадвали 3.21.).

Дар рафти таҳлили муфассали ҳолати системаҳои нақлиётию ҳудудии ноҳияҳои ба ин минтақаҳо дохилшуда тавсифи онҳо дар асоси параметрҳои зерин дода мешавад:

-дараҷаи азхудшавии нақлиётии ҳудуди ноҳия– аз рӯйи зичии шабакаи нақлиёти дар як километри мураббаъ дар ҳудуди ноҳия;

-аз ҷиҳати сифати системаи ҳудудию нақлиётии минтақа – аз рӯйи таносуби ҳиссаи нишондиҳандаҳои роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;

-аз рӯйи хусусияти модалнокӣ ва транзитнокии шабака – аз рӯйи ҳиссаи роҳҳои байналмилалӣ ба маблағи роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ва мавҷуд будани шабакаи нақлиётии дигар намудҳои нақлиёт дар ноҳия.

Натиҷаҳои тадқиқот дар ҷадвали 3.22. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.22. – Хусусиятҳои нақлиётию ҳудудии минтақаҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Ноҳияҳо аз рӯйи минтақаҳои нақлиётию ҳудудӣ | Дараҷаи азхуднамоии нақлиётии ноҳия, км/км$^2$ | Сифати шабакаи нақлиётӣ, км/км | Транзитнокии шабака, км/км | Модалнокии системаи ҳудудию нақлиётии ноҳия |
|---|---|---|---|---|
| **Минтақаи Ҳисор** | 0,159 | 0.563 | 0,150 | тримодалӣ (авто., р/о, ҳавоӣ) |
| Ваҳдат | 0,059 | 0,470 | 0,298 | тримодалӣ |
| Варзоб | 0,133 | 1,632 | 0,298 | мономодалӣ |
| Рӯдакӣ | 0,182 | 1.128 | 0,075 | тримодалӣ |
| Шаҳринав | 0,008 | 0,429 | 0,131 | думодалӣ |
| Ҳисор | 0,253 | 0,111 | 0,098 | тримодалӣ |
| Турсунзода | 0,240 | 0,111 | 0,081 | бимодалӣ |
| Файзобод | 0,213 | 0.370 | 0,258 | мономодалӣ |
| Норак | 0,338 | 1,041 | 0,169 | мономодалӣ |
| Роғун | 0,158 | 0,818 | 0,312 | мономодалӣ |
| **Минтақаи Рашт** | 0,055 | 1,000 | 0,319 | мономодалӣ |
| Нуробод | 0,174 | 0,754 | 0,345 | мономодалӣ |
| Рашт | 0,060 | 0,852 | 0,256 | мономодалӣ |
| Лахш | 0,060 | 1,083 | 0,405 | мономодалӣ, транзитӣ |
| Сангвор | 0,017 | 0 | 0,642 | мономодалӣ, транзитӣ |
| Тоҷикобод | 0,152 | 0,282 | 0,224 | мономодалӣ |
| **Минтақаи Кӯлоб** | 0,200 | 0,429 | 0,122 | тримодалӣ |
| Данғара | 0,165 | 0,515 | 0,290 | тримодалӣ |
| Кӯлоб | 0,810 | 0,250 | 0,081 | тримодалӣ |
| Балҷувон | 0,040 | 3,000 | 0 | мономодалӣ |

**Идомаи ҷадвали 3.22.**

| **Ноҳияҳо аз рӯйи минтақаҳои нақлиётию ҳудудӣ** | **Дараҷаи азхуднамоии нақлиётии ноҳия, км/км$^2$** | **Сифати шабакаи нақлиётӣ, км/км** | **Транзитн о-кии шабака, км/км** | **Модалнокии системаи ҳудудию нақлиётии ноҳия** |
|---|---|---|---|---|
| Восеъ | 0,357 | 0,667 | 0,154 | тримодалӣ |
| Ҳамадонӣ | 0,411 | 0,136 | 0,062 | мономодалӣ |
| Фархор | 0,346 | 0,316 | 0,138 | бимодалӣ |
| Темурмалик | 0,204 | 0,316 | 0 | мономодалӣ |
| Муъминобод | 0,184 | 0,177 | 0 | мономодалӣ |
| Ховалинг | 0,117 | 0,961 | 0 | мономодалӣ |
| Ш.Шоҳин | 0.127 | 0,587 | 0,231 | мономодалӣ |
| **Минтақаи Бохтар** | 0,224 | 0,380 | 0.165 | тримодалӣ |
| Бохтар | 0,400 | 0,299 | 0,118 | мономодалӣ |
| Панҷ | 0,323 | 0,191 | 0,159 | мономодалӣ |
| Қубодиён | 0,097 | 0,235 | 0,193 | бимодалӣ |
| Абдураҳмони Ҷомӣ | 0,387 | 0,250 | 0 | мономодалӣ |
| Ҷалолиддини Балхӣ | 0,277 | 0,389 | 0,136 | бимодалӣ |
| Вахш | 0,246 | 0,389 | 0 | тримодалӣ |
| Левакант | 0,853 | 1,083 | 0,334 | тримодалӣ |
| Носири Хисрав | 0,129 | 0,449 | 0,315 | мономодалӣ |
| Ҷайҳун | 0,265 | 0,409 | 0,257 | мономодалӣ |
| Ёвон | 0,242 | 0,587 | 0 | бимодалӣ |
| Дӯстӣ | 0,191 | 0,587 | 0,166 | мономодалӣ |
| Хуросон | 0,296 | 0,389 | 0,276 | мономодалӣ |
| Шаҳритӯс | 0,088 | 0,409 | 0,290 | бимодалӣ |
| **Минтақаи шимолӣ** | 0,215 | 0,440 | 0,195 | тримодалӣ |
| Бобоҷон Ғафуров | 0,160 | 0,961 | 0,239 | тримодалӣ |
| Деваштич | 0,147 | 0,177 | 0,059 | бимодалӣ |
| Спитамен | 0,557 | 0,316 | 0,077 | бимодалӣ |
| Конибодом | 0,349 | 0.429 | 0,196 | тримодалӣ |
| Мастчоҳ | 0,145 | 0,235 | 0,188 | мономодалӣ |
| Исфара | 0,325 | 0,667 | 0,288 | тримодалӣ |
| Истравшан | 0,388 | 0,409 | 0,207 | мономодалӣ |
| Ҷаббор Расулов | 0,786 | 0,177 | 0,130 | тримодалӣ |
| Зафаробод | 0,454 | 0,266 | 0,035 | мономодалӣ |
| Шаҳристон | 0.104 | 0,786 | 0,413 | мономодалӣ |
| Ашт | 0,113 | 0,587 | 0,297 | бимодалӣ (авто., ҳавоӣ) |

**Хотимаи ҷадвали 3.22.**

| **Ноҳияҳо аз рӯйи минтақаҳои нақлиётию ҳудудӣ** | **Дараҷаи азхуднамоии нақлиётии ноҳия, км/км$^2$** | **Сифати шабакаи нақлиётӣ, км/км** | **Транзитно-кии шабака, км/км** | **Модалнокии системаи ҳудудию нақлиётии ноҳия** |
|---|---|---|---|---|
| **Минтақаи Зарафшон** | 0,057 | 0,563 | 0,279 | мономодалӣ |
| Айнӣ | 0,064 | 1,128 | 0,410 | мономодалӣ, транзитӣ |
| Панҷакент | 0,074 | 0,409 | 0,230 | бимодалӣ (авто, ҳавоӣ) |
| Мастчоҳи кӯҳӣ | 0,029 | 0 | 0 | мономодалӣ |
| **Минтақаи Кӯҳистони Бадахшон** | 0,042 | 1.632 | 0,478 | мономодалӣ, транзитӣ |
| Дарвоз | 0,136 | 1,500 | 0,583 | мономодалӣ, транзитӣ |
| Ванҷ | 0,057 | 0,667 | 0,158 | мономодалӣ |
| Рӯшон | 0,076 | 1,222 | 0,141 | мономодалӣ |
| Мурғоб | 0,017 | 0,610 | 0,606 | мономодалӣ, транзитӣ |
| Ишкошим | 0,120 | 2,030 | 0,656 | мономодалӣ, транзитӣ |
| Шуғнон | 0,076 | 3,348 | 0,759 | мономодалӣ, транзитӣ |
| Роштқалъа | 0,047 | 3,348 | 0 | мономодалӣ |
| **Дар маҷмӯъ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 0,224 | | | |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳқиқот тартиб дода шудааст.

Маълумоти ҷадвали 3.22. хусусияти хеле гуногуни системаҳои ҳудудию нақлиётии ноҳияҳои ҷумҳуриро нишон медиҳад. Тавсифоти миқдори дараҷаи азхуднамоии нақлиётии ноҳияҳо дар шароити минтақаҳои ҳудудию ҷуғрофӣ нишон медиҳад, ки аз рӯйи параметри якум – дараҷаи азхуднамоии нақлиётии ҳудудӣ минтақаи Бохтар мавқеи беҳтаринро ишғол менамояд (0,224), баъдан ҳудудҳои Шимолӣ (0,215), Кӯлоб (0,200) ва Ҳисор (0,196) мавқеи миёнаро

ишғол мекунанд. Минтақаҳои Зарафшон (0,057), Рашт (0,055) ва Кӯҳистони Бадахшон (0,042) мавқеи бадтарин доранд.

Бояд қайд кард, ки аз рӯйи ин параметр минтақаҳо ба таври равшан ба минтақаҳои ҳамвор бо шабакаи камубуршаванда (Қӯрғонтеппа, Шимолӣ, Кӯлоб ва Ҳисор) ва минтақаҳои кӯҳӣ бо шабакаи нақлиётии зиёдубуршаванда (Зарафшон, Рашт ва Кӯҳистони Бадахшон) тақсим мешаванд.

Аз ҷиҳати сифати шабакаи нақлиётӣ он минтақаҳое, ки долонҳои нақлиётии байналмилалӣ мегузаранд, дар ҷойи беҳтарин мебошанд. Инҳо гурӯҳи ноҳияҳои Кӯҳистони Бадахшон (1,632), Рашт (1,00) ва Зарафшон (0,563) мебошанд, ки бо шабакаи нақлиётии мономодалӣ транзитӣ мебошанд. Минтақаҳои боқимонда тақрибан нишондиҳандаҳои сифатии шабакаи нақлиётӣ ва транзитнокии якхела доранд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки барои беҳтар намудани сифати шабакаи нақлиётии ҷумҳурӣ долонҳои нақлиётии байналмилалӣ аҳамияти калон доранд, ки минтақаҳоро дар дохили ҷумҳурӣ мепайванданд ва робитаҳои иқтисодии берунии минтақаҳоро бо ҷаҳони беруна таъмин менамоянд.

Сарфи назар аз динамизми аниқи фазоӣ «мавҷҳои ҷафс» факти тақсимоти хеле устувори фазои вилоятҳо аз рӯйи дараҷаи нисбии зич ва сифати шабакаи роҳҳо комилан равшан аст. Барои муайян кардани ин устуворӣ минтақаҳо аз рӯйи дараҷаи пастшавии зичӣ ва сифати шабакаи роҳҳо гурӯҳбандӣ шуданд.

Барои муайян намудани ин устуворӣ радабандии минтақаҳои нақлиётӣ-ҷуғрофӣ аз рӯйи дараҷаи пастшавии зичӣ ва сифати шабакаи роҳҳо гузаронида шуд (дар асоси маълумоти 3.23.).

**Ҷадвали 3.23. – Маҳзани маълумот оид ба таҳлили устувории рушди шабакаи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Минтақаи нақлиётӣ-ҷуғрофӣ | Зичии шабакаи нақлиётӣ, км/км$^2$ | | Сифати шабакаи нақлиётӣ, км/км | |
|---|---|---|---|---|
| | қимат | мартаба | қимат | мартаба |
| **1. Минтақаи Ҳисор** | | | | |
| Ваҳдат | 0,059 | 8 | 0,470 | 5 |
| Варзоб | 0,133 | 7 | 1,632 | 1 |

Идомаи ҷадвали 3.23.

| Минтақаи нақлиётӣ-ҷуғрофӣ | Зичии шабакаи нақлиётӣ, км/км$^2$ | | Сифати шабакаи нақлиётӣ, км/км | |
|---|---|---|---|---|
| | қимат | мартаба | қимат | мартаба |
| Рӯдакӣ | 0,182 | 5 | 1,128 | 2 |
| Шаҳринав | 0,008 | 9 | 0,429 | 6 |
| Ҳисор | 0,253 | 2 | 0,111 | 9 |
| Турсунзода | 0,240 | 3 | 0,111 | 8 |
| Файзобод | 0,213 | 4 | 0,370 | 7 |
| Норак | 0,338 | 1 | 1,041 | 3 |
| Роғун | 0,158 | 6 | 0,818 | 4 |
| **2. Минтақаи Рашт** | | | | |
| Нуробод | 0,174 | 1 | 0,754 | 3 |
| Рашт | 0,060 | 3 | 0,852 | 2 |
| Лахш | 0,060 | 4 | 1,083 | 1 |
| Сангвор | 0,017 | 5 | 0 | 5 |
| Тоҷикобод | 0,152 | 2 | 0,282 | 4 |
| **3. Минтақаи Кӯлоб** | | | | |
| Данғара | 0,165 | 7 | 0,515 | 5 |
| Кӯлоб | 0,810 | 1 | 0,250 | 6 |
| Балҷувон | 0,040 | 10 | 3,000 | 1 |
| Восеъ | 0,357 | 3 | 0,667 | 3 |
| Мир Саид Алии Ҳамадонӣ | 0,411 | 2 | 0,136 | 10 |
| Фархор | 0,346 | 4 | 0,316 | 7 |
| Темурмалик | 0,204 | 5 | 0,316 | 8 |
| Муминобод | 0,184 | 6 | 0,177 | 9 |
| Ховалинг | 0,117 | 9 | 0,961 | 2 |
| Ш.Шоҳин | 0,127 | 8 | 0,587 | 4 |
| **4. Минтақаи Бохтар** | | | | |
| Бохтар | 0,400 | 2 | 0,299 | 10 |
| Панҷ | 0,323 | 4 | 0,191 | 13 |
| Қубодиён | 0,097 | 12 | 0,235 | 11 |
| Абдураҳмони Ҷомӣ | 0,387 | 3 | 0,235 | 12 |
| Ҷалолиддини Балхӣ | 0,277 | 6 | 0,389 | 9 |
| Вахш | 0,246 | 7 | 0,389 | 8 |
| Левакант | 0,853 | 1 | 1,083 | 1 |
| Носири Хисрав | 0,129 | 11 | 0,449 | 4 |

**Хотимаи ҷадвали 3.23.**

| **Минтақаи нақлиётӣ-ҷуғрофӣ** | **Зичии шабакаи нақлиётӣ, км/км$^2$** | | **Сифати шабакаи нақлиётӣ, км/км** | |
|---|---|---|---|---|
| | **қимат** | **мартаба** | **қимат** | **мартаба** |
| Ҷайҳун | 0,265 | 8 | 0,409 | 5 |
| Ёвон | 0,242 | 9 | 0,587 | 3 |
| Дӯстӣ | 0,191 | 10 | 0,587 | 2 |
| Хуросон | 0,296 | 5 | 0,389 | 7 |
| Шаҳритӯс | 0,088 | 13 | 0,409 | 6 |
| **5. Минтақаи шимолӣ** | | | | |
| Бобоҷон Ғафуров | 0,160 | 7 | 0,961 | 2 |
| Деваштич | 0,147 | 8 | 0,177 | 13 |
| Спитамен | 0,557 | 2 | 0,316 | 9 |
| Конибодом | 0,349 | 5 | 0,429 | 6 |
| Мастчоҳ | 0,145 | 9 | 0,235 | 11 |
| Исфара | 0,325 | 6 | 0,667 | 4 |
| Истравшан | 0,388 | 4 | 0,409 | 8 |
| Ҷаббор Расулов | 0,786 | 1 | 0,177 | 12 |
| Зафаробод | 0,454 | 3 | 0,266 | 10 |
| Шаҳристон | 0,104 | 11 | 0,786 | 3 |
| Ашт | 0,113 | 10 | 0,587 | 5 |
| **6. Минтақаи Зарафшон** | | | | |
| Айнӣ | 0,064 | 13 | 1,128 | 1 |
| Панҷакент | 0,074 | 12 | 0,409 | 7 |
| Мастчоҳи кӯҳӣ | 0,029 | 14 | 0 | 14 |
| **7. Минтақаи Кӯҳистони Бадахшон** | | | | |
| Дарвоз | 0,136 | 1 | 1,500 | 4 |
| Ванҷ | 0,057 | 5 | 0,667 | 6 |
| Рӯшон | 0,076 | 3 | 1,222 | 5 |
| Мурғоб | 0,017 | 7 | 0,610 | 7 |
| Ишкошим | 0,120 | 2 | 2,030 | 3 |
| Шуғнон | 0,076 | 4 | 3,348 | 1 |
| Роштқалъа | 0,047 | 6 | 3,348 | 2 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси маводҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додааст.

Ҳар ду силсила барои осонии тафсири сатҳҳо (баланд, миёна ва паст) ба се гурӯҳ тақсим карда шуданд ва сипас барои ҳар яки онҳо таносуби устуворӣ

(шумораи ноҳияҳое, ки аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар – ба гурӯҳи болотар ё поёнӣ намегузаранд) ё устуворӣ ҳисоб карда шуд.

Бояд гуфт, ки дар давоми даҳ соли охир нишондиҳандаи зичии шабакаи нақлиётӣ дар маҷмӯъ аз 0,190 (2005) то 0,224 км/км$^2$ (2015), яъне 17,9% афзуд. Бо вуҷуди ин, он аз меъёрҳои зичии шабакаи нақлиётӣ барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ хеле ақиб мемонад. Ин меъёр барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ 5-10 км/кв$^2$ майдони ҳудудро ташкил медиҳад.

Аммо таҳлили динамизми фазоии шабакаи роҳҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки он устувор буда, бо хусусиятҳои кӯҳии ҷумҳурӣ, ки зиёда аз 93%-и ҳудудро кӯҳҳо ишғол менамоянд, муайян карда мешавад.

Аз ин рӯ, таҳлили таъсири таҳаввулоти системаҳои нақлиётию ҳудудӣ ба рушди ҳудуд дар робита бо инфрасохтори нақлиётии онҳо аҳамияти махсус дорад, яъне таъсири сифати шабакаи нақлиётӣ ба динамикаи системаи нақлиётию ҳудудии минтақаҳо, ки дар тағйир ёфтани зичӣ ва конфигуратсияи шабакаи нақлиётӣ зоҳир мегардад, омӯхта мешавад. Дар солҳои истиқлолият дар шабакаи роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омаданд. Онҳо бо зерин алоқаманданд: 1) бо кам кардани шабакаи роҳҳои робитаи маҳаллӣ дар ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ; 2) бо сохтмони нави роҳҳои оҳан дар ҳамон гурӯҳҳои ноҳияҳои ҷанубӣ; 3) бо афзоиши сифрии шабака дар минтақаи шимолӣ. Тамоюли аввал бо раванди таҷзияи роҳи оҳани камбари Душанбе – Бохтар – Панҷ аз сабаби зараровар будани кори роҳи оҳан, набудани васоити нави ҳаракаткунанда (имконнопазирии воридот), фарсудашавии релсҳо, рушди босуръати нақлиёти автомобилӣ, ки роҳи оҳанро дар соҳаи боркашонии маҳаллӣ иваз намуд, алоқаманд буд. Тамоюли дуюм асосан ба азхуднамоии экстенсивии манбаъҳои нави ашёи хом дар ноҳияҳои ҷанубӣ вобаста аст.

Ин сохтмони нави роҳи оҳани Бохтар – Ёвон – Данғара – Кӯлоб ва минбаъд ба анҷом расонидани сохтмони роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон имкон медиҳад, ки ноҳияҳои марказии ҷумҳурӣ бо ҷануб пайваст карда, сифати кори шабакаи нақлиётӣ дар ин минтақаҳои ҷумҳурӣ беҳтар карда шавад.

Афзоиши сифрии шабакаи роҳи оҳан ҳамчун тамоюли сеюм, махсусан дар минтақаи шимолӣ зоҳир шуд. Дар баробари ин дар ноҳияҳои шимол аз сабаби номувофиқ истифода бурдани аэродромҳои маҳаллӣ модалнокии шабакаи нақлиётӣ хеле кам шудааст. Дар ин минтақа шабакаи роҳҳои автомобилгард асосан рушд кардааст. Бинобар ин таҳлили сифати шабакаи роҳҳои автомобилгард умуман аҳамияти калон дорад.

Нишондиҳандаи муҳими сифати шабакаи роҳҳо ҳиссаи роҳҳо бо рӯйпӯши сахт дар дарозии умумии шабакаи нақлиётӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар марҳилаи имрӯзаи рушди иқтисодиёт бояд проблемаҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиёти самарабахши минтақаҳо дар асоси баҳодиҳии ҳамаҷонибаи миқдории таъсири омилҳо ба танзими системаи ҳудудию нақлиётии ноҳияҳо дар асоси истифодаи усулҳои ҳозиразамони моделсозӣ ва таҳлил ҳал карда шаванд.

Бо назардошти хусусияти бисёромилаи ченкунӣ дар тамоюл ва сатҳи рушди сохтори ҳудудии шабакаи нақлиётӣ ва нишондиҳандаҳои тағйироти сохторӣ истифодаи усулҳои бисёрҷонибаи таҳлили оморӣ имкон медиҳад, ки ғайр аз баёнияи умумии робитаҳои байни шабакаҳои ҳудудии сохтори инфрасохтори нақлиёт ва омилҳои ташаккулу рушди ҳудудии онҳо тавсифоти ададӣ дода шавад. Ин бояд ҳангоми банақшагирии тағйироти сохторӣ дар системаи нақлиётии ҳудудии минтақаҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои танзими инфрасохтори нақлиёт вобаста ба омилҳои онро муайянкунанда, ки хусусиятҳои минтақавии ҳудудҳоро инъикос менамоянд, ба назар гирифта шавад.

Динамикаи нишондиҳандаҳои тағйироти сохторӣ дар системаҳои ҳудудӣ ва нақлиётии минтақаҳоро метавон чун вазифаи якчанд омилҳо баррасӣ кард:

$$У=f\,(Х_1,Х_2,Х_3,\ldots Хп),$$

*ки ин ҷо*

*У– нишондиҳандаи тавсифи миқдории системаҳои ҳудудию нақлиётии минтақа (дарозии шабакаи нақлиётӣ);*

*$X_1$, $X_2$, $X_3$,….Xn– омилҳое, ки сохтори системаи нақлиётию ҳудудӣ (аҳолӣ, масоҳати ҳудуди ноҳия)-ро муайян менамоянд.*

Дар баробари ин бояд ба назар гирифт, ки воҳидҳои алоҳидаи маҷмӯи оморӣ якхел нестанд, яъне онҳо хусусиятҳои гуногуни сифатӣ ё қимати микдории аломатҳо доранд.

Бояд гуфт, ки қимати миёнаи нишондиҳандаҳо хусусиятҳои асосии ҷамъбасти омории омӯхташуда мебошанд. Вазифаҳои асосии бузургиҳои миёна тавсифи ҷамъбастӣ дар як адад аз рӯйи хусусияти миқдорӣ тағйирёбанда мебошад. Аз ин бармеояд, ки барои омӯзиши тафовут дар сатҳи нишондиҳандаҳои тадқиқшавандаи сохтори системаҳои нақлиётию ҳудудӣ ва омилҳои минтақавии ташаккул ва рушд, ки ба он таъсир мерасонанд, муайян кардани қимати миёнаи параметрҳои баррасишаванда аҳамияти калон доранд.

Дар амалияи иқтисодиёти минтақавӣ, ҳамчунин дар тадқиқоти илмӣ аз бисёр намуди бузургии миёна бештар миёнаи арифметикӣ истифода бурда мешавад. Ба назар чунин мерасад, ки бо ёрии ин бузургии миёна хусусиятҳои ҷамъбастии омории барои омӯхтан ва таҳлили шаклҳои муайяни оммавӣ дар заминаи ҳудудҳои муайян заруриро гирифтан мумкин аст.

Ҳангоми омӯхтани сохтори системаҳои ҳудудию нақлиётии минтақа ва нишондиҳандаи тағйирёбии сохтории онҳо дар бораи гуногунии куллии шароитҳои минтақавӣ ва хусусияти онҳо ҳисоби муфассал зарур аст.

Бояд гуфт, ки дар боло омилҳои асосии тавсифкунандаи шароити ташаккул ва рушди шабакаи нақлиётии минтақа мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Ҳамзамон муайян намудем, ки нишондиҳандаи дарозии шабакаи нақлиётӣ дар маҷмӯи ноҳияҳои худқонуни тақсимоти муътадил ва хусусиятҳои омилӣ дошта, гистограммаи полиноминалӣ ва қонуни тақсимот доранд. Аз ин рӯ, ҳангоми моделсозии сохтори ҳудудии шабакаи нақлиёти минтақа ва таҳияи муодилаҳои модели коррелятсионӣ-регрессионӣ, мо аз чунин хулоса доир ба байни дарозии шабакаи нақлиётӣ бо шумораи аҳолӣ ва майдони ҳудуди ҷойгиршавии ноҳия истифода мебарем.

Моделиронӣ аз ҷониби мо барои ҳамаи минтақаҳои маъмулии маҳалли ҳамвор (минтақаҳои Ҳисор, Бохтар, Минтақаи шимолӣ), ноҳамвор (минтақаҳои Рашт, Кӯлоб) ва хеле ноҳамвор (минтақаҳои Зарафшон, Бадахшони Кӯҳӣ) анҷом дода шуд (ҳисобҳо дар ҷадвали 3.24 оварда шудаанд).

**Ҷадвали 3.24. – Натиҷаи ҳисоби коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфтии вобастагии дарозии шабакаи нақлиётӣ аз шумораи аҳолӣ ва масоҳати ҳудуди ноҳия аз рӯйи минтақаҳои нақлиётӣ-ҳудудӣ***

| Минтақаҳо и нақлиётӣ-ҷуғрофӣ | Вобастагии дарозии шабакаи нақлиётӣ (у), км., аз: | | | |
|---|---|---|---|---|
| | шумораи аҳолии ноҳия, ҳазор нафар ($x_1$) | | майдони ҳудуди ноҳия, километр/квадрат($x_2$) | |
| | коэффитсиенти коррелятсияи ҷуфтӣ($r_{yx1}$) | арзиши $t_{yx1}$ – критерияи Стюдент | коэффитсиенти коррелятсияи ҷуфтӣ ($r_{yx2}$) | арзиши $t_{yx2}$ – критерияи Стюдент |
| Ҳисор | 0,850 | 4,25 >tyx1, ҷадв. | 0,800 | 3,46 > tyx2, ҷадв. |
| Рашт | 0,760 | 2,77 >tyx1, ҷадв. | 0,320 | 2,30 > tyx2, ҷадв. |
| Зарафшон | 0,577 | 0,63 <tyx1, ҷадв. | 0,729 | 1,06 < tyx2, ҷадв. |
| Шимолӣ | 0,820 | 4,32 >tyx1, ҷадв. | 0,590 | 2,19 > tyx2, ҷадв. |
| Кӯлоб | -0,360 | 1,02 <tyx1, ҷадв. | 0,410 | 1,10 < tyx2, ҷадв. |
| Бохтар | 0,160 | 0,55 <tyx1, ҷадв. | 0,230 | 0,761<tyx2, ҷадв. |
| Бадахшон | 0,520 | 2,00 <tyx1, ҷадв. | 0,070 | 0,141 < tyx2, ҷадв. |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси таҳқиқот тартиб дода шудааст.

1. Барои минтақаи Ҳисор муодилаи регрессионии вобастагии дарозии шабакаи нақлиётӣ аз шумораи аҳолӣ ва майдони ҳудуди ноҳия ба даст оварда шудааст:

$$У = 70{,}5 + 0{,}48X_1 + 0{,}05X_2,$$

Коэффитсиенти коррелятсияи чандкарата R=0,929; Коэффитсиенти чандкаратаи детерминатсия D=0,863. Санҷиши омории коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфтии омилҳо аз рӯйи t-критерияи Стюдент мувофиқати

баланди натиҷаҳои бадастомадаро нишон дод. Қимати ҳисобии критерияи t барои $X_1$ 4,25, барои омили $X_2$ 3,46-ро ташкил дод. Қимати ҷадвалии критерияи t дар сатҳи эътимоди 0,95 бошад, 2,36-ро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки қимати ҳисобии критерияи t қимати ҷадвалии онҳоро хеле баланд намуда, он аз мувофиқати модели бисёромилаи бадастомадаи вобастагии дарозии шабакаи нақлиётӣ аз шумораи аҳолӣ ва майдони ноҳияҳои минтақаи Ҳисор шаҳодат медиҳад. Коэффитсиенти детерминатсияи модели бадастомада нишон медиҳад, ки 86,4% вариатсияи сохтори шабакаи нақлиётӣ бо ин омилҳо муайян карда мешаванд.

2. Барои минтақаи Рашт (маҳалли андак ноҳамвор) муодилаи регрессионии сершумор барои дарозии шабакаи нақлиётӣ аз ин омилҳо чунин шакл дорад:

$$У = 47{,}7 + 1{,}90X_1 + 0{,}012X_2,$$

*ки ин ҷо*

*У – дарозии шабакаи нақлиётии ноҳия, км;*

*$X_1$– шумораи аҳолии ноҳия, ҳазор нафар;*

*$X_2$– масоҳати ҳудуди ноҳия, $км^2$.*

Коэффитсиенти коррелятсияи чандкарата R=0,820. Коэффитсиенти чандкаратаи детерминатсия D=0,670. Санҷиши омории коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфтии омилҳо аз рӯйи t-критерияи Стюдент мувофиқати кофии натиҷаҳои бадастомадаро нишон дод. Қимати ҳисобии критерияи t барои $X_1$ 2,77, барои омили $X_2$ 2,30-ро ташкил дод. Қимати ҷадвалии критерияи t дар сатҳи эътимоди эҳтимолии 0,90 бошад, 2,35-ро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки қимати ҳисобии критерияи t дар доираи қимати ҷадвалии онҳост ва аз мувофиқати кофии модели бисёромилаи бадастомадаи вобастагии дарозии шабакаи нақлиётӣ аз шумораи аҳолӣ ва майдони ноҳияҳои минтақаи Рашт шаҳодат медиҳад. Коэффитсиенти детерминатсияи модели бадастомада нишон медиҳад, ки 67,0% вариатсияи сохтори шабакаи нақлиётии минтақа бо ҳамин омилҳо муайян карда мешавад.

3. Барои минтақаи Зарафшон (маҳалли ниҳоят ноҳамвор) муодилаи регрессионии чандкаратаи дарозии шабакаи нақлиётӣ аз ин омилҳо чунин шакл дорад:

$$У = 0{,}775X_1 + 0{,}122X_2 - 200{,}54.$$

Коэффитсиенти коррелятсияи чандкарата R=0,980. Коэффитсиенти чандкаратаи детерминатсия D=0,962. Санҷиши омории коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфтии омилҳо аз рӯйи t-критерияи Стюдент мувофиқати кофии натиҷаҳои бадастомадаро нишон дод. Қимати ҳисобии критерияи t барои $X_1$ 0,63, барои омили $X_2$ бошад, 1,06 аст. Қимати ҷадвалии критерияи t бо сатҳи эътимоди 0,90 бошад, 2,35-ро ташкил менамояд. Ин маънои онро дорад, ки қимати ҳисобии критерияи t бо эътимоди камтар дар ҳудуди қимати ҷадвалии онҳост ва дурустии модели бисёромилаи бадастомадаи вобастагии дарозии шабакаи нақлиётиро аз шумораи аҳолӣ ва майдони ноҳияҳои минтақаи Зарафшон нишон медиҳад. Коэффитсиенти детерминатсияи модели бадастомада нишон медиҳад, ки 96,2% вариатсияи сохтори шабакаи нақлиётии минтақа бо ҳамин омилҳо муайян карда мешавад.

4. Барои дигар минтақаҳо хусусиятҳои алоқамандии дарозии роҳ аз шумораи аҳолӣ ва масоҳати ҳудуди ноҳияҳо дар ҷадвали 3.24 оварда шудааст.

Тафсири натиҷаҳои таҳлил барои дигар минтақаҳо гуногунии хусусияти таъсири омилҳои ҳудудиро ба сохтор ва дарозии шабакаи нақлиётӣ дар минтақа нишон медиҳад. Дар минтақаи шимолӣ робитаи байни дарозии шабакаи нақлиётӣ ва омилҳои ҳудудӣ хеле муҳим аст. Барои рушди шабакаи нақлиётӣ дар ин минтақа шумораи аҳолӣ бо коэффитсиенти коррелятсияи 0,820 нақш бозида, омили миқёси ҳудуди он камтар аҳамиятнок, вале 0,590 хеле муҳим мебошад. Нишондиҳандаҳои ҳисобии t-критерияи Стюдент, тавре ки дар ҷадвал нишон дода шудааст, аз қимати ҷадвалии онҳо хеле зиёд мегардад.Ҳамин тариқ, вариатсияи сатҳи рушди шабакаи нақлиётӣ дар минтақаи шимолӣ 67% аз рӯйи шумораи аҳолӣ ва 33% аз рӯи масоҳати ҳудуд ва хусусияти ҷойгиршавии ноҳияҳо муайян карда мешавад.

Дар минтақаи Кӯлоб модели алоқамандии манфии байни шумораи аҳолӣ ва дарозии шабакаи нақлиётӣ ва алоқамандии хеле назарраси мусбӣ бо омили масоҳати ҳудуди ноҳия ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои амалии бадастомада аз мавқеи назариявӣ комилан шарҳ дода шудаанд. Алоқамандии манфии шумораи аҳолӣ ва дарозии шабакаи нақлиётӣ бо таъсири раванди урбанизатсияи аҳолии минтақа, ба шаҳрҳо ва шаҳракҳо кӯчонидани қисми зиёди аҳолӣ, ки дар он ҷо онҳо бо шабакаи нақлиётӣ ба таври кофӣ таъмин мебошанд, шарҳ дода мешавад. Таъсири мусбат ба шабакаи нақлиётии ин минтақа бо сохтмони роҳҳои нав дар ҳудудҳои навазхудшудаи ноҳияҳои ин минтақа алоқаманд аст. Солҳои охир дар ин минтақа 66 км роҳҳои нав ба истифода дода шуданд, ки ин дар ниҳояти кор ба вазъияти шабакаи нақлиётии минтақаи Кӯлоб таъсири мусбӣ расонид.

Дар минтақаи Бохтар таъсири мусбати ҳама омилҳо мушоҳида мешавад, аммо дараҷаи таъсири онҳо ба қадри кофӣ назаррас нест. Ин чунон шарҳдода мешавад, ки дар ин ҷо иқтидори шабакаи нақлиётӣ барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба интиқол кифоя аст, ҳудуди ноҳияҳои ин минтақа аз ҷониби инфрасохтори нақлиётӣ ба таври кофӣаз худ шудааст, ки дар он ҷо бинобар нокифоя будани талабот роҳҳои маҳаллии ин минтақа дар давоми 10 соли охир 12 км кам шудаанд. Дар ин минтақа беш аз 200 км роҳ таҷдид ва ба категорияи шабакаҳои нақлиётии байналмилалӣ гузаронида шуд. Аз ин рӯ, қимати баланди коэффитсиенти таносуби ҷуфтии онҳо (0,23) мушоҳида мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки омили ҳудудӣ вариатсияи дарозии роҳҳоро 5% муайян менамояд. Ҳамзамон дар ин минтақа шабакаи нақлиёти роҳи оҳан мавҷуд аст, ки шиддати азхуднамоии ҳудуди ноҳияро тавассути инфрасохтори нақлиёт коҳиш медиҳад.

Барои минтақаи Кӯҳистони Бадахшон талаботи аҳолӣ ба шабакаи нақлиётӣ (0,520) омили муайянкунанда мебошад, ки вариатсияи дарозии шабакаи нақлиётиро 27% муайян менамояд. Солҳои охир бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣнисбат ба шабакаи нақлиётӣ дар ҳудуди ин минтақа ба таври илова 316,9 км роҳ ба категорияи роҳҳои маҳаллӣ гузаронида

шуд. Аммо алоқамандии нокифояи дарозии шабакаи нақлиётӣ бо омили ҳудудӣ (0,07) аз мавҷуд набудани талаботи зарурӣ барои рушди ҳудуди ноҳияҳои ин минтақа дар шабакаҳои нақлиётии истифодаи умум гувоҳӣ медиҳад. Ҳудуди васеи ин минтақа, ки қариб 45%-и ҳудуди ҷумҳуриро ишғол менамояд, то ҳол ба қадри кофӣаз ҷиҳати саноатӣ ва иҷтимоӣ фаро гирифта нашудааст. Аз ин рӯ, талабот аз ҷониби омили ҳудудӣ ба шабакаи нақлиётӣ ночиз аст.

Тағйироти мусбат дар шабакаи нақлиётӣ аз ҳисоби рушди иқтидори транзитӣ дар ин минтақаи баландкӯҳ мушоҳида мешавад.Бояд гуфт, ки «дар маҷмӯъ кӯҳҳо ба конфигуратсия ва ноҳамвории шабакаи нақлиётӣ таъсири назаррас доранд, ки ин дар хусусиятҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ зуҳур мекунад»[22] ва ҳамон тавре ки дар маҷмӯъ тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аст (ҷадвали 3.25.).

**Ҷадвали 3.25. – Суръатҳои ҳисобӣ аз рӯйи категорияи роҳҳо дар маҳалли ноҳамвор ва кӯҳӣ***

| Категорияи роҳ | Суръати иҷозатдодашуда, км/соат | | |
|---|---|---|---|
| | Суръати асосӣ, км/соат | дар қитъаҳои душвори маҳал, км/соат | |
| | | ноҳамвор | кӯҳӣ |
| I-а | 150 | 120 | 80 |
| I-б | 120 | 100 | 60 |
| II | 120 | 100 | 60 |
| III | 100 | 80 | 50 |
| IV | 80 | 60 | 40 |
| V | 60 | 40 | 30 |

***Сарчашма:**СНиП-2.05.02-85 «Роҳҳои автомобилгард».

Аз ин рӯ, меъёри суръати ҳаракат дар роҳҳои категорияҳои I-а, I-б ва II, ки дар ҷадвали 3.25. нишон дода шудааст, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба релеф ва топографияи маҳалли кӯҳистон мувофиқ нест, бинобар ин стандартҳои мазкур бояд аз нав дида баромада шаванд.

# БОБИ 4. САМТҲОИ ИННОВАТСИОНИИ РУШДИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## 4.1. Ислоҳоти институтсионалӣ-сохтории системаи идоракунии ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Дар асоси таҳлили дар боло зикргардидаи хусусиятҳои фаъолияти инфрасохтори нақлиёт ба хулосае омадем, ки шакли самараноки барасмиятдарории ташкилӣ ва идоракунии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёт таъсиси Холдинги давлатии инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ имкони ба инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҷалб намудани бахши хусусӣ дар доираи истифодаи чунин сохтори муҳими ташкилӣ, ба монанди холдинги инфрасохтории давлатӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо бисёре аз Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард (МДНРА), ба истиснои ташкилоти марбут ба нигоҳдории роҳ, ки соли 2006 хусусӣ карда шуданд, дар тӯли чанд соли охир тағйироти ҷиддиро аз сар гузаронидааст.

Аз ин рӯ, дар 60 МДНРА, ки ҳар яки онҳо барои қитъаи аз 75 то 625 км ҳам шабакаҳои ҷумҳуриявӣ ва ҳам маҳаллӣ масъуланд, нигоҳдорӣ ва таъмир, аз ҷумла нигоҳдории роҳҳо дар фасли зимистон идома дорад. Агар дар шароити кунунӣ имкониятҳои қобили қабул вуҷуд дошта бошанд, МДНРА бояд ба таври идеалӣ барои шабакаи роҳҳои асосӣ масъул бошад ва сатҳи зарурии кадрҳоро таъмин намояд. Аз ин рӯ, оптимизатсияи шабакаи МДНРА ва кормандони он ҷанбаҳои муҳими кори холдинги давлатии инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳад буд.

Зимнан зикр гардид, ки айни замон дар доираи Дирексияи сохтмони муассисаҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз номи Вазорати нақлиёт ба сифати фармоишгар ё муҳандис баромад менамояд, таъмири

капиталӣ (ТК) идома дорад. Онҳо ҳангоми ба қайд гирифтани пудратчиён дар Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои роҳбарӣ барои иҷрои ТК, ки пурра аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешаванд, масъуланд. Дар асл раванди харид марҳилаи тендерро ба назар намегирад, зеро корҳо барои иҷро ба пудратчии интихобшуда ва бақайд гирифташуда бо истифода аз нархи муайянкардаи харидор пешниҳод карда мешаванд. Тавре ки қаблан дар ҳуҷҷати мазкур қайд карда шуд, пудратчиёне, ки дар асоси маблағгузории давлатии лоиҳаҳо кор мекунанд, бояд расмиёти стандартии нархгузории арзишро риоя кунанд, ки онҳо комилан муқаррарӣ мебошанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло ва набудани итминон ба барномаҳоиояндаи корҳои роҳдорӣ пудратчӣ усули анъанавии корро бо истифода аз таҷҳизоти куҳна, ки ҳолати техникии он ғайриқаноатбахш аст, идома медиҳад. Аз ин рӯ, бахши хусусии роҳдорӣ ва сохтмон ҳеҷ роҳе барои канорагирӣ аз таҷрибаҳо ва меъёрҳои куҳнаро ба истиснои ҳолатҳое, ки онҳо ҳамчун субпудратчӣ ё пудратчӣ дар лоиҳаҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ мешаванд, надорад. Ва ҳатто дар ин ҷо тамоюли муайяни пайравӣ ба таҷрибаҳои куҳна ва беэътимод вуҷуд дорад, ки оқибатҳои он пурра дарк карда нашудаанд.

Инчунин он далел шубҳаовар аст, ки бахши хусусӣ дар мавқеи кунунии худ то чӣ андоза метавонад хизматрасонии техникии беҳтари инфрасохтори нақлиёти автомобилиро пешниҳод кунад. Ва то чӣ андоза мутахассисони зерсохтори дахлдори Вазорати нақлиёт барои идора кардани шартномаҳо усулу малакаи зарурӣ доранд.

Дар чунин шароит ҳам сектори хусусӣ ва ҳам давлатӣ ба рушд кардан шуруъ менамоянд. Бо вуҷуди ин, нишондиҳандаи омодагии онҳо истифодаи бомуваффақияти хариди мувофиқ ва назорат аз рӯйи шартномаҳои таъмири капиталӣ (ТК) хоҳад буд, ки ҳоло ба бахши хусусӣ дода мешавад.

Нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои автомобилгард масъулияти ташкилоти нигоҳдорӣ (МДНРА) аст, дар ҳоле ки таъмири капиталӣ ба бахши хусусӣ ва якчанд МДНРА-ҳо вогузор шудааст. Гарчанде ки чунин нигоҳдории давравӣ вуҷуд надорад, бинобар набудани маблағ барномаи ТК (одатан лоиҳаҳои

барқарорсозӣ ва таҷдиди роҳро дар бар мегирад) бо корҳои нигоҳдории мобайнӣ (эквиваленти маҳаллии нигоҳдории даврӣ)-и роҳ баробар карда мешавад.

**Ҷадвали 4.1. – Ҳолати системаҳо ва равандҳои асосии нигоҳдории роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Раванд ё система | Ҳолат | Қимат |
|---|---|---|
| Корҳои таъмирӣ, ки санҷишро тақозо мекунанд | Идома дорад, аммо маълумот на ҳамеша барои таҳияи барномаҳои солона дар баъзе минтақаҳо истифода мешавад | Бояд идома ва тақвият дода шавад, ки дар шакли васеъ дар пешниҳодоти солона пешниҳод карда шаванд |
| Расмиёти калкулятсия маъқул дониста шудааст | Аз рӯйи ахбороти экспертон барои ҳама ҳисобҳо истифода мешаванд | Бояд барои муайян кардани меъёри ягона дар ҳар як минтақа ё корхонаи истифодабарии роҳ (КИР) истифода шаванд. КИР-ҳо инчунин бояд вақт ва сатҳи маҳсулнокии худро бодиққат назорат кунанд, то тартиби ҳисобкунии тағйирёфта пешниҳод карда шавад ва вазъияти воқеиро муаррифӣ намояд |
| Назорати сифат (ченкунии сифати иҷрои кори нигоҳдории роҳ) | Дар як сол 3-4 маротиба гузаронида мешавад. Ҳангоми иҷрои бодиққат он воситаи муфиди назорат аст, аммо айни замон маълумоти боэътимод дар бораи ин чорабиниҳо мавҷуд нест | Ҳамчун воситаи муфиди назорат хизмат мекунад, агар системаи дигари баҳодиҳии иҷрои кор муқаррар нагардад (масалан, омӯзиши солонаи ҳолати сифат) |
| Мониторинги партови таҷҳизот ва баҳисобгирии қайдҳо | Ин система қаблан вуҷуд дошт, вале ҳоло хуб муаррифӣ нашудааст | Барқарор бояд кард, зеро он дар идоракунии захираҳои таҷҳизот ва дарки арзиши нигоҳдории роҳ воситаи муҳим мебошад |
| Анҷоми бомуваффақияти кор | Ин система қаблан вуҷуд дошт, аммо ҳоло дар бисёре аз КИР-ҳо муаррифӣ нагардидааст | Барқарор бояд кард, зеро он дар идоракунии захираҳои таҷҳизот ва дарки арзиши нигоҳдории роҳ воситаи муҳим мебошад |

**Идомаи ҷадвали 4.1.**

| Раванд ё система | Ҳолат | Қимат |
|---|---|---|
| Банақшагирии шабакаи роҳ | Дар ҳолатҳои махсус ба амал меояд. Раванди мазкур ҳанӯз заминаи систематикӣ надорад | Ба кумаки шарикони рушд ниёз дорад |
| Банақшагирии хизматрасонии техникии роҳ | Иҷро мегардад, аммо ин раванд содда аст, систематикӣ нест ва механизм дар иҷрои амалҳои навбати аввал камбудӣ дорад | Беҳдошти раванди идоракунии босамар зарур аст |
| Тадқиқи ҳолати роҳ | Иҷро намешавад | Барои банақшагирии корҳои нигоҳдорӣ ва барқарорсозӣ зарур аст |
| Инспексияи нигоҳдории роҳ. Ин азназаргузаронии нигоҳдории роҳ тӯли тамоми сол хоҳад буд | Айни ҳол гузаронида мешавад, вале ба қадри кофӣнест | Барои баланд бардоштани самаранокии барномаи нигоҳдории роҳ, махсусан сифати кори иҷрошуда зарур аст |
| Пойгоҳи додаҳо доир ба нарх | Вуҷуд надорад. Системаи расмии ҳисоб истифода бурда мешавад | Муқаррар намудани нархҳои воқеӣ, инчунин муайян намудани имкониятҳои беҳтар намудани чорабиниҳои роҳдории бахши хусусӣ ва давлатӣ зарур аст |
| Раванди харид (аз ҷумла раванди тендер) | Ҳоло раванди тендер барои лоиҳаҳои молиявии маҳаллӣ истифода намешавад | Муқаррар намудани тендер барои харид ҳангоми таъмири капиталӣ ва лоиҳаҳои нигоҳдории даврии роҳҳо зарур аст |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Маводҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Лоиҳаҳои инфрасохтори нақлиёт, ки аз ҷониби лоиҳаҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ мешаванд, одатан ба пудрат дода мешаванд.

Ба истиснои як гурӯҳи муҳандисоне, ки дар доираи лоиҳаҳои байналмилалӣ маблағгузоришаванда ҷалб гардидаанд, таҷрибаи дигар

кормандони соҳа доир ба таҳияи ҳуҷҷатҳои шартномавӣ, гузаронидани харид ва баҳодиҳии тендер ба қадри зарурӣ нокифоя аст. Бинобар ин роҳбарии шартнома ва назорати он аз болои сифати иҷрои кор маҳдуд аст. Ҳарчанд таҷрибаи гузаронидани тахассуси пешакии пудратчиён вуҷуд дошта бошад ҳам, ин барои стандартҳои дар сатҳи байналмилалӣ қабулшуда кофӣ нест.

Ҷалби пудратчиёни маҳаллӣ ба барномаҳои маблағгузории маҳаллии ТК ва бо қарз маблағгузорикунандаи Ташкилоти байналмилалии молиявӣ барои озмунҳои савдои маҳаллӣ оид ба нигоҳдории роҳҳо фаъол нест, зеро озмунҳои савдои маҳаллӣ барои таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ дар шароити кунунӣ маҳдуданд.

Рушди имкониятҳои пудратчиёни хусусӣ дар доираи сохтори холдингии идоракунии инфрасохтори нақлиёт гузаштани ҳадди ақкал се марҳила, яъне марҳилаи ҷустуҷӯи далелҳо ва огоҳӣ, рушди малакаҳо барои барномаҳои хизматрасонии техникии маблағгузории байналмилалӣ ва рушди нисбатан ҳамаҷонибаи барномаро, ки дар он малакаҳои ибтидоӣ бояд такмил дода шаванд, талаб менамояд. Ҳама марҳилаҳо бо кӯмаки техникӣ ҳамроҳ мешаванд.

Бояд гуфт, ки таъмири капиталӣ дар доираи нигоҳдории даврӣ аллакай дар речаи пудрат амал мекунад, ҳарчанд ба таҷрибаи ҷаҳонӣ мувофиқат наменамояд. Барои беҳтар кардани раванди харид ва бастани шартнома кӯшиши зиёд ба харҷ додан лозим аст, зеро сифати кор ва хизматрасоние, ки бахши хусусӣ пешниҳод мекунад, аз стандартҳо поён нест. Зиёда аз ин, сектори хусусӣ бояд барои таҷҳизот маблағгузорӣ намояд ва сифати тайёр кардани кадрҳои роҳсозиро беҳтар гардонад. Ба ин нигоҳ накарда, системаи харидани таъмири капиталӣ ва нигоҳдории даврии роҳ бояд такмил дода шавад. Агар ин система такмил дода нашавад, пас гузаштани корҳои нигоҳдории ҷорӣ ба пудрат бо душвориҳои муайян алоқаманд хоҳад буд.

Гузаштани корҳои нигоҳдории ҷорӣ ҳамчун як қисми беҳбуди сифати нигоҳдории роҳҳо кори душвортар аст. «Тадбири алтернативӣ» барои нигоҳдории ҷорӣ вобаста ба ин ҷалби бахши хусусӣ мебошад.

Системаи идоракунии бунёд, хизматрасонӣ ва нигоҳдории инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ислоҳоти институтсионалии соҳаро мехоҳад.

**Ҷадвали 4.2.– Ташаббусҳое, ки ба ҷалби бахши хусусӣ ба корҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд***

| Проблемаҳо | Тадбирҳо барои бартарафсозии онҳо |
|---|---|
| 1. Муайян намудани барнома ва буҷети мувофиқи корҳои ояндаи роҳдорӣ, инчунин намуди хизматрасониҳои зарурӣ | Системаи додани шартнома бояд сабабҳои таъхир ва дурнамои рушдро муайян кунад. Ба Вазорати нақлиёт лозим аст, ки бахши роҳдориро аз нав дида баромада, проблемаҳоеро, ки дар 10-15 соли наздик дучор мешаванд, ошкор ва роҳҳои ҳалли онҳоро муайян намояд. Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки танҳо якчанд пудратчиён барои иҷрои корҳои асфалтпӯшӣ малакаи кофӣ доранд ва аксар танҳо қодиранд, ки корҳои ҳамворкунии чуқуриҳои роҳ ё бетонрезиро босамар иҷро намоянд. Гарчанде ки ин аллакай қисман эътироф шудааст, шартномаҳои таъмири капиталӣ одатан маҷмӯи корҳои мазкурро дар бар мегиранд. Барои шартномаҳои нигоҳдории даврӣ ҷудо кардани корҳои ночиз, аз қабили таъмири чуқуриҳо, пӯшонидани тарқишҳо аз корҳои азнавсозӣ муфид хоҳад буд, то пудратчиёни хурдтар тавонанд корҳои ночизро анҷом диҳанд ва пудратчиёни босаводтар корҳои профилиро иҷро намоянд. Корҳои дигар, аз қабили профиликунии роҳҳои шағалпӯш ва канори роҳ, метавонанд аз ҷониби пудратчиёни дигар анҷом дода шаванд. Онҳое, ки дар объект таҷҳизот доранд. |
| 2. Муайян намудани ҳамаҷонибаи имкониятҳои зарурӣ барои иҷрои кор вобаста ба талабот ба мавҷудияти таҷҳизот ва қувваи корӣ | Таҳияи нақшаи миёнамуҳлат, ки самтҳои оянда, эҳтиёҷот (навъи пудратчиён ва хизматҳои заруриро дар бар мегирад)-ро дар робита ба роҳҳо, интизориҳои онҳо дар муҳити кории оянда барои хизматҳои пешниҳодшуда (пудратчиён, мушовирон ва ғ.) талаб менамояд. |
| 3.Гурӯҳи вазифаҳои хизматрасонӣ, ки ба корҳои хурд дохил карда мешаванд (рӯйпӯш, иншооти канори роҳ ва иншооти сунъӣ) | Бояд корҳоро тавре ба роҳ монанд, ки имкониятҳои иҷрои саноатӣ ба назар гирифта шаванд. Ин маънои онро дорад, ки масалан, як пудратчӣ барои таъмири омодагӣ ва дигаре барои профилактикаи рӯйпӯши роҳ истифода гардад. Қатъиян риоя кардани ин талаботдалели он аст, ки ширкатҳои беҳтарин намудҳои мураккабтари корҳоро иҷро карда метавонанд. Азбаски корҳои механиконидашуда барои таҷҳизот маблағгузории калонро талаб мекунад, ин шартномаҳо низ бояд калонтар бошанд ва ҳатто дар муҳлати миёна садҳо километр профилро дар бар гиранд. |

**Идомаи ҷадвали 4.2.**

| **Проблемаҳо** | **Тадбирҳо барои бартарафсозии онҳо** |
|---|---|
| 4. Раванди хуб ба роҳмондашудаи харид, ки имконниятҳо, таҷриба ва амалияи татбиқро ба назар мегирад | Ин барои рушди боварӣ ба саноат ва таъмини бовари соҳаи сохтмон барои рушд зарур аст. |
| 5. Раванди беҳтаргардидаи харид ва интихоб | Равандро чунон бояд муқаррар намуд, ки он чунон кушода ва мувофиқи меъёрҳо бошад, то ки мавҷудияти пудратчиёни ботаҷриба, қобилиятнок ва камхарҷ барои интихоби ҳар як қарордодро таъмин намояд. |
| 6. Тадбирҳои шартномавӣ, ки рушди имконоти инкишофи пудратчиро ҳавасманд менамоянд | Рушди бахш тавассути фароҳам овардани муҳити хуб (ниг. бандҳои 1 то 5 дар боло) ва мукофотонидани шахсоне, ки метавонанд пешниҳодоти муассир намоянд. Бандҳои 1 то 5 метавонанд ин имконро фароҳам оранд, инчунин ҷалби пудратчиён бо ҳаҷми зиёди иҷрои кор (аз ҷиҳати молиявӣ ва дарозии зиёди роҳ), таъмин намудани пешпардохтҳо ва ғ. |
| 7.Кори корфармо ва пудратчӣ тибқи ҳуҷҷатҳои шартномавӣ | Имкониятҳои назорат ва фаҳмиши шартномаҳо ва мушаххасот дар доираи қувваи кории мавҷуда бояд муайян карда шаванд. Пудратчиёни ба воситаи «ассотсиатсияи пудратчиён» пешниҳодшуда низ бояд ҳамин тавр намоянд. Аммо захираи берунаро, ки дар шартнома нишон дода шудааст, аз рӯйи он номгӯй пурсидан зарурат надорад, агар танҳо онҳо ба пардохти кори иловагӣ омода нестанд. |
| 8. Таҷҳизот ва ҳайати кормандони коршоям. Пеш аз ба пудратчӣ додани огоҳинома дар бораи моликияти қитъа бояд таҷҳизотро аз назар гузаронид. Назорат бояд қатъӣ бошад. | Мушаххасоти кор бояд талаботи минималиро барои таҷҳизот, махсусан дар он ҷое, ки сифати таҷҳизот шубҳанок аст, равшан нишон диҳад. Масалан, гузоштан ва фишӯрдани асфалтобетон, фишӯрдани корҳои заминӣ ва дигар қабатҳои роҳсозӣ ва ғ.<br>Пудратчиён бояд дар бораи чӣ гуна анҷом додани кор, санҷишҳое, ки онҳо бояд анҷом диҳанд ва чӣ гуна баҳисобгирӣ намоянд, пешниҳод кунанд. |
| 9. Назорати қатъӣ аз болои сифати кори иҷрошуда таъмин карда шавад | Проблема дар он аст, ки шартҳои кор мавҷуданд, вале дар майдонҳои сохтмонӣ ва нигоҳубини роҳҳо риоя карда намешаванд. |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот тартиб дода шудааст.

Маблағгузории ҷории инфрасохтори, ки дар ҳолати ногувор қарор дорад, сохтори ташкилии он ва муносибати мавҷуда ба идоракунии инфрасохтор ба талаботи муосир барои интенсификатсияи бахшҳои иқтисодӣ ва ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ҷавобгӯ нест.

Омӯзиши таҷрибаи идоракунӣ бояд ба мавқеи воқеии шабакаи инфрасохтори асос ёбад, ки барои ба даст овардани маълумоти дуруст ва таҳлили онҳо имкон медиҳад, то дар асоси онҳо қарорҳои беҳтар қабул карда шаванд.

Ин инчунин маънои онро дорад, ки ташкилоти нигоҳдорӣ ва реҷаи кори он бояд ба шароити фаъолияти инфрасохтори нақлиёт мувофиқ бошад.

Муассисаи истифодабарии инфрасохтор ба андозаи муайян барои як ҷанбаи идоракунии роҳ, яъне нигоҳдории роҳ масъуланд, ки имрӯз тақрибан 11% буҷети роҳро ташкил медиҳад. Хизматрасонии роҳҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ кардан мумкин нест, зеро он ба корҳои ҷиддитар, бахусус таҷдиди роҳ ва нигоҳдории даврӣ, ки ҷузъи ҷанбаи “роҳдорӣ”-и идоракунии инфрасохторӣ мебошад, дохил мешавад. Гарчанде ки рушди шабакаи роҳҳо (аз ҷумла сохтмони нав ва навсозии роҳҳо) ҷараёни мутавозӣ барои идоракунии инфрасохтор мебошад, онҳо бо ҳам алоқаманданд ва аз ин рӯ, корхонаи роҳдорӣ бояд байни нигоҳдории дороиҳо ва рушди шабакаи худ интихоб ба амал орад. Айни замон тамоми таваҷҷуҳ ба рушди шабакаи роҳҳо равона карда шудааст, то ки дар ниҳояти кор барои корҳои ҷорӣ ва даврӣ маблағ гирифта шавад ва дар ҳолати таъхир вазъи инфрасохтор метавонад бад шавад.

Холдингӣ бо ширкатҳои фаръӣ масъулияти идоракунии роҳҳо, аз ҷумла ҳифзи дороиҳои инфрасохторӣ ва рушди шабакаи роҳро дар давраи миёнамуҳлат пурра ба дӯш мегирад. Васеъ намудани масъулиятҳои холдинги инфрасохтори нақлиёт бояд аз нигоҳ доштани унсури идоракунии роҳҳо, аз ҷумла нигоҳдории инфрасохтор (ҷорӣ, зимистона ва ҳолатҳои пешбининашуда), нигоҳдории даврӣ, инчунин таъмири капиталӣ ва таҷдиди роҳ оғоз шавад.

Интиқоли сохтори қитъаҳои истифодашавандаи роҳҳои автомобилгард ба 62 корхонаи фаръии Холдинги давлатии инфрасохтори нақлиёт (ХДИРН)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 14141 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ масъул аст, яъне ба ҳисоби миёна 228 км роҳ ба як корхонаи фаръӣ, ки аз он 83 км. шабакаи роҳҳои ҷумҳурӣ мебошад. Ин гуна сохтор боиси истифодаи бесамари захираҳо тавассути такрори захираҳои васеъ, бахусус кормандони асосӣ ва операторони инфрасохторӣ мегардад.

Раванди мутобиқсозии сохторҳои мавҷудаи ташкил ва идоракунии инфрасохтори ақлиёт ба шароити фаъолияти Холдинги давлатии инфрасохтор дар амал дар якчанд марҳила сурат мегирад:

Марҳилаи 1. Дар навбати аввал шумораи корхонаҳои фаръӣ бояд ба 20 воҳиди майдони инфрасохторӣ, ки бояд аз 600 то 750 км роҳро хизмат расонад, кам карда шавад. Ба минтақаи идоракунии майдони инфрасохтор бояд менеҷери ноҳиявӣ дохил мегардид, ки чаҳор вазифаи зеринро иҷро менамуд:

-банақшагирӣ (барои ҷамъоварии маълумот, банақшагирӣ ва барномаи мониторинг масъул аст);

-лоиҳакашӣ (барои баҳодиҳии ҳолати роҳ, таҳияи пешниҳодот, бехатарии роҳ, баҳодиҳӣ, таҳлили маълумот оид ба арзиш ва идоракунии босифати роҳ масъул аст);

-истифодабарӣ (барои иҷрои корҳои нигоҳдории роҳ, мушоҳида, санҷиш, иҷрои барномаҳои мониторинг ва пешниҳоди ҳисобот, идоракунии таҷҳизот ва ба даст овардани хизматҳои беруна масъул аст);

-маъмурият (барои харид, аз ҷумла барои маъмурият низ масъул аст).

Бояд гуфт, ки шумораи умумии коргарон ба ҳисоби 16 нафар ба ҳар 100 км роҳ қариб 40 нафарро ташкил медиҳад. Ин маълумот ба тадқиқи буҷаи зарурӣ барои нигоҳдории корхонаҳои фаръӣ, бар асоси харҷи 750 доллар барои як километри роҳ асос ёфтааст.

Корҳои нигоҳдории инфрасохтор бояд тибқи шартномаи тиҷоратӣ анҷом дода мешуданд ва ширкатҳои фаръӣ бояд ба мушаххасоти корҳои инфрасохторӣ мувофиқат намоянд. Ҳар як воҳиди хизматрасонӣ ба таъмири

муваққатии рӯйпӯши роҳ, нигоҳдории канори роҳҳо, системаҳои обпарто, пулҳо бояд тамаркуз мекарданд ва инчунин боварӣ ҳосил менамуданд, ки инфрасохтор аз сел ва сангрезӣ тоза мешаванд.

Воҳиди ибтидоии идоракунӣ барои нигоҳдории инфрасохтор майдони инфрасохторӣ бояд мебуд, ки бо як воҳид мутахассиси муҷаҳҳаз бо грейдерҳо, компрессорҳо, мошини фрезерӣ, экскаватор, худборфарор, булдозер ва инчунин таҷҳизот барои нигоҳдории зимистонаи инфрасохтори таъйингардидаи дар гаражи қитъаи корхонаи фаръӣ ҷойгирбуда таъмин аст.

Ширкати фаръӣ аз рӯйи корҳои истифодабарӣ мониторинг мегузаронад ва тамоми фаъолияти нигоҳдории инфрасохторро таҳлил карда, дар бораи ҳамаи корҳои анҷомдодашуда ҳисоботи дахлдор омода менамояд.

Ба масъулияти ширкатҳои фаръӣ барои ҷалби шахсони сеюм барои анҷом додани чунин корҳо, аз қабили кандани канори роҳҳо, тоза кардани растаниҳо аз канори роҳҳо, таъмини маводи зарурӣ, аз қабили асфалтобетон ва омехтаи хунук дохил шуда метавонист.

Дар марҳилаи дуюм, холдинг бояд:

-аз нав кор карда баромадан ва мустаҳкам намудани тадбирҳои рушди дар марҳилаи якум ба даст овардашуда;

-табдилдиҳии корхонаҳои фаръӣ ба ҷамъияти саҳомӣ;

-шартномаҳои нигоҳдории инфрасохтори рӯйизаминиро бо нархҳои муқарраршуда ба як километри умумии корҳо оид ба нигоҳдории ҷории инфрасохторӣ истифода баранд.

Дар марҳилаи сеюм бояд инҳо бошанд:

-корхонаҳои фаръии холдинг хусусӣ карда мешаванд ва/ё корҳо оид ба нигоҳдории ҷорӣ, зимистона ва ҳолатҳои ғайричашмдошт барои ҳар як қитъаи инфрасохтор ба бахши хусусӣ пешниҳод карда мешаванд – шартнома бояд ба муҳлати на камтар аз 3 сол баста шавад;

-таҷҳизотро ба иҷора гирифта, дар ҳолати хуб нигоҳ доштан;

-штати корхонаи фаръӣ (агар корҳои нигоҳдорӣ хусусӣ гардонида шудаанд) ба ҳисоби 10 нафар ба ҳар як корхона муқаррар карда шудаанд.

Ва ниҳоят, бояд аз рӯйи шартномаи нигоҳдории инфрасохтор, ки метавонад аз намудҳои алоҳидаи корҳои ба шартнома дохил кардашуда иборат бошад, кор кардан лозим аст. Шартнома метавонад тамдид карда шавад ва он корҳоро оид ба нигоҳдории даврӣ, таъмири капиталӣ ва таҷдиди инфрасохторро дар бар гирад.

Вазифаи муҳими роҳбарияти холдинг дуруст дарк намудани проблемаҳои инфрасохторӣ мебошад. Дар амал мо боварӣ дорем, ки аксари проблемаҳои инфрасохтор бояд аз ҳисоби маблағгузории иловагӣ ҳал карда шавад. Инчунин таклифҳое ҳастанд, ки технологияи нав бисёр проблемаҳоро ҳал менамояд. Воқеан, маблағҳои иловагӣ ва технологияҳои нав метавонанд вазъи инфрасохторро беҳтар созанд, аммо самаранокии онҳо назар ба пешбинишуда камтар хоҳад буд. Ин аз сабаби нахостани эътирофи проблемаҳои иҷрои корҳои пастсифат (хусусиятҳо вуҷуд доранд, аммо онҳо нигоҳ дошта намешаванд) рӯй медиҳад, дар сохтори ҳозираи идораи роҳҳо иҷрои кори пастсифат меъёр аст.

Дар сохторҳои нави ташкилӣ таҷҳизот дар байни ширкатҳои фаръии холдинг тақсим карда мешавад, ки дар он ҷо миқдори маҳдуди захираҳо барои идоракунӣ, хизматрасонӣ, нигоҳдорӣ ва таъмири самараноки инфрасохтори мавҷуд аст. Ба ҳар ҳол байни корхонаҳои фаръӣ тақсими таҷҳизот имконнопазир аст. Ҳисобҳои мо нишон медиҳанд, ки барои азхуд намудани ҳаҷми мавҷудаи кор камаш се корхонаи хурд барои таъмини коршоямии таҷҳизоти тамоми холдинги инфрасохтори нақлиёт зарур аст. Бо ҷойгиркунии онҳо дар:

-Душанбе – ширкатҳои фаръии холдинг дар минтақаи Ҳисор;

-Рашт, Хоруғ – бо якчанд қитъаҳои истифодабарии роҳҳои минтақа;

-Кӯлоб, Бохтар – ширкатҳои фаръии холдинг дар Хатлон;

-Хуҷанд – хизматрасонии ширкатҳои фаръии вилояти Суғд.

Чунин корхонаҳои хурд соҳибони самараноки техникаи роҳсозӣ буда, барои истифодаи он масъул хоҳанд буд. Ин корхонаҳо барои ба иҷораи лизингӣ гирифтани таҷҳизот имкониятҳои калон доранд.

Самти навбатии ислоҳоти сохтории идоракунии инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили санҷиши масолеҳи сохтмони роҳ аст.

Таҷҳизоти лабораторияи Институти лоиҳакашии Вазорати нақлиёт Ҷумҳурии Тоҷикистон кифоя буда, барои гузаронидани озмоишҳои стандартӣ қодир аст, вале иқтидори ин лаборатория кам истифода мешавад. Ҳоло вай ба воситаи институти тадқиқоти илмӣ ва лоиҳакашии Вазорати нақлиёт ба лоиҳаҳои ватанию хориҷӣ хизмат мерасонад. Ислоҳоти сохторӣ бояд боиси таъсиси лабораторияҳои мустақил гардад, то онҳо ба шумораи бештари муштариён, аз ҷумла пудратчиён доираи васеи хизматрасониро пешниҳод кунанд. Зарур аст, ки онҳо мустақил шаванд ва махфияти хидматҳои пешниҳодшударо таъмин карда тавонанд.

Идоракунии сифати кор ва хизматрасонӣ инчунин самти муҳими ислоҳоти сохтории ташкили идоракунии равандҳои истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба системаи холдингии ташкили идоракунӣ аст.

Сифат дар бисёр соҳаҳои инфрасохторӣ бо нигоҳубини бесифати роҳҳо ва таҷрибаи сохтмонӣ масъалаи муҳим мебошад. Айни замон проблемаҳо аз банақшагирӣ оғоз шуда, бо тарҳҳои мувофиқ ва иҷрои корҳои нигоҳдории инфрасохтор идома доранд. Ба мушаххасот аҳамияти зарурӣ дода намешавад ва санҷишҳои инфрасохторӣ хеле кам гузаронида мешаванд. Барои корҳои нигоҳдорӣ ин маънои онро дорад, ки таъмири чуқуриҳои роҳ, ки ҳадди ақал бояд 12 моҳ пас аз таъмир дар ҳолати хуб қарор дошта бошанд, дар давоми як ҳафта вайрон мешаванд.

Системаи идоракунии сифат (СИС) бояд тамоми ҷанбаҳои нигоҳубини роҳҳо, аз қабили нодуруст муайян кардани ҳолати рӯйпӯши роҳ, дуруст интихоб накардани рӯйпӯши роҳ, истифода бурдани усулҳои пасти нигоҳубини роҳҳоро фаро гирад.

Вазифаҳои функсионалии Холдинг, ки аз ҷониби мо пешниҳод шудаанд, вобаста ба сатҳи дахлдори идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ дар расмҳои 4.1., 4.2., 4.3 оварда шудаанд.

| **Холдинги давлатии инфрасохтори нақлиёт (дар шаҳри Душанбе таъсис ёфтааст)** |
|---|
| Васеъ намудани уҳдадориҳои вазифавӣ – ҳама корҳои нигоҳдорӣ (ҷорӣ, даврӣ, зимистона, барои ҳолатҳои ғайричашмдошт), таъмири капиталиро дар бар мегирад. Таҷдид ва дигар корҳои навсозӣ.<br>Масъулиятҳои асосӣ инҳоро дар бар мегиранд:<br>-рушд додани барномаи стратегияи роҳ барои 3-5 сол;<br>-ҳифз ва идоракунии системаи иттилоотии роҳдорӣ;<br>-идоракунӣ ва назорати ҷамъоварии маълумот ва роҳбарияти базаи маълумоти роҳдорӣ;<br>-муқоиса ва баррасии ҳамаи маблағҳои пулии пешниҳодшуда;<br>-таҳияи барномаи яксола ва 3-сола бо назардошти стратегия ва омода намудани пешниҳодоти солона ва пешқадам ба ҳукумат аз ҳисоби маблағҳои Вазорати нақлиёт;<br>-анҷоми тақсимоти солонаи маблағҳои пулӣ;<br>-назорати иҷрои корҳои нигоҳдории роҳҳо бо маблағи RRDO ва идора/мушоҳидаи ҷалби шахсони сеюм барои анҷом додани корҳои таъмири капиталӣ ва таҷдид, ки бевосита аз ҷониби PMUs ва воҳиди сохтмонии Вазорати нақлиёт (DPS) идора мешаванд;<br>-ҳама корҳои нигоҳдорӣ ва лоиҳаҳои роҳро назорат карда, мониторинг гузаронидан, стратегияҳо ва амалҳои дурустро рушд додан;<br>-рушд додани ташкилоти нигоҳдории роҳҳо ва малакаҳои қувваи корӣ;<br>-муайян намудани технологияҳои нав ва рушди онҳо дар Тоҷикистон. |

**Расми 4.1. – Вазифаҳои асосии Холдинги давлатии инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

| **Ширкатҳои фаръии холдинг** |
|---|
| Барои зерин масъуланд:<br>-идоракунии шабакаҳои роҳ дар минтақаҳо, аз ҷумла базаи маълумот (аз холдинги асосӣ ва мустақил) муайян намудани корҳои зарурӣ ва таҳияи пешниҳодот бо назардошти ширкатҳои фаръии холдинг;<br>-баррасии корҳои истифодабарии майдони инфрасохтор ва тартиб додани ҳисобот дар бораи кори иҷрокардаи онҳо дар корхонаҳои фаръии холдинг – бояд ба сифат диққати махсус дода шавад;<br>-назорати иҷрои таъмири капиталӣ ва нигоҳдории даврӣ;<br>-кор бо Холдинги инфрасохтори рӯйизаминӣ нақлиёт барои таҳияи стратегияҳо ва муайян кардани самтҳои нави рушд, гузаронидани тренинг, сохтори нигоҳдории роҳ |

**Расми 4.2. – Майдони масъулияти ширкатҳои фаръии Холдинг***

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

| **Воҳиди майдони инфрасохторӣ – муассисаи инфрасохтори (муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард)** |
| --- |
| Қариб 20 воҳид муқаррар мегардад. Ҳар кадоми онҳо барои тақрибан 700 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ масъуланд. Ҳар як корхона аз идорае иборат аст, ки дар яке аз ширкатҳои фаръии пешинаи холдинг ҷойгир аст ва аз 2 то 4 воҳид иборат аст.<br>Воҳиди идоракуниимайдони инфрасохтор дар воҳидҳо хизматрасониро идора ва таъмин менамояд. Вазифаи муассисаи инфрасохтори рӯйизаминӣ (МИР) аз рӯйи мундариҷа ва пешниҳодот баррасии нақшаҳои корӣ, мониторинги кор аз ҷониби воҳидҳои нигоҳдории роҳ, таваҷҷуҳи махсус ба сифати кор, ҳисобот дар бораи корҳои анҷомдодашуда ва гузаронидани тренингҳо иборат аст.<br>Муассисаҳои инфрасохтори нигоҳдории роҳҳо (аз 2 то 4 дар ҳар як майдони инфрасохтор) ухдадоранд:<br>-нигоҳдории ҳамарӯзаи шабакаи роҳ, ки барои онҳо масъуланд, аз ҷумла муайянкунӣ, барномасозӣ ва иҷрои корҳои зарурии нигоҳдорӣ;<br>-сабти корҳои иҷрошудаи нигоҳдории роҳ ва истифодаи захираҳо, банақшагирии корҳои нигоҳдории роҳ (ҷорӣ, зимистона ва ҳолати ғайриинтизор);<br>-ҳисобот дар бораи ҳолати роҳ ва гузаронидани тадқиқот оид ба шиддатнокии ҳаракат;<br>-иштирок дар тренингҳо;<br>-кор барои беҳтар кардани стандартҳои сифат ва такмил додани таҷрибаи корӣ барои таъмини сифати хуб;<br>-идора ва назорат кардани базаимаълумот. |

**Расми 4.1.3. Масъулияти муассисаҳо барои нигоҳдории инфрасохтори нақлиёт дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон***

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки сохтори ташкилии холдинги давлатӣ махсусан барои фаъолияти он ҳамчун сохтори тиҷоратӣ дар асоси принсипҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мутобиқ карда шудааст, ки хусусиятҳои он дар шароити истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар параграфи навбатии ҳамин боби диссертатсия оварда мешаванд.

Сохтмони нав ва модернизатсия (таҷдид)-и объектҳои мавҷудаи инфрасохтори саноатӣ раванди гаронарзиш барои буҷет мебошад. Ин боиси

зарурати ҷустуҷӯи шаклҳои нави ҷалби маблағҳо барои маблағгузориисохтмон ва модернизатсия (таҷдид)-и объектҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мегардад. Яке аз чунин роҳҳо ҷорӣ намудани принсипҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба рушди инфрасохтори нақлиёт мебошад. Бартариҳои истифодаи равишҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар муқоиса бо маблағгузории буҷетӣ дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ инҳоянд:

-баланд бардоштани самаранокии назорат аз болои истифодаи маблағҳои буҷетӣ аз рӯйи шартномаҳои сохтмон;

-ба сармоягузорони хусусӣ додани масъулияти саривақт ба истифода додани иншоот дар доираи сметаи пешакӣ;

-истифодаи маблағҳои маҷмӯавии буҷет танҳо дар самтҳои лоиҳа, ки зарурати маблағгузории муштаракро муайян мекунанд;

-гузаронидани хароҷоти буҷетии маҷмӯавӣ барои маблағгузории натиҷаҳои маблағгузории капиталӣ барои давраҳои оянда бо роҳи пардохти бозхариди объекти тайёр (истифода ба манфиати эҳтиёҷоти давлатӣ) давра ба давра;

-даст кашидан аз истифодаи маблағи буҷети маҷмӯавӣ барои маблағгузории сармоягузории асосӣ бо роҳи ба сармоягузор додани ҳуқуқ ба истифодаи тиҷоратии иншоот то баргардонидани он (механизмҳои консессионии шарикии давлат ва бахши хусусӣ);

-ташаккули механизмҳои ғайрибуҷетии таъмини уҳдадориҳои фармоишгари давлатӣ дар назди сармоягузорон тибқи шартнома (қарордод)-и шарикии давлат ва бахши хусусӣ.

Шаклҳои дастгирии давлатии шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд инҳо бошанд:

-таъмини имтиёзҳои андоз;

-додани субсидия;

-муқаррар намудани меъёрҳои имтиёзноки иҷора барои истифодаи амволе, ки моликияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

-додани батаъхиргузорӣ ва муҳлати пардохти андозҳо;

-таъмини сармоягузориҳои буҷетӣ;

-пешниҳоди қарзҳои андози сармоягузорӣ;

-дар асоси озмун таъмин намудани кафолатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-таъмини объектҳои фонди гарав.

Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои алоҳидаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳамзамон, «ба шаклҳои шартномавӣ, консессияҳо, иштироки муштарак (саҳмиявӣ) дар соҳибкорӣ ва сохтмони роҳҳои автомобилгарди пулакӣ, рушди нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ, таҷдиди фурӯдгоҳҳо, яъне қисми асосии онҳо дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ афзалият дода мешавад».

Айни замон қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро дар асоси механизмҳои гуногуни ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ пешбинӣ менамояд. Механизмҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба ҳуқуқҳои ба бахши хусусӣ додашуда, уҳдадории тарафҳо, тақсими хавфҳо байни шарикон, масъулияти иҷрои уҳдадориҳо, ки имкон медиҳад, то дар бораи механизмҳои гуногуни ташкилию иқтисодии шарикии давлатӣ ва хусусӣ сухан ронем, тасниф намудан мумкин аст[62]. Дар баробари ин, гуногунии намудҳо, шаклҳо ва самтҳои татбиқ ба ташаккули равишҳои инноватсионии муайян намудани механизмҳои асосии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки дар инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ истифода мешаванд, мусоидат мекунанд. Айни замон дар таҷрибаи ҷаҳонӣ моделҳои зиёди шарикии давлат ва бахши хусусӣ вуҷуд доранд. Дар доираи ин моделҳо ба ҷузъи молиявии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар асоси шаклҳои мавҷуда дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус

[62] Ниг.: Варнавский В.Г. Концессии в транспортной инфраструктуре: теория, практика, перспективы [Текст] / Е.В. Будрина. - Санк-Петербург.: СПбГИЭУ, 2002 - 34 с.; Демон ГЧП в инфраструктуре: практическое руководство для органов государственной власти [Текст] / Дж. Демон. -Астана: ИЦ «Апельских», 2010. - 261 с.; Максимов В.В. Государственно-частное партнерство на транспортной инфраструктуре. Критерии оценки концессионных конкурсов [Текст] / В.В. Максимов. - М.: Альпина Паблишера, 2010. – 178 с.

дода мешавад. Аз ин рӯ, мо параметрҳои молиявиро ба аломатҳои гурӯҳбандӣ ворид мекунем. Далели он, ки давлат тасмим гирифтааст, то фаъолияти инфрасохтори давлатиро ба бахши хусусӣ диҳад ё вогузор намояд, риояи якчанд шартҳоро металабад:

-мавҷудияти шартҳои андоз, маъмурӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои ин навъи шартнома, ки бояд аз хариди давлатӣ ба таври мусбӣ тафовут дошта бошад. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ раванди дарозмуддати ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ бо мақсади сармоягузории камхарҷ аз ҷониби онҳо дар сохтмони инфрасохтори ҷамъиятӣ аст;

-мундариҷаи шартҳое, ки лоиҳа бо ёрии онҳо ба фаъолият оғоз мекунад, барои ҳар як тараф тақсимоти хавфҳо мавҷуд аст ва ҳар яки онҳоро муҳофизат мекунад. Аён аст, ки заминаи ҳуқуқии бозори чунин лоиҳаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи аввали рушди худ қарор дорад. Нокифоягӣ ва ташаккул наёфтани бозори шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз монеаҳои асосии рушди чунин шарикӣ дар кишвар ба шумор меравад, ки бинобар мавҷуд набудани кафолатҳои зарурии ҳуқуқӣ, шаклу нақшаҳои зиёди дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон бомуваффақият озмудашуда, дар худи ҷумҳурӣ низ боз ҳам рушд намеёбад.

Бинобар ин, заминаи қонунгузорӣ ба системаи возеҳтари меъёрҳое эҳтиёҷ дорад, ки мушкилоти ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои назарраси инфрасохтори нақлиётӣ бамиёномадаро ба таври маҷмӯавӣ танзим менамояд.

Консепсияи дарозмуддати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба лоиҳаҳои рушди инфрасохтори нақлиёт аҳамияти стратегӣ дод.

Тавре зикр гардид, шаклҳои гуногуни ҳамкории бахши хусусӣ ва давлат вуҷуд доранд: аз хариди давлатӣ то шарикии давлат ва бахши хусусӣ. Қонунҳои асосӣ дар соҳаи шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷи давлат» таҳти №168, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо» таҳти №783, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

тақсимоти маҳсулот» таҳти №238, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» таҳти №81 ба шумор меравbooand.

Интихоби механизми ташкилию иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз мақсад, вазифаҳо ва хусусиятҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорие, ки дар соҳаи инфрасохтори нақлиётӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд, вобаста аст.

Ин механизмҳо ба татбиқи шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ (механизми шартномабандии давлатӣ, механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои роҳҳои автомобилгарди ройгон, механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои роҳҳои автомоблгарди пулакӣ) дар инфрасохтори нақлиёт мусоидат менамоянд.

Тадқиқоти мо[63] муайян кардааст, ки дар байни моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди инфрасохтори нақлиёти Тоҷикистон маъмултаринаш модели консессионӣ мебошад, ки татбиқи принсипи пардохтро дар бар мегирад. Ба ин бештар танзими муносибатҳои консессионӣ, баъди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти №81 дар соли 2009 мусоидат намуд.

Консессия равандест, ки имкон медиҳад, то бахши хусусӣ аз рӯйи салоҳияташ, саҳми молиявӣ дар сохтмони инфрасохтор ва идоракунии он дар муддати тӯлонӣ ҷалб карда шавад.

Шартномаи мазкур, инчунин дигар шартномаҳои шарикии давлатӣ-хусусӣ (ШДХ) ба шартномаҳои хариди давлатӣ шабеҳ нестанд. Моҳияти мураккаби онҳо чаҳорчӯбаи мутобиқшудаи ҳуқуқиро талаб мекунад, ки аз он чизе ки дар шартномаҳои хариди давлатӣ истифода мешавад, фарқ мекунад.

Шартномаи консессионӣ аз хариди корҳо, мавод ва хизматрасоние, ки дар асоси кам кардани арзиши аслӣ мувофиқи хусусиятҳо ба амал бароварда мешавад, фарқ мекунад. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ пеш аз ҳама ба

[63] Бобоев К.О. Региональная транспортная инфраструктура современного Таджикистана/ К.О. Бобоев. - Душанбе, Дониш, 2018. - с.165-170.

ҷустуҷӯи шарики беҳтарин, ки қодир аст таҷриба ва қобилияти идоракунии худро барои татбиқи лоиҳагузорад, асос ёфтааст.

Муносибатҳои шартномавии байни давлат ва консессионер, пеш аз ҳама, бо қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд:

1) Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки шартномаи консессионӣ ҳамчун шартномаи омехта, яъне шартнома ба навъҳои гуногуни шартномаҳои пешбининамудаи Кодекси гражданӣ бо назардошти принсипи озодии шартнома асос ёфтааст.

2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи консессия санади асосии таъйиноти махсус буда, масъалаҳои сохторбандии лоиҳаро танзим мекунад.

Қонун дар бораи консессия ҷанбаҳои асосии шартномаи консессионӣ, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии он, объектҳои эҳтимолии шартнома, ҳуқуқҳои асосӣ, уҳдадориҳо ва масъулияти тарафҳои он, тартиби бастани он, қисман гузаронидани озмуни мувофиқ, тағйир додан ва қатъ кардани онро танзим менамояд. Илова бар ин, Қонун дар бораи консессияҳо як қатор кафолатҳоеро, ки ҳангоми татбиқи лоиҳа ба консессионер дода мешаванд, муқаррар намуда, инчунин баъзе маҳдудиятҳо, аз ҷумла дар бораи имкони гаронӣ кардан ва гузашти ҳуқуқҳо аз рӯйи шартномаи консессия дар марҳилаи сохтмон, ҳолатҳо ва тартиби пеш аз мухлат қатъ намудани он ва дигар масъалаҳоро дар бар мегирад.

3) Қонунгузории махсус инчунин қоидаҳои хусусияти муваққатиро бо мақсади амалӣ намудани истифодаи роҳҳои автомобилгард ва объектҳои ба инфрасохтори роҳҳои автомобилгардро дар асоси пулакӣ (бо маблағи муваққатан муқарраршудаи роҳкиро) дар бар мегирад, ки аз ҷониби мақомоти зиддиинҳисорӣ тасдиқ карда мешавад.

Ғайр аз танзими умумӣ ва махсуси гражданӣ меъёрҳои қонунгузории буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷӣ ҳангоми иштироки давлат дар маблағгузории лоиҳа дар марҳилаи омодагӣ ва марҳилаи лоиҳакашию сохтмон ва ҳам дар доираи додани кафолати консессионӣ ба консессионер барои лоиҳа муҳим аст.

Ҳангоми татбиқи лоиҳа меъёрҳои татбиқшавандаи замин, корпоративӣ, андоз, асъор ва дигар соҳаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба назар гирифта шаванд.

Бояд гуфт, ки шартномаи консессионӣ аз «кору хизматрасонӣ» бо хусусиятҳои хоси зерин фарқ мекунад[64]:

-комплексӣ будани шартнома, ки таҳия, маблағгузорӣ, иҷрои корҳо, хизматрасонию истифодабарии объект, хизматрасонии аҳолиро дар бар мегирад;

-пурра ё қисман аз ҷониби консессионер дар доираи шартнома бо шартномаи муайян тариқи баргардонидани маблағҳои гузошташуда ва расонидани хизматҳои дар шартнома пешбинишуда таъмин намудани сармояҳо;

-ба консессионер додани уҳдадориҳои хизматрасонии иншооти таъсисдодашуда, ки ба тақсими уҳдадориҳо ва хавфҳои гуногун байни шарикон мувофиқанд. Бояд гуфт, ки консессия барои сохтмон ва истифодабарии инфрасохтори нақлиётӣ давраи тӯлонии сохтмонро то ба истифода додан (қисм)-и иншоот пешбинӣ мекунад, ки даромад аз ҳисоби сармоягузории хеле калони пешакӣ ҷудо карда мешавад ва ба он ниёз дорад.

Омӯзиши таҷрибаи истифодаи шартномаҳои консессионӣ дар инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (роҳи Душанбе – Чанок) тасдиқ мекунад, ки давраи лоиҳаро метавон аз рӯи сенарияҳои гуногун ташаккул дод.

Бояд қайд кард, ки консессионер ба иншоот ҳуқуқ надорад, аммо ӯ ҳақ дорад, барои истифодаи роҳҳои пулакӣ, истифодаи иншооти ваколатдор ё пешниҳоди хизматрасонии инфрасохторӣ маблағ ситонад.

Шартномаи консессияро метавон ба таври мусбӣ иҷрошуда ҳисобид, агар пешгӯиҳои трафики лоиҳа иҷро шаванд (ниг. ба параграфи 5.4). Чӣ қадаре ки

64 Шевелкина К.Л. Финансирование траснпортной инфраструктуры на оаснове государственно-частного партнерства [Текст]: автореф. дисс. к.э.н. / К.Л. Шевелкина. – Москва, 2014. - С.14.

муҳлати татбиқи шартнома дароз бошад, консессионер барои ҷуброн кардани хароҷоти сохтмон ва истифодаи камхарҷи инфрасохтори аз ҷониби давлат ба ӯ додашуда имкониятҳои зиёд дорад.

Бояд гуфт, ки баргардонидани сармоя аз рӯйи шартномаи консессионӣ бо ситонидани ҳаққи мустақим (муҳлати иҷро 20 – 30 сол) интиқоли хавфи трафик ба консессионер мебошад, дар ҳоли дар доираи консессия бо ҳаққи консессионӣ (муҳлати татбиқ 20 – 30 сол) ин таваккал ба консессор аст. Шартномаи сармоягузории дарозмуддат (муҳлати иҷро то ба охир расидани таъмири капиталӣ) аз рӯи идеология ба консессия бо пардохти консесионер шабоҳат дорад, вале он бо ҳаҷми нисбатан ками ӯҳдадориҳои сармоягузории сармоягузор (на бештар аз 5 млн. сомонӣ) татбиқ мешавад, кафили иҷрои лоиҳа на давлат, балки ширкати давлатӣ буда, хатари трафикро низ ба дӯш дорад.

Намунаҳои шартномаҳои консессионӣ, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд ва дар адабиёти модели шартномаҳои консессионӣ дар инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дар ҷадвали 4.3. оварда шудаанд.

Дар асоси таҳлилҳои[65] рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ яке аз навъҳои ояндадортарини ҳамкории давлат ва соҳибкорӣ шартномаҳои консессионӣ эътироф мешаванд, ки татбиқи онҳо дар инфрасохтори нақлиёти ҷумҳурӣ боиси самараҳои мултипликатории муайян гардид.

Ба мақсад мувофиқ будани татбиқи шартномаҳои консессионӣ дар соҳаи инфрасохтори нақлиёти ҷумҳурӣ аз он иборат аст, ки давлат дар татбиқи лоиҳаҳои консессионӣ нақши пешбаранда мебозад. Маҳз давлат муҳити институтсионалиро ташаккул медиҳад, ки хусусияти шарикиро муайян мекунад, равандҳои консессиониро идора карда, стратегия ва принсипҳоеро таҳия менамояд, ки дар асоси онҳо муносибатҳои тиҷорӣ бо ҷомеа ва ҳукумат ба роҳ монда мешавад, пардохтҳои консессионӣ гирифта, нарх, даромад, сифати хизматрасониро назорат мекунанд, аз ҷониби консессионер иҷрои

[65] Бобоев К.О. Региональная транспортная инфраструктура современного Таджикистана [Текст] / К.О. Бобоев. – Душанбе: Дониш, 2018. - С. 135-141.

уҳдадориҳои дар шартнома пешбинигардидаро таҳия менамояд, муносибатҳоро ба сиёсати тарофавӣ коркард намуда, объектҳои консессиониро, ки аз буҷет дотатсия мешаванд, муайян мекунад.

**Ҷадвали 4.3. – Намунаҳои тавсияшавандаи шартномаҳои консессионӣ дар инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Номи консессия | Мавзӯи шартнома | Муҳлат | Бозгашти сармоя |
|---|---|---|---|
| Консессия бо ҷамъоварии мустақим<br><br>Консессия бо ҳаққи консессор<br><br>Шартномаи сармоягузори и дарозмуддат<br><br>Оператор шартнома | -сохтмон, таҷдид;<br>-маблағгузории муштараки хароҷоти капиталӣ;<br>-нигоҳдорӣ ва таъмир, ташкили ҷамъоварии пардохт;<br>-таҳияи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, корҳои заминсозӣ, омода намудани ҳудуди сохтмон;<br>-сохтмони системаҳои идоракунӣ;<br>-нигоҳдорӣ ва таъмир;<br>-ташкили системаҳои ҷамъоварии пардохт | Вобаста ба давраи ҳаёти объект<br><br>20 – 30 сол<br><br>10 – 15 сол | Пардохти роҳкирои истифодабаранд а-гон<br>Пардохти дастрасӣ аз ҷониби консессионер;<br>Пардохти истифодабарӣ барои нигоҳдорӣ;<br>Пардохти сармоягузорӣ (баргашти сармоя, ҷарима ва мукофотпулӣ) |
| озишномаи сармоягузорӣ дар марҳилаи пешазлоиҳавӣ | -таҳияи ҳуҷҷатҳои пешазлоиҳавӣ ва лоиҳавӣ | То 4 сол | Ҷубронпулӣ аз ҷониби консессионер |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Маводҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Худ аз худ шакли консессионии ҷалби сармоя гарави муваффақият дар навсозии инфрасохтори нақлиёт нест, балки бешубҳа, ба давлат имкон медиҳад, ки захираҳои молиявию моддии давлатро ба дигар мақсадҳо – илм, маориф, тандурустӣ ва ғайра рушди соҳа равона сохта, ба рушди иқтисод мусоидат менамояд.

Бояд тавофуқ кард, ки «шартномаи операторӣ як равиши нав (равиши инноватсионӣ) ба истифодаи пулакии роҳҳо (аз ҷумла равишҳои нави таъмир,

истифода, унсурҳои сармоягузорӣ) мебошад»[66], ки то ҳол дар соҳаи хоҷагии роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда нашудааст.

Дар амалияи байналхалқӣ самараи иқтисодӣ аз истифодаи консессия ба ҳисоби миёна то 15%-и хароҷотро ташкил медиҳад[67].

Ғайр аз модели консессияҳо барои татбиқи ШДХ– лоиҳаҳое, ки истифодаи минбаъдаи пулакии объектҳои бунёдшавандаро пешбинӣ менамоянд, модели шартномаҳои давраи ҳаётӣ тахия карда мешавад, ки истифодаи объектҳоро ройгон дар назар дорад. Шартномаҳои давраи ҳаётӣ, чун қоида, марҳилаҳои муайяни давраи ҳаёти объекти шарикӣ – лоиҳакашии объект, сохтмон ё таҷдидион, аз ҷумла корҳои зарурии нигоҳдорӣ ва таъмири онро дар бар мегиранд. Ҳамзамон, оператори лоиҳа сармоягузори хусусӣ аз истифодабарандагони иншооти инфрасохторӣ маблағ намегирад, балки маблағҳои сармоягузориро аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ҷуброн менамояд.

Дар маҷмӯъ, аз рӯйи дараҷаи иштироки ширкатҳои хусусӣ дар лоиҳаҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилии намудҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ моделҳо дар ҷадвали 4.4.пешниҳод шудаанд.

**Ҷадвали 4.4. – Трансформатсияи ҳуқуқи моликият ба моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Шакли моликият | Шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ |
|---|---|
| Моликияти давлатӣ | 1.Системаи шартномавӣ:<br>-шартномаҳо оид ба хизматрасонӣ ва корҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятдошта, инчунин таҳвили маҳсулот ва маводи гуногун;<br>-қарордодҳо оид ба хизматрасонии техникӣ;<br>-шартномаҳои идоракунӣ;<br>-шартномаҳои иҷора (лизинг). |

[66] Шевёлкина К.А. Финансирование транспортной инфраструктуры на основе государственно-частного партнерства [Текст]: автореферат к.э.н. / К.А. Шевёлкина. - Москва, 2015.- С.15-16.

[67] Практическое руководство по вопросам эффективного управления в сфере государственно – частного партнерства//Европейская экономическая комиссия ООН – Нью-Йорк. Женева: Организация Объединенных Наций.-2008. - № 08 П.Е.1.

**Идомаи ҷадвали 4.4.**

| Шакли моликият | Шакли шарикии давлат ва бахши хусусӣ |
|---|---|
| | 2. Шартномаҳои консессионӣ ва шаклҳои ба онҳо алоқаманд:<br>-шартномаи тақсими маҳсулот;<br>-шартномаи сармоягузорӣ;<br>-консессияҳо.<br>3. Дигар намудҳо вобаста ба дараҷаи ширкати давлат, шаклҳои ташкилӣ ва ғ. |
| Моликияти хусусӣ | -иштироки саҳҳомӣ ё ҳиссавии соҳибкорӣ ва давлат дар лоиҳаҳои муштараки консессионӣ |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Баръакси шартномаҳои анъанавии пудратӣ оид ба сохтмон ва нигоҳдории иншооти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, қисман роҳҳои автомбилгард, шартномаҳои давраи ҳаётӣ имкон медиҳанд, ки сифати иншооти бунёдшаванда самараноктар идора карда шаванд. «Ин чунон таъмин мегардад, ки ҳаҷми подош барои шарикии хусусӣ – сармоягузораз ҳаҷми кори иҷрошуда вобаста аст.Иштирокчии давлатӣ ба шарики хусусӣ танҳо аз лаҳзаи ба истифода додани объект (ба истиснои татбиқи созишномаҳои сармоягузорӣ дар марҳилаи пешазлоиҳавӣ дар ҳолати татбиқи мусбат), ки шарики хусусиро барои сохтани объект дар муддати кӯтоҳтар ҳавасманд мегардонад. Ҳамзамон, шарики хусусӣ барои беҳтар кардани сифати лоиҳакашӣ ва сохтмон ҳавасманд аст».

Ҳамин тавр, масъулият ва манфиатдорӣ ба самаранокии натиҷаҳои фаъолият дар ҳамаи марҳилаҳои ҳаёти объекти шарикӣ ба зиммаи як шахс – пудратчӣ аз рӯйи шартномаи дарозмуддати комплексӣ нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, схемаҳои шартномаи давраи ҳаётӣ ба давлат имкон медиҳад, ки арзиши иншоот ва хизматрасонии онро ба таври назаррас коҳиш диҳад, муҳлати бунёд ва ба истифода додани иншооти инфрасохтори нақлиётиро кам карда,барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани инфрасохтор халос шавад.

## 4.2. Такмилидиҳии ташкили шарикии давлатӣ-хусусӣ дар фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Мафҳуми шарикияти давлатӣ-хусусӣ бештар ҳамчун шартномаи ҳамкориҳои мутақобила судманди давлат бо бахши хусусӣ бо мақсади ҷалби сармояи хусусӣ ва захираҳои кадрии ҷомеаи соҳибкорон барои ҳалли мсъалаҳои муҳими ҷамъиятӣ бо истифода аз моликияти давлатӣ (мунисипалӣ) ва бахши хусусӣ ба объекти хоҷагидории ҳамҷоя таъсисдодашуда мебошад. Шакли ҳуқуқии он – мувофиқ ба шартномаи гражданию ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин гуна ҳамкориҳо шарикияти давлатӣ-хусусӣ (ШДХ) номида мешаванд. Имрӯз фаъолияти созанда дар реҷаи шарикияти давлаӣ-хусусӣ дар ҳақиқат яке аз шакли муҳими муносибатҳои бозорӣ ва фаъолияти идоракунӣ мебошад, ки ҳамчун абзори судманди ҷалби воситаҳои ғайрибуҷавӣ барои инкишофи инфрасохтори ҷамъиятӣ истифода бурда мешавад. Ҷалби сармояи хусусӣ ба соҳаҳое, ки маблағҳои давлатӣ маҳдуд ҳастанд ва ба даст овардани фоида дар мавриди хатари камтарин таъсири қонунии молиявӣ ва сиёсию ташкилӣ ба идораи давлатӣ аз тарафи ширкатҳои хусусии калон ба амал меоянд. Ин созишнома, ки дар доираи он бахши хусусӣ дороиҳо ва хизматрасониҳои инфрасохториашро пешниҳод мекунад, ки аслан онҳо аз тарафи давлат таъмин карда мешуданд. Ҳамин тавр, объекти ШДХ моликияти давлатӣ ва воситаҳои буҷетӣ, дороиҳо ва хадамоти ширкатҳои хусусӣ мебошанд, ки дар доираи манфиат ва назорати давлат қарор мегиранд.

Бояд гуфт, ки дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон ҳамасола лоиҳаҳои зиёди давлатӣ дар заминаи ШДХ ба иҷро расонида мешаванд. Масалан, тибқи маълумотҳои хадамоти байналмилалии молиявии Лондон дар асоси ШДХ дар накам аз 60 давлат фаъолона лоиҳаҳои ШДХ тадбиқ карда мешаванд. Дар бист соли охир фақат дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо зиёда аз якуним ҳазор лоиҳа бо реҷаи ШДХ тадбиқ карда шудаанд, ки аз се як ҳиссаи онҳо ба соҳаи таҳсилот, ҳар як панҷум – дар соҳаи нақлиёту роҳ дахл доранд.

Муносибати миёни тарафҳои ШДХ хусусияти оммавӣ, баробар, мутақобила судманд дорад. Ана дар ҳамин мазмуни ин гуна шарикият ифода меёбад. Ҳадафи асосии шарикияти давлатӣ-хусусӣ – таъмини судманди талаботҳои манфиати оммавӣ дошта дар асоси истифодаи беҳтари сармояҳои давлатӣ ва хусусӣ бо тақсимоти захираҳои молиявӣ ва қаламрави масъулияти онҳо мебошад. Беҳуда нест, ки дар тақрибаи ҷаҳонӣ ин институт ҳамчун абзори судманди танзим ва идораи давлатӣ дониста мешавад.

Ба сифати субъекти шарикияти давлатӣ-хусусӣ доираи васеъи сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ, шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ, намояндагони бизнеси ватанӣ ва хориҷӣ иштирок менамоянд. Ба ин қатор мақомоти давлатӣ дар шахси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молия, Вазорати нақлиёт, Вазорати энергетика ва захираҳои об, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати мудофиа, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф ва илм ва дигар мақомоти ҳокимияти иҷроияи кишвар, мансабдорони сатҳи олии субъектҳои кишвар ва дигарҳо дохил мешаванд.

Воситаҳои таъсиррасонии идора ба муносибатҳои шарикияти давлатӣ-хусусӣ – абзорҳои ҳуқуқӣ; институтҳои ташкилӣ – ҳокимиятӣ; ба қоидаи маъмурӣ даровардан, назоратҳои молиявӣ ва прокурорӣ; оияндабинии молиявӣ-иқтисодӣ, лоиҳабандӣ, банақшагирӣ, танзими буҷетӣ ва андозӣ дохил мешаванд.

Ҳадафи ШДХ – таъмини манфиатҳои мутақобила судманди давлатӣ ва хусусӣ тавассути таъмини фоиданокии баланди хароҷотҳои давлатӣ (маблағгузории давлатӣ, маблағгузории супоришҳои давлатӣ, кӯмакҳои буҷетӣ, имтиёзҳои андозӣ ва маъмурӣ, ӯҳдадории қарзҳои давлатӣ), аз ҳисоби тадбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, инноватсионӣ, муносибгардонии хатарҳо ва масъулиятҳо мебошанд.

Ҳамин тавр, ШДХ – ин механизми ҳозиразамони инвеститсионии тадбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар асоси дарозмуддат бо иштироки сармояи давлатӣ (мунисипалӣ) ва хусусӣ, ки дар он бизнес на танҳо дар маблағгузории лоиҳарезӣ, сохтмони объекти инфрасохтор, балки дар марҳилаи оияндаи

истифодабарӣ ва хизматрасонии техникии он, ба нафъи давлат бо мақсади ба даст овардани фоида, иштирок менамоянд.

Муҳлати шартномаи ШДХ, мувофиқатномаи консессионӣ ё дигар намуди шартнома вобаста ба муҳлати хароҷотбарории объект, талаботҳои давлат ба молу хадамоти таъминкунандаи шарики хусусӣ ва давраи ҳаёти хизматрасонии объекти сохтмон муайян карда мешавад.

Дар арзёбии лоиҳаҳои ШДХ аз се меъёри баҳодиҳӣ истифода мебаранд: нархи ниҳоии лоиҳа; муносиб (оптималӣ) будани дастгирии давлатӣ (маблағгузории буҷетӣ, қарздиҳии буҷетӣ, пешниҳоди имтиёз, сабукиҳо ва ғ.); қобилияти шарик нисбати саривақт ва босифат иқро карда тавонистаи лоиҳа.

Маҳсусан дар соҳаҳои зерин шарикии давлатӣ-хусусӣ бештар фоиданок аст:

- энергетика- сохтмони объектҳои истеҳсолӣ, додан ва тақсим кардани энергияи барқӣ, сохтмони қубурҳои газгузар ва шабакаҳои гармидиҳӣ, объектҳои рушаноии беруна ва объектҳои комплекси энергетикӣ;
- нақлиёт – сохтмони нақлиётии автомобилӣ ва роҳи оҳан, сохтмон, нигоҳдорӣ, инкишоф ва истифодабарии портҳо ва аэродромҳо якҷоя бо инфрасохтори истеҳсолӣ ва муҳандисиашон;
- комплекси ҳарбӣ саноатӣ – сохтани корхонаҳои нав, таҷдид ва азнав таҷҳизонидани корхонаҳои саноати мудофиа, сохтани қисмҳои мхсуси инфрасохторӣ;
- соҳаҳои комплекси аграрӣ-саноатӣ;
- инфрасохтори иҷтимоӣ- тандурустӣ, таҳсилот, объектҳои фарҳанг, туризм ва истироҳат, маблағгузории иншоотҳои варзишӣ ва ғ.
- хоҷагии манзилию коммуналӣ – сохтмони объектҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ, пойгоҳҳои бойлерӣ, заводи коркарди партовҳои маишӣ, ободонии майдонҳои истироҳатӣ; сохтмони дигар объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ;
- истифодаи табиат ва ҳимояи муҳити зист;
- коркарди партовҳо.

Давлат ба воситаи шарикияти давлатӣ-хусусӣ, бо истифода аз афзалияти дастаи назоратии саҳмия ва банақшагирии стратегии индикативӣ рушди динамикии истеҳсолоти баландтехнологӣ инкишофи кишварро ба самти рушди устувор ҳидоят мекунад.

Бояд гуфт, ки мутахассисони Австралия ҳисоб карданд, ки аз лоиҳаи дар заминаи ШДХ амалигардида ба ҳаҷми 4,9 млрд.долл. ихтисори арзиши сметавии лоиҳа 58 млн.долл. ташкил додааст, ҳол он ки дар ҳамин гуна лоиҳаи ба тарзи анъанавӣ амалишуда ҳароҷоти барзиёди он 673 млн.долл. ташкил намудаанд. Ғайр аз ин мӯҳлати иҷрои лоиҳа тавасути ШДХ ба 4% камтар буда, дар тарзи анъанавӣ мӯҳлати иҷрои лоиҳа ба 23,5 % дартар ба анҷом расидааст. Ҳамаи ин шаҳодат аз он медиҳанд, ки шарикии давлатӣ-хусусӣ самти судманди ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар идораи давлатии иқтисод мебошад

Бояд қайд кард, ки системаи ташкили истеҳсоли кор нисбати нигоҳдорӣ ва истифодаи роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби воситаҳои давлат бо роҳи ҳамасола ҷудо кардани маблағ аз буҷаи давлат мебошад. Дар низоми мавҷуда ҳамаи даромдҳо (аз ҷумла аз андозҳо, бо ҳисоби андози истфодабарии роҳҳо) аз буҷети давлат ворид мешавад, пас аз он тақсимоти маблағҳо аз тарафи ҳукумат ба афзалиятҳои асосӣ ва маҳдудиятҳои буҷетӣ дар нигоҳдории роҳҳои автомоилгард, оғоз мешавад. Дар ин маънӣ роҳҳои автомобилгард ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ баромад мекунанд ва маблағгузории он аз ҳисоби буҷаи умумии даромадҳо, бе ба ҳисоб гирифтани даромадҳо аз андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меояд.

Системаи мавҷудаи маблағгузорӣ аз давраи Иттиҳоди Шӯравӣ, ба истисснои солҳои 1992 -1999, ки аз ҳисоби Фонди роҳ- 2% аз арзиши маҳсулоти истеҳсолшаванда, ба амал меомад. Баъдтар ин маблағ 3% аз буҷети умумӣ гирифта мешуд. Воситаҳо аз сарчашмаҳои беруна асосан барои сохтмон истифода бурда мешуданд. Дар амал фақат нисфи маблағҳои фонди роҳ ба таҷдид ва нигоҳдории роҳ истифода бурда мешуданд. Қисми дигари он ба сохтмони роҳ ва иншооти роҳ равона карда мешуданд. Дар натиҷа хароҷоти

сохтмони роҳи нав, нигоҳдорӣ ва таҷдии роҳҳои мавҷуда, нисбат ба андозаи зарурии он камтар ҷудо карда мешуданд. Дар январи соли 2000 ҳукумат фонди роҳро, ки сохтори Вазорати нақлиёт ташкил карда буд, барҳам дод. Даромад аз андозҳои истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ба буҷети давлат ворид карда шуданд. Бояд гуфт, ки фонди роҳ бо дархости Фонди байналмилалии асъор бо мақсади созмон додани буҷаи ягонаи давлат, барҳам дода шуданд.

Алҳол, андозҳо ва пардохтҳои вобаста ба истифодабарии роҳҳои автомобилгард ба хазинаи давлат, таҳти ваколати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, равона карда шуданд. Ҳамин тавр, фонди махсуси роҳ барои маблағгузорӣ намудани нигоҳдории роҳҳои автомобилгард вуҷуд надоранд.

Аз соли 2016 сар карда Бонки ҷаҳонӣ талаб дорад, ки андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз байн бардошта шаванд, вале ҳукумат барои ин ҳоло тайёр нест.

Буҷет ва хароҷоти воқеъӣ дар нақлиёт ва иртиботот дар ҷадвали 4.5. оварда шудаанд, ки асосан ба нигоҳдорӣ ва истифодабарии роҳҳои автомобилгарди системаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда мешаванд.

**Ҷадвали 4.5- Буҷет ва хароҷотҳои воқеии нақлиёт ва коммуникатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2021***

| Солҳо | Буҷети тасдиқшуда млн.сомони | Иҷрои амалӣ, млн.сомони | Иҷрои амалӣ нисбат ба ММД, % | Хароҷоти нақлиёт ва коммуникатсия % аз буҷаи давлат |
|---|---|---|---|---|
| **2000** | 20803,6 | 19903,9 | 1,1 | 7,6 |
| **2005** | 83479,2 | 78821,2 | 1,1 | 5,6 |
| **2010** | 114418,5 | 109605,9 | 0,4 | 1,6 |
| **2015** | 1030569,1 | 986975,5 | 2,0 | 6,0 |
| **2021** | 1131,2 | 1025,7 | 1,2 | 4,1 |

***Сарчашма**: Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Солҳои 2001 - 2022.

Маълумотҳои ҷадвали 4.5. аз он шаҳодат медиҳанд, ки иҷрои амалии буҷет нисбат ба тасдиқшудаи он падидиаи манфӣ буда, норасоии маблағҳои буҷетӣ ҳамасола мушоҳида карда мешаванд. Иҷрои амалии маблағгузории буҷетӣ дар соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия вобаста аз ММД кишвар дар ҳудуди аз 0,4 то 2,0% қарор гирифтааст. Вобастагии хароҷотҳои нақлиёт ва коммуникатсия аз даромади буҷети давлат аз 1,6 то 7,6% ташкил намуданд.

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳанд, ки норасоии назарраси захираҳои инвестисионӣ, ки ба рушди нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда мешаванд, ки дар онҳо ҳиссаи инвеститсия барои роҳҳои автомоиблгард хеле зиёд мебошад.

Бояд гуфт, ки барои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ зербарномаи "Рушди шабакаи роҳҳои автомобилгард" таҳия шудааст, ки ҳадафаш паст кардани ҳароҷоти нақлиётии истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, баланд кардани бехатарии комплексӣ дар соҳаи хоҷагии роҳҳо мебошанд.

Натиҷаҳои интизориро зиёд шудани ҳиссаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умуми ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки дар тобеияти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба талаботҳои меъёрӣ ба нишондиҳандаҳои нақлиётӣ-истифодабарӣ қарор доранд, муайян мекунанад.

Бояд қайд кард, ки қисми зиёди хароҷотҳои давлатӣ барои амалӣ сохтани барномаи ҳадафноки давлатии "Инвеститсия барои рушди роҳҳои автомобилгард" (2015-2025) ба андозаи 803,9 млн.долл. ИМА, аз онҳо 545,5 млн.долл. ИМА барои таҷдиди роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 258,3 млн.долл. ИМА барои таҷдиди роҳҳои автомобилгарди коридорҳои байналмилалӣ равона карда мешаванд. Ғайр аз ин барои татбиқи "Барномаи инвеститсия барои таҷдиди пулҳо то соли 2025" равона кардани инвеститсия дар се марҳила пешбинӣ карда шуданд: дар марҳилаи якум дар марҳилаи кӯтоҳмудат пешбинӣ мешавад, ки шоҳроҳои байналмилалӣ таҷдид карда, қариб 166 пул бо ҳаҷми 4854 метри мураба, ба андозаи 808,8 ҳазор долл. ИМА маблағ ҷудо карда шаванд. Дар марҳилаи миёнамӯҳлат пешбинӣ мешавад, ки 173 пул ба маблағи 6550, 0 ҳазор долл.ИМА таҷдид карда шаванд. Ва дар марҳилаи дарозмуддат 237 пул ба

маблағи 20127,8 ҳазор долл. ИМА бояд корҳои таҷдиду сохтмон ба анҷом расонида шаванд.

Муқаррар карда шудааст, ки нигоҳдории инфрасохтори нақлиётӣ, аз ҷумла, инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар кишвар бо хароҷотҳои баланд, ки ба дӯши мақомоти идораи давлатӣ ва муниспалӣ гузошта шудаанд, амалӣ карда мешаванд. Дар дурнамои миёнамӯҳлат ба лоиҳаҳои сохтмони нав ва таҷдиди объектҳои инфрасохтори автомобилии аллакай вуҷуддошта афзалияти бештар дода мешаванд, ки аз имконияти буҷети давлатӣ ва мунисипалӣ бештар ҳастанд. Аз ин хотир, амалӣ сохтани лоиҳаҳои таҳияшуда ҷалби сарчашмаҳои гуногуни ғайрибуҷетии маблағгузориро, махсусан аз ҳисоби иштироки бахши хусусӣ тақозо менамоянд. Ҳамзамон коршиносон арзёбӣ мекунанд, ки камбудии ҳамасолаи инвеститсияҳои хусусӣ дар бахши инфрасохтори нақлиёти автомобилии кишвар якчанд млн.долл. ИМА ташкил мекунанд.

Бояд қайд кард, ки аз хотири хусусиятҳои хоси татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар нақлиёти автомобилӣ нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисод, ҷалби инвеститсия ба нақлиёти автомобилӣ хусусияти хоси инфрасохторӣ доранд; таъмини дастрасӣ, ҳаҷм ва рақобатпазирии хизматрасонии нақлиётӣ; ҳамгироӣ бо фазои нақлиётии ҷаҳонӣ ва истифодаи нерӯи транзитии кишварро ифода мекунанд.

Барномаи давлатии ҳадафноки рушди комплекси нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2025 ҳамчун ҳуҷҷати заминасози муайянкунандаи дурнамои самтҳои модернкунонии системаи нақлиётии кишвар бо мақсади таъмини талаботҳои иноватсионии тамойили иҷтимоӣ доштаи иқтисод ва ҷомеа ба хизматрасонии нақлиётии босифат ва рақобатпазир мебошад. Барои ҳалли мушкилоти модернкунонии системаи нақлиётии кишвар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия ва мавриди истифода қарор дода шуданд, ки дар он татбиқи лоиҳаҳои калонандозаи ҳалли масъалаҳое, ки ба ваколати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ дохил мешаванд, вале алҳол онҳо ҳалл карда гашударо пешбинӣ менамоянд.

Ба ин қабил инҳо дохил мешаванд:

-мавҷудяти фоидаҳои зиёди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки дар нишондиҳандаҳои судоварии тиҷоратӣ фаро гирифта нашуданд. Инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ нақши муҳим дар фаъолияти иқтисод ва мутаҳаррикии аҳолӣ доранд. Ба ҳама маълум аст, ки ҷомеа наметавонад бе системаи роҳҳои автомобилгард (роҳҳо, кӯчаҳо, шоҳроҳҳо ва ғ.) мавҷудият дошта бошад. Аз ин ҷо муҳимияти баланди лоиҳаҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таъсири мусбат ба инкишофи минтақаҳо доранд. Лоиҳаҳои сохтмони инфрасохтор одатан барои таҳияи ҷойҳои кории иловагӣ, омадани истиқоматкунандагои нав ба минтақа, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва нерӯи минтақа дар умум, инчунин метавонад назаррас барои маблағгузорӣ диққатҷалбкунанда тавассути инкишофи соҳибкорӣ дар минтақа гардад;

-маълум аст, ки лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар нақлиёти автомобилӣ сармояғунҷоиши калон бо мӯҳлати калони бозхарии сармоя доранд. Тавре дар боло гуфтем, сохтан ва модернизатсия кунонидани инфрасохтори нақлиётӣ маблағгузории калонро дар ҳамаи марҳилаҳои татбиқи лоиҳа дорад, вале маблағи аз ҳама калон дар марҳилаи аввал сарф карда мешавад;

-татбиқи лоиҳа ба шакли марҳилавӣ мегузарад, барои ҳамин таҳияи дурусти пасиҳам омадани марҳилаҳо дар амал (пешниҳоди хуб коркард карда шуда, интихоби босифати оператор ва назорати баландсифати амалишавии лоиҳа) заминаи мувофақияти лоиҳа мебошанд. Аз ин хотир, барои хуб амалӣ сохтани лоиҳа, марҳилаи аввали он вазни хоси калон дорад. Бешарт, корҳои тайёрӣ, чун қоида, муҳим ва баландарзиш мебошанд;

-хавфҳои (сохтмонӣ ва тиҷоратии) баланд ба даст наовардани даромадҳои пешбинишуда мебошад. Аз хотири он, ки дурнамои даромадҳои лоиҳаи вобаста ба инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳастанд, душвор ва ноустувор ҳастанд (вобаста ба номуайянии калони анбӯҳи нақлиёт), манфиати маблғгузори хусусӣ дар ин гуна лоиҳаҳо ниҳоят маҳдуд ҳастанд;

- қобилияти инкишофи лоиҳа мутобиқ шудан нисбат ба вақт  ба шароити муҳити институтсионалӣ ва иқтисодӣ вобаста мебошанд;

-татбиқи лоиҳа фоидаи мусбати бавосита аз таъсири ин махсусиятҳо ба сарчашмаи шакл ва схемаи маблағгузорӣ доранд. Дар доираи муайян кардани фоидаи мусбати бавосита мо анбӯҳи воситаҳои пулиро ба буҷети ҳама сатҳ бо тақсими он ба шаклҳои зерин дида мебароем: аз нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, аз ҷумла нуқтаҳои хизматрасонии техникӣ, нуқтаҳои хӯроки омма ва супермаркетҳои назди роҳ, меҳмонхонаҳои назди роҳ, марказҳои савдо, иншооти саноатӣ-анборӣ, катеджҳои нуқтаҳои аҳолинишин, овезаҳои рекломӣ тақсим мекунанд.

Давлат аз ба иҷора додани қитъаи замини назди роҳ барои сохтмони мағоза ва анборҳо, инчунин аз фурӯши замин барои сохтани нуқтаи аҳолинишин иҷорапулӣ мегирад.

Ҳамин тавр, ҳамаи ин хусусиятҳои хоси соҳа дар мавриди интихоби сарчашмаи ташаккул ва муайян кардани механизмҳо ва тарзҳои таъминоти молиявии рушди инфрасохтори системаи нақлиёти автомобилӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Омӯхтани хусусиятҳои хоси механизми инстиути шарикии давлатӣ-хусусӣ бештар ба ҳамаи ин хусусиятҳо ҷавобгӯ мебошад. Таҷрибаи амалӣ сохтани лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар хориҷа ва дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз шарикии давлатӣ-хусусӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи механизмҳои ШДХ дар маблағгузории рушди инфрасохтори коридорҳои байналмилалии нақлиёти автомобилӣ имконпазир аст.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бо мақсади тасвир ва интихоби методи ШДХ аз матритсаи таносуби “нарх-сифат” (ТНС) васеъ истифода мебаранд. Нишондиҳандаи “нарх-сифат” ин нисбати хароҷоти лоиҳа ва сифати амалӣ сохтани он (дараҷаи мувофиқат кардани натиҷаҳои лоиҳа ба ҳадафҳои гузошташудаи амалисозии он) дар ҳамаи марҳилаҳои ташаккули он мебошад.

Ҳадафи асосии гузаронидани ТНС  таъмини фоиданокии интихоби методи амалисозии лоиҳа: тавассути ШДХ ё бо истифода аз усулҳои анъанавӣ – шартномаи харидҳои давлатӣ, мебошад. Татбиқи лоиҳа тавассути ШДХ фақат дар ҳамон маврид қобили қабул аст, ки агар дараҷаи оптималии таносуби нарх

ва сифат ба даст оварда шаванд. Натиҷа арзёбии таносуби нарх ва сифат имконият медиҳад фаҳмиш дар бораи мувофиқи мақсад будани татбиқи лоиҳа ба воситаи ШДХ ба вуҷуд ояд ва дар охир хулосаҳои зерин баён карда шаванд:

-дар бораи шакли беҳтар мувофиқояндаи ШДХ;

-дар бораи ҳаҷми оптималии корҳое, ки ба шарики хусусӣ дода мешаванд;

-дар бораи парметрҳое, ки бояд барои муқаррар кардани натиҷаи зарурии кор истифода бурда шаванд;

-дар бораи дархости аз ҳама бештар диққатҷалбкунандаи шарики хусусӣ.

Арзёбии имконияти ба даст овардани сифати баландтарини хизматрасонӣ дар мавриди хароҷотҳои камтарин – ҷузъи калидӣ дар ҷараёни гузаронизани таҳлил аз ҷониби мақомоти давлатӣ лоиҳаҳои имконпазири ШДХ мебошад. Ба даст овардани таносуби беҳтари нарх ва сифат дар лоиҳаҳои ШДХ тавассути ҷалб намудани бахши хусусӣ бо фоиданокӣ ва сарфанокии махсуси бизнес-амалиётҳо, инчунин тавассути тақсимоти хавфҳои мувофиқи лоиҳавӣ амалӣ карда мешаванд. Таҳлили ТНС як қатор хусусиятҳоро доро мебошад: фарзияти заминавӣ мавҷудияти имкониятҳои потенсиалии татбиқи лоиҳа аз ҳисоби сарчашмаҳои молиявии давлатӣ мебошад. Методологияи арзёбии нишондиҳандаи ТНС ду намуди асосии таҳлилро дар бар мегирад: миқдорӣ ва сифатӣ. Таҳлили миқдорӣ ҳами омилҳоеро дар бар мегиранд, ки метавонанд дар ифодаи пулӣ чен карда шаванд.

Компонентҳои асосии таҳлили миқдорӣ ин муқоиса намудани ШДХ-лоиҳаҳо бо сенарияи гипотетикӣ мебошанд, ки мувофиқи он лоиҳа тавассути харидҳои давлатӣ амалӣ карда мешаванд. Барои арзёбии хароҷот давлат сатҳи интизории хароҷотро аз амалӣ сохтани лоиҳаро тавассути харидҳои давлатӣ муайян мекунад. Таҳлили сифати ТНС лоиҳа омилҳоеро ба инобат мегирад, ки баҳо додани онҳо миқдоран имконпазир нестанд, аз ин хотир, ба доираи мешавад. Дар ин маврид, агар хароҷот дар сенарияи харидҳои давлатӣ камтар бошанд, метавон хулоса кард, ки усули оптималии сохторбандии шартнома дар бораи ШДХ ва тақсими хавфҳо дар миёни тарфҳои шартнома вуҷуд доранд.

Қимати микдории нишондиҳандаи ТНС бо ифодаи мутлақ муайян карда мешавад (ҳамчун фарқи миёни хароҷот дар мавриди истифодаи механизми харидҳои давлатӣ ва хароҷотҳои интизории ШДХ) ё нисбӣ (ҳамчун таносуби қиматҳои мутлқи нишондиҳандаи ТНС ва андозаи хароҷот дар мавриди истифодаи усули харидҳои давлатӣ) муайян карда мешаванд.

Дар мавриди муайян кардани харҷҳои интизорӣ барои амалӣ сохтани лоиҳа тавассути харидҳои давлатӣ хароҷотҳои тавассути хавф ислоҳ карда шуда дар мавриди аз тарфи давлат иҷрои шудани функсияи маблағгузорӣ, сохтмон ва идораи лоиҳа, баҳо дода мешаванд. Хароҷотҳои интизорӣ дар мавриди харидҳои давлатӣ ба сифати замина ҳисоб карда шуад, нисбат бо он лоиҳаҳои имконпазири ШДХ муқоиса карда мешаванд.

Ҷузъҳои алоҳидаи хароҷотҳои амалӣ сохтани лоиҳа тавассути харидҳои давлатӣ аз инҳо иборат ҳастанд:

а) хароҷотҳои заминавӣ. Ба ин қабил хароотҳои зерин дохил карда мешаванд: хароҷотҳои капиталӣ ба объекти сохташаванда, хароҷотҳои оператсионӣ дар давраи фаъолияти объект, идоракуни хароҷотҳо ва мукофотпулиҳо. Дар бештар маврид хароҷотҳои заминавӣ дар доираи харидҳои давлатӣ ва ШДХ бояд ба ҳам мувофиқат кунанд. Дар ин маврид ба дархости нархии шарики хусусӣ мукофотпулиӣ, ки ҷуброни хавф мебошад ба шарики хусусӣ дар доираи созишнома дар бораи ШДХ  дода мешавад;

б) маблағгузорӣ. Давлати имконияти ҷалби захираҳои молиявиро барои ҳар як лоиҳаи алоҳида надорад. Дар ин ҳол, вобаста ба зарурати харҷи захираҳои молиявӣ дар марҳилаи нисбатан пештар дар қиёс бо методи ШДХ, барои давлат арзиши алтернативии захираҳои молиявӣ ба вуҷуд меояд;

в) хароҷотҳои иловагӣ. Дар мавриди амалӣ сохтани лоиҳаҳои бузург хароҷоти зиёди вобаста ба идоракунӣ ва амалисозии лоиҳа ба вуҷуд меоянд. Андозаи онҳо метавонад вобаста аз усусли татбиқшавиашон пасту баланд шаванд.

г) бетарафии рақобатӣ. Хароҷоти заминавӣ дар чорчубаи сенарияи амалисозии ШДХ ба худ як қатор пардохтҳои андозӣ ва мукофоти

суғуртакунониро дар бар мегиранд. Хароҷоти мувофиқ дар амсилаи харидҳои далатӣ вуҷуд надорад, чунки дар бештар ҳолат тарафи давлатӣ пардохткунандаи андозҳо нестанд ва дар ҳолатҳои муайян зарарҳоро аз ҳисоби захораҳои молиявии давлатӣ (худ суғуртакунӣ) пардохта мешаванд.

Ҳамин тавр, даровардани ислоҳ ба бетарафии рақобатӣ (илова кардани хароҷот аз ҳисоби арзиши харидҳои давлатӣ) барои бартараф кардани таъсири ин хароҷотҳо дар мавриди амалӣ сохтани лоиҳа ба воситаи ШДХ зарур аст. Дар ин ислоҳкунӣ норасоиҳои имконпазири амалисозии лоиҳа аз тарафи шарики давлатӣ (масалан,сахт шудани талобот ба ҳисоботдиҳӣ, мавҷудияти тартиботи бюрократӣ) ба ҳисоб гирифта мешаванд;

д) хавфе, кишарики давлатӣ нигоҳ медорад. Барои саҳеҳияти арзёбӣ ва қиёси хароҷотҳои умумии давлат дар мавриди усулҳои гуногуни татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ бояд хавфҳо дар ифодаи миқдорӣ шиносоӣ кунонида, миқдоран муайян карда шаванд, ки пӯшонидани онҳоро шарики тарафи давлат ба зимма мегирад. Давлат аз механизми ШДХ истифода бурда қисми зиёди хавфҳоро ба шарики хусусӣ бар ивази мукофот ба хароҷотҳои заминавӣ мегузаронад.

Ба омилҳое, ки ба даст овардани қимати баланди нишондиҳандаи ТНС-ро таъмин менмоянд, аз инҳо иборат мебошанд:

а) тақсимоти оптималии хавф дар миёни тарафҳо-иштирокчиҳои лоиҳа. Пешбинӣ мешавад, ки дар мавриди тақсимоти оптималӣ жар як хавф ба ҳамон шарик дода мешавад, ки метавонад идораи фоиданокии ин хатарҳоро таъмин мекунанд;

б) дида баромадани хароҷот дар муддати тамоми давраи истифодабарии объект;

в) банақшагирӣ ва таҳияи хадамоти ҳамсафар, агар натиҷаи арзёбии пешакӣ мавҷудияти имконияти ба даст овардан аз ҳисоби қиматҳои нисбатан баланди нишондиҳандаҳо ТНС-ро тасдиқ мекунанд;

г) тартиб додани шарики давлатӣ таснифоти ҳаматарафаи натиҷаи корҳо;

д) ҷараёни сифатии татбиқи гузаронидани хавфҳо бо таъмини шароити зарурӣ бари пӯшонидани хароҷот аз ҳамон тарафе, ки хавфро ба дӯши худ дар чорчӯбаи созишномаи шарики давлатӣ-хусусӣ гирифтааст;

е) имконияти мутобиқшавӣ ба тағйиротҳои таснифоти ибтидоии натиҷаҳои лоиҳа дар тӯли таоми мӯҳлати татбиқ бо дастгирии ТНС дар сатҳи қобили қабул;

ж) таъмини системи ҳавасмандкунӣ ва ҷаримаҳо дар созишнома дар бораи ШДХ барои амалисозии саривақтӣ ва босифати лоиҳа бо назардошти муқаррароти таснифоти натиҷаи корҳо;

з) бастани созишнома дар бораи ШДХ бо назардошти марҳилаи вақт, мувофиқи он, ки ҷониби давлат метавонад талаботҳоро ба натиҷаи корҳо муайян кунад;

и) мавҷуд будани таҷрибаи зарурии татбиқи ҳамин гуна лоиҳаҳо ҳам дар шарики давлатӣ ва ҳам шарики хусусӣ;

к) назорати хароҷот барои тайёркунӣ ва татбиқи лоиҳа[1].

Дар умум метавонем хулоса кунем, ки маблағгузории лоиҳа дар асоси шарикии давлатӣ-хусусӣ мусоидат мекунад ба:

-васеъ сохтани погоҳи молиявӣ барои сафарбар намудани захираҳои бахши хусусӣ ба доираи ҳалли масъалаҳои давлат;

- мӯҳлати дарози мувофиқантнома дар бораи шарикӣ;

- ташаккули шакли омехтаи таъминоти захиравӣ;

-ташаккули як қатор марҳилаҳои паиҳами механизми маблағгузорӣ: марҳилаи ибтидоӣ - таҳияи лоиҳа; марҳилаи инвестисионӣ – ҷалби сармоя аз сарчашмаҳои гуногун; марҳилаи баҳрабардорӣ – истифодабарӣ ва идоракунӣ;

- объектҳо дар доираи лоиҳа, тавассути шартномаҳои дарозмуддати басташуда ва фоидаи ҳамаи иштирокчиён, ки мувофиқи ҳадафашон гирифта шудаанд сохташуда мебошад; марҳилаи ҷамъбастӣ – гузариши объекти инвеститсия пас аз гузаштани мӯҳлати шартнома ба моликияти хусусӣ ё моликияти давлатӣ;

-ташаккули тарзи нави маблағгузорӣ бо мақсади рушди инфрасохтори рӯизаминии барои рушди босуръати иқтисодӣ;

-тақсимоти ратсионалии масъулият дар миёни давлат ва шарики хусусӣ дар ҳама марҳилаи лоиҳа, тақсими хавфҳо миёни иштирокчиёни созишнома.

Дар мувофиқа бо барномаҳои дарозмуддати барои ҷомеа муҳими инвеститсионӣ дар давраи солҳои 2010 – 2020, истифодабарии механизмҳои ШДХ пешбинӣ карда шудаанд, ки имконият медиҳанд масъалаҳои афзалиятноки баланд бардоштани потенсиали транзитии инфрасохтори рӯизаминии нақлиёти автомобтлиро дар мавриди истифодаи оптималии хароҷоти буҷети давлатӣ ва таъмини сифати дилхоҳи объектҳои сохташаванда ва истифодабарии судманди онҳо ҳалл карда шаванд.

Бояд гуфт, ки дар доираи амлисозии мехнизми ШДХ дар замони муосир лоиҳаҳои вобаста ба сохтмони инфрасохтори коридорҳои нақлиёти автомобилӣ амалӣ карда мешаванд. Назария ва амалияи татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ нишон доданд, ки дар инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ истифодабарии як қатор мехнизмаҳое, ки тавсифашон дар боло оварда шуда буданд, имконпзир ҳастанд. Яке аз механизмҳои истифодабарии шарикии давлатию хусусӣ истифода бурдани аутсорсинг дар истифодабарии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти инфрасохтори нақлиёт имрӯз бо мушкилоти зиёд – воситаҳои техникии кухнашуда, рушди соҳибкории хусусӣ, афзоиши рақобат дар бозори хизматрасонии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, нокифоя будани ҳаҷми дотатсия ва субсидияҳои буҷети давлатӣ алоқаманд аст. Ин проблемаҳо ба паст шудани натиҷаҳои иқтисодии кори инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мусоидат мекунанд.

Барои зинда мондани ташкилоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар шароити квазибозорӣ тавсия дода мешавад, ки стратегияи аутсорсинги логистикӣ истифода шавад[68].

---

[68] Ходжаев П.Д. Инновационное развитие рынка услуг пассажирского автомобильного транспорта: состояние, проблемы и перспективы [Текст] / П.Д. Ходжаев. – Душанбе: «Ирфон», 2016. - С.164-172.

Аутсорсинг дар тарҷума аз забони англисӣ маънои «дар тараф» ё «ҷалби захираҳои беруна»-ро дорад.

Бисёре аз муҳаққиқон се шакли аутсорсингро фарқ мекунанд: хизматрасонии сервис-бюро, идоракунии насб ва идоракунии таъминоти барномавӣ. Дар ҳолати аввал, маълумоти харидор дар воситаи барномавӣ-дастгоҳии таъминкунанда коркард мешавад. Дар дуюм, кормандони таъминкунанда коркарди маълумоти харидорро бо истифода аз таҷҳизот ва воситаҳои барномавии он идора мекунанд. Дар сеюм, таъминкунанда маълумоти харидорро дар воситаҳои дастгоҳии худ бо истифода аз таъминоти барномавӣ коркард менамояд».

Аксари иқтисодчиҳо бар ин назаранд, ки «аутсорсинг дар робита ба рушди системаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ паҳн шудааст ва онҳо оғози «давраи аутсорсинг»-ро ба солҳои 60-уми асри XX., санаи таъсиси Electronic Data System Corporation (EDS) нисбат медиҳанд. Дар асоси шартномаҳои аутсорсингӣ бо EDS-ҳои бузург иҷрои вазифаҳои муайянро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, харид ва таъминот, хизматрасонӣ, молия ва таъмини кадрҳо ба уҳда мегирад».

Ба муқаррароти классикии аутсорсинг таалluқ доранд[69]:

-«аутсорсинг стратегияи идоракунии корхона мебошад, ки барои додани идоракунии аз ҷиҳати функсионалӣ зарур, вале на самтҳои асосии фаъолият ба корхонаҳое, ки ба ин намуди фаъолият махсус гардонида шудаанд, равона карда шудааст»;

-«истифодаи захираҳои беруна барои амалӣ намудани фаъолият ва истифодаи захираҳои худ».

Баъзе коршиносон аутсорсингро чун маҷмӯи хизматрасониҳо барои ҳалли вазифаҳои автоматонӣ ва иттилоотонии фаъолият ва таъминоти муҳандисии як ширкат, ки аз ҷониби ширкати дигар пешниҳод мешаванд, баррасӣ мекунанд.

[69] Ходжаев П.Д. Инновационное развитие рынка услуг пассажирского автомобильного транспорта: состояние, проблемы и перспективы [Текст] / П.Д. Ходжаев. – Душанбе: «Ирфон», 2016. -С.164-172.

Рушди аутсорсинг дар инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таъсири он ба ташкили селаи нақлиёт зич алоқаманд аст.

Корҳои нигоҳдории роҳҳо (ҷорӣ ва даврӣ) аз ҳисоби буҷети давлатӣ бо ҷалби шахсони сеюм барои иҷрои кор маблағгузорӣ мешавад. Таъмири капиталӣ (ТК)-ро, ки одатан корҳои таҷдидро дар бар мегирад, метавон ҳамчун як шакли нигоҳдории даврӣ аз сабаби шабоҳати кор (он аз «таъмиримобайнӣ» каме фарқ мекунад, ки эквиваленти маҳаллии он нигоҳдории даврӣ мебошад) бо истифода аз шахсони сеюм барои иҷрои кор амалишаванда, вале бидуни гузаронидани тендер, мувофиқи маълумоти идораи сохтмони роҳ (ИСР), ки барои ташкили аутсорсинг дар татбиқи барномаҳои ТК масъул аст, баррасӣ кард.

Шартномаҳои савдои озмунии маҳаллӣ (СОМ) дар Тоҷикистон барои қарордодҳои хурди таҷдид ба маблағи тақрибан 400-600 млн. доллар истифода шудаанд.

Соҳаи бастани шарномаҳо структураи хуб ташкилшударо таҷассум наменамояд. Дар аксар мавридҳо ташкилот таҷрибаи кам доранд ва ба меъёру стандартҳои байналмилалии ҷомеаи сохтмонӣ мувофиқат намекунанд.Ин аён аст, зеро пудратчиёни маҳаллӣ таҷҳизоти куҳнаи бесифат доранд, усулҳои куҳнаро истифода мебаранд, тартиби муқаррар намудаи ҳукуматро риоя карда, дастгирии молиявии кам доранд ва бо шартномаҳои хурд ҷалб мешаванд.Ҳатто иштироки онҳо дар шартномаҳои байналмилалӣ-маблағгузор бо истифода аз таҷҳизот ва кормандон маҳдуд аст.

Лоиҳаҳои аз ҷониби байналмилалӣ маблағгузоришаванда бо интихоби пудратчиёни мувофиқ дар ин раванд ва пешниҳоди онҳо бо сармоягузориҳои кӯтоҳмуддат, ҳарчанд кифоя нест, ба пудратчиён барои ташкили тиҷорати худ, эътимоди бештарро дар бастани шартнома таъмин мекунанд.Лоиҳаи дарозмуддат (тақрибан 10 сол, бисёрмарҳила, бо раванди назарраси татбиқ ва аудитҳои беруна) бояд кафолатҳои заруриро таъмин намояд, дар ҳоле ки барномаи маҳаллӣ заминаи мувофиқи моддию техникӣ ва технологӣ, инчунин

татбиқи бенчмаркинг дар идоракунии стратегии бизнес-равандҳои инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба даст меорад.

Кори тадқиқотӣ чунин мешуморад, ки «тақсимоти мутавозини хавф шарти асосии шарикии давлатӣ-хусусӣ аст ва сохторбандии хавфҳо асоси ташаккули шарикӣ – аутсорсинг мебошад. Маҳдуд кардани хатарҳои лоиҳа тавассути бисёр амалҳои муштарак сурат мегирад, ки асосии онҳо омодасозии заминаи институтсионалӣ, фарогирии хавфҳо, чандирии созишнома ва ғайра мебошанд.

Дар баробари ин, агар сохторбандии таваккал дар шарикии давлат ва бахши хусусӣ бартарӣ дошта бошад, пас рушди он дар ҷанбаи муваққатӣ хусусияти асосии он мебошад. Азбаски ШДХ муддати тӯлонӣ ташаккул ёфтааст, он бояд қобили ҳаёт бошад, омодагӣ барои созишномае лозим аст, ки ба шароит ва вазъиятҳои тағйирёбанда мутобиқ карда шавад»[70].

Фоидаи молиявӣ ба давлат дар давоми тамоми давраи татбиқи лоиҳаи ШДХ ё аутсорсинг баҳо дода мешавад[71]:

-дар марҳилаи интихоби озмунии шарикони хусусӣ: бо роҳи муқоисаи маблағгузории мустақими буҷетӣ, инчунин бо шарти татбиқ дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ё якчанд вариантҳои пешниҳодшудаи муайян намудани беҳтаринҳо);

-дар марҳилаи озмун: бо роҳи муқоисаи пешниҳоди якчанд сармоягузорони эҳтимолӣ барои интихоби оптималӣ;

-пас аз бастани шартнома: дар муқоиса бо баҳодиҳии ибтидоӣ барои ошкор намудани фоидаи воқеӣ дар марҳилаи муайяни татбиқ ислоҳоти зарурӣ дароварда шавад.

Муносибати байни давлат ва бахши хусусӣ бо бартариҳо ва камбудиҳои муайян тавсиф карда мешавад. Ҳамин тариқ, фарқи байни ШДХ ва маблағгузории буҷетӣ дар он аст, ки давлат бо шарики хусусӣ тавассути як

---

[70] Шевёлкина К.А. Финансирование транспортной инфраструктуры на основе государственно-частного партнерства [Текст]: автореферат к.э.н. / К.А. Шевёлкина. – Москва, 2015.- С.15-16.

[71]Ҳамон ҷо. С.17

ширкати махсуси лоиҳавӣ, бидуни ворид шудан ба муносибат бо бисёр ширкатҳо ва фирмаҳо ҳамкорӣ мекунад.

Дар робита ба мушкилоти муосири норасоии захираҳо давлат ҷиҳати тақсими самараноки захираҳои молиявии давлатӣ тадбирҳо меандешад, ки бояд тағйироти сифатии системаи маблағгузории рушди инфрасохтори роҳро ифода намуда, ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба ширкатҳои хусусӣ пешниҳод намояд. Яке аз ин шаклҳои ҳамкорӣ аутсорсинги ширкатҳои хусусӣ ва давлат доир ба сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оид ба истифодаи ШДХ дар соҳаи нақлиёт нишон дод, ки якчанд равишҳо мавҷуданд ва самту ва мақсадҳои имконпазири фаъолияти ШДХ ва навъҳои алоҳидаи онро муайян мекунанд.Дар доираи равиши аввал, ки онро шартан «анъанавӣ» номидан мумкин аст, чунин ақида вуҷуд дорад, ки ШДХ танҳо дар ҳолатҳои моликияти истисноии давлатӣ, яъне дар маҳалҳое, ки хусусигардонии моликият манъ аст, имконпазир аст. Тарафдорони ин равиш аз он бармеоянд, ки агар манъи пайдо кардани молу мулк дар моликияти хусусӣ набошад, беҳтар аст, ки онро бидуни бунёди ягон схемаи мураккаби ҳамкории байни давлат ва соҳибкорӣ хусусӣ карда шавад. Муносибати дуюм, ки онро шартан «мутобиқшаванда» номидан мумкин аст, муайян кардани самтҳои ҳамкории эҳтимолии байни давлат ва сармояи хусусиро дар бар мегирад. Тарафдорони он аз он бармеоянд, ки дар ҳама гуна самтҳои фаъолият имконпазир аст, ки дар он чунин ҳамкорӣ самаранок ва судманд бошад».

Чунин муносибат барои хоҷагии роҳҳои ҷумҳурӣ низ матлуб мебуд. Талаботи рӯзафзуни ҷомеаи ба истеъмол нигаронидашуда, афзоиши автомобилисозӣ – ҳамаи ин рушди кофии инфрасохтори нақлиёт, аз ҷумла шабакаи роҳҳои автомобилгард ва хизматҳои ба он алоқамандро талаб мекунад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони роҳҳои автомобилгарде, ки ба талаботи аҳолӣ ва иқтисодиёти ҷумҳурӣ мувофиқанд, маблағҳои буҷетӣ хеле кам аст. Мушкилоти шадиди маблағгузории нокифоягии

шабакаи роҳҳои миллӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ба қайд гирифта мешавад. Дар натиҷаи бекор кардани маблағгузории мақсадноки соҳаи роҳдорӣ тавассути системаи маблағгузории роҳ маблағгузории буҷетии хоҷагии роҳдорӣ беш аз се баробар кам гардид. Чунин ҳаҷми маблағгузорӣ на танҳо рушди соҳаи роҳро, ки ба рушди иқтисодии муосири хоҷагии роҳдорӣ мувофиқ аст, таъмин карда наметавонад, балки аллакай боиси кам шудани шабакаи роҳҳо мегардад. Ба ин муносибат масъалаи дарёфти манбаъҳои маблағгузорӣ тезу тунд аст. Дар асоси таҷрибаи хориҷӣ маблағҳои сармоягузорони хусусӣ, чӣ миллӣ ва ҳам хориҷиро метавон яке аз сарчашмаҳои воқеӣ номид.

Корҳои дар боло зикршуда нишон медиҳанд, ки масъалаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ асосан аз фоидаи ҳамкорӣ барои сармоягузори хусусӣ муайян карда мешавад: дар ниҳоят, дар сурати мавҷуд набудани маҷбуркунии маъмурӣ сармоягузор имкони интихоби хеле зиёди объектҳои сармоягузорӣ дорад.

Сохтмони инфрасохтори нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба намуди фаъолият ба се категория тақсим мешавад: 1) лоиҳакашӣ; 2) сохтмон ва таҷдид; 3) нигоҳдорӣ (ҳам ҷорӣ ва ҳам даврӣ). Вобаста ба ин, се намуди ташкилот вуҷуд доранд, ки ин фаъолиятро анҷом медиҳанд. Ин ташкилот аз ҷиҳати шакли моликият, ҳаҷми кор, шароити меҳнат, манбаъҳои маблағгузорӣ, таҷҳизоти техникӣ ва штати мутахассисон фарқ мекунанд.

Айни замон сохтмону таҷдиди роҳҳо/пулҳо асосан аз ҷониби пудратчиёни шахсӣ, нигоҳубини роҳҳо бошад, аз ҷониби сектори давлатӣ, қисман Идораи нигоҳдории роҳҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.Хеле пеш аз оғози хусусигардонӣ соли 1993 тамоми бахши нақлиёт (шакли моликият, истифодабарӣ, сохтмон ва нигоҳдории роҳҳо) ба Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дошт. Хусусигардонии сохтмони роҳҳо соли 1995 оғоз ва корхонаҳои давлатӣ ба ҷамъиятҳои саҳомӣ (ҶС) табдил дода шуданд.

Барои зиёд кардани иқтидор ва имкониятҳои пудратчиёни маҳаллӣ маблағгузории муносиб ташкил кардан лозим аст, ки ба талаботи рӯзафзуни

нигоҳдории роҳҳо ҷавобгӯ бошад. Сабабҳои вазъияти душвори ҳозираи нигоҳубини роҳҳо гуногунанд, вале дутои онҳо – нигоҳубини нокифоя ва душвориҳои маъмуриро ҷудо кардан мумкин аст.Дар баробари ин, дар бахши давлатӣ ва хусусӣ норасогии иқтидор ҳис мегардад.

Бо назардошти талабот ва мушкилоти мавҷуда (ё маҳдудиятҳо) пешниҳод мешавад, ки тадриҷан дар бахши давлатӣ тағйирот ворид карда шавад, зеро он бахши хусусӣ ва давлатиро рақобатпазир мегардонад.

Пудратчиёни хусусӣ ва ширкатҳои пудратӣ бояд сабти ном шаванд ва иҷозатнома гиранд. Барои ташкилоти пудратии хориҷӣ, ки дар сохтмони роҳҳо/пулҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд, талабот муқаррар карда шудааст. Бақайдгирӣ ҳатмист. Шартҳои бақайдгирӣ ва додани иҷозатнома барои ташкилоти давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ (ҶСБ) ва ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд (ҶДММ) гуногунанд, вале онҳо инчунин умумияти зиёд доранд.

Мутобиқи қоидаҳои ташкилнамоӣ яке аз чаҳор дараҷаи масъулият таъйин карда мешавад, ки дар ҷадвали 4.6. нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 4.6. – Тақсимоти пудратчиёни иҷозатномадор аз рӯйи шакли ташкил***

| Дараҷаи масъулият | Байналмилалӣ | Давлатӣ | ҶДММ | ҶС | Шаклҳои дигар | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **I** | 2 | - | - | - | - | 2 |
| **II** | 4 | 4 | 30 | 15 | 6 | 59 |
| **III** | - | - | - | 4 | 2 | 6 |
| **IV** | - | - | 3 | 6 | 3 | 12 |
| **МДНРА-ҳо** | - | 57 | - | - | - | 57 |
| **Ҳамагӣ** | 6 | 61 | 33 | 25 | 11 | 136 |

***Сарчашма:** Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт.

Ташкилоте, ки иҷозатномаи дараҷаи 1-уми масъулият дорад, ҳуқуқ дорад пулҳо (зиёда аз 60 м), роҳҳои категорияи 1 ва 2, туннелхо, галлереяҳо ва хати нишасту парвози фурӯдгоҳҳо, майдончаҳои нишасти чархболҳоро созад. Онҳо инчунин метавонанд, майдони сохтмон, тобоварии зиддизилзилаи онҳоро

муфассал тадқиқ намуда, барои мустаҳкам намудани он тадбирҳои техникӣ андешанд.

Ташкилоте, ки иҷозатномаи дараҷаи 2-юми масъулият дорад, ҳуқуқ дорад, ки корҳои нисбатан камаҳамият (нисбат ба корҳои пештара)-ро анҷом диҳанд, роҳҳои аз 1 то 5-ум категория (аз ҷумла роҳҳои кӯҳӣ) ва роҳҳои асосиро созанд.

Ташкилоте, ки иҷозатномаи дараҷаи 3-юми масъулият дорад, ҳуқуқ дорад корҳоеро анҷом диҳад, ки ба дараҷаи I, II, III ва IV масъулият мансуб кардан мумкин нест. Онҳо метавонанд, ки тадқиқи фаврии сохтмонро гузаронида, вазъияти ҳақиқии онҳоро баҳо диҳанд ва дар бораи истифодабарии минбаъдаи онҳо хулоса бароранд.

Ташкилоте, ки иҷозатномаи дараҷаи 4-ум дорад, корҳои дохили хоҷагӣ, сохтмони роҳҳои фаръии то 1 км тӯл кашида, кор дар ҳудуди қитъаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои фермериро иҷро намуда,ҳолати сохтмонҳоро тафтиш карда метавонад. Онҳо конструксия ва иншоотро аз назар гузаронида, рӯйхати нуқсонро барои иҷрои таъмири капиталӣ тартиб медиҳанд.

Мутаассифона, қариб ягон пудратчиёни маҳаллӣ иҷозатномаи дараҷаи 1-уми масъулият надоранд. Аксари пудратчиёни маҳаллӣ (ба истисноии МДНРА-ҳо) иҷозатномаи дараҷаи 2-юми масъулият доранд.

Бояд гуфт, ки аз пудратчиёни маҳаллӣ 35 ададаш ҶС ва 33 ададаш ҶДММ буда, 11 адади дигараш бошад, ҳамчун «дигар» намуд тавсиф мешаванд.

Қайд кардан мумкин аст, ки ягон ташкилоти пудратии ҷумҳурӣ аз ҷиҳати таҷҳизот, кадрҳо, таҷриба ва сертификати сифати корҳои иҷрокарда оид бапулҳои аз 60 м зиёд ва роҳҳои категорияҳои 1 ва 2-юм ба дараҷаи 1-уми уҳдадорӣ мувофиқ нест. Шумораи зиёди ташкилоти пудратӣ, аз ҷумла 55 корхонаро Вазорати нақлиёт ба категорияи 2 дохил кардааст, ки онҳо метавонанд пудратчиёни сохтмони роҳҳои дорои аҳамияти миёна бошанд.

Зиёда аз 74% пудратчиёни хусусӣ ё ҶДММ ё соҳибкори хусусӣ мебошанд. Аксари ин ташкилот аз ҷиҳати иқтидор ва имкониятҳои иҷрои корҳои сохтмонӣ хеле хурд мебошанд.

Аз ин рӯ, дар тӯли муддати тӯлонӣ қонеъ кардани тамоми талаботи нигоҳдорӣ/хизматрасонии роҳ озмоиши душвор аст. Дар сектори ҷамъиятӣ (идораҳои нақлиёти минтақавӣ) барои татбиқи технологияҳои муосир маблағгузорӣ, таҷҳизот, техника, кормандони техникӣ ва навовариҳои техникӣ намерасанд. Нигоҳдорӣ хизматрасонии мустақилонаи роҳҳо (аз тарафи худи идораҳои нақлиётӣ) дар Тоҷикистон душвориҳои зиёде ба миён оварда, ба талабот ҷавоб намедиҳад. Дар саросари ҷаҳон тамоюли додани нигоҳдорӣ/хизматрасонии роҳҳо ба пудратчиёни хусусӣ вуҷуд дорад, зеро пудратчиёни бисёр мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ин корро назар ба худи идораҳо сарфакорона ва самараноктар иҷро менамоянд. Дар баробари ин,бахши хусусии соҳаи сохтмон дар Тоҷикистон акнун инкишоф ёфта истодааст. Дар ин марҳалаи рушд ҳам бахши хусусӣ ва ҳам давлатӣ барои қонеъ кардани талаботи афзоянда иқтидор надоранд.

Бахши хусусии соҳаи сохтмони маҳаллӣ дар Тоҷикистон акнун рушд менамояд. Иқтидори бахши хусусии сохтмони роҳ ба инкишоф ниёз дорад, ки онро давра ба давра пеш бурдан лозим аст. Пеш аз ҳама, барои зиёд кардани иқтидори бахши хусусии саноати роҳсозӣ баъзе тадбирҳо гузаронидан лозим аст. Ин фаъолиятҳои зеринро дар бар мегирад:

-шартномаҳои нигоҳдории роҳҳо, ки ба натиҷаи кор асос гардидааст;

-такмили ихтисоси пудратчиён;

-пас аз тахассуси пудратчиён;

-банақшагирии зерпудратӣ;

-бастабандии шартномаҳо.

Мундариҷаи тадбирҳои пешниҳодшуда бо мақсади ҷалби бахши хусусӣ ба идоракунии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар ҷадвали 4.7. оварда шудааст.

Барои ба даст овардани фоидаи максималӣ аз аутсорсинг, зарур аст пудратчӣ мутахассисоне дошта бошад, ки қодиранд санҷиши объективӣ/аз нав дида баромадани сифати корро анҷом диҳанд. Гузариш аз фаъолияти мустақил

ба аутсорсинг кафолатҳои муайянеро, ки дар шартнома пешбинӣ шудаанд, талаб мекунад, ки тибқи онҳо манфиатҳои давлат риоя карда мешаванд.

**Ҷадвали 4.7. – Стратегияи ҷалби бахши хусусӣ ба хизматрасонии инфрасохтори нақлиётӣ дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ***

| Тадбирҳо | Мундариҷаи тадбирҳо |
|---|---|
| 1.Ҷалби пудратчиёни хусусӣ ба кор | Сектори хусусии соҳаи сохтмони маҳаллӣ дар Тоҷикистон акнун инкишоф меёбад. Иқтидори бахши хусусии саноати сохтмонӣ ба рушд ниёз дорад, ки он бояд давра ба давра амалӣ шавад. |
| -шартномаҳои нигоҳдории роҳҳо дар асоси иҷрои корҳо | Чунин шартномаҳоро барои нигоҳдорӣ тариқи экспериментали (дар асоси пудратӣ) барои нигоҳдории баъзе қитъаҳои роҳҳои ҷумҳуриявӣ, ки бо нақшаи хурд маҳдуд гардидаанд, оғоз кардан мумкин аст. Дар баробари ин кӯшиш кардан мумкин аст, ки сохтори ин гуна шартномаҳо (ва фаҳмонида додани фоидаи онҳо) бо намояндагони соҳаи сохтмон, дар байни роҳбарон чӣ аз тарафи пудратчиён ва чӣ аз тарафи давлат як қатор семинарҳо гузаронида шавад. Дар асоси натиҷаҳои мусбати чунин фаъолиятҳои эксперименталӣ фармоишгар метавонад меъёр ва стандартҳои ин шартномаи нигоҳдориро дар ҳолати зарурӣ бо мақсади идомаи он бо ҳамон схема тағйир диҳад. Инчунин дар асоси чунин шартнома нақшаи таъмири ҷориро тартиб додан мумкин аст, то ки баъдтар ин намуди нигоҳдорӣ дар дигар роҳҳои ҷумҳурӣ ба муддати 4-5 сол татбиқ шавад. Минбаъд, дар асоси таҷрибаи гирифта параметрҳои нигоҳубини ҷории роҳҳои ноҳиявиро ҳамчун эксперимент дар асоси ин намуди шартнома муайян кардан мумкин аст. |
| -такмили ихтисоси пудратчиён;<br>-пас аз тахассуси пудратчиён; | Қарорҳои ташкилоти пудратӣ метавонад пас аз тахассуси пудратчӣ (яъне пешниҳоди тахассуси пудратчӣ пас аз тендер) пешбинӣ карда шавад. Вазъияти имрӯзаи соҳаи сохтмонии Тоҷикистонро ба назар гирифта, пас аз тахассуси пудратчиёнро оид ба корҳои содда ҷорӣ кардан лозим аст. Бо зиёд кардани андозаи шартнома бо мақсади ҷалби пудратчиёни хориҷӣ барои корҳои муштарак, бояд дар баробари пас аз тахассус, инчунин азнавтахассус (яъне пеш аз тендер пешниҳоди маълумоти тахассусӣ) гузаронид. Инчунин ба фармоишгар тавсия дода мешавад, ки расмиёти азнав тахассусиро барои гузаронидани тендерҳои байналмилалӣ ҷорӣ намояд. |

**Идомаи ҷадвали 4.7.**

| Тадбирҳо | Мундариҷаи тадбирҳо |
|---|---|
| -банақшагирии зерпудратӣ; -бастабандии шартномаҳо. | Фармоишгар инчунин метавонад ҳангоми банақшагирии корҳои зерпудратии зарурӣ аз бастабандии шартномавӣ истифода барад, хусусан вақте ки пудратчӣ ширкати хориҷӣ бошад ва арзиши шартнома аз 20 млн. доллар зиёд бошад. Ин усул ба пудратчиёни маҳаллӣ интиқол додани дониш ва технологияро кумак карда, иқтидори онҳоро меафзояд. Дар баробари ин, фармоишгар бояд корҳои зарурии зерпудратӣ, бахусус дар шартномаҳоеро, ки ба маблағи зиёда аз 20 млн. доллар аст, таъмин намояд. |
| 2. Корҳои нигоҳдорӣ бо ҷалби пудратчиён (аутсорсинг) | Шумораи зиёди шартномаҳои аутсорсинг мавҷуданд (яъне ҷалби пудрат аз берун), аммо ду намуди шартномаҳо бештар маъмуланд: |
| -шартномаи муқаррарӣ (анъанавӣ) | Чунин шартномаҳои нигоҳдории роҳҳо ба арзиши харҷномавии як воҳид (км, км2) асос ёфтаанд. Дар ин ҳол кори иҷрошаванда дар шартнома пешакӣ бояд нишон дода шавад ва корхонаҳо барои кори иҷрошуда музд мегиранд. Ҳаҷми корро ташкилоти пудратӣ то бастани шартнома зиёд ё кам карда метавонад. Дар шартномаҳои муқаррарӣ озодии интихоби усули кор кам ё тамоман нест, чун пудратчӣ тамоми раванди технологиро пешакӣ ба нақша мегирад. Ин намуди шартнома дар рафти кор ҷорӣ намудани усулҳои нави ғайринақшавиро қатъиян маҳдуд карда, вале ба сарфаи хароҷот ёрӣ мерасонад, ба коллективи корхона, коргарон фоида меорад, самаранокӣ ва сифати корро баланд мебардорад. |
| -шартномаҳои ба иҷрои кор асосшуда | Шартномаҳои ба иҷрои кор асосшуда ва аутсорсинг усули санҷидашуда мебошанд. Мувофиқи чунин шартнома ширкати пудратӣ мақсади ниҳоии кор (масалан, сифати баланди роҳ)-ро муайян карда, танҳо баъд аз он дар рафти кор роҳи беҳтарини расидан ба ин мақсадро муайян менамояд. Пас, танҳо меъёрҳои сифат, ҳадафҳо ва нақшаи тақвимии кор пешакӣ муайян карда мешаванд ва усулҳои навро аллакай дар раванди кор ҷорӣ кардан мумкин аст, зеро шартномаи ба иҷрои кор асосшуда ба натиҷаи бомуваффақияти кор нигаронида шудааст, он ба пудратчӣ имкон медиҳад, то усулҳои навоваронаро ҷорӣ намояд, ки ин сифати корро хеле беҳтар мегардонад.<br>Усули асосии иҷрои кор усули «ҷамъбасти кор» мебошад. Бо ин усул нигоҳдории роҳҳо ба қисмҳо гузаронида мешавад, меъёрҳои сифат муқаррар карда мешаванд ва натиҷаи дилхоҳ нишон дода мешавад. Пардохт – пас аз анҷоми ҳар як марҳилаи кор. Муҳлати шартнома ба муддати дарозтар. Агар сифати кор ба стандартҳои муқарраршуда мувофиқ наояд, он гоҳ аз музди ҳармоҳа маблағи муайян гирифта мешавад. |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқотӣ.

Аз ин рӯ, бо назардошти талаботи нигоҳдории роҳҳо пешниҳод шудааст, ки стратегияи семарҳила ҷорӣ карда шавад. Дар аввал чунин ба назар мерасад, ки интихоби байни мустақилона анҷом додани ҳама кор ва аутсорсинг хеле душвор аст. Бинобар ин, ҳангоми гузаштан ба истифодаи васеи хизмати пудратчиёни хусусӣ муносибати омехта зарур аст. Ҳамин тариқ, барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда стратегияи марҳилавӣ ҷорӣ кардан лозим аст, ки дар он бахши хусусӣ дар нигоҳдории роҳҳо фаъолона ҷалб карда шавад.

Ин стратегия се марҳиларо дар бар мегирад:

- барои оғози онислоҳоти институтсионалӣ (ислоҳот дар сатҳи муассиса) бояд анҷом дода шавад. Ин ба сектори хусусӣ барои мустаҳкам намудани мавқеи худ ва ба даст овардани боварӣ ёрӣ мерасонад;
- ба бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки дар асоси тендер дар нигоҳдории роҳ иштирок кунад. Ин ба ҳамкории бахши хусусӣ ва давлат мусоидат намуда, инчунин ба баланд бардоштани иқтидори бахши хусусӣ дар соҳаи сохтмон мусоидат менамояд. Ин ҳам боиси баланд шудани маҳсулнокии меҳнат ва кам шудани хароҷоти нигоҳдории роҳҳо мегардад;
- 5-7 соли дигар идома додани нигоҳдории мустақили роҳҳо (ҷорӣ ва садамавӣ).

Татбиқи стратегияи мазкур тавассути амалисозии тадбирҳои зерин имконпазир аст:

-сохтмони роҳҳо бо муҳлати истифодаи дароз. Дар ин сурат маблағгузории рушди ин соҳа осонтар ва раванди нигоҳдории роҳҳо соддатар мешавад;

-таъмини коргароне, ки ба таъмири роҳ машғуланд, бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ барои нигоҳдории ҷорӣ ва садамавӣ. Нигоҳдории мустақилона, дар ҳоле ки ташкилоти пудратии маҳаллӣ қувват мегиранд, бояд марҳилаи гузариш бошад. Ҳамин тариқ, хеле муҳим аст, ки сиёсати давлатӣ дар ин бобат ба мақсади аниқгузошта– дар давоми 5-7 сол тадриҷан аз таҷрибаи нигоҳдории мустақилонаи роҳҳо даст кашидан қарор гирад. Барои гузариши бомаром дар хадамоти бахши хусусӣ шумораи кормандони мавҷудаи нигоҳдории роҳҳо бояд тадриҷан кам карда шавад;

-таҳияи лоиҳаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок, ки ба дастгирии бахши хусусии соҳаи сохтмон нигаронида шудаанд. Лоиҳаҳои бетаъхир бо маблағҳои бузурги донорҳо метавонанд барои пудратчиёни маҳаллӣ тендер баргузор созанд;

-барои таҳкими шарикии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ бояд шартномаҳо оид ба фаъолияти пудратӣ бо сохтори возеҳ ва фаҳмо таҳия карда шаванд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки дигаргуниҳои воқеии бозор ташкилоти инфрасохтори нақлиётро маҷбур мекунанд, ки ба усулҳои пешқадами идоракунӣ гузаранд, ба муносибати логистикӣ дар ташкили истеҳсолот таваҷҷуҳ зоҳир намоянд ва кори худро мувофиқи шароити муносибатҳои квазибозорӣ созанд.

## 4.3. Бенчмаркинг дар ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Солҳои охир бенчмаркинг ба яке аз усулҳои муассир ва эътирофшудаи такмили идоракунии тиҷорат табдил ёфта, яке аз воситаҳои маъмултарини идоракунӣ аст. Маълумоти тадқиқоти гуногуни хориҷӣ аз иштирок дар раванди муқоисаи истинод, яъне бенчмаркинг, аз 60 то 90% ширкатҳо шаҳодат медиҳад.

Таҷриба нишон дод, ки нигоҳ ба ташкилоти худ аз призмаи таҷрибаи беҳтарини ширкат ё пешвоёни соҳаҳои ҷаҳонӣ имкон медиҳад, то барои баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва ҳалли масъалаҳои амалӣ мавқеи нав пайдо кард.

Муқаррароти Роберт Кэмп классикӣ аст, зеро чунон меҳисобад, ки бенчмаркинг раванди доимии омӯзиши баҳодиҳии мол, хизмат, таҷрибаи истеҳсолии рақибони ҷиддитарин ё он ширкатҳоест, ки дар соҳаҳои худ пешвоёни шинохта шудаанд[72].

Муаллифони дигар бар ин назаранд, ки бенчмаркинг фаъолияти бонизомест, ки ба ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ ва омӯхтани намунаҳои беҳтарин,

---

[72] Михайлова Е.А. Основы бенчмаркинга [Текст] / Е.А. Михайлова. -М.: Юристь, 2008. -С.5.

новобаста аз андоза, соҳаи тиҷорат ва ҷойгиршавии ҷуғрофӣ нигаронида шудааст[73].

Дар луғатҳои хориҷӣ бенчмаркингро ҳамчун «стандарти экспертӣ, ки ба сифати нуқтаи истинод истифода мешавад» ё «стандартест, ки тавассути он чизе чен карда ё баҳо дода мешавад»[74] шарҳ медиҳанд.

Муаллифони дигар ақида доранд, ки бенчмаркинг «равандест, тавассути он ширкат пайваста худро бо пешвоёни тиҷорат дар саросари ҷаҳон баҳо дода, муқоиса менамояд, бозори ба истилоҳ пешбарро ташкил медиҳад ва иттилооти заруриро барои беҳтар кардани хусусиятҳои тиҷоратии худ ба даст меорад»[75].

Дар монографияи «Идоракунии зидди буҳронӣ»[76] чунин мафҳуме дода шудааст, ки бенчмаркинг усули муқоисаи самаранокии фаъолияти хоҷагидории корхонаи мавриди омӯзиш ва ширкате, ки дар ин соҳа пешсаф аст, буда, тартиби бенчмаркинг чунин аст:

-ҷустуҷӯи шумораи нисбатан ками ширкатҳое, ки ба фаъолияти шабеҳ машғуланд ва ба нишондиҳандаҳои беҳтарин дар соҳа ноил шудаанд;

-баҳодиҳии миқдории рахна дар самаранокии фаъолияти ин ширкат ва беҳтарин дар соҳа;

-тартиб додани барномаи амал барои бартараф намудани ин рахна».

Панов А.Н. қайд менамояд, ки «Яке аз мафҳумҳои маъмултарин бенчмаркингро ҳамчун раванди муқоисаи маҳсулот ва равандҳои фаъолияти соҳибкории ширкат бо маҳсулот ва равандҳои рақибон ё ширкатҳои пешсафи дигар соҳаҳо бо мақсади дарёфти роҳҳои беҳтар кардани сифати маҳсулот ва самаранокии кори ширкат тавсиф медиҳад»[77].

---

[73] Багиев Е.Г.Бенчмаркинг и маркетинговые решения[Текст] / Е.Г. Багиев, И.А. Аренков.-СПб.: СПГУФ, 2007. - С.27.

[74] Голубева Т.Г.Бенчмаркинг как эффективный инструмент управления организацией[Текст] / Т.Г. Голубева, О.Н. Елисеев.-М.: Качество. Инновации.Образование, 2006. -С.21.

[75] Черенков В. Международный маркетинг[Текст]: учеб.пособие / В. Черенков. - Саб.: Об-во «Знание», 1998. -С.283.

[76]Антикризисное управление.Уч.мет.пособие. Кострома: КГУ, 2016. – с.98.

[77] Панова А.Н. Стратегитческий менеджмент[Текст]: учеб.пособие / А.Н. Панова. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2002. -С.182.

Градобоев В.В. дар мақолаи худ менависад, ки ба маънои умумӣ, бенчмаркинг чизест ки миқдор, сифат ва қобилияти муайяне дорад ва дар муқоиса бо дигар фанҳо ҳамчун стандарт ё меъёр истифода мешавад[78].

Дар китоби дарсии «Идоракунии стратегӣ» омадааст: «бенчмаркинг истилоҳест, ки дар ибтидо аз ҷониби заминсозон барои нишон додани дараҷаи баландӣ истифода мешуд. Дар идоракунӣ бенчмаркинг барои муайян кардан ва истифода бурдани таҷрибаи пешқадам дар истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ нигаронида шудааст. Бенчмаркинг ба консепсияи такмили пайвастаи фаъолият асос ёфтааст, ки давраи доимии банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, ҳавасмандкунӣ ва баҳодиҳии амалҳоро бо мақсади такмили устувори фаъолияти ташкилот пешбинӣ менамояд»[79].

Мафҳуми «бенчмаркинг» ҳамчун категорияи иқтисодӣ нисбатан ба наздикӣ ба муомилот баромад. Ин истилоҳ «benchmark» ҳамчун «стандарти коршиносӣ ... намунаи пешакӣ муайяншуда, ки ҳамчун нуқтаи истинод истифода мешавад» ё «стандартест, ки бар он чизе чен кардан ё баҳо додан мумкин аст». Аслан, бенчмаркинг раванди муқоисакунӣ мебошад. Дар муҳити тиҷорат тафсирҳои зиёди бенчмаркинг мавҷуданд.

Ҳамин тариқ, бенчмаркинг, аввалан, муқоисаи нишондоди шахсии худ бо нишондоди дигар ташкилот: рақибон ва ташкилоти пешқадам ва дуюм, омӯхтан ва татбиқ кардани таҷрибаи муваффақи дигарон дар ташкилоти худ мебошад.

Мақсади бенчмаркинг такмил додани тиҷорат ва баланд бардоштани рақобатпазирӣ мебошад, ки он барои ташкилот хусусияти стратегӣ дорад ва ба бенчмаркинг мақоми абзори мукаммали идоракуниро медиҳад. Ноил шудан ба ҳадафи тадқиқот тавассути ҳалли вазифаҳои муайян сурат мегирад.Барои бенчмаркинг ин вазифаҳо бо моҳияти худи раванди муқоисаи истинод муайян мегарданд, ки мафҳуми ин абзори идоракунии қаблан додашударо ошкор

[78] Градобоев В.В. Бенчмаркинг в современной теории статегического планирования[Текст] / В.В. Градобоев // Вестник Московского университета: Сер.6 «Экономика». -2008. -№6. -С.81.

[79] Гапоненко А.Л.Стратегическое управление[Текст]: учебник / А.Л. Гапоненко, А.А. Панкрухин. - М.: Омега-Л, 2008. - С.411.

мекунанд. Одатан, ду вазифаи асосие вуҷуд дорад, ки дар раванди муқоисаи истинод ҳал карда мешаванд:

-ченкунии фаъолияти худ ва муқоисаи нишондиҳандаҳо бо дигарон;

-омӯхтан ва татбиқи таҷрибаи беҳтарини дигарон дар ташкилоти худ.

Дар асоси вазифаҳои гузошташуда ду намуд (навъ)-и асосии бенчмаркингӣ вуҷуд доранд: муқоисавӣ ва равандӣ. Бенчмаркинги муқоисавӣ ҷалби ташкилот дар раванди ченкунии натиҷаҳо, баҳодиҳӣ ва муқоисаи нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилот ва сатҳи рушди он аст. Маълумоте, ки дар раванди бенчмаркинги муқоисавӣ ҷамъоварӣ мешавад, метавонад барои муайян кардани имкониятҳо барои беҳбудӣ ва/ё гузоштани ҳадафҳои стратегӣ истифода шавад. Сатҳи рушди ташкилот ҳамчун арзишҳои назоратӣ (бенчмаркҳо) ҳисобида мешавад ва нишондиҳандаҳои беҳтарин аз ҷониби ширкатҳое, ки дар соҳаи худ пешсафанд, муқаррар карда мешаванд. Бенчмаркҳо инчунин дар шакли индексҳо истифода мешаванд (масалан, индексҳои амрикоӣ ва аврупоии қаноатмандии истеъмолкунандагон. Ба назари мо, бенчмаркинги муқоисавӣ аз рӯйи моҳияти худ ба таҳлили рақобатнокӣ наздик аст.

Тадқиқот одатан дар асоси тавофуқи мутақобилаи тарафҳо сурат мегирад, ки онро кодекси рафтори бенчмаркингии аз ҷониби Фонди аврупоӣ оид ба идоракунии сифат таҳияшуда танзим мекунад. Донишҳое, ки аз раванди муқоисаи истинод ба даст оварда шудаанд, мутобиқ карда мешаванд ва ба равандҳои худи ташкилот ворид карда мешаванд. Андозагирии нишондиҳандаҳои ташкилот ва рақибон барои муайян намоии самтҳои талабкунандаи такмили ибтидоӣ, муайян намоии соҳаҳои аз рақибони ҷиддитарин ақибмонда имкон медиҳад. Маълумоте, ки ба даст оварда шудааст, маводи аввалия барои бенчмаркинг аст.

Нишондиҳандаҳои муҳимтарини баҳодиҳии хизматрасонии инфрасохтори нақлиёт шиддатнокии ҳаракати воситаҳои нақлиёт аст, аз ин рӯ

таҳқиқ ва таҳлили ҳаракати анбуҳи нақлиёт объекти муҳими бенчмаркинг мебошад[80].

Роҳҳо инфрасохтор буда, соҳибони воситаҳои нақлиёт истифодабарандагони он мебошанд. Дар ин маврид ин истифодаи роҳҳо дар доираи шиддатнокии ҳаракат ва ҳолати он, навъи воситаҳои нақлиёт, андоза ва хусусиятҳои техникии он мебошад[81]. Ҳаракат дар роҳ диапазони «нуқтаи фирист ва нуқтаи таъйинот»-ро дар бар мегирад, ин диапазон яке аз омилҳои муҳимтарин ба шумор меравад, дар баробари хусусиятҳои роҳдорӣ саҳми муҳим дар таҳлили аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиёт мебошад. Дар асоси истифодаи матритсаи «О-Н» ва матритсаҳои фосилавӣ масофаи миёнаи ҳаракати яктарафаи намудҳои гуногуни нақлиёти автомобилӣ муайян карда мешавад, ки дар ҷадвали 4.8. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 4.8. – Эквиваленти стандартии сарбории тир (меҳвар)-и автомобилҳо дар шабакаи асосии роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Нишондиҳандаҳо | 2-тира | 3-тира | 4-тира | 5-тира | 6-тира | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи автомобилҳои боркаши баркашида | 516 | 671 | 14 | 41 | 5 | 1247 |
| Адади миёнаи сарбории стандартии эквивалентии меҳвар дар шабакаи тадқиқшуда | 0,68 | 1,53 | 3,72 | 1,63 | 43,95 | - |
| Вазни максималии иҷозатдодашуда (тонна) | 18 | 24 | 32 | 42 | 48 | - |
| Ҳамагӣ автомобилҳо бор карда шуданд | 7 | 45 | 3 | 2 | 4 | 61 |
| Фоизи боркардашуда, % | 1,36 | 6,71 | 21,43 | 4,88 | 80,00 | 4,89 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[80] Бобоев К.О. Развитие транспортной инфраструктуры в регионах Республики Таджикистан [Текст] / К.О. Бобоев. - Часть 1.,С.87-99.

[81]Там же.

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 4.8. бармеояд, масофаи миёнаи ҳаракати автомобилӣ аз 100 то 200 км мебошад. Ин хусусияти асосии шабакаи роҳҳои асосӣ ва аҳамияти онҳоро барои ташаккули анбуҳи нақлиёт нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, такмилдиҳии роҳҳо бо назардошти беҳтар намудани нигоҳдории онҳо ба афзоиши мутаҳаррикии нақлиёти дохилӣ ва берунӣ мусоидат менамояд.

Таҳлили маълумоти ҷадвали 4.8. шаҳодат медиҳад, ки дар шабакаи роҳҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изофаборӣ хеле кам аст. Фақат 4,9%-и тамоми автомобилҳои боркаш аз ҳад зиёд сарборӣ доштанд. Инро чунон шарҳ додан мумкин аст, ки аксари автомобилҳои боркаш технологияи куҳна доранд ва барои кашондани борҳои кам пешбинӣ шудаанд. Яке аз омилҳое, ки автомобилҳои боркаш азҳад зиёд бор мегиранд, ҳолати бади роҳҳо аст.ро пешгирй накардани мошинхо вазъияти бади рох мебошад. Чунин баҳодиҳӣ дар километри 916-уми роҳи Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Мурғоб –сарҳади Чин, долони байналмилалие, ки аз 18 автомобилҳои боркаш 8 адад ё 44,4 %-ро ташкил дод, ба даст омад.

Дар робита ба афзоиши интиқоли байналмилалӣ тавассути гузаргоҳҳои сарҳадии Тоҷикистон ду тамоюл ба вуҷуд меояд:

1. Иқтидори борбардориимиёна (-и як автомобил) дар ҳар як бахши нақлиёт (даромад, баромад, транзит) зиёд шудааст, гарчанде ки ин далелро бо сабаби номутавозунии тиҷоратӣ аз рӯйи омор инъикос кардан мумкин нест, вале метавон қайд кард, ки иқтидори борбардории миёнаи як автомобил ба бештар аз 23 тонна расид.

2. Тамоюли муҳими дигар афзоиши шумораи автомобилҳои иқтидори борбардориашон аз ҳад зиёд. Ин тамоюл асосан дар ҷараёни воридшавӣ аз кишварҳои хориҷи дур мушоҳида мешавад.

Савдои байналмилалӣ омили муҳими афзоиши шиддатнокии ҳаракат дар шабакаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Системаи сарфакорона ва самараноки интиқол қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёт, аз ҷумла даромад аз интиқол аст. Мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон барои ба як пули байни Осиёи

Шарқӣ ва Ҷанубӣ (Чин, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Малайзия ва Сингапур), инчунин кишварҳои Осиёи Миёна, ИДМ ва Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ табдил додани он мусоид аст. Рушд ва таҳкими равобити нақлиётӣ дар минтақа яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумат барои ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон аст. Дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳо ва ислоҳот, ки ба рафъи монеаҳо дар роҳи савдою интиқол ва рушди инфрасохтори нақлиёт дар Тоҷикистон нигаронида шудааст, он бо нақлиёти худ ба бисёр кишварҳо дастрас мегардад. Роҳҳои Осиё 55 роҳ (хатсайрҳои нақлиётӣ)-ро дар тамоми қитъаи Авруосиё дар бар мегиранд. Ин ба ташкил ва қуллайтар гардонидани интиқоли мусофирон ва борҳо бо роҳҳои континенталӣ ва трансконтиненталӣ ёрӣ мерасонад. Дар натиҷа афзоиши назарраси ҳаракати нақлиёти автомобилии байналмилалӣ ва байниминтақавӣ байни кишварҳои ҳамсоя дар назар аст.

Ва ин татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузориро барои модернизатсияи шабакаҳои нақлиётӣ, бахусус дар қисмати шабакаи роҳҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тақозо менамояд.

Баҳодиҳии иқтисодии сармоягузорӣ дар ҳама гуна лоиҳа тамоми хароҷот ва манфиатҳои марбут ба лоиҳаро дар маҷмӯъ ба назар мегирад. Дар мавриди инфрасохтори нақлиёт фоида ба истифодабарандагони роҳ дар шакли сарфаи хароҷоти истифодабарии воситаҳои нақлиёт ва сарфаи вақт, инчунин барои ҷамъият умуман дар шакли рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо ба даст оварда мешавад. Хароҷоти модернизатсияи роҳҳо вобаста аз намуди хизматрасонӣ, пеш аз ҳама, аз ҳисоби хизматҳои роҳдорӣ ба дӯш гирифта мешавад.

**Бенчмаркинги хароҷоти нигоҳдории 1 км роҳ.**

Баҳодиҳии хароҷоти нигоҳдории роҳҳобаарзиши қувваи меҳнатӣ ва таҷҳизот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Захираҳои зарурӣ барои анҷом додани вазифаҳои нигоҳдорӣ барои анҷом додани корҳои муқарраршуда шумораи ҷойҳои корӣ дар як рӯз ба маълумоти байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадам асос ёфтааст (ҷадвали 4.9).

**Ҷадвали 4.9. – Хароҷоти илман асоснокшудаи нигоҳдории роҳ бо таъмини бехатарии ҳаракат, ба истисноии нигоҳдории зимистона ва маблағҳои хароҷоти ғайри чашмдошт барои 1 км ҳаракати воситаи нақлиёт***

| Категорияи роҳҳо | Нархҳои нигоҳдории ҷорӣ ва таъмир, сомонӣ (доллари ИМА) | Нархи нигоҳдории даврӣ (бахши хусусӣ), сомонӣ (доллари ИМА) |
|---|---|---|
| **Шабакаи роҳҳои ҷумҳуриявӣ (роҳҳои байналмилалӣ):** | | |
| Категорияи 2 | 3650 (1075) | 131 (40) |
| Категорияи 3 | 3310 (975) | 122 (36) |
| Категорияи 4 | 2670 (785) | 97 (29) |
| Категорияи 5 | 1720 (510) | 65 (19) |
| **Шабакаи роҳҳои маҳаллӣ:** | | |
| Категорияи 2 | 3470 (1020) | **129 (38)** |
| Категорияи 3 | 3120 (920) | 115 (34) |
| Категорияи 4 | 2485 (720) | 89 (26) |
| Категорияи 5 | 1590 (470) | 61 (18) |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Маводҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Баҳодиҳии хароҷот барои ҳолати навъҳои зерини роҳҳо тартиб дода шудааст: роҳҳои нав, роҳҳои таъмиршуда ва вайроншуда. Нархи 1 км дар ин роҳҳо мутаносибан 800$, 1430$ ва 840$ тахмин карда шудааст.

Меъёрҳои пешниҳодшуда нигоҳдории зимистона ва нигоҳдорӣ дар ҳолатҳои ғайричашмдоштро дар бар намегиранд, ки вобаста ба ҳолати роҳ ба ин нархҳо аз 5 то 50%-и маблағ илова карда мешавад. Ба ҳисоби миёна ин рақам 20%-ро ташкил медиҳад.

**Хароҷоти бенчмаркинг барои нигоҳдорӣ ва таъмири инфрасохтори нақлиёт.** Таҳлили муқоисавии гузаронидашуда нишон дод, ки арзиши солонаи нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳо дар шароити кунунии шабакаи роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба 10,39 млн. доллари ИМА (барои шабакаи роҳҳои

ҷумҳуриявӣ 4,8 млн. доллар ва барои шабакаи роҳҳои маҳаллӣ 5,5 млн. доллар) баробар шавад, агар ҳар сол нигоҳубини роҳ доир гардад. Ин ба он ишора менамояд, ки роҳҳои вайроншуда низ аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ карда мешаванд, вале то андозае амалӣ мегардад.

Ҳисоби хароҷоти нигоҳдории роҳҳои автомобилгард барои категорияҳои дахлдори шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби мо барои шабакаи дахлдори роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ амалӣ карда мешавад, дар ҷадвали 4.10. оварда шудааст. Ин маълумот 20% зиёд шудани хароҷоти нигоҳдории зимистонаи роҳҳои дар боло зикршударо ба назар мегирад.

**Ҷадвали 4.10. – Хароҷоти илман асоснокшудаи нигоҳдории роҳҳо аз рӯйи категорияи дар асоси бенчмаркинги шабакаи роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда***

| Категорияҳои роҳҳо | Шабакаи роҳҳои ҷумҳуриявӣ – нигоҳдорӣва таъмири ҷорӣ, млн.долл. | Шабакаи роҳҳои маҳаллӣ – нигоҳдорӣ ва таъмири ҷорӣ (млн. долл.) |
|---|---|---|
| Категорияи 2 | 0,21 | 0,005 |
| Категорияи 3 | 2,4 | 0,30 |
| Категорияи 4 | 1,83 | 0,91 |
| Категорияи 5 | 0,44 | 4,28 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси: Маводҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бо назардошти он ки тақрибан 80%-и шабакаи мавҷудаи роҳҳо (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) дар нигоҳдории роҳҳо ба беҳбудиҳо ноил шудаанд, ки аз ҷумла барқарорсозӣ ва таҷдиди роҳро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, татбиқи ин корҳо дар доираи системаи нави идоракунии инфрасохтори нақлиёт ва принсипҳои нави нигоҳдории роҳҳо, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси муносибати инноватсиониро ташкил медиҳанд, зарурист.

Бенчмаркинг ҳамчун воситаи идоракунӣ дар муқоиса бо дигар абзорҳо хусусияти хоси худро дорад (ҷадвали 4.11.).

Мулоҳизаҳои зикршуда шаҳодат медиҳанд, ки бенчмаркинг технологияи муваффақи идоракунӣ мебошад, ки бояд дар амалияи ватанӣ мақсаднок истифода шавад. Истифодаи он метавонад хеле муваффақ бошад.

Дар оянда маҳз бенчмаркинг метавонад ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ барои муайян кардани самтҳои идоракунии давлатӣ, ки бояд дар навбати аввал такмил дода шаванд ва аз ин рӯ, ба навоварӣ мусоидат кунанд, хизмат намояд.

**Ҷадвали 4.11. – Тавсифоти муқоисавии воситаҳои менеҷменти стратегӣ***

| Мавзӯъ | Тадқиқоти бозор | Таҳлили рақобатпазирӣ | Бенчмаркинг |
|---|---|---|---|
| Ҳадафи асосӣ | Таҳлили истеҳсолот, бозорҳои истеъмолӣ, сегментҳо ё дастрасии молҳо | Таҳлили стратегияҳои рақобатпазирӣ | Таҳлили он ки чӣ, чаро ва чӣ гуна ширкатҳои пешсаф ё бомуваффақият рақобаткунандаро ташкил менамоянд |
| Маркази диққат | Талаботи истеъмолкунанда | Стратегияҳои рақобатӣ | Таҷрибаи тиҷоратӣ, ки талаботи фармоишгарро қонеъ мегардонад |
| **Мавзӯъ** | **Тадқиқоти бозор** | **Таҳлили рақобатпазирӣ** | **Бенчмаркинг** |
| Объекти таҳлил | Мол ва хизматҳо | Стратегияҳои рақобатӣ | Таҷрибаи тиҷоратӣ, ки талаботи фармоишгарро қонеъ мегардонад |
| Сарчашмаҳои иттилоот | Истеъмолкунандагон | Таҳлили истеҳсолот | Пешвоёни тиҷоратӣ ва рақибон |

***Сарчашма:** Муаллиф дар асоси: Маълумот аз кори Панов А.Н. Стратегитческий менеджмент: Учеб. пособие.-М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2002.-С.184. истифода гардидааст.

Бояд гуфт, ки бенчмаркинг ҳамеша бо муайян кардани хусусиятҳои муқоисавии техникӣ, молиявӣ ё иҷтимоии падида алоқаманд аст. Мо метавонем бигӯем, ки бенчмаркинг, аввалан, бо таҳлил ё татбиқи расмиёти таҳлилӣ ва дуюм, бо ҷустуҷӯи ҳама гуна меъёри баҳодиҳӣ, яъне беҳтарин намунаҳо вобаста аст. Ва ин аст он чизе ки бенчмаркингро аз дигар равандҳои назоратӣ ва таҳлилӣ фарқ мекунад: аз аудите, ки ба муқаррар кардани мутобиқат

нигаронида шудааст, аз ташхисе, ки аломатҳо ва хусусиятҳоро ошкор мекунад. Дар баробари ин, бенчмаркинг бо баҳодиҳӣ ва муқоиса алоқаманд аст.

Аз ин рӯ, яке аз шартҳои самарабахши истифодаи бенчмаркинг дар таҳияи стратегияи рушди инфрасохтори нақлиёт рушди ҳамкории ҳамгирой мебошад, ки ҳамчун раванди наздикшавӣ ва воридшавии унсурҳои зерсистемаҳои гуногуни иқтисодии сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ дида баромада мешавад.

Дар идоракунии инфрасохтори нақлиёт пешгӯии талабот ба ҳаракатнокии нақлиёт, яъне пешгӯии ҳаракатнокии нақлиётии оянда барои як давраи муайян муҳим мегардад.

Омӯзиш ва баҳодиҳии тамоюли тағйироти ҳаракат дар инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бо назардошти сатҳи рушди иқтисодиёт, талабот ба хизматрасонии нақлиётӣ вобаста ба тағйирёбии ҳаҷм ва параметрҳои сифат, дараҷаи рақобатпазирии бозор, ки дар фазои ин ҳудуд локализатсия шудааст, бояд моделҳои мувофиқи пешгӯишаванда эҷод карда шаванд.

Таҳияи модел дар се марҳила сурат мегирад[82]. Дар марҳилаи аввал моделҳои локалӣ ва зерсистемаи моделҳои пешгӯӣ таҳия карда мешаванд, ки онҳо бояд бо ҳамдигар алоқаманд бошанд ва ба як системаи ягона барои мақсадҳои пешгӯӣ муттаҳид шаванд, то мувофиқи талаботи муайян ҳамкории моделҳои алоҳидаро таъмин намоянд. Дар марҳилаи дуюм системаи мутақобилаи моделҳои пешгӯии локалӣ ташкил карда мешавад, зерсистемаи моделҳо мувофиқа, ҳамкории онҳо тафтиш мегардад, пайдарпайии истифодабарии моделҳои алоҳида муайян шуда, инчунин тарзҳои баҳодиҳӣ ва усулҳои тафтиши пешгӯии комплексӣ муайян карда мешавад. Дар марҳилаи сеюм системаи моделҳои пешгӯӣ таъсис дода мешавад, ки асосан бо дақиқсозӣ ва рушди системаҳо ва усулҳои алоҳида дар ҷараёни истифодаи амалии онҳо барои пешгӯӣ алоқаманд аст.

[82] Фурсов В.А. Формирование и функционирование региональных рынков транспортных услуг: теория, методология, практика [Текст]: автореферат дисс.д.э.н. / В.А. Фурсов. – Москва, 2012. - С.16.

Навишти расмии вазъи бозори маҳсулоти инфрасохтори  нақлиёти автомобилӣ метавонад бо модели иловагии математикии намуди зерин ифода карда шавад:

$$Y(t) = X(t) + U(t) + E(t),$$

ки ин ҷо

Y(t) – сатҳи талабот дар бозори хизматрасонии инфрасохтори рӯйизаминӣ;

X(t) – ҷузъи детерминишудаи таҷассумнамояндаи вазифаи таҳлилӣ, ки тамоюли як қатор динамикаро ифода мекунад;

U(t) – ҷузъи давриест, ки хусусияти вариатсияи даврӣ ва квазидаврии падидаи тадқиқшавандаро модел мекунад;

E(t) –якҷузъи тасодуфии вобаста аз комплекси омилҳои муҳити зист аст.

Дар методологияи пешгӯие, ки мо таҳия кардаем, он шакли пешгӯии моҳонаро мегирад: дар асоси истеъмоли қаблии хизматрасонии инфрасохтори нақлиётӣ, ҳаҷми ҳаракатнокии нақлиётӣ, ки барои қонеъ гардонидани дархостҳои ҳаракатнокии нақлиётӣ дар давоми як ё якчанд моҳ дар оянда зарур аст, муайян карда мешавад. Ин ҳисоб ҳар моҳ такрор мешавад.

Бояд гуфт, ки рушди бозори хизматрасониҳои инфрасохтори  нақлиёт, ки бо натиҷаҳои таҳлили моделҳои пешгӯии оморӣ тасдиқ шудааст, аз он бармеояд, ки траекторияи рушди бозори хизматрасонии инфрасохтори  нақлиёт аз ҷониби муодилаи полиномии дараҷаи чорум ҷойи шубҳа надорад.

Моделҳои бисёромилаи падидаҳои бозор ҳам дар асоси иттилооти фазоӣ ва ҳам дар қатори динамикӣ сохта мешаванд. Истифодаи муштараки иттилооти фазоӣ ва иттилооте, ки динамикаи падидаҳоро тавсиф мекунад, имкон медиҳад, то моделҳои бисёромилаи пешгӯии талабот дар бозори хизматрасонии инфрасохтори  нақлиёти автомобилӣ бунёд карда шаванд.

Дар асоси натиҷаҳои ҳисоби таҳлилии гузаронидашуда модели бисёромила таҳия карда шуд, ки ба истифодаи усулҳои таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ асос ёфта, дараҷаи баланди эътимоднокии наздикшавии маълумоти ҳисоботиро нишон медиҳад. Модели пешниҳодшуда, ки ба ҳисоби

минималии омилҳои таъсиррасонӣ асос ёфтааст, истифодааш хеле содда аст ва имкон медиҳад, то ҳисобҳои таҳлилӣ ва пешгӯӣ дар ҳадди дастрас шудани маълумоти ҳисоботӣ зуд анҷом дода шавад.

Модели бисёромилае, ки дар натиҷаи тадқиқи мо барои пешгӯии талабот дар бозори маҳсулоти инфрасохтор ба даст омадааст, ба шакли зерин мувофиқат мекунад:

$$Y(t) = a_0(t) + a_1(t)X_1(t) + a_2(t)X_2(t) + a_3(t)X_3(t) + a_4(t)X_4(t) + a_5(t)X_5(t).$$

ки ин ҷо

$Y(t)$ – сатҳи пешбинишудаи талабот ба хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиёт;

$X_1(t)$ – ҳаҷми пешбинишавандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

$X_2(t)$ – сармоягузориҳои пешбинишуда ба воситаҳои асосӣ;

$X_3(t)$– арзиши пешбинишудаи воситаҳои асосӣ;

$X_4(t)$– шумораи пешбинишудаи кормандон;

$X_5(t)$ – даромади миёнаи пешбинишуда ба сари аҳолӣ;

а – параметрҳои пешгӯии муодилаи регрессия.

Аксари моделҳои имрӯз истифодашаванда бо назардошти зарурати ҳаракатнокии нақлиётӣ барои фосилаи шабеҳи давраи гузашта асос ёфтаанд. Бо ин равиш ҳаракатнокии нақлиётии давраи гузашта ба давраи ояндаи вақт экстраполятсия карда мешавад.

Дар амал ин модел дар маводи роҳи автомобилгарди пулакии «Душанбе – Чанок» санҷида шуд.

Ба параметрҳои α ва β қиматҳои зерин дода шуданд: 0,05; 0,10; 0,15; 0,20; 0,25; 0,30; 0,35; 0,40; 0,45; 0,50, инчунин қиматҳои β=0 ва Т0 = 0 (истифодаи модели оддӣ).

Татбиқи модел барои қиматҳои α ва β, ки аз 0,50 зиёд мегардад, аз сабаби шумораи хеле ками ҳолатҳои дар онҳо минимумҳои ҳудудӣ мавҷуд будан, амалан бефоида буд.

Матритсаи зудиҳое, ки барои ҳар як комбинатсияи оптималии қиматҳои α ва β ба даст омаданд, тартиб дода шуданд. Дар ин матритса барои як ҷуфт

қиматҳои α ва β, шумораи ҳолатҳое, ки дар онҳо ин қиматҳо оптималӣ шуданд, яъне ба хатогиҳои минималӣ мувофиқат мекунад, ишора гардид.

Дар амал консентратсияи қавии зудиҳо дар атрофи қимати параметрҳои хурд қайд карда шудааст. Масалан, қиматҳои оптималии α ва β камтар ё баробари 0,15 тахминан 94,1 ва 89,1% ҳолатҳоро ташкил доданд, ки ин аз самаранокии баланди усули таҳияшуда барои пешгӯии ҳаракатнокии нақлиётӣ дар як муддати кӯтоҳ шаҳодат медиҳад.

Моликияти инҳисории давлатӣ ба инфрасохтори нақлиёт ва меъёрҳои қатъии андоз барои истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард равандҳои азнавташкилдиҳии бозории муносибатҳои инфрасохтори нақлиётро маҳдуд мекунанд. Таркиби элементҳои сохторӣ дар бозори хизматрасонии инфрасохтори нақлиёт аз занҷир иборат аст: фурӯшанда – мол – харидор ё соҳиби инфрасохтор – маҳсулоти инфрасохтор – истифодабарандаи инфрасохтор. Тавре ки дар боло зикр гардид, дар иқтисоди трансформатсионӣ соҳиб ва истифодабарандаи инфрасохтор дар шароити ғайрибозорӣ, яъне шароити квазибозорӣ амал менамоянд. Аммо баъзе элементҳои муносибатҳои бозорӣ, аз қабили тиҷоратӣ ва хусусигардонии қитъаҳои алоҳидаи роҳҳо, тақсими имтиёзҳо ва ҷорӣ намудани пардохт барои истифодаи инфрасохтор (пулҳо, нақбҳо) аллакай ба вуҷуд омадаанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» аз 25 июни соли 2021, №1794, мафҳуми роҳи автомобилгард – объекти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ аст, ки барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт таъйин гардида, қитъаҳои замин дар ҳудуди хатҳои ҳақраҳаи автомобилгард ва элементҳои конструксионӣ (рӯйпӯши роҳ, қабати роҳ) ва иншооти роҳ, ки қисми технологии он мебошанд, иншооти муҳофизаткунандаи роҳ, иншооти сунъии роҳ, объектҳои истеҳсолӣ, элементҳои сохтмони роҳи автомобилгардро дар бар мегирад.

Нишондиҳандаҳои асосии нақлиётӣ ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард ва иншооти роҳ: суръат, қобилияти гузарониш, муттасилӣ,

қулайӣ ва бехатарии ҳаракат, қобилияти гузарониши автомобил ва автопоездҳо бо сарбории меҳвар (тир)-ӣ ва вазни умумии ба категорияи роҳ мувофиқ.

Бояд гуфт, ки бо назардошти он ки аксари корҳои нигоҳдории роҳҳо на ба таъмири сифат нигаронида шудаанд, тақрибан 80%-и дарозии умумии шабакаи роҳҳои автомобилгард таъмир карда нашудааст. Ягона истисно нигоҳдории зимистона аст, ки тақрибан 10% тамоми корҳои нигоҳдории роҳҳои автомобилгардро ташкил медиҳад. Ҳатто корҳои барқарорсозӣ (таъмири капиталии роҳ) ҳам омехтаи таъмир, таҷдид ва миқдори ками барқарорсозӣ а.

Солхои охир маблағгузорӣ барои нигоҳубини роҳҳои автомобилгард дар як сол бештар аз 10% афзуд, вале ин ҳамагӣ 11,0% аз тамоми буҷети нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии хароҷоти ба нақша гирифташуда бо назардошти сармояи беруна тақрибан 2,3%-и ММД-и кишварро ташкил медиҳад, ки 0,2%-и он ба нигоҳдории роҳҳои автомобилгард ва корҳои барқарорсозӣ, аз ҷумла нигоҳдории роҳҳо, таҳкими рӯйпӯш ва таҷдид тақрибан 1,5%-ро ташкил медиҳад.

Маблағи умумии хароҷоти ба нақша гирифташуда барои ҳифз/нигоҳ доштани шабакаи мавҷудаи роҳ, ба истиснои сохтмони роҳи нав, лоиҳаҳои калон ва навсозии роҳҳо тақрибан 33 млн. доллари ИМА-ро, ки тақрибан 20% маблағгузории солона барои ҳифзи шабакаҳои мавҷудаи роҳҳои истифодаи умум талабшавандаро ташкил медиҳад, равона гардидааст. Бо назардошти афзоиши маблағгузории роҳҳо дар ояндаи наздик ба сатҳи зарурии маблағгузорӣ ноил шудан ба гумон аст, зеро маблағгузории зарурӣ тақрибан 4%-и ММД-ро ташкил медиҳад (дар ҳолати дохил намудани сохтмон ин 6%-ро ташкил медиҳад) ва ин сатҳи ҳозираи ММД-ро ду баробар зиёд мекунад. Бо назардошти ин вазъият мақомоти идоракунии давлатии роҳдориро зарур аст, ки ба масъалаи шабакаи роҳҳо ва стандартҳое, ки барои ҷорӣ намудани самаранокии нигоҳдории роҳҳо имкон медиҳанд, ҷиддӣ муносибат намоянд. Зарурати тағйир додани муносибатҳо ба ташаккули принсипҳои идоракунӣ, инчунин ба стандарту усулҳои техникӣ на камтар муҳим аст.

Бояд гуфт, ки ислоҳоти дар бахши роҳдории Тоҷикистон истифодашаванда аз ислоҳоти байналмилалӣ фарқ мекунад. Барои содда кардани фаҳмиши иттилооти пешниҳодшуда мафҳуми дар бахши роҳдории Тоҷикистон қабулшуда барои тавсифи усулҳои мавҷуда ва таърифҳои байналмилалӣ барои тавсифи стратегияҳо ва пешниҳодот барои татбиқи минбаъда истифода мешаванд (ҷадвали 4.12).

**Ҷадвали 4.12. – Намуди корҳое, ки ҳангоми банақшагирии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд**

| **Номгӯйи корҳо** | **Ишораи шартӣ** | **Мундариҷаи корҳо** |
|---|---|---|
| Идоракунии сармояи роҳ | ИСР | Мафҳуме, ки шароити роҳро ба максимум мерасонад (аз ҷумла шумораи сафарҳо, арзиши сармоягузориҳои ба роҳ гузошташуда ва қабули стратегияҳои мувофиқ бо истифода аз коркарди мундариҷаи мувофиқ дар вақти зарурӣ). Он инчунин маънои таъмини сатҳи қобили қабули дастрасӣ, мувозинати ниёзҳои дастрасӣ ба ҳамаи истифодабарандагони роҳ ва ҷомеаҳоро тавассути танзими стандартҳо (роҳҳо ва нигоҳдории онҳо), ки барои категорияҳои гуногуни роҳҳо қобили қабул аст, дорад. |
| Нигоҳубини ҷории роҳ | НҶР | Аз фаъолиятҳое иборат аст, ки асосан пешгирикунанда буда, ба корҳои роҳдорӣ (даравидани алаф, тоза кардани обпарто, таъмири аломатҳои роҳ ва ғ.) ва нигоҳдории миқёси ками роҳ (пур кардани тарқишҳо, муайян кардани нуқсони рӯйпӯши роҳ, таъмири кӯчак ва чуқуриҳо) нигаронида шудаанд. Ин гуна корҳо дар марҳилаи аввал бартараф карда мешаванд, ҳол он ки онҳо ҳанӯз ҷиддитар нагардидаанд. Таъмири нуқсони калони чуқурӣ ва рӯйпӯши роҳ кори даврӣбуда, он метавонад шағалрезии канораи роҳҳоро дар бар гирад ва танҳо дар мавридҳое, ки рӯйпӯш нав аст. |
| Корҳои даврӣ | КД | Аз корҳое иборатанд, ки ҳар рӯз иҷро намешаванд, вале дар давоми сол якчанд маротиба барномарезӣ ва амалӣ карда мешаванд, аз ҷумла шағалрезии канораи роҳҳо ва дигар таъмири миқёси калон. Дар бисёр мақомоти роҳдорӣ ин корҳо аксар вақт як қисми корҳои даврӣ ҳисобида мешаванд. |

**Идомаи ҷадвали 4.12.**

| **Номгӯйи корҳо** | **Ишораи шартӣ** | **Мундариҷаи корҳо** |
|---|---|---|
| Нигоҳдории даврӣ | НД | Аз амалҳое иборат аст, ки асосан профилактикӣ (пешгирикунанда), аз ҷумла дуюмдараҷа, кафолати пурранамоии сохтори рӯйизаминӣ барои пешгирии зарари назаррас ва ғайра мебошанд. Таъмири хурд низ метавонад ба ин таъриф дохил карда шавад, гарчанде ки онҳо одатан як қисми барномаи корҳои ҷорианд. Хусусиятҳое, ки барои коркарди рӯйпӯши роҳҳо дар ин бахш истифода мешаванд, гудронатор, тезобсозии битумӣ, микроқабатҳо ва қабатҳои тунуки асфалтобетонӣ мебошанд. Дар рӯйпӯши роҳҳое, ки хуб нигоҳ дошта намешаванд (дар давоми 10-12 сол), таъмири даврӣ инчунин метавонад корҳои мустаҳкамкунии рӯйпӯши роҳҳоро дар бар гирад. |
| Нигоҳдории профилак-тикии роҳҳо | НПР | Корҳои пешгирикунанда – корҳои пешгирикунанда ҳангоми ошкор шудани аломатҳои аввалини нуқсони рӯйпӯши роҳҳо (тарқишҳо, раххо, чуқуриҳои хурд ва ғ.) ва пешгирию бартараф кардани проблемаҳо (одатан барои 1 сол пештар ба нақша гирифта мешаванд) андешида мешаванд. |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сатри охирини калкулятсия ҳисоби миёнаи арзиши як километри ҳар як категорияи роҳҳо дар асоси маҷмӯи ҳамаи параметрҳои дар тадқиқоти ҳолати роҳҳои автомобилгард муқарраршуда мебошад ва он нишон медиҳад, ки 10% роҳҳо наванд ё дар чанд соли наздик таъмир хоҳад шуд. 23% роҳҳо барои нигоҳдории даврӣ мувофиқанд ва боқимондаҳо ба барқарорсозӣ/таҷдид ниёз доранд, аз ин рӯ онҳо ба нигоҳдорӣ ниёз доранд, ки роҳро барои ҳаракати нақлиёт кушода ва бехатарии онро таъмин намояд.

Таҳқиқоти мо аз паст будани сифати таҷҳизоти истифодабарӣ ва бригадаи коргарони нигоҳдории роҳ шаҳодат медиҳад. Қарор дода шуд, ки бригадаи коргарони нигоҳдории роҳҳои автомобилгард дар масофаи 240 км роҳ қариб аз 34 нафар иборат бошад.

Дар базаи МДНРА боз 5-6 нафар кор мекунад. Ин нишон медиҳад, ки дар 100 км роҳ 17 нафарро ташкил медиҳад ва дар муқоиса бо Қазоқистон дар он ҷо як воҳиди нигоҳдорӣ бо қувваи кории шабеҳи бештар кор мекунад.

**Ҷадвали 4.13. – Маблағҳои ҳисобӣ барои нигоҳдорӣ ва таъмири ҷорӣ (млн. доллари ИМА) – хароҷоти минималӣ** (ба истисноии нигоҳдории зимистона ва нигоҳдории ҳолатҳои ғайричашмдошт)*

| Идораҳои минтақавӣ | ШРҶ-2 кат. | ШРҶ-3 кат. | ШРҶ-4 кат. | ШРҶ-5 кат. | ШРМ-2 кат. | ШРМ-3 кат. | ШРМ-4 кат. | ШРМ-5 кат. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Душанбе | 0,02 | 0,32 | 0,21 | 0,01 | 0,00 | 0,02 | 0,22 | 0,39 |
| Рашт | 0,00 | 0,00 | 0,15 | 0,12 | 0,00 | 0,00 | 0,02 | 0,21 |
| Хатлон | 0,00 | 0,44 | 0,11 | 0,01 | 0,00 | 0,08 | 0,09 | 0,89 |
| Хуҷанд | 0,15 | 0,54 | 0,14 | 0,08 | 0,00 | 0,15 | 0,32 | 0,79 |
| Кӯлоб | 0,00 | 0,25 | 0,24 | 0,02 | 0,00 | 0,00 | 0,09 | 0,74 |
| Помир | 0,00 | 0,36 | 0,67 | 0,12 | 0,00 | 0,00 | 0,02 | 0,55 |
| Ҳамагӣ 8,55 млн.долл. ИМА | 0,175 | 1.90 | 1.52 | 0.36 | 0.004 | 0.25 | 0.77 | 3.57 |

***Сарчашма:** Аз рӯйи ҳисоби муаллиф тартиб дода шудааст. **ШРҶ-** шабакаи роҳҳои ҷумҳуриявӣ**; ШРМ** – шабакаи роҳҳои маҳаллӣ.

**Ҷадвали 4.14. – Маблағҳои ҳисобӣ барои нигоҳдорӣ ва таъмири ҷорӣ (млн. доллари ИМА) – хароҷоти максималӣ** (ба истисноии нигоҳдории зимистона ва нигоҳдории ҳолатҳои ғайричашмдошт)*

| Идораҳои минтақавӣ | ШРҶ-2 кат. | ШРҶ-3 кат. | ШРҶ-4 кат. | ШРҶ-5 кат. | ШРМ-2 кат. | ШРМ-3 кат. | ШРМ-4 кат. | ШРМ-5 кат. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Душанбе | 0,03 | 0,47 | 0,32 | 0,01 | 0,00 | 0,03 | 0,33 | 0,58 |
| Рашт | 0,00 | 0,00 | 0,22 | 0,19 | 0,00 | 0,00 | 0,03 | 0,31 |
| Хатлон | 0,00 | 0,66 | 0,17 | 0,01 | 0,00 | 0,13 | 0,14 | 1.34 |
| Хуҷанд | 0,23 | 0,81 | 0,20 | 0,12 | 0,01 | 0,23 | 0,48 | 1.19 |
| Кӯлоб | 0,00 | 0,37 | 0,37 | 0,03 | 0,00 | 0,00 | 0,14 | 1.10 |
| Помир | 0,00 | 0,54 | 1.00 | 0,18 | 0,00 | 0,00 | 0,04 | 0,83 |
| Ҳамагӣ 8,55 млн.долл. ИМА | 0.26 | 2.85 | 2.28 | 0.54 | 0.01 | 0.38 | 1.15 | 5.36 |

***Сарчашма:** Аз рӯйи ҳисоби муаллиф тартиб дода шудааст. **ШРҶ-** шабакаи роҳҳои ҷумҳуриявӣ**; ШРМ** – шабакаи роҳҳои маҳаллӣ.

Дар таҳқиқи захираҳои ҳисобӣ талаботи иловагии захираҳои ноҳияҳоидорои бориши барфи зиёд ё корҳои пуршиддати ғайричашмдошт дохил карда нашудааст. Дар ин сурат барои хуб ба роҳ мондани нигоҳдории зимистонаи роҳҳо кадрҳои иловагии корӣ ва техника лозим мешавад. Ин воситаҳои иловагӣ дар фасли зимистон танҳо якчанд моҳро дарбар мегирад.

Дар ҷадвали 4.15. ҳаҷми маблағҳои зарурӣ барои нигоҳдории даврӣ аз рӯйи хароҷоти барномавӣ дода мешавад.

**Ҷадвали 4.15. – Маблағҳои ҳисобӣ барои нигоҳдории даврӣ, бо млн. доллари ИМА***

| Солҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Масофа дар барномаи нигоҳдории роҳ | 74 | 125 | 125 | 125 | 125 |
| Арзиши миёна/км | 37920 | 37920 | 37920 | 37920 | 37920 |
| Маблағи умумӣ | 2.81 | 4.74 | 4.74 | 4.74 | 4.74 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2001-2021.

Тавре ки дар боло зикр гардид, маблағгузории нигоҳдории роҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҷудо намудани маблағҳои солона сурат мегирад. Дар системаи мавҷуда ҳамаи даромадҳо (аз ҷумла аз андозҳо, инчунин андози истифодабарандагони роҳ) ба хазинаи давлат дохил мешаванд, ки баъд аз он тақсимоти маблағҳои буҷет аз фонди муттаҳида сурат мегирад. Маблағгузории молиявӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, иҷтимоӣ (бахши ҷамъиятӣ) ва хизматрасонӣ вобаста ба афзалиятҳои муайяннамудаи ҳукумат ва маҳдудиятҳои молиявӣ сурат мегирад. Дар натиҷа, маблағгузории буҷетӣ барои таҷдид ва нигоҳдории роҳҳо сол то сол фарқ мекунад. Тибқи чунин иқдом, роҳҳо неъмати ҷамъиятӣ буда, маблағгузории онҳо аз ҳисоби умумӣ, бидуни назардошти ҳаҷми даромади андоз аз истифодабарандагони роҳ сурат мегирад.

Системаи мавҷудаи маблағгузорӣ аз замони Иттиҳоди Шӯравӣ, ба истиснои давраи аз солҳои 1992 то соли 1999, ки Фонди роҳдорӣ мавҷуд буд, амал мекунад. Фонди роҳдорӣ соли 1992 ҳамчун илова ба маблағгузории

буҷетии соҳаи роҳдорӣ таъсис дода шуда, аз ҳисоби андозҳо (2% аз арзиши маҳсулоти истеҳсолшаванда) ба зиммаи ҳамаи корхонаҳо ситонида мешуд. Баъдтар ин маблаг ба 3%-и тамоми буҷет расид. Маблағгузории соҳаи роҳдорӣ аз ҳисоби фонди роҳдорӣ, буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳои беруна, ки асосан барои сохтмон пешбинӣ шуда буд, сурат гирифт. Дар амал барои таҷдид ва нигоҳдории роҳҳо танҳо нисфи фонди роҳдорӣ сарф карда шудааст. Нисфи дигараш ба сохтмони роҳ сарф гардид. Дар натиҷа, хароҷоти сохтмони роҳҳои нав, нигоҳдорӣ ва таҷдиди роҳҳои мавҷуда назар ба он чӣ ки барои шабакаи роҳҳо зарур аст, кам буд. Моҳи январи соли 2000 Ҳукумат фонди роҳдориро, ки дар назди Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта буд, бекор кард.Даромади андоз аз истифодабарандагони роҳ ба буҷети давлат ворид шудан гирифт. Фонди роҳдорӣ мувофиқи талаботи Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) барои ташкили буҷети ягонаи давлатӣ барҳам дода шуд.

Айни замон андоз ва пардохтҳое, ки аз ҷониби истифодабарандагони роҳ пардохта мешавад, ба буҷети давлатӣ дар доираи салоҳияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда мешаванд. Ҳамин тавр, айни замон фонди махсуси пулӣ ба сифати манбаи молиявӣ барои нигоҳдории роҳмавҷуд нест.

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти марказии масъули рушди роҳҳо, нақлиёти автомобилгард ва роҳи оҳан мебошад. Барои нигоҳдории роҳҳо идораи минтақавии нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Корҳои нигоҳдории роҳҳоро 60 ташкилоти минтақавии нигоҳдории роҳҳо, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад, анҷом медиҳанд.

Маблағгузорӣ барои нигоҳдории роҳҳо барои Тоҷикистон масъалаи мубрам ба шумор меравад, зеро маблағҳои аз буҷет ҷудошуда нокифоя буда, зарурати татбиқи усулҳои инноватсионии афзоиши даромад ва/ё кам кардани арзиш ба миён меояд. Роҳи беҳтарини таъмини гардиши пулии кофӣ, ба гуфтаи бисёре аз ниҳодҳои молиявӣ, тағйир додани тафаккур ва муносибати ҳам мақомоти роҳдорӣ, ҳам истифодабарандагони роҳ ва ҳам ҳама ҷонибҳои манфиатдор, ки ба рушди иқтисодӣ машғуланд, мебошад. Муносибат ба роҳҳо

бояд бештар ба хизмати коммуналӣ (масалан, таъмини об барои хона, телефон ва нерӯи барқ, ки истифодабарандагони хизматҳо ҳаққи муайянро мепардозанд) нисбат ба моли ҷамъиятӣ баррасӣ карда шаванд.

**Ҷадвали 4.16. – Доираи васеи андоз ба нақлиёти автомобилӣ (мустақим ва ғайримустақим), ки аз ҷониби истифодабарандагони роҳ пардохта мешаванд***

| АНДОЗ | Андоз аз даромад/ хизматрасонии сервисӣ | Ном ва намуди андоз | Андоз (мустақим/ ғайри мустақим) | Андози умумӣ | Асос барои ҳисоб кардани маблағи андоз |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. Хариди автомобил | Автомобил (аз ҷумла қисмҳои эҳтиётӣ ва лавозимот)<br><br>Автомобил | Андоз аз воридот<br>Аксиз<br>ААИ<br>Андоз аз фурӯши чакана<br>Андоз аз соҳиби автомобил | Мустақим<br>Ғайримус-тақим<br>Мустақим<br>Мустақим<br>Мустақим | Умумӣ<br>Махсус (Модда и 247 КА ҶТ)<br>Умумӣ<br>Умумӣ<br>Умумӣ | Фоиз аз арзиш/нархи расонидашудаи мол<br>Фоиз аз арзиши яклухт<br>Фоиз аз арзиши чакана<br>Таносуби минималии музди меҳнат, нисбат ба намуд ва тавоноии муҳаррик |
| 2. Истифо-даи автомобил | Сӯзишворӣ (бензин ва сӯзишвории дизелӣ)<br><br>Андоз аз интиқоли бору мусофирон | Андоз аз воридот<br>Аксиз<br>ААИ<br>Андоз аз фурӯши чакана<br>Патент | Ғайримус-тақим<br>Ғайримус-тақим<br>Мустақим<br>Мустақим<br>Мустақим | Умумӣ (Модда и 247 КА ҶТ)<br>Умумӣ<br>Умумӣ<br>Умумӣ<br>Махсус | Фоиз аз арзиш<br>Тарифҳои қайдшуда (евро/тонна)<br>Фоиз аз арзиши яклухт<br>Фоиз аз арзиши чакана<br>Тарифҳои гуногун вобаста ба намуд ва иқтидори борбардорӣ (ғунҷоиши мусофирон) |
| 3. Дигар бочҳо | Истифодаба-рандагони роҳ<br><br>Автомобил | Андоз аз истифодабарандаи роҳ<br>Андоз аз воридшавии автомобилҳо и хориҷӣ | Ғайримус-тақим<br>Мустақим | Махсус<br>Махсус | Фоиз аз гардиши мол<br>Андоз аз воридот вобаста ба намуд, иқтидори борбардорӣ ва кишвари истеҳсолкунандаи автомобил |

**Идомаи ҷадвали 4.16.**

| **АНДОЗ** | **Андоз аз даромад/ хизматрасонии сервисӣ** | **Ном ва намуди андоз** | **Андоз (мустақим /ғайри мус-тақим)** | **Андози умумӣ** | **Асос барои ҳисоб кардани маблағи андоз** |
|---|---|---|---|---|---|
| 4. Андоз барои муҳити атроф | Автомобил | Андоз барои экология | Мустақим | Умумӣ | Тариф вобаста ба намуди автомобил ва навъи сӯзишвории истифодашаванда |
| | Автомобил | Андоз барои ифлоскуни и муҳити атроф | Мустақим | Умумӣ | Тариф вобаста ба намуди автомобил ва навъи сӯзишвории истифодашаванда |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Нақлиёти автомобилӣ манбаи асосии даромад бо мақсади зиёд кардани маблағгузорӣ дар системаи буҷетӣ боқӣ мемонад. Дар мавриди системаи буҷетӣ равиши тиҷоратӣ истифода мешавад, ки дар он истифодабарандагони роҳ (мустақим ва ғайримустақим) андози истифодаи роҳро мепардозанд. Дар оянда, маблағгузории роҳ ба таври мунтазам ҷудо шуда (каму беш мустақил шуданд), аз хароҷоти асосии давлатӣ оғоз меёбад ва истифодабарандагони роҳ дар раванди қабули қарорҳо ҷалб карда мешаванд. Дар натиҷа, сохтори мутаносиби хизматрасонӣ/нигоҳдории роҳ бояд афзалияти аввалиндараҷа бошад, вагарна ба иқтисодиёт зарар мерасонад, дар ҳоле ки афзоиши хароҷоти нақлиёти автомобилӣ худи ғояи нақлиёти мувофиқ, бехатар, самаранок ва сарфакоронаро халалдор менамояд.

Дар нақлиёти автомобилӣ як қатор андозҳо ва пардохтҳои муайян мавҷуданд, ки аз соҳибони автомобилҳои хусусӣ ва давлатӣ ситонида мешаванд. Тамоми маблағҳое, ки дар натиҷаи пардохти ин андозҳо ва боҷҳо дода мешаванд, асосан ба хазинаи ҷумҳурӣ равона карда, як қисми буҷети

ҷумҳуриявӣ мебошанд. Бо вуҷуди ин, якчанд андозҳо мавҷуданд, ки қисми буҷети маҳаллиро ташкил медиҳанд.

Ҳамаи андоз ва боҷҳои аз ҷониби Ҳукумат ситонидашаванда барои пардохти андозсупорандагон ҳатмӣ мебошанд. Боҷҳо асосан ҳамчун пардохт барои хизматҳои гуногуне, ки аз ҷониби мақомоти муайяни давлатӣ пешниҳод мегарданд, ситонида мешаванд ва бевосита аз ҷониби соҳибон/операторони воситаҳои нақлиёт пардохта мешаванд. Ба онҳо дохил мешаванд:

1) бақайдгирии автомобил;

2) азназаргузаронии техникии автомобил;

3) арзиши боқимондаи автомобил;

4) санҷиши мувофиқ будани автомобил ба боркашонӣ ва мусофирбарӣ;

5) иҷозатномадиҳии хусусӣ;

6) суғуртаи ҳатмии автомобил.

Илова бар боҷҳо соҳибон/операторони воситаҳои нақлиёт бевосита барои хариди автомобил, моликияти нақлиёт ва истифодаи он андоз месупоранд. Ба ин андозҳо дохил мешаванд: андозҳои гумрукӣ, аксизҳо, андоз аз арзиши иловашуда, андоз барои қисмҳои эҳтиётӣ ва лавозимоти автомобилҳо, андоз аз сӯзишворӣ (бензин ва сӯзишвории дизелӣ), андоз аз соҳибони автомобил, андозбарои экология, андоз барои ифлосшавии муҳит, андоз барои истифодабарандаи роҳ.

Бо мақсади оқилонасозии андозҳо ва такмили сохтори мавҷудаи сохтори андоз ин андозҳоро ба чор гурӯҳҷудо мекунанд:

1. андоз аз харид/моликияти автомобил;

2.андоз барои истифодабарии автомобил;

3. андоз аз истифодабарии роҳ;

4. андоз барои муҳити атроф.

Ин андозҳо бо мақсади омӯзиши сохтори андози мавҷуда, вариантҳои алтернативӣ дар андозҳои истифодабарии роҳҳо, оқилонасозии системаи мавҷудаи андоз ва сафарбар намудани захираҳо баррасӣ мешаванд.

# БОБИ 5. РОҲҲОИ ТАШКИЛИ САМАРАНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ИСТЕҲСОЛИИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛИИ ТОҶИКИСТОН

## 5.1. Нақши парметрҳои шабакаи асосии роҳҳо дар баландбардории сифати ташкили фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Қобили зикр аст, ки андозҳои «мустақим» ва «ғайримустақим»-и аз соҳибони воситаҳои нақлиёт ситонидашаванда, аз қабили андоз аз қисмҳои эҳтиётӣ ва лавозимот, андози сӯзишворӣ, андози воридот, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фурӯши чакана на танҳо аз истифодабарандагони роҳ, балки ҳама истеъмолкунандагон пардохта мешавад. Ҳамин тариқ, ин андозҳо ҳамчун андоз аз истифодабарандагони роҳ муайян карда намешаванд. Тарифҳои мавҷуда барои андозҳои «умумӣ», аз ҷумла андози воридот, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз фурӯши чакана, патент ва андоз барои муҳити атроф (экологӣ) мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Ҳама андозҳои дигаре, ки ҳамчун андози «махсус» муайян шудаанд, аз қабили андоз аз моликияти автомобил, аксизҳои сӯзишворӣ, андоз аз истифодабарии роҳ, андози вуруди воситаҳои нақлиёти хориҷӣ метавонанд ҳамчун пардохтҳои истифодабарандагони роҳ муайян карда шаванд ва минбаъд барои сафарбар кардани буҷет барои нигоҳдории роҳ таҳлил карда шаванд.

1. Андоз аз соҳиби воситаи нақлиёт. Дар Тоҷикистон ин андоз аз соҳибони ҳама намуди воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, ба истиснои трейлерҳо, тибқи боби 47-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад. Маблағи андоз вобаста ба намуди воситаи нақлиёти автомобил, тавоноии муҳаррик (қувваи асп) фарқ мекунад ва мувофиқан аз рӯйи сатҳи минималии музди меҳнат дар муассисаҳои давлатӣ муайян карда мешавад. Чӣ қадаре ки тавоноии муҳаррик зиёд бошад, андоз ҳамон қадар зиёд мешавад. Ин андоз ҳар сол ситонида мешавад ва дар нуқтаҳои бақайдгирӣ пардохт мегардад. Тамоми маблағҳои андоз ба буҷети Ҳукуматҳои маҳаллӣ равона карда мешавад.

2. Аксиз. Дар Тоҷикистон тибқи моддаи 247-и Кодекси андоз онҳо танҳо барои молҳои мушаххас, аз қабили нӯшокиҳои спиртӣ, нӯшокиҳои алкоголӣ ва беалкоголӣ, маҳсулоти тамоку, маводи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, шинаи автомобилҳо, маснуот аз тилло, платина ва нуқра ситонида мешавад. Ҳамин тариқ, аксиз аз доираи нисбатан ками молу хизматрасониҳо ситонида мешавад.

Аксизҳо аз ҷониби истеъмолкунандагон мувофиқи хароҷоти молҳои зераксизӣ пардохт карда мешаванд. Дар байни ҳамаи молҳои дар боло зикршуда андози аксизӣ ба сӯзишвории автомобилӣ ва шинаҳои автомобилӣ ба андозҳои «ғайримустақим» дохил мешаванд. Мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳои дар боло зикршударо метавон як қисми пардохтҳо аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ҳисоб кард, зеро ин андозҳоро асосан истифодабарандагони роҳ мепардозанд.

Шинаҳои автомобил. Боҷи аксизӣ танҳо дар якчанд кишвар ситонида мешавад. Дар Тоҷикистон ин андози аксизӣ 10%-и арзиши чархҳои нав ва 5%-и арзиши чархҳои кӯҳнаро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, соҳибони автомобилҳои боркаш назар ба соҳибони автомобилҳои сабукрав зиёдтар пардохт мекунанд. Ҳамин тариқ, ин аксизро метавон ҳамчун як андози воқеие ҳисоб кард, ки аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ситонида мешавад.

Сӯзишвории автомобилӣ. Андоз аз сӯзишвории автомобилӣ ҳам ба андозҳои «мустақим» ва ҳам «ғайримустақим», инчунин андозҳои «умумӣ» ва «махсус» дахл дорад. Аммо андози мушаххаси сӯзишворӣ дар асоси истифодабарии роҳ вуҷуд надорад. Новобаста аз соҳаи истифодаи сӯзишворӣ (масалан, дар нақлиёти автомобилӣ, кишоварзӣ ё саноатӣ) андозҳо барои сӯзишворӣ ҳатмӣ мебошанд. Мақсади асосии ситонидани андоз аз сӯзишворӣ афзудани даромади давлатӣ мебошад. Якум, ин андоз барои он ситонида мешавад, ки талабот ба маводи сӯхт новобаста аз тағйири тарифҳо бетағйир боқӣ мемонад. Сониян, идоракунии ин андоз нисбатан осон аст. Сабаби сеюм ҷуброни зараре, ки аз ҷониби истифодабарандагони роҳ ба сатҳи роҳ ва муҳити

атроф расонида мешавад. Андози бензин ва сӯзишвории дизелӣ хароҷоти истифодабарандаи роҳро мепӯшонад. Инчунин равшан аст, ки даромадҳои андоз барои мақсадҳои давлатӣ дастрасанд ва дурнамои бузурги молиявӣ доранд. Дар баробари ин, сабабҳои узрнок оварда шудаанд, ки даромади андоз бояд барои сохтмон ва нигоҳдории роҳҳо истифода шавад. Далел муваффақ аст ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ ё тамоми даромадро истифода мебаранд ё як қисми онро барои рушди соҳаи роҳдорӣ ҷудо менамоянд. Дар байни андозҳои сӯзишворӣ андози аз ҳама бештар ба бензин рост меояд. Барои сӯзишвории дизелӣ – хелепасттар, гарчанде ки дар як литр сӯзишвории дизелӣ назар ба бензин километри бештар тай кардан мумкин аст. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки тарифи баландтарин (50 евро барои як тонна) барои бензин ва пасттарин (6,6 евро барои як тонна) барои сӯзишвории дизелӣ рост меояд. Ин нархҳо соли 2018 ҳангоми табдил ба сомонӣ 0,52 ва 0,07 сомонӣ барои як литр (тақрибан 6,4 ва 0,8 сент барои як литр)-ро ташкил медод. Дигар навъҳои сӯзишворӣ тарифҳои дигар доранд. Масалан, як тонна сӯзишвории авиатсионӣ тақрибан 20 евро барои як тонна арзиш дорад.

Дар маҷмӯъ, андозҳои аксизӣ 3,5%-и буҷети давлатиро ташкил медиҳанд ва мушоҳида шудааст, ки беш аз 75%-и даромади аксизҳо аз маҳсулоти нафтӣ, ба монанди бензин, сӯзишвории дизелӣ, равғанҳои молиданӣ ба даст меояд.

3. Андоз аз истифодабарии роҳ. Тибқи боби 40-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз аз истифодабарии роҳҳо аз ҳамаи корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ, ки дар Тоҷикистон хизматрасонӣ ва молҳоро дастрас менамоянд, ситонида мешавад. Андозе, ки истифодабарандагони роҳ мепардозанд, 2% аз ҳаҷми умумии гардиши мол ва 0,5% аз муассисаҳои савдоро ташкил медиҳад. Андозе, ки аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ситонида мешавад, 100% ба буҷети давлат ворид мешавад. Барои соли 2018 ин андоз беш аз 360000 сомониро ташкил медод.

4. Андоз аз воруди воситаҳои нақлиёти хориҷӣ. Воситаҳои нақлиёти хориҷӣ, ки вориди Тоҷикистон мешаванд, андози вуруд ба кишвар мепардозанд. Маблағи андоз вобаста ба намуд ва андозаи воситаҳои нақлиёт,

иқтидори борбардорӣ/ғунҷоиши мусофирон ва кишвари истеҳсолкунандаи воситаҳои нақлиёт фарқ мекунад. Соҳибони воситаҳои нақлиёте, ки дар кишварҳои ИДМ сабти ном нашудаанд, нисбат ба соҳибони воситаҳои нақлиёти дар кишварҳои ИДМ сабтиномшуда бештар андоз месупоранд. Бояд гуфт, ки андозҳои мавҷуда масофаи тайкардаи нақлиётро барои ворид шудан ба кишвар ба назар намегиранд.

Бояд гуфт, ки асоси андоз ва андозаи хоси онҳо (ба як воҳид) барои ҳама намуди нақлиёт, сарфи назар аз намуди тартиб, универсалӣ мебошад. Сохтори андозро бояд такмил дод. Аввалан, андоз бояд на аз рӯйи тавоноии муҳаррик, балки ба вазни умумии мошин асос ёбад, ки барои муайян кардани омили зарари тавассути нақлиёт расонидашаванда ва дар муайян кардани Стандарти ягонаи сарбории тир (СЯСТ) муҳим аст. Сониян, андози универсалӣ барои воҳиди нақлиёт комилан одилона нест, зеро даромад аз андоз ва иқтидори борбардорӣ номутаносиб аст. Сеюм, базаи мавҷудаи андоз аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок нест.

Такмилдиҳии сохтори андоз аз таҷдиди назар ва тағйир додани манбаи андоз иборат аст, яъне гузаронидани манбаи андоз аз воҳиди ченкунии тавоноии муҳаррик (қ.а.) ба вазни умумии автомобил; аз муносибати дифференсиалӣ (гуногун) ба нақлиёти шахсӣ ва тичоратӣ ва дар гурӯҳи нақлиёти шахсӣ тақсимотро аз рӯйи арзиши автомобил ва тавоноии муҳаррик ҷорӣ намоянд.

Дар гурӯҳи нақлиёти тиҷоратӣ тақсимот мувофиқи намуд (мусофирбар ё боркаш) ба мақсад мувофиқ аст.

Васеъ намудани манбаи андоз.

1. Андоз аз мусофирон ва мол. Дар ин тоифа барои васеъ кардани манбаи андоз ду андози нав баррасӣ мешавад, ки яке аз онҳо мусофиронро дар бар мегирад. Андози аввал, яъне андози мусофир, ки ҳангоми харидани чипта аз ҳар як мусофир ситонида мешавад ва 1%-и арзиши роҳкироро ташкил медиҳад, мувофиқи қонун бояд ҳатмӣ шавад. Андози дуюм андози бор аст, ки аз интиқолдиҳанда ситонида мешавад ва 1,5%-и тарифи боркашониро ташкил

медиҳад. Ин андозҳо ба ҳама меъёрҳои андозбандӣ ва бартариҳои маблағгузорӣ мувофиқат мекунанд, ба монанди:

-пардохти истифодабарандагони роҳ ва хизматҳо;

-манбаи доимии даромад мебошанд;

-дар истифода осон;

-ба таваррум ҳассос.

2. Ҷарима барои вайрон кардани Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ (ҚҲР). Андозаи ҷарима барои вайрон кардани ҚҲР бояд аз такроран вайрон кардани ҚҲР боздорад. Ин дар вақти тафтиши нақлиёти боркаш барои аз ҳад зиёд сербор буданаш ёрии калон мерасонад. Он инчунин буҷети роҳдории кишварро мустаҳкам менамояд.

Таҳлили вазъи имрӯзаи иқтисодиёт нишон медиҳад, ки давлат наметавонад манбаи асосии сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиёт гардад, вай фақат захираҳо надорад.

Аз ин рӯ, модели ояндадори татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи инфрасохтори рӯйизамини нақлиёт бояд ба фароҳам овардани шароит барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории он равона карда шавад. Тадбирҳои дахлдор инҳоянд:

-имтиёзҳои андоз ҳангоми андозбандии объектҳо ва системаҳои инфрасохтори нақлиёт;

-баланд бардоштани дастрасии захираҳои кредитӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтории сармоягузорӣ бо роҳи субсидия додани як қисми фоизҳои бонкӣ аз буҷети давлатӣ, инчунин кафолатҳои давлатӣ барои қарзҳо;

-таъмини кафолатҳои давлатӣ ба сармояи сармоягузорони дохилию хориҷӣ, ки барои маблағгузории лоиҳаҳои муҳимтарини сармоягузорӣ ҷалб мешаванд;

-мусоидат дар ташкили консорсиумҳо ва дигар иттиҳодияҳои сармоягузорон барои маблағгузории лоиҳаҳои сармояталаб, аз ҷумла лоиҳаҳои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ;

-васеъ намудани элементҳои пардохт барои истифодаи инфрасохтори нақлиёт барои пӯшонидани хароҷоти дахлдори истифодабарӣ.

Татбиқи ин тадбирҳо имкон медиҳад, ки маблағгузории буҷетии тадбирҳои асосии барномавӣ дар сохтмони нақлиётӣ то 15-17% кам карда шавад.

Ин проблема инҳоро дарбар мегирад: а) омӯхтани рушди бо ҳам алоқаманди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва шабакаҳои алоқаманди алоҳида-алоҳидаи аҳолинишин ва ҷойгиркунии объектҳои истеҳсолӣ; б) таҳлили ақидаҳо дар бораи рушди ҳудуд ва принсипҳои тавсифи чунин рушд.

Ҷанбаи дуюм муҳим аст, зеро аз мундариҷаи консепсияи рушд мундариҷаи тадқиқоти доирнамуда дар бораи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ вобаста аст. Бештар дар адабиёти иқтисодӣ рушди ҳудуд ҳамчун пайдарпайии хаттӣ, якҷониба тағйирёбии сатҳи мураккабии иҷтимоию иқтисодии объекти қаламрави мавриди омӯзиш ва камтар ҳамчун раванди ҷойгиршавӣ дар фазои сохтори ҳудудии иқтисодиёт шарҳ дода мешавад.

Дар доираи пешниҳодоти якум тадқиқи рушди бо ҳам алоқаманди шабакаи нақлиёти автомобилӣ ва конфигуратсияҳои ба он алоқаманд ба мутаносибӣ мебарад, таносуби ҳолатҳои он (шабакаи нақлиётӣ) ба муайянии умумии рушди ягонаи иҷтимоию иқтисодии тамоми ҳудудҳо, яъне ба баҳодиҳии он ки дараҷаи рушд (мураккабӣ)-и шабакаи нақлиёти автомобилӣ аз дараҷаи мавҷудаи пешрафти умумии иҷтимоию иқтисодии ҳудуди баррасишаванда то чӣ андоза ақиб мемонад ё ба он мувофиқ аст.

Дар доираи пешниҳодоти дуюм на танҳо ҳодисаи вобастагӣ, ба ҳам алоқаманд будани ҳудуди рушди системаҳои гуногун баррасӣ мегардад, балки раванди инкишофи системаи комилан нави ҳамгиро ҳамчун объекти пурра бо қонуниятҳои имманентии инкишофи худ, ки инфрасохтори нақлиёти автомобилиро дар бар мегирад, ба назар гирифта мешавад.

Ҳардуи ин системаҳои пешниҳодот вучуд доранд ва инкишоф меёбанд. Ба таври шартӣ онҳоро метавон консепсияи функсионалии рушд (шарҳи рушди баъзе объектҳо бо тағйироти объектҳои дигари бо онҳо алоқаманд) ва

консентратсияи рушди дохилӣ (азхудкунии ҳудуд бо хусусиятҳои худи ҳудуд шарҳ дода мешавад) ё худинкишоф номидан мумкин аст.

Тавре ки шарҳи корҳо[83] оид ба таҳлили робитаи байни инфрасохтори нақлиётӣ ва дигар зерсистемаҳои ҳудудии иқтисодиёт ва кӯчонидани аҳолӣ нишон медиҳад, одатан шабакаи объектҳои хоҷагидорӣ ва системаҳои кӯчонидани аҳолӣ ҳамчун системаҳои алоқаманди бартаридошта ҳисобида мешаванд. Ба схемаи кӯчонидани аҳолӣ, шабакаи марказҳои иқтисодӣ ва қутбҳои афзоиш, зичии аҳолӣ ва урбанизатсия, дараҷаи аз худ намоии хоҷагидории ҳудуд диққати махсус дода мешавад.

Гурӯҳи калони тадқиқотасарҳое мебошанд, ки муносибати байни хусусиятҳои конфигуратсияи шабакаҳо ва параметрҳои берунии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро таҳлил менамоянд.

Ҳисоб кардани коэффитсиентҳои коррелятсияи дараҷаи Спирмен байни нишондиҳандаҳои пуррагӣ бо инфрасохтори нақлиётӣ ва зичии аҳолӣ барои шабакаи ягонаи нақлиётӣ имкон дод, ки вобастагии зичи байни зичии шабакаи роҳҳои автомобилгард бо рӯйпӯши сахт (сифати роҳҳои автомобилгард) ва зичии аҳолӣ ($R_2$ = аз 0,401 то 1,000) ошкор гардад. Наздиктар, вале боз ҳам қавӣ «робитаи байни сатҳи гузарониши нақлиёти автомобилӣ ва зичии аҳолӣ ($R_2$ = аз 0,010 то 0,375, ҷадвали 5.1.): ҳар қадар ноҳия ба берун кушода бошад, зичии аҳолӣ ҳамон қадар зиёд мешавад. Аммо тибқи ҳисобҳои иловагӣ байни зичии аҳолӣ ва шумораи сикломатии шабакаи роҳҳои автомобилгард, инчунин байни намудҳои конфигуратсия ва намудҳои динамикаи аҳолии деҳот (нисбат ба афзоиши аҳолии деҳот дар солҳои 2005-2017) ягон робита вуҷуд надорад.

[83] Бургоменко В.Н. Транспорт в территориальных системах. М.: Трансорт, 1987; Руднева Л.Н. Транспортная инфраструктур региона: понятие и факторы формирования [Текст] / Л.Н. Руднева, А.М. Кудряцев // Российское предпринимательство. – 2013. - №24 (246). - С. 139-144; Тархов С.А. Эволюционная морфологи транспортных сетей [Текст] / С.А. Тархов. - М.: Издательство «Универсум», 2005. - 248 с.; Филина В.Н. Транспортная стратегия России: основные принципы и приоритетные направления развития инфраструктуры [Текст] / В.Н. Филина //Проблемы прогнозирования, 2005. - №2 (89). – С.78-96.

Параметри асосии нақлиётӣ-ҷуғрофӣ сатҳи бо инфрасохтори нақлиёт пурра (таъмин) шудани ҳудуд мебошад. Охирин бо таҳлили робитаи инфрасохтори нақлиётӣ ва хусусиятҳои аҳолӣ тасдиқ мегардад (ҷадвали 5.1.).

**Ҷадвали 5.1. – Коэффитсиентҳои коррелятсияи дараҷаҳо***

| Минтақаи нақлиётӣ-ҷуғрофӣ | Байни зичии шабакаи роҳ ва зичии аҳолии ноҳия | Байни сифати шабакаи нақлиётӣ ва дараҷаи азхуднамоии ноҳия |
|---|---|---|
| Минтақаи Ҳисор | 0,401 | 0,080 |
| Минтақаи Рашт | 1,000 | 0,010 |
| Минтақаи Кӯлоб | 0,929 | 0,375 |
| Минтақаи Бохтар | 0,704 | 0,053 |
| Минтақаи Суғд | 0,889 | 0,045 |
| Минтақаи Кӯҳистони Бадахшон | 0,735 | 0,082 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот.

Барои сохтори ҳудудии иқтисодиёти минтақаҳо хусусияти қисман мустақилӣ (мухторӣ)-и раванди умумии рушди тамоми сохтор аз равандҳои тағйирёбии зерсистемаҳои алоҳида, ки онро ташкил медиҳанд (камнашавандагии раванди умумии рушд ба равандҳои хусусии инкишофи элементҳои он), хос аст.

Тавре аз натиҷаи таҳқиқотҳои эконометрикии дар ҷадвали 5.1. овардашуда дида мешаванд дараҷаи баланди коэффисиенти коррелятсияи байни зичии шабакаи роҳҳо ва зичии аҳолӣ дар минтақаи Рашти Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур ба амал омадаанд. Умуман вобастагии зичии шабакаи роҳҳои автомобилгард бо ҷойгиршавии маҳалҳои аҳолинишин дар ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (коэффисиенти коррелятсияи миёни онҳо) хеле назаррас ҳастанд. Нисбати ин вобастагӣ мавқеъи дуюмро Минтақаи Кӯлоб (0,929), сипас Минтақаи Суғд (0,889), Минтақаи Кӯҳистони Бадахшон (0,735), Бохтар (0,704) ва Минтақаи Ҳисор (0,401) ташкил медиҳанд.

Аз ин мавқеъ сохтори ҳудудии иқтисодиётро ҳамчун системаи изоморфии табиии фазоӣ ва устувори алоқаҳои байни гиреҳҳо ва омилҳои иқтисодӣ муайян кардан мумкин аст. Талаботи асосии методологии омӯзиши инфрасохтори нақлиётро ба таври зайл ифода кардан мумкин аст: тадқиқоти ташкили ҳудудии инфрасохтори нақлиёт бояд бо назардошти вазифаҳои ҳудудии нақши он гузаронида шавад.

Мавзӯи баҳодиҳии таъсири инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба рушди ҳудуд барои тараққиёти минбаъда ҳам аз нуқтаи назари субъект (инҳо метавонанд вазифаҳои алоҳидаи ҳудудии инфрасохтор ё маҷмӯи онҳо бошанд) ва объект (намудҳои гуногуни ноҳияҳо, минтақаҳои алоҳида)-и тадқиқот ояндадор аст. Рушди баланд нисбати нишондиҳандаи вобастагии дараҷаи сифатнокии шабака ва азхуднамоии минтақа дар гурӯҳи ноҳияҳои Минтақаи Рашт ояндадор арзёбӣ карда мешаванд. Дар дигар минтақаҳо ҳарчанд коэффисиенти коррелятсияи ин вобастагӣ пасттар бошад, ҳам вобастагии сусти мусбат ҷой доранд, ки аз инкишоф ёфтани азхудкунии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳанд.

Дар тадқиқоти мо вазифаҳои ҳудудии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ нишон дода (ва аниқ карда) шудааст ва бо нақшаи методӣ мафҳуми андозаи таъсири он ба рушди минтақавӣ бо усулҳои баҳодиҳии оморӣ равшан гардидааст.

**Ҷадвали 5.2. – Хусусияти таъсири инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба рушди ҳудудҳо***

| **Хусусияти таъсиррасонӣ** | **Бартариҳо ва самараи таъсири инфрасохтори нақлиёт** |
|---|---|
| **Мустақим** | 1. Камшавӣ/афзоиши хароҷоти истеҳсоли маҳсулот.<br>2. Паст/баландшавии самараи кори корхонаҳои маҳаллӣ.<br>3.Рушд/маҳдудияти ҳаракатнокӣ, имкониятҳои фароғатии аҳолӣ, робитаҳои иҷтимоӣ.<br>4. Васеъ кардан/маҳдуд намудани хамкории байниминтақавӣ |
| **Ғайримуста-қим** | Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти минтақавӣ.<br>Баробар кардани дараҷаи рушди ҳудуди минтақа.<br>Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ. |

**Идомаи ҷадвали 5.2.**

| Хусусияти таъсиррасонӣ | Бартариҳо ва самараи таъсири инфрасохтори нақлиёт |
|---|---|
| | Баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионӣ. Ҳавасманд гардонидани рушди интенсивии соҳаҳои бо ҳам алоқаманд. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи дигар омилҳои истеҳсолот; зиёд кардани имкониятҳои бозор барои истифодаи онҳо. Ташаккули талаботи умумӣ. |
| **Аз рӯйи давомнокӣ** | 1. Таъсири дарозмуддат: қонеъ гардонидани талаботи соҳибкорӣ ва аҳолӣ ба хизматрасонии босифати нақлиётӣ; афзоиши даромади андоз аз мавҷудияти инфрасохтори нақлиётӣ; дастраснамоии аҳолӣ ба ҷойи кор; пешниҳод (дастраснамоӣ)-и маҳсулот ба аҳолӣ. 2. Таъсири кӯтоҳмуддат: таъсири коҳиш ё зиддиафзоиши хароҷот; конеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба сафар бо мақсадҳои гуногун дар вақтҳои муайяни сол. |
| **Аз рӯйи тарзи таъсиррасонӣ** | 1. Таъсири эндогенӣ: беҳтар намудани робитаи нақлиётии корхонаҳо ва аҳолӣ; баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа ва ҳамчун ҷойи истиқомати доимӣ. 2. Таъсири экзогенӣ: дохил намудани минтақа ба муносибатҳои байниминтақавии иқтисодӣ ва хориҷӣ. |
| **Аз рӯйи сатҳи таъсиррасонӣ** | 1. Сатҳи маҳаллӣ – рушди интиқоли дохилӣ, васеъ кардани бозорҳои маҳаллӣ, афзоиши талабот ба тиҷорат, афзоиши ҳаракатнокии аҳолӣ. 2. Сатҳи минтақавӣ – тавсеаи соҳибкорӣ, зиёд намудани имкониятҳои ташаккули агломератсия; ҳаракатнокии аҳолӣ ва беҳтар намудани таъминоти кадрии корхонаҳо. 3. Сатҳи миллӣ – таъмини амнияти миллӣ, тамомияти арзии кишвар, фароҳам овардани имкониятҳо барои васеъ намудани соҳибкорӣ, ҳаракатнокии аҳолӣ ва сармоя. |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот.

Аз ин рӯ, таъсири вазифаҳои нақшии рушд (демографӣ, кӯчонидани ҳудудии аҳолӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ)-и ҳудудҳо ба рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ шакли нави масъалагузории таҳлил ва баҳодиҳии таъсири инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба рушди ҳудудӣ бевосита, бавосита, бо

мурури замон, аз ҷиҳати усул ва дараҷаи таъсир зоҳиршаванда мебошад (ҷадвали 5.2).

Тавре аз маълумотҳои дар ҷадвали 5.2. овардашуда бар меояд, ки таъсири шабакаи инфрасохтори наќлиёти автомобилӣ ба рушди ҳудуди минтаќаҳо хусусияти таъсиррасонии мустаќим бо осори зерин: камшавӣ/афзоиши хароҷоти истеҳсоли маҳсулот; паст/баландшавии самараи кори корхонаҳои маҳаллӣ; рушд/маҳдудияти ҳаракатнокӣ, имкониятҳои фароғатии аҳолӣ, робитаҳои иҷтимоӣ; васеъ кардан/маҳдуд намудани хамкории байниминтаќавӣ ба амал меоянд ва ғайримустаќимба: афзоиши истеҳсоли маҳсулоти минтаќавӣ; баробар кардани дараҷаи рушди ҳудуди минтаќа; беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ; баланд бардоштани фаъолнокии инноватсионӣ; ҳавасманд гардонидани рушди интенсивии соҳаҳои бо ҳам алоќаманд; баланд бардоштани самаранокии истифодаи дигар омилҳои истеҳсолот; зиёд кардани имкониятҳои бозор барои истифодаи онҳо ва ташаккули талаботи умумӣ, мусоидат мекунанд.

Хусусияти таъсири инфрасохтори наќлиёти автомобилӣ ба рушди ҳудудҳо аз рӯйи давомнокӣ, тарз ва сатҳи таъсиррасонӣ фарќ мекунанд.

Вобаста ба давомнокӣ таъсири шабакаи инфрасохтори наќлиёти автомобилӣ таъсири дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат доранд. Таъсири дарозмуддат ба ќонеъ гардонидани талаботи соҳибкорӣ ва аҳолӣ ба хизматрасонии босифати наќлиётӣ; афзоиши даромади андоз аз мавҷудияти инфрасохтори наќлиётӣ; дастраснамоии аҳолӣ ба ҷойи кор; пешниҳод (дастраснамоӣ)-и маҳсулот ба аҳолӣ, равона карда шудаанд. Таъсири кӯтоҳмуддат бошанд ба: таъсири коҳиш ё зиддиафзоиши хароҷот; конеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба сафар бо маќсадҳои гуногун дар вақтҳои муайяни сол равона карда шудаанд.

Аз рӯйи тарзи таъсиррасонии инфрасохтори наќлиёти автомобилӣ ба рушди минтаќаҳо бо таъсири эндогенӣ ва экзогенӣ фарќ мекунанд. Таъсисри эндогенӣ барои бехтар намудани робитаи наќлиётии корхонаҳо ва аҳолӣ, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтаќа ва ҳамчунин ҷойи истиќомати доимӣ мусоидат мекунанд. Таъсири экзогенӣ бошад барои дохил

намудани (ҷалби) минтақа ба муносибатҳои байниминтақавии иқтисодӣ ва хориҷӣ мусоиат мекунанд.

Бояд гуфт, ки таъсиррсонӣ аз рӯйи сатҳи таъсир ба сатҳи маҳаллӣ, сатҳи минтақавӣ ва сатҳи миллӣ тақсим мешаванд. Дар сатҳи маҳаллӣ таъсиррасонӣ ба рушди интиқоли дохилӣ, васеъ кардани бозорҳои маҳаллӣ, афзоиши талабот ба тиҷорат, афзоиши мутаҳаррикии аҳолӣ оварда мерасонанд. Дар сатҳи минтақавӣ таъсиррасонӣ ба тавсеаи соҳибкорӣ, зиёд шудани имкониятҳои ташаккули агломератсия, ҳаракатнокии аҳолӣ ва беҳтар намудани таъминоти кадрии корхонаҳо мусоидат мекунанд. Дар сатҳи миллӣ бошад, таъсиррсамонӣ ба таъмини амнияти миллӣ, таомомияти арзии кишвар, фароҳам оврадани имкониятҳо барои васеъ намудани соҳибкорӣ, ҳаракатнокии аҳоли ва сармоя мусоидат мекунанд.

Барои таъмини бомуваффақияти фаъолият ва рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ муносибати оқилона ба ташаккули стратегияи рушди инфрасохтори  нақлиёти автомобилӣ, яъне маҷмӯи қоидаҳо ва усулҳое, ки ҳангоми муайян кардани дараҷаи таъсири инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо бояд риоя карда шаванд, зарур аст.

**Ҷадвали 5.3.– Ҳамбастагӣ ва вобастагии байниҳамдигарии дарозии шабакаи роҳҳои автомобилгард (у) ва омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо (x,c,z,f) (аз рӯйи коэффитсиенти тасҳеҳшудаи детерминатсияи $R^2$)***

| Нишондиҳандаҳо (омилҳо) | | | Минтақаи Ҳисор | Минтақаи Рашт | Минтақаи Суғд | Минтақаи Бохтар | Минтақаи Кӯлоб | Минтақаи ВМКБ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Иқтидори демографӣ | Шумораи аҳолӣ | X1 | 1,000 | 0,759 | 0,574 | 0,250 | 0,241 | 0,386 |
| | Суръати афзоиши аҳолӣ | X2 | 0,010 | 0,024 | 0,048 | 0,040 | 0,055 | 0,537 |
| | Афзоиши табиии аҳолӣ | X3 | 0,243 | 0,147 | 0,254 | 0,009 | 0,007 | 0,009 |
| | Таваллуд | X4 | 0,350 | 0,461 | 0,216 | 0,001 | 0,049 | 0,000 |
| | Фавт | X5 | 0,069 | 0,041 | 0,152 | 0,065 | 0,121 | 0,094 |

**Идомаи ҷадвали 5.3.**

| Нишондиҳандаҳо (омилҳо) | | | Минтақаи Ҳисор | Минтақаи Рашт | Минтақаи Суғд | Минтақаи Бохтар | Минтақаи Кӯлоб | Минтақаи ВМКБ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кӯчонидани ҳудудии аҳолӣ | Майдони ҳудуд | C1 | 0,831 | 0,097 | 0,086 | 0,003 | 0,079 | 0,602 |
| | Зичии аҳолӣ | C2 | 0,225 | 0,065 | 0,016 | 0,004 | 0,012 | 0,439 |
| | Майдони кишт | C3 | 0,558 | 0,663 | 0,016 | 0,473 | 0,516 | 0,803 |
| Омилҳои рушди иҷтимоии минтақаҳо | Музди миёнаи моҳонаи меҳнат | Z1 | 0,025 | 0,002 | 0,387 | 0,277 | 0,019 | 0,029 |
| | Муассисаҳои таълимӣ | Z2 | 0,740 | 0,624 | 0,520 | 0,236 | 0,244 | 0,287 |
| | Муассисаҳои тандурустӣ | Z3 | 0,511 | 0,799 | 0,413 | 0,305 | 0,024 | 0,080 |
| | Ҳаҷми савдои чакана | Z4 | 0,410 | 0,170 | 0,478 | 0,143 | 0,010 | 0,403 |
| | Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ | Z5 | 0,629 | 0,531 | 0,414 | 0,016 | 0,001 | 0,499 |
| | Ҳаҷми хизмати маишӣ | Z6 | 0,678 | 0,025 | 0,243 | 0,087 | 0,022 | 0,191 |
| Иқтидори иқтисодӣ | Ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ | F1 | 0,043 | - | 0,088 | 0,660 | 0,415 | - |
| | Ҳаҷми маблағгузории асосӣ аз ҳисоби ҳама манбаъҳои маблағгузорӣ | F2 | 0,214 | 0,001 | 0,104 | 0,013 | 0,144 | 0,018 |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот тартиб дода шудааст.

Ҳамбастагӣ ва вобастагии байниҳамдигарии дарозии шабакаи роҳҳои автомобилгард (y) ва омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо (x,c,z,f) (аз рӯйи коэффитсиенти тасҳеҳшудаи детерминатсияи $R^2$) дар ҷадвали 5.3. оврада шудаанд. Тавре аз маълумотҳои ин ҷадвал бар меояд, дрозии шабакаи роҳҳои автомобилгард ба нишондиҳандаҳои зерини минтақаҳо: иқтидори демографӣ, кӯчонидани ҳудудии аҳолӣ, омилҳои рушди иҷтимоии минтақаҳо, иқтидори иқтисодии минтақаҳо таъсири калон мерасонанд.

Бояд гуфт, ки иқтидори демографии минтақаҳо тавассути шумораи аҳолӣ, суръати афзоиши аҳолӣ, афзоиши табии аҳолӣ, таваллуд ва фавт ифода мекунанд.

Ин нишондиҳандаҳо дар ҳами минтақаҳои ҷумҳурӣ бо рушди инфрасохтори нақлиётии кишвар алоқамандии мусбат доранд, масалан, шумораи аҳолӣ дар Минатқаи Ҳисор мавқеи аз ҳама баланд дорад. Таъсири паст дар Минтақаи Кӯлоб мушоҳида мешавад, ки он бевосита ба афзиш ёфтани муҳоҷирати дохилии икшвар вобаста аст. Нисбати суръати афзоиши аҳоли ВМКБ ҷойи аввалро ишғол менамояд (коэффисиенти детерминатсия он 0,537), ки дар 53,7 % ба рушди инфрасохтори нақлиётии он суръати афзоиши аҳолӣ дар ин вилоят ташкил мекунанад. Афзоиши табиии аҳолӣ бештар дар вилояти Суғд (0,254) ва Минтақаи Ҳисор ба рушди инфрасохтор таъсири мусбат намудаанд. Ин нишондиҳанда дар ҳамаи минтақаҳо таъсири мусбат доштааст, ҳарчанд онҳо дар баъзе минтақаҳо таъсири хеле паст доштааст (7-9%). Нишондиҳандаҳои таваллуд ва фавт ҳам ба рушди инфрасохтори нақлиёти автомоблӣ вобастагии мусбат дорад ва рушди онро тақозо менамоянд.

Кӯчиши ҳудудии аҳолӣ низ бевосита ба рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии минтақаҳо таъсири мусбат мерасонанд. Нишондиҳандаҳои асосии ин омил масоҳати ҳудуди минтақа ($C_1$), зичии аҳолӣ ($C_2$) ва масоҳати майдони кишт ($C_3$) ба шумор мераванд. Масоҳати ҳудудии минтақа барои Минтақаи Ҳисор (0,831) , Минтақаи Бадахшон (0,602) хеле муҳим ҳастанд. Зичии аҳолӣ ба рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии Вилояти Бадахшон ва ноҳияҳои минтақаи Ҳисор таъсири баландтар доштаанд. Майдонҳои кишт дар аксари минтақаҳо таъсири мусбат ба рушди инфрастохтори нақлиёти автомобилӣ доштаанд. Махсусан, ин нишондиҳанда дар минтақаҳои аҳолинишини кӯҳӣ хеле баланд арзёбӣ карда мешаванд.

Омилҳои рушди иҷтимоии минтақаҳо дар музди миёнаи меҳнат, миқдори муассисаҳои таълимӣ, тандурутӣ, ҳаҷми савдои чакана, хизматрасониҳои пулакӣ ва маишӣ ифода меёбанд. Ҳамаи ин омилҳо бо дараҷаҳои гуногун аз рушди инфраохтори нақлиёти автомобилӣ вобастагӣ доранд. Маслан, музди миёнаи меҳнати моҳона дар Вилояти Суғд (0,387), ҷой доранд, ки тағйирёбии он дар 38,7 аз 100% аз рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ вобастагӣ доранд. Дар дигар минтақаҳо таъсири инфрасохтор аз 0,2 % (минтақаи Рашт) то

27,7 % (минтақаи Бохтарро) ташкил медиҳанд. Дар умум таъсири рушди инфрасохтор ба ин нишондиҳанда тамойили мусбат дорад. Нақши махсус дар ҷойгиршавии инфрасохтори нақлиётии минақа ҷойгиршавии муассисаҳои таълимӣ ва тандурустӣ дар минтақа бозӣ мекунанд. Аз маълумотҳои ҷадвали 5.3. бар меоянд, ки дар рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии минтақаҳо ҷойгиршавии массисаҳои таълимӣ коэффисиенти баланди детерминатсия қари дар ҳами минтақаҳо доранд. Айнан ҳамин гуна таъсир ҷойгиршавии муассисаҳои тандурустӣ мебозанд. Рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба рушди савдои чакана, хизматрасониҳои пулакӣ ва маишӣ мусоидат мекунад. Савдои чакана дар минтақаи Суғд (0,478) дар 47,8 % аз ҳисоби рушди инфрсохтори нақлиёти автомобилӣ ба вуҷуд омадаанд. Ин нишондиҳанда дар се минтақаи кишвар (Суғд, Ҳисор, Бадахшон) ба амал омадаанд. Бо рушд ёфтани инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ хизматрасониҳои пулакӣ қариб дар ҳамаи минтақаҳои кишвар (ба ғайр аз Бохтару Кӯлоб) аз 41,4 то 63,0% - ро ташкил намудаанд.

Бояд гуфт, ки рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар минтақаҳо низ хизматрасониҳои маишӣ инкишоф ёфта истодаанд. Ин гуна хизматрасониҳо дар ноҳияҳои минтақаи Ҳисор рушд ёфта дар дигар минтақаҳо дар марҳилаи оғозёбии рушди ин намуд хизматарасониҳо дар заминаи рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба вуҷуд омада истодаанд.

Иқтидори иқтисодии минтақаҳо низ аз рушди инфрасохтори нақлиёти атомобилии онҳо вобастагии калон доранд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои Бохтар (0,660) ва Кӯлоб (0,415) афзоиши зиёд дошта, дар минтақаҳои Суғд ва Ҳисор афзоиш ёфта истодаанд.

Рушди инфрасохтори нақлиётии имнтақаҳо ба беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ мусоидат мекунанд. Фазои сармоягузориҳо дар минтақаҳои Ҳисор (21,4), Минтақаи Кулоб (14,,4%), Минтақаи Суғд (10,4%) беҳтар шуда, дар минтақаҳои Бадахшон, Бохтар ва Рашт тамойили мусбат доранд.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти иқтисодӣ бисёр равиш ва усулҳои баҳодиҳии таъсири инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба рушди ҳудуд вуҷуд

дорад. Ҳар як равиш ва усулҳо бартарӣ ва камбудиҳои худро дорад ва вобаста ба объекти тадқиқот дар доираи муайян татбиқ мешавад. Гузашта аз ин, баъзе равишҳо ҳудуди шартӣ доранд ва дар доираи муайян равишҳои дигарро такрор менамоянд.

Таҳлили равиш ва методикаи мавҷудаи баҳодиҳии таъсири инфрасохтори нақлиётӣ ба рушди минтақаҳо имкон дод, ки як қатор хулосаҳо бароварда шаванд: аксари онҳо ба як намуд тааллуқ доранд, заминаи ягонаи методологӣ ва консептуалӣ доранд ва дар соҳаҳо ва фаъолиятҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст; методикаҳои оригиналӣ зиёд нестанд ва дорои аппарати мураккабтари математикӣ ё аналитикӣ мебошанд; методикаи муаллифони хориҷӣ бо гуногунии зиёд фарқ доранд. Истифодаи онҳо аз рӯйи шартҳои мо ба шароити мавҷуда мутобиқати пешакиро металабад.

Бо назардошти мазмуни мураккаби комплексии инфрасохтори нақлиёт муҳимтарин нуктаи муайян кардани баҳодиҳӣ бо усули комплексӣ муайян намудани номгӯйи нишондиҳандаҳое мебошад, ки барои баҳодиҳӣ истифода мешаванд. Зарурати ҳалли ин масъала аз мавҷудияти баҳодиҳӣ ва аз ҳамин сабаб мушкилии гузаронидани баҳодиҳӣ бо истифода аз яке аз усулҳои комплексӣ аз сабаби баробарсозии натиҷаҳои бадастомада вобаста аст.

Муҳимтарин нуктаи муайян кардани баҳодиҳӣ бо усули комплексӣ муайян намудани номгӯйи нишондиҳандаҳо мебошад (расми 5.1.), ки барои баҳодиҳӣ истифода мешаванд.

Муносибати мо ба истифодаи номгӯйи нишондиҳандаҳо асос ёфтааст, ки омори расмии давлатӣ барои тавсифи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебарад. Нишондиҳандаҳоеро, ки дар омори расмӣ мавҷуд будани рушдиҳудудҳоро тавсиф мекунанд, мо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоем: иқтидори демографии минтақа, нишондиҳандаҳои кӯчонидани ҳудудии аҳолӣ, нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоии минтақа ва иқтидори истеҳсолию иқтисодии минтақа.

Барои ҳалли ин масъала дар ҷараёни тадқиқот тартиби муайян кардани омилҳо ва нишондиҳандаҳои муҳим (расми 5.1.) ва баҳодиҳии дараҷаи

таъсиррасонӣ ва вобастагии мутақобилаи онҳо аз рӯйи коэффитсиенти детерминатсияи $R^2$ (ҷадвали 5.3) пешниҳод карда шуд.




**Расми 5.1. – Тартиби муайян намудани нишондиҳандаҳои муҳим – омилҳои баҳодиҳии таъсири инфрасохтори нақлиётӣ ба рушди минтақаҳо***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот.

Омилҳои муҳим (дар ҷадвал бо ҳарфҳои ғафс нишон дода шудаанд) нишондиҳандаҳое мебошанд, ки бо дигар омилҳои ҳангоми баҳодиҳии таъсири онҳо ба рушд истифода мешаванд, коррелятсия нашудаанд ва шумораи онҳо баҳодиҳии эҳтимолии таъсирро таъмин менамояд.

Методикаи баҳодиҳии таъсири инфрасохтори нақлиёт ба рушди минтақаҳо барои таҳияи тавсияҳои далелноки илмӣ оид ба идоракунии рушди инфрасохтори  нақлиёт дар минтақаҳо пешбинӣ шудааст. Доираи методикаи пешниҳодшуда тадқиқот ва татбиқи амалии ташаккули нақшаҳои ҷорӣ ва дарозмуддати рушди инфрасохтори  нақлиёт дар минтақаҳо мебошад.

Мақсади таҳияи методикаи такмил додани воситаҳо дар робита ба баҳодиҳии таъсири инфрасохтори  нақлиёт ба рушди минтақаҳо дар асоси маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои баҳодиҳӣ истифода мешаванд, мебошад. Зарурати ҳалли ин масъала аз мавҷудияти баҳодиҳӣ ва аз ҳамин сабаб мушкилии гузаронидани баҳодиҳӣ бо истифода аз яке аз усулҳои комплексӣ аз сабаби баробарсозии натиҷаҳои бадастомада вобаста аст.

Методика дар асоси истифодаи комплексии усулҳои таҳлили иқтисодӣ, моделсозии иқтисодию математикӣ ва таҳлили системавӣ бо истифода аз барномаи Excel таҳия шудааст.

Методика ба ҳалли масъалаҳои асосии илмию амалии зерин нигаронида шудааст:

-муайян намудани нишондиҳандаҳои муҳиме, ки иқтидори инфрасохтори нақлиёт ва элементҳои онро тавсиф мекунад;

-баҳодиҳии нишондиҳандаҳое, ки вазъи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро тавсиф мекунанд;

-муайян намудани дараҷаи таъсири параметрҳои инфрасохтори  нақлиёт ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо. Сохтори методикаи таҳияшуда дар расми 5.2. нишон дода шудааст.

Он аз маҷмӯи блокҳо ва марҳилаҳои ба ҳам алоқаманди мантиқӣ иборат аст, ки моҳияти масъалаҳои дар кори мазкур тадқиқшударо инъикос менамояд (ҷадвали 5.4).




**Расми 5.2. – Блок-схемаи методикаи баҳодиҳии таъсири инфрасохтори нақлиётӣ ба рушди минтақаҳо***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот.

Тадқиқи вобастагии омории байни нишондиҳандаҳои рушди минтақаҳо ва нишондиҳандаҳои нақлиёт нишон дод, ки нишондиҳандаҳои аз ҷиҳати оморӣ муҳим инҳоянд: $x^2$ – ҳаҷми гардиши бор, ки дар он вобастагии мустақим вуҷуд дорад ва гардиши мусофирон, ки дар он вобастагии баръакс вуҷуд дорад.

Ин нишондиҳандаҳо ба чунин нишондиҳандаи рушди минтақавӣ, ба монанди маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ таъсир мерасонанд. Ин маънои онро дорад, ки афзоиши гардиши бор ба маҷмӯинишондиҳандаҳоирушди иқтисодии минтақа таъсири мусбат мерасонад. Қайд менамоем, ки зичии шабакаи нақлиётӣ ба маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ таъсири баръакс мерасонад. Ин чунин маъно дорад, ки барои маҷмӯи нишондиҳандаҳои рушди минтақа на зичӣ, балки шиддатнокии истифодаи роҳҳо аҳамият дорад.

Дар баробари ин зичии шабакаи нақлиётӣ ба даромади субъектҳои муттаҳидаи ҷумҳурӣ бевосита таъсир мерасонад. Ин маънои онро дорад, ки худи мавҷудияти инфрасохтори нақлиёт омили муҳими ҷойгиршавии корхонаҳои маҳаллӣ мебошад, ки ба буҷетҳои маҳаллӣ даромад ворид мекунанд. Дар баробари ин, ҳаҷми боркашонӣ ба даромади буҷети муттаҳидаи субъектҳо баръакс вобаста аст ва ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки қисми зиёди бор на аз тарафи операторони маҳаллӣ, балки аз тарафи фирмаҳои дар минтақаҳои дигар ба қайд гирифташуда, ки аз ҳисоби онҳо андозҳо ба буҷети маҳаллӣ дохил намегарданд, кашонида мешавад.

**Ҷадвали 5.4. – Натиҷаҳо ва нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, ки ба онҳо инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таъсир мерасонад***

| Намуди натиҷа | Хусусияти натиҷа | Нишондиҳандаи натиҷа |
|---|---|---|
| Рушди соҳибкорӣ дар минтақа | Беҳтар намудани вазъияти иқтидори соҳибкории минтақа, афзоиши сатҳи фаъолнокии соҳибкорӣ | -афзудани шумораи корхонаю ташкилот дар минтақа;<br>-афзоиши корхонаҳои хурду миёна ба ҳар ҳазор нафар аҳолӣ;<br>-афзоиши шумораи ба тиҷорати хурд ва миёна машғулбуда дар корхона. |

**Идомаи ҷадвали 5.4.**

| Намуди натиҷа | Хусусияти натиҷа | Нишондиҳандаи натиҷа |
|---|---|---|
| Сатҳи маблағгузорӣ ва фаъолнокии инноватсионӣ | Афзоиши иқтидори маблағгузорӣ ва фаъолнокии сармоягузории воқеӣ дар минтақа | -ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ;<br>-ҳаҷми маблағгузории молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо;<br>-сатҳи хароҷоти инноватсинӣ дар корхонаҳо. |
| Ҳамгироии иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо | Сатҳи баробарсозии дараҷаи иҷтимоӣ-иқтисодии рушди минтақаҳо | -ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти минтақа;<br>-ҳаҷми молу хизматрасониҳои воридотӣ ба минтақа;<br>-нишондиҳандаҳои муҳоҷирати аҳолӣ. |
| Сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолӣ | Сатҳиқонеъ гардондани эҳтиёҷоти моддӣ ва иҷтимоии аҳолӣ | -шумораи аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли аҳолӣ;<br>-дараҷаи шуғл ва даромади пулии аҳолӣ. |
| Сатҳи таъминотӣ бо хизматрасонии иҷтимоӣ | Ташаккули таъминоти буҷетии системаҳои маориф, нигаҳдории тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ | -ҳаҷми пардохтҳои андоз;<br>-даромади буҷети муттаҳидшуда ба ҳар сари аҳолӣ. |
| Рушди ҳамкории байниминтақавӣ | Рушди робитаҳои байниминтақавӣ | -ҳаҷми интиқоли бору мусофирон;<br>-муҳоҷирати меҳнатӣ. |

***Сарчашма:** Муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тартиб додааст.

Индекси тарифҳои боркашонӣ ва мусофирбарӣ ба дараҷаи даромади пулии аҳолӣ ва натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилот ба таври оморӣ баръакс таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, мо ба таври оморӣ тасдиқ кардем, ки сатҳи даромади аҳолӣ ва сатҳи даромаднокии ташкилот аз сатҳи тарифҳои нақлиёт вобастагии калон дорад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки таъсири назарраси инфрасохтори нақлиёти автомобилии ҷумҳурӣ ба нишондиҳандаҳои рушди минтақавӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки қабули қарор оид ба рушди инфрасохтори нақлиёти

автомобилӣ ва захираҳои молиявии дахлдор бояд аз сатҳи ҷумҳуриявӣ ба сатҳи минтақавии идоракунӣ гардонида шаванд.

## 5.2. Рушди иқтидори транзитӣ дар ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Дар майдони инфрасохтории системаи ягонаи нақлиёти Тоҷикистон роҳҳои автомобилгард, фурӯдгоҳҳо ва роҳи оҳан нақши муҳим доранд.

Тоҷикистон соҳаи инфрасохтори системаи ягонаи нақлиёти худро такмил дода, ба давраи навсозии амиқ, ислоҳоти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ворид шуд. Ислоҳоти амалишаванда дар ҳақиқат таҷдиди сохтори иқтисодиётро, ки ба роҳи модели сифатан нави рушд дохил шудааст, инъикос менамояд. Устувории мавқеи иқтисодиёти миллӣ дар ҷаҳони иқтисоди муосир бо пайвастагии се ҷиҳати стратегӣ пешакӣ муайян мегардад: вазъият дар соҳаи беруна; вазъи системаи манфиат ва афзалиятҳои миллӣ; мавқеъ дар иқтисоди миллӣ.

Афзоиши савдои беруна аз нав дида баромадани сифатии ҷузъи инфрасохтори нақлиётии хароҷотро талаб мекунад. Сохторҳои соҳибкорӣ хароҷоти нақлиётии хатсайри ҳаракати анбуҳи молро бо роҳи заминию обӣ,аз ҷумла вобастагии байни рушди нақлиёти автомобилӣ ва афзоиши савдо, динамикаи демографӣ ва динамикаи талабот ва пешниҳодро бодиққат тадқиқ менамоянд[84].

Самтҳои афзалиятноки робитаҳои нақлиётии байни Ғарб ва Шарқ ҳанӯз соли 1994 дар Конференсияи дуюми нақлиётии умумиаврупоӣ дар ҷазираи Крит муайян карда шуда буданд. Дар маводи конференсия таъсиси даҳ долони нақлиётии умумиаврупоӣ инъикос ёфтааст, ки панҷтои он аз қитъаҳои роҳи

[84] см.: Филина В.Н. Транспортная стратегия России: основные принципы и приоритетные направления развития инфраструктуры [Текст] / В.Н. Филина // Проблемы погнозирования. – Москва. - 2005. - №2(89). - С.78-96.

автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад [85]. Ҳамаи ин боиси тағйирёбии мусбат дар сохтори инфрасохтори нақлиёт ва системаи нақлиёту коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Дар натиҷаи модернизатсияи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ азнавсозии сохтории парки нақлиёти автомобилии ҷумҳурӣ ва ба талаботи бозори берунӣ ва дохилии хизматрасонии интиқол мувофиқ намудани он ба амал омад. Масофаи максималие, ки дар он интиқоли автомобилӣ нисбат ба нақлиёти роҳи оҳан аз ҷиҳати иқтисодӣ рақобатпазир гардид, аз 700-800 км то 1200-1300 кмзиёд шуд. Барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ чунин масофаҳо аз ҳама бештар талаб карда мешаванд.

Аллакай метавон гуфт, ки ин тағйирот хусусияти дарозмуддат дорад, ҳиссаи ширкатҳои соҳибкории миёна ва хурд, ки сохтори тамоми логистикиро тағйир додаанд, дар интиқоли дохилию беруна беш аз 90%-ро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки модернизатсияи инфрасохтори нақлиёт ба он оварда расонд, ки бозори хизматрасонии нақлиётӣ бештар гурӯҳбандӣ ва сохторбандӣ шудааст.

Вобаста ба ин рушди мутавозини инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ шарти зарурии такмили минбаъдаи инфрасохтори бозор бо назардошти моделҳои бозории нақлиёт ва рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошад.

Мутобиқи системаи маблағгузории роҳҳои автомобилгард ва сиёсати давлатии рушд ва дастгирии соҳибкории хурду миёна дар инфрасохтори нақлиёт ду гурӯҳи объектҳои хизматрасон ҷудо карда шудаанд, ки сохтмон ва маблағгузории онҳо бояд аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногун бо муносибати мувофиқи ташкилию ҳуқуқӣ амалӣ гардад.

Гурӯҳи якум объектҳое мебошанд, ки ба комплекси инфрасохтори нақлиёт дохил мешаванд. Ба инҳо алоқаҳои садамавӣ-огоҳкунанда,

---

[85] см.: Транспорт и развитие. Дискуссионная записка / Организация Объединенной Нации: Генеральная Ассамблея//Материалы третьей конференции ООН по наименее развитым странам. -Брюссель. Бельгия: (б.н.). 14 – 20 мая 2001 г. № A /CONF/191/BP/1.

майдончаҳои таваққуфи кӯтоҳмуддатати автомобилҳо, истгоҳҳои автобус, автопавилионҳо дохил мешаванд.

Гурӯҳи дуюм объектҳои хизматрасонии пулакӣ (мотелҳо, кемпингҳо, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, нуқтаҳои хизматрасонии техникӣ, нуқтаҳои хӯрокворӣ, терминалҳо ва ғайра) мебошанд, ки ҳамчун корхонаи хурди савдо бо васоити рушди худ кор мекунанд. Ташаккул ва тавсеаи ин корхонаҳоро талабот ва пешниҳод ба ин намуди хизматрасонӣ бо шароити мусоиди танзими давлатӣ муайян менамояд.

Самти навбатии афзалиятнок ташкили заминаи ҳуқуқии объектҳои инфрасохтори хусусӣ ва пулакӣ мебошад, ки имкон медиҳад манбаъҳои нави маблағгузории рушди инфрасохтор, инчунин роҳҳои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба истифодабарандагони инфрасохтори нақлиёт дар заминаи ба вуҷуд овардани қитъаҳои пулакии роҳҳо, пулҳо, эстакадаҳо муайян карда шаванд.

Самтҳои муҳими афзалиятноки рушди инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат таҷдиди шабакаи аэродромҳои минтақавӣ ва маҳаллии инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ ва ташаккули робитаҳои роҳи оҳани транзитӣ дар долонҳои байналмилалии нақлиётӣ бо мақсади фароҳам овардани шароит барои рушди инфрасохтори интермодалӣ барои амалӣ намудани интиқоли интермодалии борҳо ва одамон байни кишварҳои минтақаи марказӣ-ҷанубӣ-осиёӣ мебошад.

Барои рушди системаҳои логистикӣ дар кишварҳои гуногун ва муқоисаи онҳо мутахассисони Бонки ҷаҳонӣ Индекси самаранокии системаи логистикиро таҳия карданд. Ин индекс тавассути гузаронидани тадқиқот дар шакли пурсиш дар байни экспедиторҳо, ширкатҳои логистикӣ ва мутахассисони соҳаи логистика, ки дар кишвари мавриди тадқиқ кор мекунанд, муайян карда мешавад ва ба ҳисоби миёна аз шаш нишондиҳандаи асосӣ, ки рушди системаи логистикӣ дар кишварро тавсиф менамоянд, иборат мебошад: 1) самаранокии барасмиятдарории софкории гумрукӣ; 2) сифати инфрасохтори савдо ва инфрасохтори нақлиёт (роҳҳои оҳан, автомобилгард, технологияҳои

иттилоотӣ); 3) рақобатпазирии нархи мол (интиқоли байналмилалӣ); 4) салоҳият ва сифати хизматрасонии логистикӣ (кори брокерҳои гумрукӣ, операторони нақлиётӣ-экспедиторӣ); 5) имкони пайгирии борҳо; 6) сарфи вақт ҳангоми интиқоли борҳо ба нуқтаҳои таъйинот[86]. Арзиши индекси самаранокии системаи логистикӣ аз 1 то 5 фарқ мекунад.

Соли 2021 Тоҷикистон натиҷаҳои худро дар самти самаранокии системаи логистикии кишвар аз ҳисоби афзоиши қимати нишондиҳандаҳои ташкили самараноки расмиёти софкории гумрукӣ ва салоҳияти кормандони гумруку нақлиётӣ-экспедиторӣ ва сифати хизматрасонии логистикӣ ба андозаи нуқтаҳои 0,30 беҳтар намуд. Дар робита ба нархҳои рақобатпазири интиқол дар бозори байналмилалӣ сифати инфрасохтори нақлиётӣ, имкони пайгирии борҳо ва вақти сарфшуда барои интиқоли борҳо ба нуқтаҳои таъйиншудаи кишвар пешрафти мувофиқ ба даст наовардааст.

Қимати беҳтарини ин нишондод асосан ба самаранокии фаъолияти долонҳои нақлиётии кишвар марбут аст.

Ҳамин тариқ, пас аз таҳлили пажуҳиши Бонки Ҷаҳонӣ метавон ба хулосае омад, ки Тоҷикистон бо ҷалби тамоми долонҳои нақлиётӣ имкон дорад, то сифати инфрасохтори нақлиётро ба таври назаррас беҳтар созад, ҳангоми пайгирии борҳо технологияҳои иттилоотиро дар онҳо инкишоф дода, ба таври қобили мулоҳиза вақтибарои боркашонӣ сарфшавандаро коҳиш диҳад ва ин имкон медиҳад тамоми занҷири таъминот самаранок идора карда шавад. Муаллиф барои пешгӯӣ ва баҳодиҳии имконоти эҳтимолии фаъолияти иқтисодии хориҷии Тоҷикистон Стратегияи «Тоҷикистон – кишвари транзитӣ»-ро таҳия кардааст.

Дар зер самтҳои асосии тағйирот дар гардиши бори кишвар ҳангоми сохтани хатсайрҳои гуногуни интиқол оварда шудаанд:

-Стратегияи I. Афғонистон ҳамчун кишвари транзитӣ барои Тоҷикистон: гардиши мол бо Покистон, Ҳиндустон, Бангладеш ва Эрон.

---

[86] Источник: по данным официального сайта Всемирного Банка: http:// lpi.worldbank. org/international/scorecard открытый. Дата обращения 29.08.2020.

-Стратегияи II. Тоҷикистон ҳамчун кишвари транзитӣ барои интиқоли бор ба Афғонистон барои Қирғизистон, Қазоқистон, Россия, Чин, Ӯзбекистон.

-Стратегияи III. Қирғизистон ҳамчун кишвари транзитӣ барои Тоҷикистон: гардиши мол бо Чин, Қазоқистон, Россия ва Муғулистон.

-Стратегияи IV. Ӯзбекистон ҳамчун кишвари транзитӣ барои Тоҷикистон: гардиши мол бо Туркия, Туркманистон, Қазоқистон, Россия ва Иттиҳоди Аврупо.

-Стратегияи V. Чин ҳамчун кишвари транзитӣ барои Тоҷикистон: гардиши мол бо Кореяи Ҷанубӣ, Ветнам.

-Стратегияи VI. Тоҷикистон ҳамчун кишвари транзитӣ барои Туркия, Эрон, Афғонистон, Покистон, Бангладеш ва Ҳиндустон.

Ҳисобҳои мо ба модели таҳияшудаи эквивалентӣ асос ёфтаанд, ки он ба асосҳои назариявии теоремаи Ҳекшер-Олин асос ёфтааст, ки мегӯяд, ҳар як кишвар ҳамон молҳоеро содир менамояд, ки барои истеҳсоли онҳо омилҳои истеҳсолии нисбатан зиёд доранд ва молҳои дорои омилҳои зиёдро ворид мекунад, ки барои истеҳсоли онҳо норасоии нисбии омилҳои истеҳсолиро эҳсос менамояд [87]. Инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ барои рушди робитаҳои нақлиётию иқтисодӣ заминаҳои мувофиқ ба вуҷуд оварда, ба афзоиши бартариҳои нисбии ҳудудҳо ва умуман кишвар дар заминаи қабули қарорҳои идоракунӣ нисбати камтарин намудани хароҷотҳои инфрасохторӣ мусоидат менамоянд.

Тартиби қабули қарорҳои идоракуниро дар асоси матритсаи қарорҳои идоракунӣ (ҷадвали 5.5.), ки мо дар заминаи сатҳи мувофиқи хароҷотҳои боркашонӣ дар инфрасохтори нақлиёти автомобилии коридорҳои авомобилӣ, таҳия намудем, ба амал бароварда мешаванд.

Дар ҷадвали 5.5. қарорҳои идоракунии зерин нисбати арзиши аслии боракашонӣ дар инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ оварда шудаанд:

1.1. Арзиши аслии боркашонӣ бе ягон асос баланд карда шудаанд. Бояд баронмаи пастсозии хароҷотҳои истифодабарии воситаҳои нақлиёт дар

---

[87] Киреев А.П. Международная экономика. В 2-х ч.- Ч.1. Международная микроэкономика: движение товаров и факторов производства. М.:, 1997.- С.104.

инфрасохтори нақлиётӣ таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд, дар мавриди зарурӣ тағйиротҳои кадрӣ гузаронида шаванд.

1.2. Инноватсиҳои техникӣ ва технологии ба имконияти оптимизатсияи омилҳои ба арзиши аслии боркашонӣ таъсиркунанда ҷорӣ карда, пастшавии ифодаи ҳисобӣ ва амалии онҳо паст карда шаванд.

1.3. Дар заминаи тадбирҳои мотиватсионӣ таъмин намудани нигоҳдории арзиши аслии боркашонӣ дар сатҳи пасттар аз қимати ҳисобии он. Ҷорӣ намудани инноватсияҳои техникӣ ва технологие, ки оптимизатсияи таъсири омилҳои ба арзиши аслии боркашонӣ таъсиркунандаро таъмин менамоянд, ва пастшавии сатҳи ҳисобӣ ва амлалии онро таъмин намоянд.

**Ҷадвали 5.5. – Матритсаи қарорҳои идоракунӣ дар асоси сатҳи мавҷудаи хароҷотҳои ҳамлу нақли борҳо тавассути нақлиёти автомобилӣ дар инфрасохтори нақлиёти автомобилии коридорҳои нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Гурӯҳи сатҳи хароҷоти боркашонӣ | 1. Хароҷот аз қимати ҳисобии бештар | 2. Харҷот наздик ба қимати ҳисобӣ | 3. Хароҷот пасатар аз қимати ҳисобӣ | Қарорҳои идоракунӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. Хароҷот аз қимати ҳисобии бештар | 1.1 | 1.2 | 1.3 | Қабули тадбир оид ба кам кардани арзиши аслии боркашонӣ, дар заминаи истифодабарии инноватсия, мотватсия ва қарорҳои кадрӣ |
| 3. Хароҷот наздик ба қимати ҳисобӣ | 2.1 | 2.2 | 2.3 | Таъмин намудани баланд нашудани (ихтисор шудани) сатҳи арзиши аслии боркашонӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани чораҳои ташкилию техникии ва ҳавасмандсозӣ |
| 4. Хароҷот пасатар аз қимати ҳисобӣ | 3.1 | 3.2 | 3.3 | Таъмин намудани баланд нашудани сатҳи арзиши аслии боркашонӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани чораҳои ташкилӣю техникӣ ва ҳавасмандсозӣ |

**Идомаи ҷадвали 5.5.**

| Гурӯҳи сатҳи хароҷоти боркашонӣ | 1.Хароҷот аз қимати ҳисобии бештар | 2.Харҷот наздик ба қимати ҳисобӣ | 3.Хароҷот пасатар аз қимати ҳисобӣ | Қарорҳои идоракунӣ |
|---|---|---|---|---|
| Қарорҳои идоракунӣ | Таҳия ва татбиқи барномаи камкуни хароҷот; дар мариди зарурӣ ба вуҷуд овардани тағйиротҳои кадрӣ | Таъмин намудани коҳишёбии сатҳи арзиши аслӣ аз ҳисоби инноватсия, мотватсия, чораҳои ташкилию техникӣ | Таъмини баланд нашудани сатҳи арзиши аслий аз ҳисоби мотватсия, ҷораҳои тешкилӣ-техникӣ ва инноватсионӣ | |

***Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тартиб дода шудааст.

2.1. Арзиши аслии боркашаонӣ беасос баланд карда шудаанд. Бояд барномаи ихтисори хароҷотҳои истифодабарӣ роҳандозӣ карад шаванд Дар мавриди зарурӣ тағйиротҳои кадрӣ пешбинӣ карда шаванд. Дар заминаи чораҳои мотиватсионӣ ва ташкилию техникӣ сатҳи мавҷудани арзиши аслии боркашонӣ нигоҳ дошта шаванд.

2.2. Дар зминаи чораҳои мотватсионӣ ва ташкилию техникӣ сатҳи мавҷудаи арзиши аслии боркашонӣ нигоҳ дошта шаванд.

2.3. Дар заминаи чораҳо мотиватсионӣ ва ташкилию техникӣ сатҳи арзиши аслии боркшонӣ бояд дар сатҳи пастар аз ҳисобӣ нигоҳ дошта шаванд.

3.1. Арзиши аслии боркашонӣ беасос баланд карда шудаанд. Бояд баронмаи ихтисори хароҷотҳои истифодабарӣ таҳия ва амалӣ карда шаванд, дар мавриди зарурӣ тағйиротҳои кадрӣ ворид карда шаванд.

3.2. Дар зминаи чораҳои мотватсионӣ ва ташкилию техникӣ сатҳи мавҷудаи арзиши аслии боркашонӣ нигоҳ дошта шаванд.

3.3.Дар заминаи чораҳо мотиватсионӣ ва ташкилию техникӣ сатҳи арзиши аслии боркшонӣ бояд дар сатҳи пастар аз ҳисобӣ нигоҳ дошта шаванд.

Ба сифати ҷузъҳои матритсаи дар ҷадвали 5.6. қарорҳои идоракунии зерини нисбати динамикаи арзиши аслии боркашонӣ дар инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ гузошта шудаанд:

**Ҷадвали 5.6.- Матритсаи қарорҳои идоракунӣ дар асоси динамикаи арзиши аслии боркашонӣ дар инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ***

| Гурӯҳбандии динамикаи арзиши аслии боркашонӣ | 1.Наздик шудан ба сатҳи ҳисобӣ аз "поён" | 2.Наздик шудан ба сатҳи ҳисобӣ аз "боло" | 3.Тано-суби устувори баландтар аз сатҳи ҳисобӣ | 4.Тано-суби устувори пасттар аз сатҳи ҳисобӣ | 5. Дур-шавӣ аз сатҳи ҳисобӣ ба самти боло | 6. Дуршавӣ аз сатҳи ҳисобӣ ба самти поён | Қарорҳои идоракунӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.Муҳим болотар аз шабакавӣ | 1.1 | 1.2 | 1.3 | 1.4 | 1.5 | 1.6 | Чораҳои инноватсионӣ, ки объективӣ имконияти паст кардани сатҳи арзиши аслиро фароҳам месозанд |
| 2.Муносибати устувор ба сатҳи миёнаи шабакавӣ | 2.1 | 2.2 | 2.3 | 2.4 | 2.5 | 2.6 | Чораҳои ташкилӣ-техникӣ, мотиватсионӣ ва ғ. оптимизатсиякунонии сатҳи арзиши аслии боркашонӣ |
| 3.Паст шудани муносибат ба арз-иши аслии миён-аи шабакавӣ | 3.1 | 3.2 | 3.3 | 3.4 | 3.5 | 3.6 | Чораҳои ташкилӣ-техникӣ ва мотватсионӣ нисбати таъмини сатҳи оптималии арзиши аслии боркашонӣ |
| Қарорҳои идоракунӣ* | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | |

Эзоҳ: 1-тадбирҳои ташкилӣ-техникӣ, мотиватсионӣ, инновтсионӣ ва ғ. доир ба кам кардани арзиши аслии боркашонӣ; 2-Тадбирҳои ташкилӣ-техникӣ, мотиватсионӣ ва ғ. бо мақсади паст кардани арзиши аслии боркашонӣ то сатҳи ҳисобӣ; 3 – таҳия ва тадбиқи дастаи чораҳо нисбати сарфаи хароҷоти боркашонӣ; 4-Чораҳои мотиватсионӣ ва тешкилӣ-техникӣ барои идома додани нигоҳдории сатҳи арзиши аслии боркашонӣ; 5-Чораҳои ташкилӣ-техникӣ, мотиватсионӣ ва кадрӣ оиди паст кардани хароҷотҳои боркашонӣ; 6-Чораҳои мотиватсионӣ барои нигоҳдории арзиши аслии боркашонӣ дар шабакаи роҳҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ.

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тартиб дода шудааст.

1.1.Тамойили зиёд нишон додани арзиши аслии воқеии боркашонӣ вуҷуд дорад. Бояд таҳлили сабабҳо ва таҳияи чораҳо, аз ҷумла, тавассути чорраҳои

инноватсионӣ, мотиватсионӣ ва ташкилию техникии бартараф намудани онҳо пешбинӣ карда шаванд.

1.2.Тамойили рушди босуръати арзиши аслии ҳисобии боракшонӣ вуҷуд дорад. Бояд шароити кори роҳ, пеш аз ҳама инноватсияҳои техникӣ ва технологӣ, ки ба арзиши аслии ҳамлу нақл таъсир мерасонанд, оптимизатсия кунонида шаванд.

1.3.Арзиши аслии ҳамлу нақл мураттаб зиёд арзёбӣ карда мешаванд. Бояд барномаи ихтисори хароҷотҳои истифодабарии воситаҳои нақлиёт таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд.

1.4.Арзиши аслии ҳисобӣ тамойили зиёдшавӣ доранд, ки ба зиёдшавии арзиши аслии воқеии боркашонӣ оварда мерасонад. Бояд шароитҳои кори роҳ, ки ба арзиши аслии боркашонӣ таъсир мерасонанд, дар асоси чораҳои инноватсияи техникӣ ва технологӣ оптимизатсия кунонида шаванд.

1.5.Тамойили беасос баланд кардани арзиши аслии воқеии ҳамлу нақл вуҷуд доранд. Бояд барономаи ихтисор кардани хароҷотҳои истифодабарӣ таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд. Дар мавриди зарурӣ тағйиротҳои кадрӣ ворид карда шаванд.

1.6. Тамойили боло бурдани арзиши аслии ҳисобӣ, дар мавриди нигоҳ доштани афзоиши арзиши аслӣ дар инфраструктураи нақлиёти автомобилӣ ҷой мавҷуд буда нигоҳ дошта шаванд ва тавассути чораҳои инноватсионӣ шаротиҳои ба арзиши аслии ҳамлу нақл таъсиррасонанда бояд оптимизатсия кунонида шаванд.

2.1. Сатҳи устувори арзиши аслии ҳамлу нақл дар мавриди пурра (ё тамом шудани) захираҳои вобаста ба сарфаи хароҷотҳои истифодабарӣ вуҷуд доранд. Бояд таҳлили сабабҳо гузаронида, дар ин замина чораҳои ташкилӣ-техникӣ ва мотватсионӣ таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд.

2.2. Сатҳи устувори арзиши аслии воқеии ҳамлу нақл дар мавриди рушди ҳароҷотҳои ҳисобӣ дар оянда метавонад ба зиёдшавии сатҳи арзиши аслии воқеии ҳамлу нақл оварда расонад. Бояд чораҳои мотиватсионии нигоҳдории сатҳи арзиши аслӣ, ва чораҳои инноватсионии оптималикунонии шароити кори роҳ, ки ба арзиши аслии ҳамлу нақл таъсир мерасонанд пешбинӣ карда шаванд.

2.3. Тамойили устувор нигоҳ доштани сатҳи баланди арзиши аслии ҳалу нақли амалӣ ва ҳисобӣ вуҷуд доранд. Бояд таҳлили муфассал ва татбиқи дастаи қарорҳои амалии комплекси қарорҳои ташкилӣ-техникӣ, инноватсионӣ ва кадрӣ қабул карда шаванд.

2.4. Сатҳи устувори арзиши аслии ҳамлу нақл дар мавриди истифодаи ихтисори хароҷот вуҷуд доранд. Бояд тавассути чораҳои мотиватсионӣ тамойили мавҷуда нигоҳ дошта шаванд.

2.5. Шароитҳои объективии паст кардани арзиши аслии ҳамлу нақл пурра истифода бурда нашудаанд. Бояд чораҳои ташкилӣ-техникӣ, мотиватсионӣ ва кадрӣ таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд.

2.6. Сатҳи устувори амалии арзиши аслии ҳамлу нақл дар мавриди рушди қимати ҳисобии он вуҷуд доранд. Чораҳои мотиватсионӣ нигоҳ доштани арзиши аслии амалиро таъмин менамоянд, чораҳои инноватсионӣ имконият медиҳанд шароитҳои ба арзиши аслии ҳамлу нақл таъсиркуннадаи роҳ оптимизатсия кунонида шаванд.

3.1. Пасткунии (вобаста ба шароитҳои объективии кори инфрасохтор) сатҳи арзиши аслии ҳамлу нақл вуҷуд доранд. Бояд чораҳои ташкилӣ-техникӣ, мотиватсионӣ ва кадрӣ таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд.

3.2. Пасиҳам татбиқ намудани захираҳои пасткунии арзиши аслии ҳамлу нақл вуҷуд доранд. Бояд нигоҳ доштани ин тамойил дар заминаи чораҳои ташкилӣ-техникӣ ва мотиватсионӣ таъмин карда шаванд.

3.3. Пурра истифода нашудани захираҳои объективии пастсозии арзиши аслии ҳамлу нақл вуҷуд доранд. Бояд чораҳои ташкилӣ-техникӣ, мотиватсионӣ ва кадрӣ роҳандозӣ карда шаванд.

3.4. Тамойил ба “намунаи он” назик аст. Бояд дар заминаи чораҳои мотватсионӣ ва ташкилию техникӣ ин тамойил нигоҳ дошта шаванд.

3.5. Татбиқи сусти захираҳои объективии паст кардани арзиши аслии ҳамлу нақл вуҷуд доранд. Бояд чораҳои ташкилӣ-техникӣ, мотиватсионӣ ва кадрӣ роҳандозӣ карда шаванд.

3.6. Тамойили “пастсозии” арзиши аслии ҳамлу нақл вуҷуд доранд. Бояд таҳлил ва тадбирҳо нисбати оптималикунонии арзиши аслии ҳамлу нақл роҳандозӣ карда шаванд.

Бояд гуфт, ки алгоритми умумии матритсавии идоракунии системаҳои истеҳсолию иқтисодӣ аз муқоисаи дурусти  нишондиҳандаҳои истеҳсолию иқтисодӣ бо  матритсаи қарорҳо ва ташаккули қарори “синтетикӣ” дар асоси матритсаҳои гуногун иборат мебошанд. Маслан, агар сатҳи арзиши аслии ҳамлу нақли автомобилӣ ба чоркунҷаи 3.1 матритсаи ҷадвали 5.6., динамикаи арзиши аслии ҳамлу нақл ба чоркунҷаи 3.3, матритсаи ҷадвали 5.7. мувофиқат кунад метавонад қарорҳои идоракунии зерин пешниҳод карда шаванд: “Барномаи камсозии хароҷотҳои истифодабарӣ, дар асоси чораҳои истифодабарӣ-техникӣ, мотиватсионӣ ва кадрӣ таҳия ва роҳандозӣ карда шаванд” .

Бояд гуфт, идораи андозаи системаҳои истеҳсолӣ-иқтисодӣ бояд ба татбиқи самтҳои стратегии инкишоф асос кунонида шаванд.

Ба ақидаи мо барои комплекси инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ метавонад шаш самти стратегӣ ҷудо карда шаванд:

1. Баланд сохтани даромаднокӣ;
2. Устувории молиявӣ;
3. Маҳдуд кардани афзоиши арзиши аслии ҳамлу нақл;
4. Баланд бардоштани фоиданокии фаъолият;
5. Рушд ва модернизатсия;
6. Бехатарӣ ва сифат.

Татбиқи самтҳои старатегии инкишоф бояд дар доираи самтҳои тавозунмандонаи фаъолияти ташкилӣ, ба монанди молия, мизоҷон, амалиётҳо, омӯзиш ва рушди персонал гузаронида шаванд.

Матритсаи идораи саратегии инфрасохтри нақлиёти автомобилӣ, ки дар заминаи самтҳои стратегии номбаршудаи инкишоф ва системаи нишондиҳандаҳои тавозунманди ташкили фаъолият тартиб дода шудаанд, дар ҷадвали 5.7. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 5.7. - Матритсаи идоракунии стратегии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар заминаи системаи нишондиҳандаҳои тавозуннок***

| Самтҳои тавозунманди ташкили фаъолият | 1. Баланд сохтани даромаднокӣ | 2. Устувории моиявӣ | 3. Маҳдудкунии афзоиши арзиши аслии ҳамлу нақл | 4. Баланд сохтари фоиданокии фаъолият | 5. Рушд ва модернизатсия | 6. Бехатарӣ ва сифат |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Молия | 1.1.1. Оптималӣ кунонидани сохтори хизмат аз рӯйи меъери “даромаднокӣ”.<br>1.1.2. Ҷамъоварии сад-фоизаи пардохтҳо | 1.2.1. Мониторинги интикаторҳои молиявии инфрасохтор<br>1.2.2.Идораи молиявӣ, ки сатҳи иникаторҳои молиявиро ба дараҷаи қимати тавсияшуда нигоҳ медоранд<br>1.2.3. Коракард ва татбиқи чораҳои махсуси таъмини устувории молиявӣ | 1.3.1. Таъминифаврӣ ва дақиқи баҳисобгирии хароҷоти вобаста ба арзиши аслии ҳамлу нақл | 1.4.1. Таъмини фаъолияти берун аз фурӯш ва амалиётии безарар<br>1.4.2. Меъёрбандии хароҷотҳое, ки аз ҳисоби фоида амлӣ карда мешаванд<br>1.4.3. Баланд бардоштани арзиши бозории дороиҳои инфрасохторӣ<br>1.4.4. Баланд бардоштани капитализатсияи ширкатҳои саҳомӣ.<br>1.4.5. Истифодаи пурраи имтиёзҳои пешбининамудаи қонун | 1.5.1.Зиёд намудаи пардохтҳои амортизатсионӣ<br>1.5.2.Зиёт намудани инвеститсия аз ҳисоби фоида<br>1.5.3.Истифодиа инвеститсияҳо барои татбиқи барномаҳои афзалиятнок<br>1.5.4.Амалӣ намудани инвеститси аз ҳисоби воситаҳои қарзӣ ва лизинг | 1.6.1.Маблағгузории саривақтии чораҳо нисбати таъмини бехатарӣ ва баланд бардоштани сифати ҳамлу нақл |
| 2. Мизоҷон | 2.1.1 Ташаккули стратегияи бозорёбӣ<br>2.1.2.Таъмини талаботи мавҷуда ва оянда ба ҳамлу нақл<br>2.1.3.Зиёд намудани ассортименти хизматрасонӣ ва даромаднокии онҳо | 2.2.1. Татбиқи стратегияи шарикият бо корхонаҳои саноатӣ<br>2.2.2.Татбиқи шарикии стратегӣ бо интиқолдиҳандагон и калон | 2.3.1.Баланд бардоштани ҳаҷми ҳамлу нақл ва дигар хизматрасониҳо<br>2.3.2.Зиёд намудани дастаи хизматрасониҳо (хатсайркунонӣ ва ғ.) | 2.4.1.Ҳавасмансозии тарифии афзоиши ҳаҷми интиқол ва дигар хизматрасониҳо<br>2.4.2.Таъмини ҳаҷми интиқол бо таркиби ҳаракаткуннада | 2.5.1. Баланд бардоштани ҷаззобияти инвеститсиякунонии инфрасохтор<br>2.5.2.Ҷорӣ намудани технология зуд расонидани борҳо<br>2.4.3.Рушди ҳаракати баландсуръат<br>2.5.4.Ҳамгироӣ бо шабакаҳои нақлиётии мавҷуда | 2.6.1.Баланд сохтани фаврият ва комилияти расонидани борҳо<br>2.6.2.Таъмини боэътимодии ҳаракати воситаҳои нақлиёт |

**Идомаи чадвали 5.3.**

| Самтҳои тавозунманди ташкили фаъолият | 1.Баланд сохтани даромаднокӣ | 2.Устувории моиявӣ | 3.Маҳдудкунии афзоиши арзиши аслии ҳамлу нақл | 4.Баланд сохтари фоиданокии фаъолият | 5. Рушд ва модернизатсия | 6. Бехатарӣ ва сифат |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3.Ҷараёнҳо | 3.1.1.Баланд сохтани маҳсулнокии воситаҳои нақлиётӣ 3.1.2.Баланд бардоштани истифодаи интенсивии таҷҳизотҳои роҳ | 3.2.1. Мониторинги бозоргирии фаврӣ ва фоиданокии дороиҳо 3.2.2.Санатсияи саривақтии дороиҳои судманд истифоданашаванда | 3.3.1.Паст намудани энергогӯнҷоиш 3.3.2.Паст намудан маводғунҷоиш3.3.3. Паст шудани таъмир-ғунҷоиш 3.3.4.Баланд кардани ҳосл-нокии меҳнат 3.3.5.Камтарин сохтани нархи захираҳои харидашаванда | 3.4.1.Баланд сохтани фоиданокии истифодабарии фиондҳои асосӣ 3.4.2.Баланд бардоштани фоиданокии идоракунии захираҳои инвеститсионӣ 3.4.3.Оптималӣ куно-нидани ингоҳдории воистаҳои техникӣ 3.4.4. Оптималӣ куно-нидани технологияи амалиётҳои ҳамлу нақл | 3.5.1. Таъмини тавозунии захирааҳои инфрасохторӣ ва воситаҳои нақлиёт 3.5.2. Амали намудани чораҳои инноватсионӣ | 3.6.1. Тат-бики системаи "қадам ба қадами" масъулияти сифати иҷрои амалиётҳои технологӣ ва бесадамавӣ 3.6.2. Татбиқи системаи ҳадафноки чораҳои нисбати баланд бардоштани бехатарӣ ва сифати ҳамлу нақл |
| 4. Омӯзиш ва рушди персонал | 4.1.1. Ҳавасмандсозии афзоиши ҳосилнокии меҳнат 4.1.2.Ҳавасмандкунии дрёфти даромадҳои иловагӣ | 4.2.1. Омӯзиши менеҷерон ва кормандони молия бо усу-лҳои арзёбии индикаторҳои молиявӣ ва идоракунии молиявӣ | 4.3.1.Мотиват-сияи кам кар-дани хароочот-ҳои истифода-барӣ | 4.4.1. Гузаронидани сиё-сати ичтимоии судманд 4.4.2. Беҳтар намудани интихоб ва ҷобаҷо гузории кадрҳо 44.3. Баланд бардоштани музди меҳнати воқеӣ вобаста ба фоиданокии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ 4.4.4. Татабиқи системаи ҳавасмандкунии таъмини фаъолияти судманди ҷузъҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ | 4.5.1. Рушди нерӯйи кадрии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ | 4.6.1. Омӯзонидани ҳайат бо усулҳои иҷрои бехатари корҳо 4.6.2.Татбиқи системи масъулияти менеҷерон ва ҳайати корӣ бар Ои иҷрои бехатари корҳо ва таъмини сифати кор 4.6.3. Ҳавасмадсозии инфиродии кори бесадама |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тартиб дода шудааст.

Ҳар як чоркунҷаи матритсаи идоракунии стратегӣ системаи талабатҳои стандартиро мемонад, ба сами мувофиқи инкишофи стратегӣ дар доираи чор самти тавозунноки ташкили фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро дар самти коридорҳои нақлиёти автомобилӣ метавонанд ифода кунанд.

Ҳамин тавр, алгоритми матритсавӣ барои истифоди идоракунии фаврӣ ва стратегии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ нисбати идораи рушди имкониятҳои транзитӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин маврид матритсаи қабули қарорҳои фаврӣ бояд бо ҷузъҳои матритсаи идоракунии стратегӣ вобастагӣ дошта бошанд, ки он имконият медиҳад ягонагии стратегӣ ва тактикаи идоракунии рушди нерӯйи транзитии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таъмин карда шаванд.

Ҳамбастагии байни рушди бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини иқтисоди минтақавӣ–маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ ҷойи хосро ишғол менамояд. Ин нишондиҳанда умуман дараҷаи рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудуди ҳар як мамлакат ва некуаҳволии аҳолии онро тавсиф мекунад.

Мувофиқи таснифоти дар бобҳои пешинаи диссертатсия овардашуда ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба панҷ гурӯҳи намунавӣ дар ҷадвали 5.8. оварда шудаанд, тақсим карда шудаанд.

**Ҷадвали 5.8. –Типологияи минтақаҳо вобаста ба таносуби сатҳи рушди иҷтимоию - иқтисодӣ ва сатҳи истифодабарии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| **Сатҳи рушд** | **Ҳудудҳои дорои сатҳи баланди рушди иҷтимоию иқтисодӣ** | **Ҳудудҳои дорои сатҳи миёнаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ** | **Ҳудудҳои дорои сатҳи пасти рушди иҷтимоию иқтисодӣ** |
|---|---|---|---|
| Ҳудудҳои дорои сатҳи баланди истифодабарии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ | Гурӯҳи ноҳияҳои шимолӣ | Мавҷуд нест | Мавҷуд нест |

**Идомаи ҷадвали 5.8.**

| Сатҳи рушд | Ҳудудҳои дорои сатҳи баланди рушди иҷтимоию иқтисодӣ | Ҳудудҳои дорои сатҳи миёнаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ | Ҳудудҳои дорои сатҳи пасти рушди иҷтимоию иқтисодӣ |
|---|---|---|---|
| Ҳудудҳои дорои сатҳи миёнаи истифодабарии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ | Гурӯҳи ноҳияҳои Ҳисор | Гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб ва Бохтар | Гурӯҳи ноҳияҳои Зарафшон ва Рашт |
| Ҳудудҳои дорои сатҳи пасти истифодабарии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ | Мавҷуд нест | Мавҷуд нест | Гурӯҳи ноҳияҳои Кӯҳистони Бадахшон |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тартиб дода шудааст.

Гурӯҳи якум ноҳияҳое мебошанд, ки маҷмӯи маҳсулоти минтақавии онҳо ба ҳар сари аҳолӣ аз ҳисоби миёнаи умумии ноҳияҳо зиёд аст. Инҳо ноҳияҳои вилояти Суғд мебошанд (бештар аз 5,0 ҳазор сомонӣ ба ҳар сари аҳолӣ).

Ба гурӯҳи дуюм ноҳияҳое дохил шуданд, ки МММ ба ҳар сари аҳолӣ аз 4,5 то 5,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳанд. Инҳо ноҳияҳои вилояти Хатлон мебошанд. Ба гурӯҳи сеюми ноҳияҳо бошад, онҳое дохил шуданд, ки МММ ба ҳар сари аҳолӣ ба ҳисоби миёна аз 4,5 ҳазор сомонӣ камтар аст. Ба ин гурӯҳ ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои ВМКБ дохил шуданд.

Намунаи пешниҳодшуда ноҳияҳоеро дар бар мегирад, ки ба ҳар яке аз ин се гурӯҳ тааллуқ доранд. Барои ҳамаи минтақаҳои таҳлилшуда МММ ба ҳар сари аҳолӣ бо ҳазор сомонӣ муайян карда шуд. Ҳама минтақаҳо вобаста ба сатҳи МММ ба ҳар сари аҳолӣ ва зичии шабакаи нақлиётӣ ба панҷ сегмент гурӯҳбандӣ шуданд:

-сегменти 1 – сатҳи баланди МММ ба ҳар сари аҳолӣ ва зичии баланди шабакаи нақлиётӣ–ноҳияҳои минтақаи шимолӣ;

-сегменти 2 – сатҳи баланди МММ ба ҳар сари аҳолӣ ва зичии миёнаи шабакаи нақлиётӣ– ноҳияҳои минтақаи Ҳисор;

-сегменти 3 – сатҳи миёнаи МММ ба ҳар сари аҳолӣ ва зичии миёнаи шабакаи нақлиётӣ– ноҳияҳои минтақаҳои Кӯлоб ва Бохтар;

-сегменти 4 – сатҳи миёнаи МММ ба ҳар сари аҳолӣ ва зичии пасти шабакаи нақлиётӣ– минтақаҳои Зарафшон ва Рашт;

-сегменти 5 – МММ-и паст ба ҳар сари аҳолӣ ва зичии пасти шабакаи нақлиётӣ–ноҳияҳои минтақаи Кӯҳистони Бадахшон.

Дар маҷмӯи маълумот ноҳияҳое ҳастанд, ки МММ ба ҳар сари аҳолӣ баланд ва зичии шабакаи нақлиётӣ паст ё дараҷаи пасти МММ ба ҳар сари аҳолӣ ва зичии баланди шабакаи нақлиётӣ доранд. Аммо дар маҷмӯъ, тамоюли он мушоҳида мешавад, ки сатҳи рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба МММ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ мусбат алоқаманд аст. Дар ин сурат аксарияти ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба чор сегменти асосӣ дохил мешаванд. Барои инфрасохтори нақлиётӣ ба ин сегментҳо 11 ноҳияи вилояти Суғд (19,3%), 14 ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ (24,5%), 23 ноҳияи вилояти Хатлон (40,0%) ва 7 ноҳияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (12,2%) аз ҷамъи 58 ноҳия дохил шуданд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои сегментатсия робитаи возеҳи байни сатҳи МММ ба ҳар сари аҳолӣ ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳанд.

**Ҷадвали 5.9. – Натиҷаҳои ҳисоби коэффитсиентҳои коррелятсия ва муодилаҳои регрессияи бисёркаратаи вобастагии МММ ба ҳар сари аҳолӣ аз зичии шабакаҳои нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| Вилоятҳои маъмурӣ | Шумораи ноҳияҳо | Зичии шабакаи нақлиёти автомобилӣ, км/ҳаз. км$^2$ ($Z_1$) | Зичии шабакаи роҳи оҳан, км/ тыс.км$^2$ ($Z_2$) | МММ ба ҳар сари аҳолӣ, ҳазор сомонӣ/нафар (У) |
|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 7 | 42,3 | - | 3,6 |
| Хатлон | 23 | 209,5 | 18,7 | 4,1 |
| Суғд | 11 | 135,5 | 6,3 | 4,9 |
| НТҶ | 14 | 156,6 | 5,4 | 3,6 |

***Сарчашма:** Маълумоти мухтасар аз маълумоти сарчашмаи ибтидоӣ (Замимаи 1).

Таҳлили коррелятсионӣ инчунин нишон медиҳад, ки байни МММ ба ҳар сари аҳолӣ ва зичии шабакаи нақлиётӣ робита вуҷуд дорад. Барои 58 ноҳияи баррасишаванда параметрҳои зерини муодилаи бисёр каратаи регрессионӣ ба даст оварда шуданд.

Дар натиҷаи коркарди омории ин маълумот (Замимаи 4) муодилаи бисёркаратаи регрессионии вобастагии МММ ба ҳар сари аҳолӣ аз зичии шабакаҳои автомобилгард ва роҳи оҳани шакли зерин ба даст омад:

$$У = 3,54 + 0,0016Z_1 +0,04\ Z_2\ ,$$

*ки ин ҷо*

*$Z_1$– зичии шабакаи нақлиёти автомобилии ноҳия, км/ҳазор км$^2$ ҳудуди ноҳия;*

*$Z_2$– зичии шабакаи роҳи оҳан, км/ҳазор км$^2$ ҳудуди ноҳия.*

Коэффитсиенти коррелятсияи ҷуфтии У аз $Z_1$ 0,34 аст; коэффитсиенти коррелятсияи ҷуфтии У аз $Z_2$ 0,423 аст. Тафтиши аҳамияти коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфтӣ аз рӯйи t-критерияи Стюдент ва Фишер нишон дод, ки ҳар ду омили $Z_1$ ва $Z_2$ мувофиқати муодилаи бисёркаратаи регрессионии бадастомадаро нишон медиҳанд. Қиматҳои ҳисобии t-критерия барои $Z_1$ 2,60 ва барои $Z_2$3,45-ро ташкил дода, эҳтимолияти эътимод 0,95 қимати ҷадвалии t-критерия 2,00-ро ташкил дод, яъне қимати ҳисобӣ аз қимати ҷадвалӣ бузургтар аст.Қимати ҳисобии F-критерияи Фишер 6,33-ро ташкил дод, дар ҳоле ки қимати ҷадвалии он 3,1 мебошад ва эътимоднокию ва мувофиқати муодилаи регрессионии бадастомадаро нишон медиҳад.

Азбаски коэффитсиентҳои коррелятсионӣ, ки аз маълумоти умумӣ (аз рӯйи минтақаҳо) ҳисоб карда мешаванд, зери таъсири омилҳои тасодуфии шумораи нисбатан хурди ҷамъбастии оморӣ метавонанд таҳриф шаванд, барои баҳодиҳии аҳамияти онҳо критерияҳои дар боло зикршуда ҳисоб карда шуданд. Умуман, натиҷаи ҳисобҳо нишон доданд, ки дар ҳақиқат байни хусусиятҳои омӯхташуда робита вуҷуд дорад.

Аммо, ҳангоми сохтани регрессияи хаттии МММ ба ҳар сари аҳолӣ вобаста ба зичии шабакаи нақлиётӣ дар асоси маълумоти ибтидоии мавҷуда,

қимати коэффитсиенти детерминатсияе, ки сифати интихоби функсияи хаттиро тавсиф менамояд, бо истифода аз нишондиҳандаи зичии шабакаи нақлиёти автомобилӣ ҳамчун тағйирёбанда танҳо 0,12 аст ва 0,18 мешавад, агар омили тағйирёбанда зичии шабакаи нақлиёти роҳи оҳан бошад. Ин маънои онро дорад, ки ин омилҳо якҷоя 30% дисперсияҳои нишондиҳандаи натиҷабахши муодилаи бадастомадаро ифода мекунанд. Сарфи назар аз қимати пасти коэффитсиенти детерминатсия муодилаи бадастомада таваҷҷуҳи хос дорад. Агар минтақа ба хати рости вобастагии бадастомада наздик бошад, онро метавон ҳамчун рушди мутавозини инфрасохтори нақлиётӣ ва иқтисодиёти минтақаи мазкур шарҳ дод. Агар ноҳия аз хати рост хеле болотар бошад, инро бо ду сабаб шарҳ додан мумкин аст:

-инфрасохтори нақлиёт дар ҳудуди имкониятҳо истифода мешавад;

-дараҷаи баланди рушди иқтисодии минтақа асосан бо дигар омилҳое алоқаманд аст, ки аз рушди инфрасохтори нақлиётӣ вобаста нестанд.

Агар ноҳия хеле поёнтар аз хати рост воқеъ бошад ё инфрасохтори нақлиёт дар он ҷо ба қадри кофӣ самаранок истифода бурда намешавад ва ё дараҷаи нокифояи рушди иқтисодӣ боз бо дигар омилҳо шарҳ дода мешавад. Баъзе ноҳияҳо, бахусус дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ки роҳи оҳан ҳам мавҷуд аст, дар як маврид ин ноҳия болотар аз хати регрессия ва дар дигар маврид аз хати рост поёнтар ҷойгир аст. Ин маънои онро дорад, ки рушди суст ё истифодаи як намуди нақлиёт (роҳи оҳан) бо сатҳи баланди рушди намуди дигари нақлиёт (автомобилӣ) ҷуброн карда мешавад, ки барои шароити тамоми минтақаҳои шимолӣ ва ҷанубии Тоҷикистон хос аст.

Агар ноҳия дар ҳарду ҳолат (шабакаҳои автомобилӣ ва роҳи оҳан) аз хати рост ба таври назаррас баландтар бошад, ин нишон медиҳад, ки рушди инфрасохтори нақлиётии ин ноҳияҳоро омили ночиз ҳисобидан мумкин нест, ин танҳо хулосаро тасдиқ мекунад, ки инфрасохтори нақлиётии ин ноҳияҳо суст рушд менамоянд ва ин метавонад монеи рушди минбаъдаи иқтисодии минтақа гардад.

«Ҷудокунӣ»-и шадиди ноҳия аз рӯйи сатҳи МММ ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба сатҳи рушди инфрасохтор набояд ба хулосае оварад, ки инфрасохтори нақлиёт барои иқтисодиёти ин ноҳияҳо аҳамияти кам дорад ё он ба қадри кофӣ рушд наёфтааст. Дараҷаи баланди МММ ба ҳар сари аҳолӣ дар чунин ноҳияҳо бештар ба нақши транзитии ноҳия вобаста аст, ки он нисбат ба сатҳи рушди иқтисодиёти «муқаррарӣ»-и ноҳия аз ҳад зиёд баҳо дода мешавад. Дар ин ҷо инфрасохтори долонҳои нақлиётии байналмилалӣ инкишоф ёфтааст.

## 5.3. Такмили сохтори идоракунии ташкили фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ

Бояд гуфт, ки ба натиҷабахшии иқтисодиёти ноҳия ва инфрасохтори нақлиётии он зичии ҷойгиршавии аҳолии ноҳия таъсири калон мерасонад.

Табиист, ки зичии аҳолӣ ҳар қадар паст бошад, талабот ба хизматрасонии нақлиётӣ ҳамон қадар кам мешавад ва мувофиқи он талабот ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ кам мегардад.

Барои ба назар гирифтани ин омил ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳамбастагии байни МММ-и миёна ба ҳар сари аҳолии ноҳия бо нишондиҳандаи комплексии зичии шабакаи нақлиётӣ бо назардошти масоҳати ҳудуди ҷойгиршавии ноҳия ва шумораи аҳолии он таҳлил гардид. Ин имконро бо истифода аз коэффитсиенти Энгел таъмин кардан мумкин аст[88].

Нишондиҳандаи комплексии зичии шабака, яъне дарозии шабакаи нақлиётии ноҳия бо назардошти масоҳат ва шумораи аҳолӣ $d_э$, ки статистики олмонӣ Э. Энгел пешниҳод кардааст, формулаи зерин дорад:

$$d_э = L_э / SH,$$

ки ин ҷо

$L_э$– дарозии истифодабарии шабакаи нақлиётӣ;

S –масоҳати ҳудуди ноҳия;

---

[88]Транспортная инфраструктура как фактор устойчивого развития регионов России [Текст] – Пермь, 2007. – С.126.

Н –шумораи аҳолии ноҳия.

Бо назардошти тамоюлҳои аз ин пеш бо нақлиёти автомобилӣ иваз кардани соҳаи фаъолияти нақлиёти роҳи оҳан муайян карда дар рафти тадқиқоти минбаъда ба шабакаи нақлиёти автомобилии ноҳияҳо диққати махсус дода мешавад.

Ҳисоб дар асоси маълумоти замимаҳои 4 ва 7 гузаронидашуда нишон медиҳад, ки нишондиҳандаи МММ ба ҳар сари аҳолии ноҳия назар ба нишондиҳандаи зичии шабакаи нақлиётӣ бо коэффитсиенти Энгел зичтар коррелятсия мегардад. Коэффитсиенти бадастомадаи коррелятсияи ҷуфтӣ байни МММ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолии ноҳия ва коэффитсиенти Энгел 0,927-ро ташкил медиҳад. Аҳамияти баланди муодилаи регрессионии бадастомада тавассути муқоисаи қиматҳои ҳисобӣ ва ҷадвалии t-критерияи Стюдент тасдиқ карда мешавад. Қимати ҳисобии t-критерия 23,0 аст. Бо сатҳи эътимоднокии эҳтимолии 0,95 қимати ҷадвалии он 2,02 мебошад. Ин тасдиқ менамояд, ки модели бадастомадаи вобастагии МММ ба ҳар сари аҳолӣ ба коэффитсиенти Энгел ба равандҳои воқеии баамаломада мувофиқ аст.

$$\text{МММ} = 0{,}0363 + 15{,}1\ К_э,$$

ки инҷо

МММ – маҷмӯи маҳсулоти минтақавии ноҳия бо млн. сомонӣ;

$К_э$ – коэффитсиенти Энгел, ки таносуби дарозии шабакаи нақлиётӣ, шумораи аҳолӣ ва масоҳати ноҳияро тавсиф менамояд.

Коэффитсиенти детерминатсияи вобастагии бадастомада 0,846 аст. Ин нишон медиҳад, ки он аз нишондиҳандаи муодилаи бисёркаратаи регрессионии қаблан бадастомадаи МММ ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯйи зичии шабакаи нақлиётӣ хеле зиёд буда, хусусияти ҳамкории инфрасохтори нақлиётӣ ва сатҳи рушди иқтисодиии ноҳияҳои ҷумҳуриро дурусттар инъикос менамояд. Ба андозаи 84,6% тағйир ёфтани вариатсияи МММ ба ҳисоби миёна ба ҳар сари аҳолӣ бо қимати коэффитсиенти Энгел барои ноҳия шарҳ дода мешавад.

Умуман, таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки сатҳи рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба андозаи 85% сатҳи рушди иқтисодиёти минтақа ва некуаҳволии аҳолии онро муайян мекунад.

Ҳамин тавр, таҳаввулоти ташкили ҳудудии истеҳсолот ба рушди инфрасохтори нақлиёт бевосита вобаста аст. Чун қоида, ин имкони дастраснамоии ашёи хом ва/ё содироти маҳсулоти тайёр аст. Афзоиши инфрасохтори нақлиётӣ ҳар қадар бомуваффақият бошад, барои зиёд кардани иқтидори истеҳсолӣ ва иҷтимоии ҳудудҳои ноҳияҳамон қадар имкониятҳо ба вуҷуд меоянд.

Дар ҷадвали 5.10. натиҷаи таҳлили эконометрикии вобастагии дарози шабакаи роҳҳои минтақа бо ду омили муайянкунандаи асосии шумораи аҳолӣ ва масоҳати худуди ноҳия варда шудаанд.

**Ҷадвали 5.10. - Вобастагии эконометрикии дарозии шабакаи роҳҳои автомобилгард (у) аз миқдори аҳолӣ ($x_1$)ва масоҳати худуди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ($x_2$)***

| Минтақа | Коэффисенти коррелятсияи ҷуфти $yx_1$ | Коэффисиенти коррелятсия ҷуфти $yx_2$ | Коэффисиенти корелятсияи умумӣ, $R_{YX1X2}$ | Коэффиссиенти детерминтсия, $D_{YX1X2}$ |
|---|---|---|---|---|
| Ҳисор | 0,850 | 0,500 | 0,929 | 0,864 |
| Рашт | 0,760 | 0,320 | 0,820 | 0,670 |
| Зарафшон | 0,537 | 0,729 | 0,980 | 0,962 |
| Бохтар | 0,160 | 0,230 | 0,780 | 0,608 |
| Кулоб | 0,360 | 0,410 | 0,900 | 0,810 |
| ВМКБ | 0,520 | 0,070 | 0,540 | 0,292 |
| Шимол | 0,820 | 0,500 | 0,970 | 0,940 |

*Эзоҳ: дар асоси ҳисобҳои гузаронидашудаи муаллиф (замимаи 5) тартиб дода шудаанд.

Маълумотҳои дар ҷадвали 5.10. овардашуда нишон медиҳанд, ки дарозии шабакаи рҳҳои автомобилгарди ноҳияҳо аз миқдори аҳолии ноҳия ва масоҳати ҳудуди ноҳия вобастагии калон доранд. Масалан, дар минтақаи Ҳисор вобастагии дарозии шабакаи роҳҳо аз теъдоди аҳолӣ дар 85 маврид, ва аз масоҳати ноҳия дар 50 маврид аз 100 ва дар умум ин ду омил бо коррелятсияи умумии 0,929, то 86,4 % тағйирёбии дарозии шабакаи роҳҳои ноҳияҳои минтақаи Ҳисорро ифода мекунанд. Ҳамин гуна вобастагиҳо дар ноҳияҳои минтақаи Рашт низ вуҷуд доранд, веле онҳо нисбат ба минтақаиҲисор як андоза пастар мебошанд.

Вобастагии ниҳоят калони ин омилҳо бо дарозии шабакаи роҳҳои автомобилгарди ноҳияҳо да минтақаи Шимоли вилояти Суғд ҷой доранд. Дар ин минтақа коэффисиенти умуми корелятсия 0,970-ро ташкил намуда, 94 % - тағйирёбии дарозии шабакаи роҳҳои автомобилгарди ин минтақа ба ҳамин ду омили асосӣ рост меоянд.

Қобили тазакур аст, ки вобастагии калони дарозии роҳҳои автомобилгад бо ин омилҳо дар ноҳияҳои минтақаи Зарафшон ҷой доранд. Дар ин минтақа зиёда аз 96% тағйирёбии дарозии роҳҳои автомобилгард бо ҳамин ду омил вобастагии калон доранд: теъдоди аҳолӣ ба коэффисенти коррелятсияи хусусии 0,537 ва масоҳати худуди ноҳия бо коэффисиенти коррелятсияи 0,729 вобастагӣ пайдо намудаанд.

Дар минтақаи Кӯлоб ва Рашт ин вобастагиҳо тавсифи мусбат дошта, як андоза дар дигар минтақаҳо пастар буда мавқеъи миёнаро ишғол менамоянд. Дар ин ҷо рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ мувофиқан 60 ва 67 %-и тағйротҳоро маънидод менамоянд.

Мавқеи нисбатан пастро ноҳияҳои минтақаи ВМКБ бо 29,2 % ташкил медиҳанд.

Бояд гуфт, ки рушд ва ҷойгиронии саноат ва хоҷагии деҳоти ноҳияҳо боиси зиёд шудани шумораи аҳолӣ мегардад, ки инфрасохтори иҷтимоии

бештарро тақозо менамояд ва ҳамаи ин дар ниҳояти кор ба азхуднамоии минбаъдаи ҳудуди ноҳия мусоидат мекунад.

Мо аз рӯйи сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, аз рӯйи хусусияти сохтори соҳавӣ, самти махсусгардонии истеҳсолот дар тақсимоти дохилиминтақавӣ ва байналмилалии меҳнат бо назардошти равобити истеҳсолию иқтисодӣ комплекси ҳудудиро ба 7 гурӯҳи минтақаҳои нақлиётӣ-ҷуғрофӣ (Шимолӣ, Зарафшон, Ҳисор, Рашт, Кӯлоб, Бохтар ва Кӯҳистони Бадахшон) ҷудо кардем. Ва сатҳи рушди иқтисодиёти ҳар кадоми ин минтақаҳо ба ҳолати инфрасохтори нақлиётии онҳо вобаста аст, зеро он пайвасткунандаи ҳудудҳои байни ноҳияҳо, шаҳрҳо ва ҳудудҳои ба ҷумҳурӣ наздик мебошад. Тибқи ҳисобҳо се конфигуратсияи системаҳои нақлиётии ҳудудӣ муайян карда шуданд:

-системаҳои ҳудудӣ-нақлиётии дорои сатҳи баланди дастрасии нақлиётӣ– ҳудуди марказҳои бузурги саноатии дорои инфрасохтори рушдёфта, бо мавҷудияти шаҳрҳои ҳамроҳ, ҳудуди минтақаҳои дорои саноати кӯҳкорӣ ва истеҳсолӣ. Инҳо минтақаҳои ҳудудию ҷуғрофии Суғд ва Ҳисор мебошанд;

-системаҳои ҳудудӣ-нақлиётии дорои сатҳи кофии дастрасии нақлиётӣ – ҳудудҳои консентратсияи пасти саноат, шаҳрҳо ва шаҳракҳои ба самти хоҷагии деҳот равонагардида. Инҳо асосан минтақаҳои ҳудудию ҷуғрофии Кӯлоб ва Бохтар ҳастанд;

-системаҳои ҳудудӣ-нақлиётии дорои сатҳи нокифояи дастрасии нақлиётии нақлиёти автомобилӣ (махсусан роҳи оҳан). Инҳо асосан минтақаҳои ҳудудию ҷуғрофии Зарафшон, Рашт ва Кӯҳистони Бадахшон мебошанд. Инҳо асосан ҳудудҳои азими кӯҳӣ мебошанд, ки дар дохили худ ва байни минтақаҳо рахи нобаробар доранд, конфигуратсияи ба дарахтмонанди шабакаи нақлиётии бидуни доирашаклии кофӣ мебошанд.

Таҳлили дастрасии нақлиётии ноҳияҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки шабакаи нақлиётии ҷумҳурӣ ба кадри кофӣ оптималӣ нест, вай дар марҳилаи таҳаввулоти босуръат қарор дорад, то ки ба он хусусияти мукаммалӣ диҳад ва

ба афзоиши минбаъдаи азхуднамоии ҳудудҳои кӯҳӣ ва инкишофи иктисодиёти онҳо мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, сифати рушди иқтисодии минтақавии ноҳияҳоро вобаста ба сифати системаҳои ҳудудӣ ва нақлиётии ноҳияҳои ҷумҳурӣ тавассути коэффитсиенти Энгел моделсозӣ намуда, дар натиҷа ба даст меоварем:

1) беҳдошти сифати зиндагӣ тавассути кам кардани сарфи бесамари вақти аҳолӣ, баланд бардоштани ҳаракатнокии муфид барои мақсадҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ;

2) беҳдошти вазъи макроиқтисодӣ (афзоиши ММM/ММД), кам кардани бор талабии ММM/ММД ва хароҷоти нақлиётии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои инфрасохтори нақлиётӣ дар минтақаҳо ва умуман ҷумҳурӣ.

Тибқи тавсифи нишондиҳандавӣ дар матритсаи идоракунӣ идоракунии оқилонаи минтақавии инфрасохтори нақлиётӣ ҳамчун элементи инфрасохтори иқтисодиёт татбиқ ва рушди ҳам технологияҳои инноватсионӣ ва ҳам нодирро дар раванди ташкилию иқтисодӣ барои минтақаҳои дорои сатҳи паст, миёна ва баланди такмилёбӣ, ки дар расми 5.3. нишон дода шудааст, пешниҳод менамояд.

Тавре аз расми овардашуда бар меояд, сатҳи рушди инфрасохтори нақлиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се сатҳ тавассути такмили технологияҳои иноватсионӣ ва технологияҳои нодир ифода меёбанд.

Технологияи такмили инноватсионнӣ дар сатҳи пасти рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули системаи ҳавасмандгардонии ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии рушд ва машвартдиҳии идоракунӣ ва технологиро тақозо менамоянд. Дар сатҳи миёна паҳн намудани технологияҳои инноватсионии дастрасро тавассути иттилоотонии васеъи аҳолии минтқа ба амал бароварда мешаванд. Дар сатҳи баланди рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии минтақаҳо татбиқи барномаҳои инноватсионии техникӣ ва технологӣ, ташкили фондҳои инноватсионӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётро дар минтақа

тақозо менамоянд.

<table>
<tr><td colspan="2" rowspan="2"></td><td colspan="3">Сатҳи рушди инфрасохтори нақлиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон</td></tr>
<tr><td>Паст</td><td>Миёна</td><td>Баланд</td></tr>
<tr><td rowspan="2">ТЕХНОЛОГИЯИ ТАКМИЛ</td><td>ИННОВАТСИОНӢ</td><td>Ташаккули системаи ҳавасмандгардонии ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии рушд. Машварати идоракунӣ ва технологӣ.</td><td>Паҳн кардани технологияҳои инноватсионии дастрас тавассути иттилоотонии васеи аҳолии минтақа</td><td>Татбиқи барномаҳои инноватсионии техникӣ ва технологӣ, фондҳои инноватсионӣ барои рушди объектҳои инфрасохтори нақлиёт дар минтақа</td></tr>
<tr><td>НОДИР</td><td>Модернизатсияи институтсионалии идоракунии худуди дорои зичии баланди аҳолӣ ва хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангии ҳудудҳо</td><td>Таъсиси сохторҳои ташкилӣ ва идоракунӣ аз рӯйи намуди «оператори майдони инфрасохтор» – ҳамчун корхонаи истеҳсоли хизмати инфрасохтори нақлиёт</td><td>Истифодаиметодикаҳои идоракунӣ тавассути «Майдонҳои инфрасохторӣ» аз рӯйи намуди модели виртуалии «воқеияти иловагӣ»</td></tr>
</table>

**Расми 5.3. - Матритсаи идоракунии тадбирҳо оид ба ҳавасмандгардонии рушди инфрасохтори рӯйизаминӣ нақлиёт***

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқот тартиб дода шудааст.

Бояд гуфт, ки такмили технологияҳои нодир др сатҳи пасти рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ модернизатсияи инстиутсионалии идоракунии ҳудудии дорои зичии баланди аҳолӣ ва хусусиятҳои иҷтимоию фарҳангии ҳудудҳои минтақаҳоро тақозо менамоянд. Такмили технологияҳои нодир дар сатҳи миёнаи рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таъсиси сохторҳои ташкилӣ ва идоракуниро аз рӯйи намуди “оператори майдони инфрасохтор” – ҳамчун корхонаи истеҳсолӣ хизмати инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ амалӣ месозад. Дар доираи сатҳи баланд методикҳои ташкили сохтори идоракунӣ тавассути таҳавули сохторӣ дар заминаи муайян кардани

таассурҳои ташкилӣ, таассути эътирофнок, таассури инноватсионӣ, соҳибкорӣ ва таассури маъмурии идракунии “майдонҳои инфрасохторӣ” (МИ) ба роҳ монда мешаванд.

**Ҷадвали 5.11. - Таҳаввули сохтори ташкилии идоракунии “майдонҳои инфрасохтории минтақа”***

| Марҳила | 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|---|
| Шартҳои муҳити иқтисодӣ | Таъминкунии талаботи асосӣ: тезшавии рушд | Ба инобат гирифтани эътирофоти истеъмолгар. Сустшавии рушд | Бисёрмиллику нонии паҳн-шавии техно-логия Имко-ниятҳои рушд тамом шудаанд | Рақобати голобалӣ. Стагфилятсия. Ҳудуди рушд шартҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ |
| Омили критикии муваффақият | Арзиши аслии + таъсир расонидан + инноватсия ва + ба ҳисоб гирифтани паст ба супоришдиҳанда диверсификат -омилҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ, чандирнокӣ | | | |
| Мураккабии стратегияи рушди инфрасохтор | | | | |
| Маҳсулоти якхела. Истеҳсолоти бисёрсоҳа, фурӯш дар бисёр бозорҳо. Соҳибкории бисёрмиллӣ, шароитҳои гуногуни маданӣ. Тағирёбии интенсивии стратегия. Давраҳои тӯлонии бозордошти хизмати инфрасохторӣ. Таассуре, ки аз суръати тағирёбиҳо пас мемонад. | Сохтори функсионалӣ Ғайримарказикунанда Сохтори дивизионалӣ → Шӯъбаи байналмилалӣ Сохтори матрисавӣ-лоиҳавӣ → | | | Сохтори матрисавии бисёрмиллӣ. Сохтори дучанда. Якҷояшавии сохторҳои гуногун Системаи стратегии мутобиқшаванда (идоракунии стратегӣ). |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тартиб дода шудааст.

Ҷадвали 5.11. имконият медиҳад, ки ҷараёни таҳаввули сохтори идоракунии МИ минтақа муайян карда шавад. Дар қисми болои ҷадвал ду омили ҳалкунандаи таҳаввули сохтор, муҳити душворишавандаи МИ ва ғуншавии омилҳои муҳити берунаи он, нишон дода шудаанд, ки вобаста ба таъсири онҳо гузариш аз як сохтор ба сохтори дигар ба амал меоянд. Дар ибтидо муваффақияти инфрасохтор аз ҳисоби камсозии хароҷотҳои истеҳсолӣ ва хуб донистани шароити бозор ба амал меояд. Дар ин марҳила сохтор бояд ба тағйиротҳои сиёсию иҷтимоии атроф таассур пайдо карда, вазифаҳои марказии идоракуниро тағйир диҳад. Яъне, сохтор ба мураккабшавии дохилии инфрасохтор таассур пайдо мекунад. Зеро он дар натиҷаи таъсири беруна ба амал меояд. Масалан, сустшавии инкишоф ва саршавии рушди комили инфрасохтор, дар доираи минтақаҳои хоҷагидории стратегӣ. Ҳамзамон, мураккабшавии вазъияти дохилии инфрасохтор, аз сабаби майл доштанашон ба рушди инфрасохтор ва бо мақсади ба минтақаҳои гуногуни хоҷагидории стратегӣ ва кишварҳои гуногун баровардани мол, ба амал меоянд.

Ҳар як шакли сохтори идоракунӣ, ки дар боло дида шуд, дар асоси услуби гуруҳбандии фаъолияти идоракунӣ, истеҳсолӣ ва тиҷоратии МИ ташкил ёфтаанд. Яъне, дар асоси сохторҳои функсионалӣ услуби ҷамъкунии фаъолиятҳои аз лиҳози шакл ё мазмун ба ҳам монанд, гузошта шудааст. Сохторҳои матритсавии ташкили идоракунӣ бештар дар дар тиҷоратии бисёрмиллӣ истифода бурда мешаванд, ки асоси онро услуби мувозинатсозии байни таассур ба бозорҳои дохилӣ ва рақобат, фоидаи берунаи мол, технология, судоварии истеҳсолот, ташкил медиҳанд.

Сохторе, ки дар боло таҳлил кардем шакли ташкилии идоракунии он хусусияти статикӣ ва тағйирёбанда дошт, ки дар ҳама гуна қисматҳои он услуби ягонаи ташкилӣ истифода бурда мешуд. Дар мавриди ворид намудани сохтори нав, одатан, ба назар мегиранд, ки вай бояд дар муддати тӯлонӣ тағйир наёбад.

Дар солҳои охир, бо ривоҷ ёфтани воридшавии навовариҳо шакли динамикии сохтор (матритсаи лоиҳаҳо) ба амал омаданд. Зеро, фаъолияти

стратегии болораванда шакли дучандаи сохториро ба амал овард, ки дар он корҳои стратегӣ (стратегияи соҳибкорӣ ва иноватсионӣ) ба воситаи зерсохторҳои стратегӣ (дар асоси сохтортҳои стратегӣ) иҷро карда мешуданд, ки онҳо бо корҳои фаврӣ дар соҳаи бозорёбӣ ва истеҳсолӣ фарқ мекарданд.

Сатҳи баланди муракабшавии бисёре аз инфрасохторҳо ба пайдоиши боз як шакли нави сохтори ташкилии идоракунӣ мусоидат кардаанд, ки онро бисёршаклии сохтор меноманд, ки мутобиқи он гурӯҳҳои саҳеҳ муайяншудаи минтақаҳои хоҷагидории стратегӣ, дар асоси сохторҳои гуногун, идора карда мешаванд. Дар ин маврид сохтори гуногун метавонад аз зерсохторҳои бисёрмиллӣ, дивизионалӣ ва конгломентарӣ ташкил шавад. Дар мавриде, ки муҳити берунаи инфрасохтор дар замон суст тағйир меёбад, таассури аввал ин мутобиқшавии сохтор ба талаботи нави муҳит мебошад. Зеро, бо услубҳои куҳнаи идоракунӣба сохторҳои нав мутобиқ шудан хеле душвор аст.

Ҳамаи ҷузъиёти идоракунӣ ҳаётан муҳиманд. Сохтори идора яке аз ҷузъиёте мебошад, ки таассури ташкилиро ба талаботи муҳити беруна муайян мекунад. Бинобар ин барои фаҳмидани зарурати сохтор пеш аз ҳама бояд тавсифи таассуре, ки ба инфрасохтор зарур аст, муайян карда шавад ва пас аз он ошкор карда шавад, ки вай ба кадом шакли сохтор тааллуқ дорад.

Фарзияи таассури ташкилӣ бо се мақсад истифода бурда мешавад. Якум, барои ошкор сохтани таассури имрӯзаи инфрасохтор, дуюм, барои муайян сохтани таассури ояндаи инфрасохтор ва сеюм, барои ошкор сохтани тағйиротҳои сохторӣ, ки барои ба даст овардани таассури дилхоҳ заруранд.

*Таассур* гуфта сифат ва шакли рафтори инфрасохторро мефаҳманд, ки он аз тариқи имкониятҳои инфрасохтор ба амал меояд. Дар асоси таҳлил бояд муайян карда шавад, ки барои ин ё он рафтори инфрасохтор дар истеҳсоли хадамот, муборизаи рақобатӣ, фаъолияти иноватсионӣ ва соҳибкорӣ, кадом шакли таассур мувофиқат мекунад. Таассури маъмурии инфрасохтор амалиёти саривақт ва судманди якҷояи чор муҳити иҳотаи инфрасохторро бояд таъмин менамояд.

Бо мақсади ташхис, дар ҷадвалҳои 5.12. ва 5.13. тавсифи инфрасохтор аз лиҳози сатҳи баланди таассур оварда шудаанд.

**Ҷадвали 5.12. - Тассурҳои истеҳсолӣ ва рақобатӣ***

| Мақсади таассур | Дар истеҳсолот: камсозии харҷҳо | Дар рақобат: фоидаи муносиб |
|---|---|---|
| Истеҳсолот | • камсозии арзиши аслӣ;<br>• тақсимоти меҳнат;<br>• фоидаи андоза;<br>• автоматикунонӣ;<br>• мувофиқат, имкониятҳо ва ғайраҳо | Созишкорӣ дар байни харҷҳо ва:<br>• таассур ба пасту баландшавии талабот;<br>• таассури сари вақт<br>• имкониятҳои ҷорӣ;<br>• таъминкунии саривақт, ғайраҳо |
| Бозорёбӣ (маркетинг) | • фаъолиятнокӣ дар соаи фурӯш;<br>• таассур ба рақобати нархӣ;<br>• таҳлили фурӯш<br>• ғайраҳо | • созишкорӣ дар байни шартҳои бозор ва камсозии арзиши аслӣ<br>• таасссур ба сохтани талаботҳо<br>• ёрӣ ба фурӯш, реклом;<br>• омӯзиши конъюнктураҳои бозор;<br>• стратегияи агрессивӣ, ғайраҳо |
| Корҳои тадқиқотӣ ва илмӣ | • пастсозии арзиши аслии маҳсулот;<br>• такмили технология;<br>• мустаҳкамии маҳсулот;<br>• ғайраҳо | • беҳтар сохтани сифати молии маҳсулот;<br>• таъмини фурӯш;<br>• пастсозии арзиши аслии мол;<br>• мустаҳкамии маҳсулот;<br>• ғайраҳо |
| Идоракунӣ | • зарурати теъдоди камтарини роҳбарияти умумӣ<br>• ғайримарказикунонии нақшагирӣ;<br>• тақсимоти вазифаҳои конкретӣ;<br>• тартиб додани нақшаи молиявӣ;<br>• назорати молиявӣ;<br>• назорати дигаргунсозӣ;<br>• мукофот аз пастсозии арзиши аслӣ; | • қисматҳои хоҷагӣ;<br>• такмили бозорёбӣ ва истеҳсолот аз тарафи роҳбарияти умумӣ<br>• нақши чандирнок;<br>• банақшагирии дарозмуддат;<br>• системаи иттилоотӣ барои идоракунӣ;<br>• ҳавасмандкунии баландшавии фоиданокӣ |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тартиб дода шудааст.

**Ҷадвали 5.13. - Таассури инноватсионӣ ва соҳибкорӣ***

| Мақсади таассур | Инноватсионӣ: имкониятҳои кӯтоҳмуддат | Инноватсионӣ: имкониятҳои кӯтоҳмуддат |
|---|---|---|
| Истеҳсолӣ | • суръати навсозии ассортименти маҳсулоти истеҳсолшаванда;<br>• ғайраҳо. | • суръати навсозии технология;<br>• чандирнок истифода намудани дастгоҳҳо ва масоҳатҳои истеҳсолӣ;<br>• таассури фаврӣ ба зарурати тағйиротҳо;<br>• ғайраҳо |
| Бозорёбӣ (маркетинг) | • дурнамои тамоилҳои муборизаи рақобатнок;<br>• гузариш ба истеҳсоли хизматрасонии нав;<br>• дурнамои тамоили талабот;<br>• васеъсозии бозор;<br>• таҳлили фоидаоварии маҳсулоти нав;<br>• ғайраҳо; | • дурнамои тағйиротҳо дар рақобат;<br>• ҷорӣ намудани навъҳои нави хизматрасонӣ;<br>• тадқиқоти талабот ба нововарӣ;<br>• коркарди фарзияи бозорёбӣ;<br>• ғайраҳо |
| Корҳои тадқиқотӣ ва илмӣ | • коркарди маҳсулоти нав;<br>• дурнамои тамоил-ҳо дар соҳаи технология;<br>• мувофиқсозии мӯҳлати ҷорӣ намудани маҳсулоти нав;<br>• тарҳбандии маҳсулоти ба фоида нигаронидашуда;<br>• ғайраҳо; | • дурнамои гузариш ба технологияи нав<br>• тавлиди технология;<br>• тавлиди маҳсулот;<br>• мутобиқсозии техно-логияи нововар;<br>• мувофиқатсозии мӯҳлати тавлиди маҳсулот ва технологияи нав;<br>• ғайраҳо; |
| Идоракунӣ | • прогрессии илмӣ-техникӣ дар идоракунӣ;<br>• системаи идораи лоиҳаҳо;<br>• таассури фаврӣ ба баландшавии сатҳи тағйиротҳо;<br>• мукофотонидан барои навовариҳо<br>• ғайраҳо; | • дурнамои сатҳи тағйиротҳои муҳит;<br>• портфели супоришҳои стратегӣ дар звенои олии роҳбарият;<br>• сохтори марказҳои хоҷагидории стратегӣ, зонаҳои стратегии хоҷагидорӣ;<br>• банақшагирии страте-гӣ;<br>• банақшагирии имко-ниятҳо;<br>• идоракунии фоидано-кӣ, тағйиротҳои куллӣ;<br>• таассури фаврӣ ба тағйиротҳои муҳит;<br>• мукофот ба соҳибкорӣ;<br>• ғайраҳо; |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тартиб дода шудааст.

Тавре аз ҷадвали 5.13. дида мешавад мақсади таассури истеҳсолӣ (тиҷоратӣ) камтар сохтани арзиши хизматрасонӣ мебошад. Таассуроти истеҳсоли баландбаҳра бо дастгирии камтарини бозорёбӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва идоракунӣ ба амал меояд. Асоси ин услуби ташкилиро махсусгардонӣ, тақсимоти меҳнат ва фоидаи андоза ташкил медиҳанд. Дар байни ин омилҳо созиш ба амал оварда мешавад. Яъне, андозаи фоида аз марказикунонии истеҳсолот бо камшавии хароҷотҳои инфрасохтори дар маҳалҳо ҷойгиршаванда, муқоиса карда мешавад. Таҷриба собит намудааст, ки таассури истеҳсолӣ ҳамон вақт сатҳи муносибро ишғол менамояд, ки агар истеҳсолот стандартӣ, хароҷотҳои идоракунӣ камтарин, қабули қарорҳо то сатҳи имконпазири поёнӣ ғайримарказӣ кунонида, миқдори коргарони идоракунӣ дар сатҳи камтарин нигоҳ дошта шуда бошанд.

*Таассури рақобатӣ* гуфта мақсади муносибсозии фоидаи инфрасохторро дар оянда мефаҳманд. Ин дар натиҷаи ҳамкории истеҳсолот бо бозорёбӣ (маркетинг), инчунин таассури фаврӣ ба пасту баланд шудани талабот дар натиҷаи рақобат, ба амал меояд. Бисёр қарорҳо тавсифи баҳои функсионалӣ дошта, фавран қабул карда шаванд ва хати алоқаи байни инфрасохтор ва идоракунӣ бояд наздиктарин бошанд.

Дар марҳилаи имрӯзаи инкишоф, мақсади ғайримарказикунонии идора таъмин намудани таассури фаврӣ ба конъюнктураи бозор ва инчунин зиёдтаринсозии фоиданокии хизматрасонии инфрасохторӣ мебошад. Ин ҳолат нисбат ба таассури истеҳсолӣ сохти ғайримарказишудаи дигарро тақозо мекунад. Ҳарчанд, ки қарорҳо дар доираи вазифаҳои алоҳида ба тарқи ғайримарказикунонӣ қабул карда мешаванд, вале қарорҳо оид ба масъалаҳои нархгузорӣ, коркарди маҳсулот ва амволи  корхона дар сатҳи идораи умумии инфрасохтор қабул карда мешаванд. Бояд гуфт, ки теъдоди хизматчиёни сатҳи болоии идораи инфрасохтор одатан камтар ҳастанд, зеро ин сатҳи идора бевосита бо бозор алоқа надорад. Аз ин лиҳоз корхонаҳо бо сохторҳои мухтор, ташкилотҳои худтаъминкунандаи пурра мустақил (шӯъбаҳо, филиалҳо) тақсим мешаванд, ки онҳо роҳбарият ва бозори худро доранд. Ҳамин тавр, барои

таъмин намудани таассури баландҳассос ба тағйиротҳои муҳити атроф, аз фоидаи марказикунонии истеҳсолот даст мекашанд.

Мавҷудияти таассурҳои истеҳсолӣ ва рақобатӣ аз ба даст даровардани фоида аз фурӯши имрӯзаро дар бозорҳои мавҷудаи маҳсулоти инфрасохтор дарак медиҳанд.

Мақсади таассури иноватсионӣ муносибгардонии коркарди маҳсулоти нав ва стратегияи бозорёбӣ дар доираи минтақаҳои хоҷагидории стратегии нфрасохтор мебошад. Ин таассур ба нигоҳ доштани мавқеи стратегии инфрасохтор равона карда шудааст. Нақши муҳимро дар ин маврид корҳои илмӣ-тадқиқотӣ  мебозанд ва барои ба бозорҳои нав роҳ ёфтани моли нав шароити функсионалӣ таъмин менамоянд. Корҳои иноватсионӣ ба таъмини фоидаи имконпазир равона шуда, он ба фоидаи фаъолияти истеҳсолӣ илова мешавад, вале онро ҳеҷ гоҳ иваз карда наметавонад. Дар натиҷа ин ду шакли таассур мавҷудияти вақт ва таваҷҷуҳи сохторҳои идоракунӣ ва истеҳсолии инфрасохторро тақозо мекунад.

Аз ин хотир, дар муносибатҳои сохторӣ бояд ҳамаи қувваҳои муайянкунандаи фаъолияти иноватсионӣ ошкор карда шуда, онҳо аз тариқи ташкилӣ, барои таъмини ҳамкории байни  вазифаҳои идоракунӣ, созмон дода мешаванд. Ин гуна созмон системаи идоракунии лоиҳавӣ номида мешавад.

Дар мавриди таассури иноватсионӣ ба ғайримарказикунонии идора диққати калон дода мешавад. Таҷриб собит намуд, ки сатҳи баланди таассури инноватсионӣҳамон вақт ба амал меояд, ки агар роҳбари лоиҳа ваколат ва масъулияти истифодаи воситаҳои молиявии заруриро барои амалӣ сохтани он дошта бошад.

Таассури соҳибкорӣ барои рушди дарозмуддат ва фоиданоки муттасили корхона шароитҳои зарурӣ таъмин намуда, манфиати гурӯҳи минтақаҳои стратегии хоҷагидорӣ, мавзеъҳои захираҳои стратегӣ ва гурӯҳҳои аз берун ба стратегия фишороварандаро мувозинат мекунад. Таассури соҳибкории роҳбарияти олии корхона ҳамчун маркази эҷодии корхона созмон меёбад. Таҷриба нишон медиҳад, ки агар сатҳи болоии идораи корхона ба соҳибкорӣ

машғул шаванд, чунин амал ба ташкили идора ва фоиданокии он таъсири манфӣ мерасонад. Агар дар ҳама сатҳи идоракунӣ, функсияҳои бозорёбӣ, таъминотӣ сафарбар карда нашаванд, ғояҳои пешқадамтарини соҳибкорӣ амалӣ шуда наметавонанд.

Барои таъмини алоқаҳои устувори вертикалӣ миёни маркази идора ва функсияҳои таъминотӣ бояд таассури соҳибкорӣ ҳам ғайримарказӣ кунонида шаванд. Вале, ғайримарказикунонии идора аз он иборат нест, ки ваколати қабули қарор ҳарчи бештар ба сатҳи поёнӣ вогузор шавад. Ин масъала тақсими масъулияти стратегиро миёни якчанд сатҳи идораи инфрасохтор дар бар мегирад. Яъне, ваколат ва масъулияти қабули қарори стратегӣ бояд ба ҳамон сатҳи идора дода шавад, ки дар он ҷо ҳама шароит барои қабули қарор муҳайё бошанд. Алоқаи байни қабати болоӣ ва поёнии идора иштироки миқдори зиёди коргарони сохторҳои функсионалӣ ва ҳамаи сатҳҳои идоракуниро дар бар мегирад, ки он барои ташкили сохтори идоракунии корхона хеле ва хеле муҳим аст. Дар ин маврид, барои таъмини ҳамкорӣ миёни сохторҳои функсионалӣ, таъмини иқтидорҳои идоракунӣ ва нерӯи қувваи корӣ зарур аст.

Тавре, ки дар боло қайд карда шуд, таассури маъмурӣ дар марҳилаҳои ибтидоии созмонёбии сохтори ташкилии идора ниҳоят суст тараққӣ меёбад ва оҳиста-оҳиста, бо мурури тараққиёти фаъолияти асосии инфраохтор, мувофиқан тараққӣ намекунад ва аз ин рӯ он ба талаботи низоми нави идоракунӣ ҷавоб гуфта наметавонад. Одатан, ин гуна сохтор барои амалӣ сохтани мақсади ягона ва яккатаассурӣ равона мешавад, ки тавсифи доимӣ ва тағйирнаёбандаи сохторӣ доранд. Дар асл бошад таассури маъмурӣ бояд имкониятҳои навро пешбинӣ кунад, ба тағйиротҳои фаврӣ мутобиқ шавад ва дар дохили инфрасохтор бароиривоҷ ёфтани шаклҳои гуногуни сохтор имконият мухайё созад. Тавсифи нави таассури сохтори идоракунӣ дар чадвали 5.7. оварда шудаанд. Талабот ба ин сохтор дар асоси технологияи нави идора, ки системаҳои автоматикии идораро тақозо мекунанд, таъмин карда мешаванд.

Ҳамин тавр, татбиқи тадбирҳои таъсири институтсионалӣ ба таркиби инфрасохтории нақлиёти автомобилии иқтисодиёти минтақа инҳоро дар бар

мегирад.

**Ҷадвали 5.14. - Таассури маъмурии идоракунӣ***

| Таассур | Маъмурӣ |
|---|---|
| Мақсадҳо | • Таъминоти муфиди фаъолиятҳои истеҳсолӣ, рақобатӣ, инноватсионӣ ва соҳибкорӣ (И.Р.Н.С).<br>• Мавҷудияти шаклҳои ба ҳам мувофиқи фаъолият (И.Р.Н.С).<br>• Мутобиқшавии саривақт ба эътирофотҳо ва шаклҳои фаъолият (И.Р.Н.С). |
| Таъминоти материалию-техникӣ (функсионалӣ) | • Мувофиқатсозии имкониятҳо ва стратегияҳо;<br>• Зуд мутобиқшавии имкониятҳо;<br>• Имкониятҳои бисёрмақсаднок;<br>• Иқтидорҳо барои ҷории навовариҳо;<br>• Иқтидорҳо барои соҳибкорӣ;<br>• Иқтидорҳои аз меъёри баландтарин зиёд;<br>• Ғайраҳо. |
| Идоракунӣ | • Пешакӣ донистани ниёзҳои инфрасохтор;<br>• Мутобиқшавии пешгузар;<br>• Имкониятҳои бисёрмақсад;<br>• Иқтидорҳо барои ҷории навовариҳо;<br>• Иқтидорҳо барои соҳибкорӣ;<br>• Мувофиқатсозии имкониятҳо ба сатҳи тағйиротҳо;<br>• Таассур ба тағйиротҳои куллӣ;<br>• Худазнавсозӣ;<br>• Ғайраҳо; |

***Сарчашма**: Таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот тартиб дода шудааст.

-барои минтақаҳои дорои сатҳи пасти рушд – маҷмӯи тадбирҳо оид ба баробар кардани оқибатҳои иқтисодиёти маъмурию фармондеҳӣ, таҳияи

барнома ва тадбирҳои роҳи инноватсионии рушд;

-барои минтақаҳои дорои сатҳи миёнаи рушд – ҷорӣ намудани механизмҳои инноватсионии идоракунии иқтибосӣ, субсидиякунонии воситаҳои рақобатии техникӣ ва технологӣ бо дастгирии васеи иттилоотӣ;

-барои минтақаҳои дорои сатҳи баланди рушд – ташаккулимуҳити мусоиди ташкилӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ барои таъсиси ташкилоти нодири бисёрфунксионалии инфрасохтори нақлиёт, таҳияи минбаъдаи стратегияи хусусию давлатӣ бо истифода аз воситаҳои баландтехнологии фаъолияти ин соҳаҳо.

# ХУЛОСА

Таҳқиқоти гузаронидашуда имкон дод, ки хулоса ва тавсияҳои зерин таҳия карда шаванд:

1. Барои муайян кардани моҳияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ равиши назариявӣ дар асоси таъсири пешрафти илмию техникӣ ва нақши инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар рушди минтақаҳо тавассути мафҳуми фазои ҳаракати воситаҳои нақлиёти автомобилӣ таҳия шудааст, ки муносибати байни субъектҳои ташаккул (давлат) ва истифодабарии он (бизнес ва аҳолӣ) таҷассум карда, татбиқи онҳо ба ҳар як субъекти муносибати байниҳамдигарӣ самараи иҷтимоию иқтисодӣ меорад; таҳияи типологияи ташаккули инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ вобаста ба сатҳи таъсири омилҳои ҳудудӣ, хусусият ва самти таъсир ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо; гурӯҳбандии ноҳияҳо аз рӯйи сатҳи қобилияти гузарониши нақлиётӣ-инфрасохторӣ ва кушодагӣ (қобилияти васеъ кардани фазои муфид барои ҳамкории байни ноҳияҳо дар системаҳои ҳудудӣ, баланд бардоштани ҳаракатнокии ҳудудии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ, рушди системаи пешниҳоди хизматҳои иҷтимоӣ, маишӣ ва тиҷоратӣ ба аҳолӣ) [3-М].

2. Ҷудо намудани нақши истисноии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳамчун омили мустақили рушди иқтисодиёт аниқ кардани хусусиятҳои асосии мафҳуми истилоҳи «маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ»-ро дарбар мегирад [3-М, 5-М].

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ зери мафҳуми инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ фазои ҳаракат ҳамчун шабакаи воқеии нақлиётӣ (шабакаи роҳҳои оҳан, автомобилгард ва аэродромҳо; пулҳо, эстакадаҳо ва нақбҳое, ки ба сохтори онҳо хизмат мерасонанд) фаҳмида мешавад, ки барои амалисозии интиқол дар намуди қатори гиреҳҳо ва камонҳо онҳоро пайвасткунанда ва барои ҳар як элемент хусусиятҳои ба худ хосбуда истифода мегардад.

Инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ системаи элементҳои фазоӣ ифодаёфта, аз ҷумла, шабакаи нақлиётии конфигуратсияи муайяне мебошад, ки

барои амалисозии интиқол бидуни ба назар гирифтани объектҳои ташкилӣ ва хизматрасонӣ барои таъмини кори самараноки нақлиёт, ки объектҳои логистика ва бозори хизматрасонии тиҷоратӣ мебошанд, истифода мешаванд.

Дар чунин мафҳум инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҳамчун заминаи бунёдии ташаккули система, ҳамчун ҷузъи функсионалии истеҳсолот ва сохтори системаи нақлиётӣ амал мекунад, дорои хусусияти комплексофарӣ ва муттаҳидкунанда мебошад, ба сифати заминаи меъёрӣ барои ҳалли масъалаҳои муносибгардонии хароҷот ва натиҷаҳои фаъолият, идоракунии рушд ва ҷойгиркунии истеҳсолот баромад карда, асоси рушди таҳаввулотӣ-азнавистеҳсолкунии иқтисодиёт буда, рафтори омилҳои истеҳсолотро муайян менамояд ва роҳбалади моҳияти равандҳо ва субъектҳои инноватсионии иқтисодиёти кишвар мебошад. Бар хилофи равишҳои мавҷуда, тафсири мо имкон медиҳад, ки нақши аҳамияти ҳудудии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва таъсири он ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудуди муайян бо назардошти хусусиятҳои хоси ташаккули нақлиётӣ-инфрасохторӣ, усули танзими онҳо ва дараҷаи ҷолибияти сармоягузории минтақа амиқтар омӯхта шавад.

3. Барои таҳлил ва ташхиси таъсири омилҳои минтақавӣ ба ташаккули сохтор ва хусусиятҳои инфрасохтори нақлиёти автомобилии ҳудуд равиши методӣ таҳия шудааст: сохтори дарахтмонанд, гузаронандагӣ, мудаввард, модалнокӣ ва кӯҳистонӣ будани шабакаи асосии нақлиётии ҳудудҳо; гурӯҳбандии худудҳо аз рӯйи хусусиятҳои нақлиётӣ-ҷуғрофӣ; методикаи баҳодиҳӣ ва алгоритми муайян кардани сатҳи таъсир ва интихоби омилҳои муҳим ба ташаккули инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва таъсири охирин ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо [1-М, 3-М, 9-М].

4. Ба даст овардани баҳодиҳии миқдорӣ ва сатҳи азхуднамоӣ ва таъминоти аҳолӣ бо инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ равандҳои идоракунӣ ва қабули қарорҳоро оид ба танзими омилҳое, ки ба тағйирёбии сохтори

ҳудудиии шабакаи нақлиётӣ ва сифати ташкили хизматрасонии нақлиётии ин ё он ноҳия таъсир мерасонанд, мусоидат менамояд [10-М, 15-М, 16-М].

Бо назардошти хусусияти бисёромилаи андозагирӣ дар тамоюл ва сатҳи рушди сохтори ҳудудии шабакаҳои нақлиётӣ ва нишондиҳандаҳои тағйирёбии сохторӣ истифодаи усулҳои таҳлили бисёрченакаи оморӣ имкон медиҳад, ки ғайр аз баёнияи умумии робитаҳои байни сохтори ҳудудии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва омилҳои ташаккул ва рушди ҳудудӣ ба онҳо хусусияти ададӣ дода шавад.

Натиҷаҳои баҳодиҳие, ки дар кор ба даст оварда шудаанд, ҳангоми банақшагирии тағйироти сохторӣ дар системаҳои ҳудудию нақлиётии минтақаҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои танзими бозори маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ вобаста ба омилҳои онро муайянкунанда хусусиятҳои ҳудудии ноҳияро ифода менамоянд.

5. Қобилияти гузарониши нақлиётии ҳудуд– яке аз нишондиҳандаҳои мавқеи иқтисодию нақлиётӣ ва ҷуғрофӣ сатҳи алоқаи ноҳия, минтақа ва ҷумҳуриро бо ҳудудҳои ҳамсоя инъикос менамояд. Чӣ қадаре ки гузаргоҳ зиёд бошад, масофаи байни гузаргоҳҳои ҳамсоя ҳамон қадар кӯтоҳтар мешавад [17-М, 19-М].

Ба сифати ифодаи миқдории қобилияти гузарониши нақлиёти автомобилӣ нишондиҳандаи таносуби периметри ҳудуди мазкур ба шумораи гузаргоҳҳои нақлиётӣ аз сарҳадҳои он, ба шумораи роҳҳои убури ин сарҳадҳо мебошад. Мазмуни физикии он масофаи миёна (бо километрҳо)-и байни қитъаҳои ҳамсояи сарҳад мебошад. Периметри ҳудуд ҳангоми якхела будани чорроҳаҳо ҳар қадар калон бошад, ин нишондиҳанда ҳамон қадар баланд ва маҳкам будани ҳудуд ҳамон қадар зиёд мешавад.

Ҳисоб кардани ин нишондиҳанда барои тадқиқ ва муайян кардани минтақаҳои кушодии максималӣ, миёна ва пасти ҳудуди он дар асоси тадқиқи харитасозии ҳудуди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуд.

Сарбастагии хизматрасонии инфрасохтори нақлиёт ва аз ин рӯ, бунбасти иҷтимоию иқтисодии минтақа на танҳо аз меҳвари марказии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, балки бо дур шудан аз марказҳои минтақавӣ ва маҳаллии тамаркузи фаъолияти иқтисодӣ низ меафзояд.

Дар баробари зиёд шудани сарбастагӣ ва ҷудошавии минтақаҳо, зичии аҳолӣ низ мутаносибан коҳиш меёбад.

6. Муқоисаи фарқияти ҳудудии нишондиҳандаи қобилияти гузарониши нақлиёт дар миқёси ноҳиявӣ бо минтақаҳои ҳудудӣ имкон дод, ки баъзе омилҳои ҳар гуна ба қимати он таъсиррасонанда муайян карда шаванд. Пеш аз ҳама, ин нишондиҳандаи шумораи роҳҳоест, ки аз контури минтақаи ҳудудӣ мегузарад ва шакли ин контур мебошад. Аксар вақт, контурҳои дарозрӯя, ки бо шумораи зиёди роҳҳои транзитӣ убур мекунанд, нишондиҳандаи қобилияти гузарониши хеле паст доранд. Ба минтақаҳои кӯҳӣ, доманакӯҳӣ ва соҳилӣ (қад-қади дарёҳои кӯҳӣ), инчунин, ноҳияҳо ва минтақаҳои наздисарҳадӣ қимати баланди нишондиҳандаи ноҳамворӣ хос аст ва аз ин рӯ, паст будани қобилияти гузарониши нақлиётӣ (яъне ин минтақаҳо бештар сарбаста ва ҷудошудаанд) мушоҳида мегардад [19-М, 21-М].

Ҳар қадаре ки шаҳр калонтар бошад ва агломератсияе, ки дар ин минтақа ба вуҷуд омадааст, ҳамон қадар васеътар ва дорои қобилияти гузарониши баландтар аст. Мувофиқи ҳисобҳои мо дар ҷумҳурӣ ноҳияҳои пӯшида ва ҷудошуда қариб 55,0%-и ҳудудро ишғол намуда, 10,0%-и аҳолии ҷумҳурӣ дар ин ҳудудҳо зиндагӣ мекунанд.

7. Параметри калидии нақлиётӣ-ҷуғрофии ташкили истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ сатҳи бо инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ пурра (таъмин) будани ҳудуди он аст. Охиринро таҳлили робитаи инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва хусусиятҳои ҷойгирнамоии аҳолӣ тасдиқ мекунад [15-М, 19-М].

Ҳисоб кардани коэффитсиентҳои коррелятсияи рутбаи Спирмен байни нишондиҳандаҳои пуррашавӣ бо инфрасохтори нақлиётӣ ва зичии аҳолӣ барои

шабакаи ягонаи нақлиёти автомобилӣ имкон дод, ки робитаи зич байни зичии шабакаҳои роҳҳои автомобилгард бо рӯйпӯши сахт (сифати роҳҳои автомобилгард) ва зичии аҳолӣ ($R_2$=аз 0,401 то 1,000) муайян карда шавад. Алоқаи байни сатҳи қобилияти гузарониши нақлиёти автомобилӣ ва зичии аҳолӣ ($R_2$=аз 0,010 то 0,375) камтар наздик, вале боз ҳам муҳим аст: ҳудуди берун аз он ҳар қадар боз бошад, зичии аҳолӣ ҳамон қадар зиёд мешавад. Аммо, мувофиқи ҳисобҳои иловагӣ, байни зичии аҳолӣ ва шумораи сикломатии шабакаи роҳҳои автомобилгард, инчунин, байни намудҳо ва конфигуратсияҳо ва динамикаи аҳолии деҳот (нисбат ба афзоиши шумораи аҳолии деҳот дар давраи тадқиқот) робита мушоҳида намегардад [22-М].

8. Талаботи асосии методологии омӯзиши мавзӯъҳои инфрасохтор дар кор ба таври зайл ифода ёфтааст: тадқиқи ташкили ҳудудии истеҳсоли маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ бояд бо назардошти вазифаҳои ҳудудии нақши он сурат гирад [3-М, 6-М].

Аз ин рӯ, барои мақсадҳои таҳлил тавсия дода мешавад, ки номгӯйи нишондиҳандаҳои истифодабарандаи омори расмии давлатӣ барои тавсифи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор бурда шавад.Нишондиҳандаҳои дар омори расмӣ мавҷудбуда, ки рушди минтақаҳоро тавсиф менамоянд, ба гурӯҳҳои зерин систематизатсия шудаанд: иқтидори демографии минтақа, нишондиҳандаҳои ҳудудиисокиншавии аҳолӣ, нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоии минтақа ва иқтидори истеҳсолию иқтисодии минтақа.

Тадқиқот вобастагии назарраси нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро аз ҳолат ва сатҳи рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии минтақаҳо ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо муайян намуд.

Барои ба назар гирифтани ин омил дар диссертатсия ҳамбастагии МММ-и ноҳия бо нишондиҳандаи комплексии зичии шабакаи нақлиётӣ бо назардошти масоҳати ҳудуди ҷойгиршавии ноҳия ва шумораи аҳолии он (коэффитсиенти

Энгел ($К_э$)) таҳлил гардид. Умуман, таҳлил нишон медиҳад, ки сатҳи рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ 85% сатҳи рушди иқтисодиёти ноҳия ва некуаҳволии аҳолии онро пешакӣ муайян менамояд.

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот:**

1. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ муносибати инноватсионии интихоби механизми ташкилию иқтисодии татбиқи лоиҳаҳои рушд пешниҳод карда мешавад, ки имкон медиҳад, то дар асоси ҳадафҳо, вазифаҳо ва хусусиятҳои таъмини рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ модели муносиби шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки самтҳои рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилиро дар заминаи стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он ба ҳам мепайвандад, ташаккул дода шавад; таҳияи модели пешгӯйии пешниҳоди маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ вобаста ба динамикаи рушди иқтисодии кишвар; ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ дар бунёд ва истифодаи фазои ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва дурнамои азхуднамоии ҳаҷми ҳаракатнокӣ дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ [27-М].

Баланд бардоштани самаранокии ҳудудии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар асоси татбиқи механизмҳои инноватсионии ташкилию иқтисодии рушди он асоси минбаъд баланд бардоштани рақобатпазирии инфрасохтори нақлиёт ва худи ҳудуди кишвар ҳам дар бозорҳои дохилӣ ва ҳам дар бозори ҷаҳонӣ мебошад.

2. Бад шудани хусусиятҳои шабакаи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ, ки тамоюли муайян доранд, бевосита бо маблағгузории ноустувори хоҷагии роҳдорӣ алоқаманд аст [20-М].

Ин вазъият на танҳо аз сабаби мушкилоти иқтисодии давлат, балки бештар аз он баҳо надодани нақши инфрасохтори нақлиёт дар фаъолияти иқтисодиёт ва истифодаи сусти моделҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, ки имкон медиҳад

беҳбуди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз лоиҳаи амалӣ ба манфиати шарики хусусӣ-сармоягузор амалӣ карда шавад, ба вуҷуд меояд.

3. Аҳамияти бештарро дар идоракунии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва паст кардани таваккалҳои соҳибкорон пешгӯйии талабот ба ҳаракатнокии нақлиётӣ, яъне пешбинии ҳаракатнокии нақлиётӣ дар оянда барои як давраи муайян ба даст меорад.

Методикаи оптимизатсияи пешгӯйии дар диссертатсия таҳияшуда шакли пешбинии моҳонаро мегирад: дар асоси маълумот дар бораи талабот ба маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар гузашта миқдори ҳаҷми ҳаракати нақлиёт, ки барои қонеъ кардани талабот ба як ё якчанд моҳҳои оянда талаб мегардад, низ муайян карда мешавад [24-М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


## Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ:

[1]. Закон Республики Казахстан «О железнодорожном транспорте» от 08.12.2001 г., № 26611 // Справочная правовая система Юрист.

[2] Устав железнодорожного транспорта Республики Таджикистан от 05.06.2002 года, № 244.

[3] Программа структурной реформы на железнодорожном транспорте /Постановление Правительства РФ от 18.05.01 г., №384.

## Сарчашмаҳои электронӣ:

[1]. Брянцев И.И. Холдинг в системе государственно-частного партнерства. [Электронный ресурс]. – Режим доступа:https://cyberleninka.ru/article/n/holdingi-v-sisteme-gosudarstvenno-chastnogo-partnerstva

[2]. Гаврилов А. Региональная экономика и управление. Основные понятия и определения экономики региона. [Электронный ресурс.] – Режим доступа:http://vasilievaa.narod.ru/ru/stat_rab/book/Reg_ek_upr_Gavrilov/Reg_ek_upr_Gavrilov.htm

[3]. Горев А.Э. Объектно-ориентированный подход в управлении транспортно-логистическими системами [Текст] / А.Э. Горев // Проблемы современной экономики.-№ 4 (12), 2004. [Электронный ресурс.]. – Режим доступа: Статья - Журнал Проблемы современной экономики (m-economy.ru)

[4]. Оценка эффективности региональной инфраструктуры железнодорожного транспорта. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://new-disser.ru/product_info.php?products_id=731493

[5]. Правовое положение холдингов в России. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://finance.neoficial.ru/corporate-pravo/215-28-pravovoe-polozhenie-kholdingov-v-rf

[6]. Роль транспортного комплекса в экономике России. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://economyandbusiness.ru/rol-transportnogo-kompleksa-v-ekonomike-rf

[7]. Источник: по данным официального сайта Всемирного Банка [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://Ipi.worldbank.org/international/scorecard

**Адабиёти илмӣ, васоити таълимӣ ва маълумотӣ:**

[8]. Абалонин С.М. Конкурентоспособность транспортных услуг [Текст] / С.М. Абалонин. - М.: Академкнига, 2003 - 172 с.

[9]. Андреев А. В. Основы региональной экономики [Текст] / А.В. Андреев. – М.: КНОРУС, 2007.- 236 с.

[10]. Андреев О.Р. К вопросу о динакмике элементного состава инфраструктуры [Текст] / О.Р.Андреев // Актуальные проблемы современного хозяйственного развития: воспроизводственный аспект: сб.науч.тр. / под ред Б.Д.Бабаева. – Иваново: Иван. гос. ун-т, 2010.- 472 с.

[11]. Андрианов Ю. В. Введение в оценку транспортных средств [Текст] / Ю.В. Андрианов. - М.: Дело, 1998. -74 с.

